Баҳриддин Камолиддинов

# ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Китоби дарсӣ барои синфи 11-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ

**Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ кардааст**

**ДУШАНБЕ**
**МАОРИФ**
**2018**

ББК 81.2тоҷик–4+74.261.4
К–24

К–24. Камолиддинов Б. **Забони тоҷикӣ.** Китоби дарсӣ барои синфи 11-ум. Душанбе, Маориф, 2018. 256 саҳ.

**Хонандагони азиз!**

Китоб манбаи донишу маърифат аст, аз он баҳравар шавед ва онро эҳтиёт намоед. Кӯшиш кунед, ки соли таҳсили оянда ҳам ин китоб бо намуди аслиаш дастраси додару хоҳаронатон гардад ва ба онҳо низ хизмат кунад.

Ҷадвали истифодаи китоб:

| № | Ному насаби хонанда | Синф | Соли таҳсил | Ҳолати китоб (баҳои китобдор) | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Аввали соли хониш | Охири соли хониш |
| 1. | | | | | |
| 2. | | | | | |
| 3. | | | | | |
| 4. | | | | | |
| 5. | | | | | |

**ISBN 978-99947-1-545-9**
**©МАОРИФ, 2018**
**Моликияти давлат**

# САРСУХАН

Мунаққиди маъруфи рус В. Г. Белинский гуфта буд, ки омӯзиши грамматика ҳадди муайян дорад: дуруст ва беғалат баён кардану навиштани фикрро ёд медиҳад. Вале фикрро чӣ тарз беҳтар ва шевотар ифода кардан мумкин аст, вазифаи грамматика нест. Ин вазифаи «синтаксиси олӣ», яъне услубшиносӣ ва ҳусни баён аст.

Хонандагони ҷавон, китоби дарсие, ки ҳоло дар даст доред, ҳамин ҳадафро дунболагир аст, ки дониши дар зарфи даҳ сол андӯхтаи шуморо пурратар гардонад, то ки шумо бо забони модарӣ на танҳо беғалат фикри худро шифоҳӣ ё хаттӣ ифода карда тавонед, балки суханони шумо пурмаъно, фасеҳ ва муассир бароянд. Барои ин лозим меояд, ки дар аввали китоб баъзе мавзӯъҳои асосии овошиносӣ (фонетика), имло, талаффузи сареҳ (орфоэпия), вожашиносӣ (лексикология), фразеология, калимасозӣ, сарфу наҳв (морфология ва синтаксис)-ро, ки дар ҷараёни таҳсили даҳсолаатон аллакай омӯхтаед, мухтасар такрор намуда, ду мавзӯи нав: матн ва сохтори маъноию грамматикии он ва услубиёту ҳусни баён муфассалтар шарҳ дода шавад.

Аз тадқиқоти забоншиносон маълум гардид, ки дар омӯзиши забон, ҳосил намудани малакаи озод баён кардани фикр ба тариқи хаттӣ ё шифоҳӣ, донистани матн, тарзи сохтани он, муносибатҳои маъноию грамматикии ҷумлаҳо дар дохили матн, воситаҳои мухталифи ифодаи он муносибатҳо аҳамияти бузург доштааст. Гузаштагони мо ҳам нозукиҳои илми забони модариро аз матни ғазалиёти Ҳофиз, ашъори Мирзо Бедил ва дигар саромадони каломи бадеъ омӯхтаанд. Ин бесабаб нест, зеро тамоми нозукиҳои маънои калима ва унсурҳои грамматикии забон дар матн равшантар аён мегарданд.

Дар китоб ба ҳамаи масъалаҳои услубшиносӣ дахл накарда, танҳо дар бораи услубиёти забон, бо истилоҳи дигар, панҷ услуби нутқ ва ҳусни баён маълумот дода шудааст. Талаботи замона, татбиқи Қонуни забон низ ҳаминро тақозо мекунад, ки забони давлатӣ дар ҳама соҳаҳои фаъолияти аъзоёни ҷомеа мақоми шоистаи худро ишғол намуда, дар рушди маънавии ҳар фард хизмат намояд.

Ба сифати мавод беҳтарин намунаҳои забони осори бадеӣ ва илмии адибону олимони гузаштаю имрӯза, забони нашрияҳо, ки вазъи кунунии забонамонро инъикос мекунанд, интихоб карда шуданд.

Шарҳи масъалаҳои назариро аз супориш ва таҳлили матн оғоз намудем, зеро ин усул барои осонтар дарк намудани моҳияти масъалаҳои назарии илм ба хонандагон ёрӣ мерасонад. Азбаски дар матн нуктаҳои қолиби ҷанбаҳои гуногуни забон возеҳтар падидор мегарданд, пас аз ҳар матн супоришҳои илова дода мешаванд, ки онҳо масъалаҳои мухталифи мавзӯъҳои гузаштаро ҳам дар бар гирифта, чун маводи такрор ва таҳкими дониши хонандагон хизмат менамоянд.

*Ишораҳо:*

**?** – Саволҳо барои такрори мавзӯъҳои гузашта ва нав

? – Саволҳо илова ба матни супориш

**!** – Маълумоти асосии назарӣ

! – Маълумоти иловагии назарӣ

*Рақамҳои зерин, ки дар охири калима, ибора ва ҷумлаҳои матнҳо оварда шудаанд, ба машғулияти мустақилонаи шогирдон ишора мекунанд:*

1 – Таҳлили фонетикӣ (овоӣ)
2 – Таҳлили сохти калима
3 – Таҳлили морфологӣ (сарфӣ)
4 – Таҳлили синтаксисӣ (наҳвӣ)
5 – Таҳлили луғавӣ ва фразеологӣ
6 – Таҳлили имло ва талаффузи сареҳ
7 – Аломати китобат

# ТАКРОРИ МАВЗӮЪҲОИ ГУЗАШТАИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

## ФОНЕТИКА (ОВОШИНОСӢ), ИМЛО ВА ТАЛАФФУЗИ САРЕҲ (ОРФОЭПИЯ)

?

1) Имло (орфография) чист?
2) Меъёрҳои (принсипҳои) асосии он кадоманд?
3) Кадом меъёрҳои имло дар забони адабии муосири тоҷикӣ мавқеи асосӣ доранд?
4) Солҳои 1998 ва 2011 ба қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ чӣ дигаргунӣ ворид шуд?
5) Имло бо кадом соҳаҳои илми забон бештар алоқаманд аст?
6) Дар навишти кадом овоз ё калимаҳо бештар ғалат мекунед?

! Маънои луғавии вожаи арабии **имло** навишта пур кардан аст, маънои истилоҳии он қоидаҳои беғалат навиштани овозҳо ва калимаю таркибҳост. Имлои забони адабии муосири тоҷикӣ дар заминаи меъёрҳои сарфӣ (морфологӣ), овоӣ (фонетикӣ) ва анъанавӣ қарор дорад.

Меъёри сарфӣ талаб мекунад, ки дар навишт ҳиссаҳои (морфемаҳои) калима як навъ навишта шаванд. Сифатҳои *бад, хуб, паст* ва ғайра ҳангоми гуфтор дар дараҷаи муқоисавӣ *баттар, хуптар, пастар* талаффуз, вале аз рӯйи меъёри сарфӣ *бадтар, хубтар, пасттар* навишта мешаванд.

Меъёри овоӣ (фонетикӣ) мувофиқи тарзи талаффуз навиштани ҳиссаҳои (морфемаҳои) калимаро тақозо мекунад. Аз таркиби овозии калимаи *кӯҳтал* ҳамсадои *ҳ* афтида, *кӯтал* талаффуз мешавад ва мутобиқи меъёри овоӣ *кӯтал* навишта мешавад. Дар навишти калимаҳои иқтибосии арабӣ, русӣ, байналмилалӣ талаффузи тоҷикии калимаҳоро ба инобат мегиранд: калимаи иқтибосии арабии *мааттаассуф* дар забони тоҷикӣ бо пасванди калимасози *-она* ба тарзи *мутаассифона* навишта мешавад.

Меъёри анъанавӣ тақозо мекунад, ки овозҳои калима мутобиқи талаффузи қадимаашон навишта шаванд. Ин меъёр

дар хати тоҷикигардонидаи арабии калимаҳои *хвеш, хвештан* (хеш, хештан), *хвостан* (хостан) ва ғайра риоя мешуд.

Аён аст, ки дар забони адабии муосири тоҷикӣ асосан меъёрҳои фонетикӣ ва сарфӣ эътибор доранд. Дар асоси меъёри маъноӣ бо ҳарфҳои калон навиштани исмҳои хос, дар заминаи меъёри наҳвӣ бо ҳарфи калон навиштани калимаи аввали ҷумла сурат мегирад.

Дар ислоҳоти имлои забони тоҷикӣ дар навишти калимаҳои иқтибосии русӣ ва байналмилалӣ бо овозҳои мутобиқи тоҷикӣ иваз намудани овозҳои барои забони тоҷикӣ бегонаи **ц, щ** ва **ы** (сирк, интонатсия, чӯтка, Салтиков Шедрин), инчунин дар калимаҳои бегонаю худӣ бе аломати **ь** (ҷудоӣ) навиштани калимаҳо (феврал, палто, А. М. Горкий, дарё, тағйир ва ғайра), дар сурати бандаки изофӣ гирифтани калимаҳое, ки бо овози **й** анҷом меёбанд, навишта шудани он (рӯй-и, дар рӯй-и, ҷой-и, ба ҷой-и, ба сӯй-и, дар кӯйи, аз пайи, тӯй-и, бой-и, чой-и, бӯй-и, обрӯй-и, донишҷӯй-и, ҷо-ҷой-и ва ғайра), бо нимтире навиштани ҷузъҳои калимаҳои мураккаби «Лубобул-ал-боб», «Бадоеъ-ул-вақоеъ» ва ғайра ҷорӣ карда шуд.

То ва баъди ислоҳоти имло (1998):

апрель – апрел
лагерь – лагер
альбом – албом
уқьёнус – уқёнус
ошьён – ошён
дастьёр – дастёр
гирья – гиря
пирьях – пирях
такья – такя
афьюн – афюн

тағьир – тағйир
Келдыш – Келдиш,
Щедрин – Шедрин
центнер – сентнер
цемент – семент (симон)
целлофан – селофан
цензура – сензура
Цицерон – Ситсерон
цирк – сирк

! Имло бештар ба овошиносӣ, орфоэпия (беғалат талаффуз кардани овозҳою калимаҳо), сарф (морфология), калимасозию таркиббандӣ алоқаи қавӣ дошта, луғатшиносӣ (лексикология), маъношиносӣ (семасиология) ва наҳвро (синтаксисро) низ сарфи назар намекунад.

Шогирдон бештар дар имлои овозҳои садоноки **ӣ** ва **ӯ** ғалат мекунанд. Мавридҳои асосии истифодаи садоноки **ӣ** чунинанд:

- Дар охири решаи калима: ҳавлӣ, тоқӣ, шолӣ, биҳӣ, моҳӣ, қозӣ, соқӣ, холӣ, боқӣ, сӣ, кӣ, чӣ, чӣ гуна, чӣ қадар ва ғ.
- Пасвандҳои **–ӣ, -гӣ** исмҳои маънии аломат, касбу машғулият, амалу ҳолат месозанд: сурхӣ, торикӣ, арзонӣ, вазнинӣ, ҷавонӣ, дӯстӣ, зебоӣ, шиносоӣ, тирагӣ, бечорагӣ, деҳқонӣ, муаллимӣ, сартарошӣ, раисӣ, давододавӣ, гӯштингирӣ, пахтачинӣ, раъйдиҳӣ ва ғ.
- Пасвандҳои **–ӣ, -гӣ, -вӣ** сифатҳои нисбӣ месозанд: гиёҳи кӯҳӣ, лолаи даштӣ, девори бетонӣ, машғулияти синфӣ, кишти тирамоҳӣ, хӯроки бегоҳӣ, айёми бачагӣ, вазифаи хонагӣ, чорабиниҳои тарбиявӣ ва ғ.
- Бандакҳои феълӣ ва хабарӣ: хонӣ, хонда бошӣ, хондӣ, хонда будӣ, мехондӣ, хоҳӣ хонд, хондагистӣ, хонда истодаӣ, хондаӣ, мехондаӣ ва ғ.
- Сифатҳои феълии замонҳои гузашта ва оянда: *хондагӣ, мехондагӣ, хонда истодагӣ, хонданӣ* ва ғ.

**1. Калимаҳои сода, сохта ва мураккабро, ки бо садоноки ӣ анҷом ёфтаанд, ба се сутун нависед ва шарҳ диҳед, ки онҳо ба кадом ҳиссаи нутқ таалluқ доранд ва чӣ тарз сохта шудаанд:**

*Абадӣ, авлодӣ, агентӣ, аҳолӣ, аҷнабӣ, аълочӣ, аҳдбандӣ, бадеӣ, бандагӣ, беадолатӣ, боинтизомӣ, ватанпарастӣ, ваҳшигарӣ, гетӣ, генералӣ, гурусначашмӣ, дамгирӣ, даҳонакӣ, дилгармӣ, доҳӣ, заргарӣ, зараррасонӣ, изофӣ, инсондӯстӣ, китобхонӣ, Лайлӣ, мавлавӣ, мардонагӣ, махфӣ, маънавӣ, некномӣ, нисбӣ, носаҳеҳӣ, ошуфтаҳолӣ, парӣ, покдоманӣ, ресан-*

*дагӣ, самимӣ, сарватмандӣ, тайёрӣ, умумӣ, хотимавӣ, хушбахтӣ, шанбегӣ, ғанӣ, ҳамзистӣ, ҷаҳонбинӣ.*

**2. Кадом тарзи ифода қобили қабул ё беҳтар аст?**

Ҷустуҷӯкунӣ – ҷустуҷӯ, моторремонткунӣ – таъмири мотор, харидкунӣ – харид, бомбаборонкунӣ – бомбаборон, шеърэҷодкунӣ – эҷоди шеър, таҳқиркунӣ – таҳқир, табриккунӣ – табрик, шикояткунӣ - шикоят, хонавайроншавӣ – хонавайронӣ, хонадомодшавӣ – хонадомодӣ, аспсаворшавӣ – аспсаворӣ, обунашавӣ – обуна, фарбеҳшавӣ – фарбеҳӣ, ошиқшавӣ – ошиқӣ, омодашавӣ – омодагӣ, истифодабарӣ – истифода, ташаккулёбӣ – ташаккул, анҷомёбӣ – анҷом, эзоҳдиҳӣ – эзоҳ, экпедитсияи ҷустуҷӯкунии геологӣ – экспедитсияи ҷустуҷӯйи геологӣ ва ғ.

**!** Ҳарфи «ӣ»-ро «и»-и заданок ё «и»-и дароз» мегӯянд. Дарвоқеъ ҳам ин овоз дар ҳиҷои охири ҳиссаҳои номии нутқ омада, задаи калима мегирад ва нисбат ба садоноки ҳиҷоҳои дигари калима пурқувват ва баландтар талаффуз мегардад. Вале бояд дар назар дошт, ки дар ҷумлаи «ДоноЙ одамро сарбаланд, нодонЙ сархам мекунад» исмҳои маънии *доноӣ* ва *нодонӣ* ҳарфи **ӣ** ифодагари задаи калима буда, дар ҷумлаи «Ту, бешак, донОӣ (ё нодОнӣ)» задаи калима ба садоноки «о»-и ҳиҷои дуюми калимаҳо меафтад (донОӣ, нодОнӣ), пас, ҳарфи **ӣ** дар ҳама гуна мавридҳо ифодакунандаи нишонаи заданокӣ нест.

**3. Ҳар мисраи шеърро ба ҳиссаҳои маънодор (синтагмаҳо) ҷудо карда, бурро ва бо оҳанги эътимод ва омирона қироат кунед:**

Гар бар сари нафси худ амирӣ, мардӣ,
Бар кӯру кар ар(1) нукта нагирӣ, мардӣ(4).
Мардӣ набувад фитодаро пой задан,
Гар дасти фитодае бигирӣ, мардӣ(4)

(Рӯдакӣ).

**?** 1) Дар калимаҳои *амирӣ, нагирӣ* ва *бигирӣ* зада ба садоноки кадом ҳиҷои калимаҳо афтодааст?

2 ) Дар чаҳор калимаи *мардӣ* мавқеи задаро муайян кунед.

3) Калимаҳои *амир, фитода* ва таркиби *нукта гирифтан* ба кадом маънӣ истеъмол шудаанд?

4) Таъбирҳои *касеро пой задан* ва *дасти касеро гирифтан* чӣ гуна воҳиди забонанд ва ба кадом маъноҳо далолат мекунанд?

5) Ифодаи *кӯру кар* чӣ гуна воҳиди луғавист ва чӣ хусусияти савтӣ дорад?

**4. Ба задаи калима эътибор дода байтҳои зеринро қироат кунед:**

Дарахти дӯстӣ(1) биншон, ки коми дил ба бор орад,
Ниҳоли душманӣ(2) баркан, ки ранҷи бешумор орад(4).

Чу меҳмони хароботӣ, ба иззат бош бо риндон,
Ки дарди сар кашӣ, ҷоно,(7) гарат(4) мастӣ(2) хумор орад
(Ҳофиз).

Дар ин ҳазрат чу муштоқон ниёз оранд, нозоранд,
Агар бо дард дармонанд,(7) дармонанд (Ҳоҷуи Кирмонӣ).

**!** Садоноки **ӯ** (вови маҷҳул) дар забони тоҷикӣ қобилияти фонемагӣ (тағйир додани маънои калима) дорад: бур (асоси феъли *буридан*) – бӯр (ашё), куш (асоси феъли *куштан*) – кӯш (асоси феъли *кӯшидан*), хурд (сифат) – хӯрд (асоси феъли *хӯрдан*), сум (номи узви ҳайвонот) – сӯм (воҳиди пул) ва ғайра. Он бештар дар мавридҳои зерин кор фармуда мешавад:

1) Пеш аз ҳамсадои **й** дар ҳиҷои бастаи калимаҳои аслан тоҷикӣ*: рӯй, мӯй, сӯй, кӯй, шӯй, бӯй, гӯй, тӯйгар, ҷӯйбор, суханпӯё, рӯ ба рӯ, мӯ ба мӯ: рӯйи зебо, мӯйи дароз, кӯйи ғарибӣ.*

2) Пеш аз ҳамсадои ҳ дар ҳиҷоҳои баста ва кушодаи калимаҳои тоҷикӣ ва иқтибосӣ: *кӯҳ, кӯҳна, андӯҳ, анбӯҳ, гурӯҳ, маҷрӯҳ: кӯҳсор, маҷрӯҳон, кӯҳи баланд, анбӯҳи дарахтон, шукӯҳу шаҳомат.*

3) Пеш аз ҳамсадои ҳалқии **ъ** дар калимаҳои иқтибосии арабӣ: *мавзӯъ, тулӯъ, шурӯъ: мавзӯи* дарс, *тулӯи* Офтоб.

Бо решаи чунин вожаҳо калимаҳои сохта, мураккаб ва таркибии зиёде сохта, дар ҳамаи онҳо садоноки **ӯ** навишта мешавад. Чунончи, бо калимаи *мӯй* ва *рӯз: мӯйдароз, мӯйсафед, малламӯй, мӯ(й)чинак, ҷингиламӯ(й), сермӯ(й), мӯйлаб, бемӯйлаб, мӯйбофӣ, мӯ(й)шонакунӣ, мӯ ба мӯ; рӯза, рӯзона, рӯзгор, берӯзӣ, наврӯз, рӯзмарра, рӯзадор, рӯзбайъ, ҳаррӯза, Беҳрӯз, Некрӯз, Гулрӯз, Рӯзигул ва г.*

**5. Бо решаи калимаҳои *рӯ(й), гӯш, тӯй* ва *чӯб* калимаҳои сохта ва мураккаб созед ва онҳоро беғалат хонед.**

**6. Мисраъҳои зеринро бурро ва беғалат қироат кунед. Ҳангоми хондан ба имлою тарзи талаффузи садоноки *ӯ* ва калимаҳои *бӯй – бӯ, мӯй – мӯ, рӯй – рӯ, ҷӯй – ҷӯ, кӯй – кӯ, пайи, шӯйӣ* эътибор диҳед. Мазмуни ҳар байтро гӯед. Шарҳ диҳед, ки *рух* кадом ҳиссаи рӯй аст ва чаро ранги гули сурхро аз пайи (барои) вай рабудааст, феълҳои *бурда, рабуда* аз ҷиҳати маъно чӣ қаробат доранд ва бо чӣ мақсад кор фармуда шудаанд, вожаҳои *мушкин* ва *фишондан* чӣ маъно доранд.**

Эй аз гули сурх ранг бурдаву бӯ,
Ранг аз пайи рух рабуда, бӯ аз пайи мӯ.
Гулранг(2) шавад, чу рӯй шӯйӣ, ҳама ҷӯ,
Мушкин(2) гардад, чу мӯ фишонӣ, ҳама кӯ (Рӯдакӣ).

?

1) Феъли *рабудан* аз муродифҳои *гирифтан* ва *ситондан* бо кадом тобиши маъно фарқ мекунад?
2) Нидои *эй* бо чӣ маъною вазифа омадааст?
3) Бигӯед, ки чунин матнҳоро дар кадом мавриди суханварӣ истифода кардан мумкин аст?

Матни зеринро қироат кунед ва бигӯед, ки феълҳои *маҷӯй, магӯй, магир* ва *мабӯй* бо кадом калимаҳо таносуби маъноӣ доранд, *суманрӯй, гулранг, анбарбӯй* тавсифоти кист ё чистанд ва онҳо чӣ маънӣ доранд.

Дар вақти баҳор ҷуз ба лаби ҷӯй маҷӯй,
Ҷуз васфи лаби ёри суманрӯй(2) магӯй.

Ҷуз бодаи гулранг(2) ба шабгир магир,
Ҷуз зулфи бутони анбарбӯй(2) мабӯй (Маҳастӣ).

**7. Байтҳои зеринро қироат кунед:**

Бикшой(1) лаби ширин(2), бозори шакар бишкан,
Бинмой(1) рухи рангин(2), номуси қамар бишкан
(Сайфи Фарғонӣ).

Шаккарсухан(2) аст ё сухангӯйи(2) ман аст?
Анбарзақан(2) аст ё суманбӯйи(6) ман аст?

**!** Сабаби осон қироат шудани ин байт дар чист? Ҳар калимаи мисраи аввал бо калимаи мисраи дуюм на танҳо баробарвазн, балки бештарини вожаҳо бо якдигар ҳамқофияанд: *бикшой – бинмой, ширин – рангин, шакар – қамар, шаккарсухан – анбарзақан, сухангӯй – суманбӯй.* Чунин калимаҳои ҳамқофия дар наср истифода шуда бошанд, **насри мусаҷҷаъ,** дар назм ба кор бурда шуда бошанд, **назми мусаҷҷаъ** меноманд.

**!** Тахаллуси муаллиф нисбати зодгоҳи ӯ – шаҳри Фарғона дорад. Азбаски калимаи *фарғонагӣ* нисбат ба *фарғонӣ* мӯҷаз, суфта ва чандон осонгӯй нест, аз охири калимаи *Фарғона* садоноки **а** ихтисор шудааст. Муқоиса кунед: Бухороизода – Бухоризода. Бо мақсади суфтаву равон гардидани тахаллус гоҳ овозе ихтисор, гоҳе афзуда мешавад: Марв – Борбади Марвазӣ, Исфара – Сайфи Исфарангӣ.

**8. Ҳангоми қироати шеър ба талаффузи садоноки ӯ диққат диҳед, тавсифҳои *гӯйзанах* ва *мӯймиён*ро шарҳ диҳед:**

Эй гӯйзанах(2), сухан зи гӯят гӯям
В-эй мӯймиён(2), зи ишқи мӯят мӯям.
Гар об шавам, гузар ба ҷӯят ҷӯям
В-ар сарв шавам(7), ба пеши рӯят рӯям(4) (Муиззӣ).

**9. Ба талаффуз ва навишти садоноки ӯ эътибор дода калимаҳоро такрор ба такрор қироат кунед:**

*Рӯй – рӯ – хушрӯ – дурӯя – абрӯвон, мӯй – мӯ, сӯй – сӯ, бӯй – бӯ, шӯй – шӯ* (шуст), *ҷӯй –ҷӯ* (ҷуст), *гӯй – гӯ* (гуфт), *рӯҳ, кӯҳ – кӯҳна* (куҳан), *мӯҳра – мӯҳр, Зӯҳра, нӯҳ – нӯҳдорон, маҷрӯҳ, анбӯҳ, рӯшан* (равшан), *рӯған* (равған), *шӯ* (шавҳар), *сӯсан* (савсан), чорсӯ, вале паҳлу, гесу, орзу, тарозу, бозу, тарсу, парасту.

**!** Дар таркиби калимаҳои аслан тоҷикӣ, иқтибосии арабӣ (бештар), русӣ ва байналмилалӣ, ки аз як ё зиёда ҳиҷо иборатанд, ҳамсадоҳо такрор ё шиддатнок талаффуз мешаванд. Ин ҳодисаи овоиро ташдид ва ҳамсадои такроршударо ташдиднок мегӯянд. Дар талаффузи калимаи иқтибосии арабии *дурр* такрори ҳамсадои **р** равшан аён намегардад, вале *дурру марворид* гӯем, бо ташдид талаффуз мешавад.

Ташдид бештар дар калимаҳои дуҳиҷоӣ ва сеҳиҷоӣ, аҳёнан дар калимаҳои серҳиҷо мушоҳида мешавад*: арра, аммо, пурра, салла, пашша, ғалла, бутта, ғусса, миллӣ, тилло, маккор, рассом, қошиқ, ҷарроҳ, лаззат, диққат, миллат, қувват, ҳуҷҷат, дарранда, ғурранда, муаллим, муаллиф, муваффақ, мураккаб, муқаддас, муҳаббат, муҳаррир, муттаҳид, муддат, тааҷҷуб, таассурот, табассум, ташаббус, ташаккур, таваккал, тавалло, тараққӣ, Садриддин, Фазлиддин, Хайрулло, Неъматулло, ҳиссиёт, зиддият, заррин, хаттӣ, ғиҷҷак, миллион, тонна, грамматика, баррасӣ, ҳаммиллат, ҳаммаслак, ҳаррӯза, каммаҳсул, оббозӣ, хоббинӣ, зидди душман, ҳаққи қалам, синну сол* ва ғ.

**10. Калимаҳои зерин чӣ тафовути маъно доранд: дур – дурр, сир – сирр, ака – акка, шада – шадда, мода – модда, чака – чакка, дара – дарра, дарав – дарравр, хӯрам – хуррам, хӯрок – хуррок.**

Калимаҳоро навишта, бурро, шунаво ва беғалат хонед*: аввал, албатта, ақаллан, аллакай, аммо, ғалла, ғусса, зиддият, иттилоот, иттифоқ, иззат, иллат, қисса, муваққатан,*

*мусаллаҳ, муаллим, муқаррар, муқаддима, муяссар, мубаддал, мутахассис, муддао, муддат, муфассал, мукаммал, муваффақият, мутасаддӣ, муаррифӣ, муассиса, мухаддира, мушаххас, муҳаққиқ, маҷалла, назаррас, омма, пурқувват, ташаккур, тааҷҷубовар, тахассус, тахаллус, тамаддун, танаффус, таассурот, тааллуқ, тасаввур, тафаккур, террор, тилло, фавқулодда, фаррош, ҳаққонӣ, ҳиссиёт, ҷиддӣ, шиддат, шаффоф, ҳиммат, якка ба якка.*

**!** Ҳамсадои ҳалқии **ъ** (айн) дар калимаҳои иқтибосии арабӣ, ки дар натиҷаи истеъмоли муддати тӯлонӣ дар забони тоҷикӣ ҳазм шуда «аз они худӣ» гардидаанд, хусусияти фонемагӣ зоҳир намуда, маънои вожаҳоро тағйир медиҳад.

**11. Калимаҳои ба тариқи мувозӣ овардашударо бо ҳам муқоиса намуда, тафовути маъноии байни онҳоро муқаррар кунед: аъён – аён, аъзо – азо, баъд – бад, даъво – даво, манъ – ман, навъ – нав, рафъ – раф, қатъ – қат, раъд – рад, суръат – сурат, таъна – тана, шеър – шер.**

Калимаҳои зеринро нависед ва ба талаффузи ҳамсадои **ъ** риоя намуда онҳоро хонед ва маънидод кунед*: авзоъ, анъана, бадфеъл, баръакс, баръало, вазъият, вусъат, даъват, заъф, инъикос, инъом, иртиҷоъ, истеъдод, истеъмол, лаъл, маърифат, манбаъ, масъала, масъулият, маърӯза, монеъ, низоъ, саъй, сунъӣ, табъ, тамаъ, таъм, таъмир, таъйин, таъсир, таъхир, феъл, шуоъ, ҷомеъ, ҷузъиёт, ҷуръат, эътимод, эътироф, қатъият, қонеъ, яъне*, аммо *монеа, ҷомеа, шуои* офтоб, *мавзӯи* дарс.

**12. Матнро се нафар аз забони ҳикояткунанда (муаллиф) ва ду бародар (тавонгар, дарвеш) хонад. Нафари чаҳорум мундариҷаи ҳикоятро нақл карда, ғояи асосии онро шарҳ диҳад. (Дар матнҳои китоб бо рақами (1) ба таҳлили овоии (фонетикии) калимаҳо ишора шудааст.)**

Ду бародар (буданд). Яке хидмати султон кардӣ ва дигаре бо зӯри бозу нон хӯрдӣ. (4) Боре тавонгар гуфт дарвешро, ки:(7)

– Чаро хидмат накунӣ, то аз машаққати (1) кор кардан бираҳӣ? (4,7)

Гуфт:

– Ту чаро кор накунӣ, то аз мазаллати (1) хидмат раҳоӣ ёбӣ. Хирадмандон гуфтаанд: «Нони худ хӯрдану нишастан беҳ ки(7) камари заррин ба хидмат бастан» (Саъдӣ).

1) Ҳамчунин бигӯед, ки оё ҳикоятро дар охири пурсиши аввал қатъ кардан мумкин аст. Ин чӣ хусусияти матн аст? (7)
2) Нависанда чӣ тарз аз такрори калима худдорӣ кардааст?
3) Таркибҳои *кор кардан* ва *хидмат кардан* дар матн чӣ тафовути маъноӣ пайдо кардаанд?
4) Маънои вожаҳои *султон*, *тавонгар*, *дарвеш*, *машаққат* ва *мазаллатро* шарҳ диҳед.
5) Калимаҳои *раҳоӣ* ва *раҳо* аз ҷиҳати таркиби овозӣ чӣ қаробат доранд ва чунин калимаҳоро чӣ меноманд?
6) Феълҳои *раҳоӣ ёфтан* аз *раҳо шудан* чӣ тафовути маъноӣ доранд?
7) Кадом унсурҳои грамматикии ин матн дар забони имрӯзаамон ба кор бурда намешаванд?
8) Таъбирҳои «бо зӯри бозу нон хӯрдан» ва «камари заррин ба хидмат бастан» чӣ маънӣ доранд?
9) Сифати *заррин* чаро бо ду ҳамсадои **р** навишта ва бо ташдид талаффуз мешавад?

**Саволи тестӣ:**

Дар талаффузи кадом калимаи ҷумлаи «Наврӯз шуду лолаи хушранг баромад» як ҳамсадо зам мешавад, вале навишта намешавад?

а) Наврӯз
б) шуду
в) лолаи
г) хушранг
ғ) баромад

# ЛЕКСИКА

?

1) Маънои луғавию грамматикии калима чист?
2) Якмаъной ва сермаъной, маънои аслию маҷозии калима чист?
3) Омоним чӣ гуна калима аст ва он аз калимаи сермаъно чӣ фарқ дорад?
4) Пароним чӣ гуна калима аст ва он аз омоним ва калимаи сермаъно чӣ фарқ дорад?
5) Чӣ гуна калимаҳоро *ҳаммаъно, муродиф* ва ё *синоним* меноманд?
6) Муродифҳои луғавӣ, услубӣ ва грамматикӣ аз ҳамдигар чӣ фарқ доранд?
7) Чӣ гуна калимаҳоро *зидмаъно* ё *антоним* меноманд ва онҳо барои таъсирбахш ифода кардани фикр чӣ саҳм мегузоранд?
8) Сарчашма ё манбаи пайдоиши калимаҳои забон чӣ гуна аст?
9) Оё ҳамаи калимаҳо доираи истеъмоли васеъ доранд?
10) Магар калимаҳо ҳам наву кӯҳна мешаванд?
11) Луғатнигорӣ чист ва луғатҳо чӣ гуна мешаванд?

! Маҷмӯи овозҳои садоноку ҳамсадо мувофиқи қоидаҳои маъмули ҳар забон бо ҳам васл шуда, ҳиҷоҳоро ва ҳиҷоҳо калимаҳоро ташкил медиҳанд, ки он бунёди моддии калимаҳост, онро бо забон мегӯед, бо гӯш мешунавед ва навиштаи онро бо чашм мебинеду мехонед. Ин ҷиҳати вожа ё калимаро ба пӯчоқи чормағз монанд кунем, маънои калима мағзи он ё мафҳуми ашё, ҳодиса, воқеа, аломату хусусият, амалу ҳолати ҳаёти воқеист, ки дар тафаккури инсон дарк мегардад. Дар маънои луғавии калима маънои умумии ашё, аломат ва амал инъикос меёбад. Вақте ки *дарахт* мегӯем, дар он ҳамаи навъҳои дарахт (баҳосилу беҳосил, хурду калон ва ғайра) ифода меёбад.

Калимаҳо маъноҳои луғавӣ ва грамматикӣ доранд. Маънои луғавии калимаҳо дар луғатҳо тафсир мешавад, аммо маънои грамматикӣ нисбат ба маънои луғавӣ абстракт ва мураккаб буда, дар дастурҳо шарҳ дода мешавад. Масалан, калимаи *хона* дар луғат маскан, истиқоматгоҳ, иморат, ҷойи мӯҳра дар тахтаи шатранҷ тавзеҳ шудааст. Маънои грамма-

тикии он исми макон, шумораи танҳо, муайян, ғайришахс, беҷон, моддӣ, ҷинс аст.

Исм, сифат, шумора, ҷонишин, зарф ва феъл ҳиссаҳои мустақилмаънои нутқ, пешоянду пасоянд, пайвандак, ҳиссача ва нидо ҳиссаҳои номустақили нутқ ҳисоб меёбанд, чунки ҳиссаҳои мустақили нутқ ҳам маънои луғавӣ, ҳам маънои грамматикӣ доранд, ҳиссаҳои номустақил танҳо маънои грамматикӣ доранд ва маъною вазифаи грамматикии онҳо дар ҷумла аён мегардад.

Калимаҳо бо ҳамдигар таносуби маъноӣ ва грамматикӣ доранд. Дар байти зерин калимаҳои *равоқ* (пештоқ ё айвони хона) бо *ошёна* ва *хона*, *манзар* (назаргоҳ) бо *чашм* таносуби наздики маъно ва феъли *фуруд омадан* бо калимаи *хона* таносуби маъноӣ ва грамматикӣ дорад: *ба хона фуруд о(й).*

Маънои луғавии *фуромадан* ва *фуруд омадан* пойин омадан, нузул кардан, таваққуф кардан тафсир шудааст. Маънои грамматикии феъли *фуруд о(й)* сиғаи амрӣ, замони ҳозира-оянда, шахси дуюм, шумораи танҳо буда, амали мутлақ ва бевоситаро ифода мекунад, феъли монда, аз лиҳози сохт таркибист, дар ҷумлаи амрӣ ба вазифаи хабар омадааст.

Равоқи манзари чашми ман ошёнаи туст(1),
Карам намову(1) фуруд о(1), ки хона хонаи туст(1) (Ҳофиз).

Дар ин байт маънои луғавии *равоқ* пешайвонест ба намуди меҳроб, *манзар* – дарича, назаргоҳ, *равоқи манзари чашм* маҷозан ба маънои «мардумаки чашм» ва калимаи *хона* ба маънои «иқоматгоҳ» омадааст.

**13. Матнро ҳама ба дафтар нависанд, ду нафар (муаллиф ва гадо) қироат кунанд. Сухани шоирро ҳамаи хонандагон гӯянд. Дар охир яке аз онҳо ғоя ва аҳамияти ривоятро шарҳ дода, дар ҳамин бобат як ҳикмати мардумиро дар бобати некӣ кардан ба ёд оварад.**

Носири Хусрав аз бозор нони гарм харид(3). Гадое ба назди ӯ омаду гуфт:(7)

– Эй саховатманд(2), чӣ шавад, ки ними нон ба ман диҳӣ? Гуруснагӣ(2) ба ҷонам расид. Худо ин некиатро хоҳад гардонд(3).

Шоир нонашро ба гадо ҳадя карду гуфт:

– Бандагони гурусна тамоми умр барои дороён некӣ (2) мекунанд, вале Худо некии онҳоро ҳеҷ намегардонад (4). Некии ман низ ҳамин гуна бошад.

?

1) Маънои луғавию грамматикии калимаҳои *нон, некӣ, гарм* ва *ҳадя кард*ро гӯед.
2) Калимаҳои мустақилмаъно ва номустақили матнро аз ҷиҳати таалluқи сарфиашон (морфологиашон) ба сутунҳои алоҳида ҷудо карда нависед.
3) Шарҳ диҳед, ки калимаҳои *саховатманд, бандагон, дороён* чӣ хусусияти сарфии исм зоҳир кардаанд.
4) Чаро калимаи *банда* бо пасванди *–гон*, *доро* бо *–ён* шакли ҷамъ сохтааст?
5) *Носири Хусрав, саховатманд* ва *шоир* чӣ қаробати маъноӣ доранд ва дар матн бо чӣ мақсад ба кор бурда шудаанд?
6) Тарзҳои ифодаи «…чӣ шавад, ки ними нон ба ман диҳӣ» ва «…ними нон ба ман бидеҳ» чӣ тафовути маъноӣ доранд ва чаро нигоранда тарзи аввали ифодаро писандидааст?

## Таркиби луғавӣ

!

Бунёди ҳар забонро захираи луғавӣ ва сохти грамматикӣ ташкил медиҳад. Калимаҳо, таркибҳо, ибораю ҷумлаҳои рехта (воҳидҳои фразеологӣ) мафҳумҳои ашё, аломат, амалу ҳолатро, ки дар муҳити кору зиндагии инсон вуҷуд доранд, ифода мекунанд. Калимаҳо ганҷинаи бебаҳои зеҳнии гузаштагони мост, ки бо заҳмат эҷод намуда, дар асарҳои илмию бадеӣ ба кор бурда, дар луғату фарҳангҳо ба низом даровварда, тафсир намуда, ба наслҳои имрӯза ба мерос гузоштаанд. Қисми зиёди ин сарват калимаю истилоҳоти қадимаю имрӯзаи худианд. Калимаҳои решагӣ, ки мафҳумҳои ашё, шахс, адад, амал ва ишораи онҳо бо ҷонишинҳо, аз қабили *мо-*

*дар, падар, бародар, замин, ном, хостан, дидан, навиштан, сафед, ду, шаш, даҳ, ту, он* ва ғайра, ки дар оилаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ низ бо андаке тағйири овоз мушоҳида мешаванд, аз ҳамин қабиланд. Чунин калимаҳо унсурҳои аз ҳама серистеъмол, сермаъно ва дар калимасозӣ фаъол ба шумор мераванд.

Шояд дар олам чунин забоне вуҷуд надорад, ки аз забони дигар калимаю истилоҳотро нагирифта (иқтибос накарда) бошад. Одатан забонҳои камнуфуз аз забонҳои дар илму фарҳанг бонуфуз ва пешрафта калимаҳоро иқтибос мекунанд. Дар давраҳои гуногуни таърихӣ дар натиҷаи робитаҳои сиёсию иқтисодӣ ва фарҳангӣ аз забонҳои гуногуни олам калимаю истилоҳҳо ба забони тоҷикӣ ворид шудаанд. Дар забони муосири тоҷикӣ калимаҳои иқтибосии арабӣ, русӣ ва туркӣ мавқеи бештар доранд. Калимаҳое, ки дар решаашон се ё чаҳор ҳамсадо бо як тартиб воқеъ шудаанд, калимаҳои арабианд: **ктб** – **к**и**т**о**б**, **к**о**т**и**б**; **мктб** – **м**а**кт**а**б**, **м**у**к**о**т**и**б**а. Дар таркиби калима мавҷуд будани ҳамсадои ҳалқии **ъ**, бо пасвандҳои *-ат, -ият* анҷом ёфтани калимаҳо низ нишонаҳои иқтибосоти арабист. Бештарини калимаҳое, ки дар забони тоҷикӣ ҳамсадоҳои такрор (ташдид) доранд, низ арабианд. Як миқдори чунин калимаҳо шакли ҷамъбандии солим ва шикастаи арабӣ доранд.

Бояд дар назар дошт, ки калимаҳои иқтибосӣ ба қонуну қоидаҳои овоӣ, задаи калима, унсурҳои калимасозӣ, таркиббандӣ, шаклсозии забони иқтибосгиранда мутобиқ мегарданд, яъне ҳазм мешаванд. Чунончи, калимаи тоҷикии *гавҳар* дар забони арабӣ *ҷавҳар*, *попӯш* ба арабӣ *бобуш* ва калимаи *пиёда – байдақ* ва шакли ҷамъи он *баёдиқ* шудааст. Мисли ҳамин калимаҳои иқтибосии арабӣ ҳам дар забони тоҷикӣ хусусиятҳои овозии худро тағйир додаанд.

**14. Калимаҳои иқтибосии арабиро аз рӯйи нишонаҳои зикршуда ба дафтаратон нависед. Маънои кадом калимаҳои арабиро ба осонӣ ва кадомеро бо мушкилӣ фаҳмидед ва ё ба луғат муроҷиат кардан лозим омад? Мазмуни саволу ҷавобро аз наср фаҳмидан осон аст ё аз назм?**

Дарвеше(3) қавиҳиммат(2) бо подшоҳе(3) соҳибшавкат(2) тариқаи ихтилот ва собиқаи инбисот дошт. Рӯзе(3) аз вай нисбат ба худ гаронӣ тафарруҷ кард. Ҳарчанд таҷассус намуд, ҷуз касрати тараддуд ва бисёрии омадшуд онро сабабе наёфт(4). Доман аз ихтилоти ӯ дарчид ва бисоти инбисот аз ӯ дарнавардид. Рӯзе он подшоҳро бо вай дар мамаре(3) иттифоқи мулоқот афтод. Забон ба мулоқот бикушод, ки:

– Э дарвеш, мӯҷиб чист, ки аз мо бибуридӣ ва қадам аз омадшуди мо даркашидӣ(4)?

Гуфт:

– Мӯҷиб он, ки донистам, ки аз сабаби наомадан суол беҳ ки аз ҷиҳати омадан изҳори малол(4,7).

***Қитъа***

Ба дарвеш гуфт он тавонгар(2): «Чаро
Ба пешам пас аз дерҳо н-омадӣ?(6)»
Бигуфто: «Чаро н-омадӣ?» пеши ман
Басо хуштар(3) аст аз «Чаро омадӣ?» (Ҷомӣ).

**Луғат:**

Ихтилот – рафтуомад;
Инбисот – ошноӣ;
Тафарруҷ кардан – бо фаросат дарёфтан, пай бурдан;
Таҷассус кардан – бо мулоҳиза дарёфтан;
Касрат – зиёдӣ;
Тараддуд – саъю кӯшиш, амал;
Бисоти инбисот аз касе дарнавардидан – тариқи ошноиро бо касе қатъ кардан;
Мамар – роҳ.

?

1) Муаллиф аз кадом имконоти услубии муродифҳои луғавӣ исфоида бурда матлабро рангин ва дилчасп ифода кардааст?
2) Калимаи *гаронӣ* ба кадом маънӣ омадааст?
3) Калимаи *шуд* дар таркиби *омадшуд* ба кадом маънӣ кор фармуда шудааст ва он маъниро ҳоло ҳам дорост?
4) Таъбирҳои «доман аз чизе дарчидан», «бисоти чизе аз касе дарнавардидан», «қадам аз чизе даркашидан» маъноҳои амалро чӣ тарз ифода кардаанд?

**15. Калимаю истилоҳоти иқтибосии арабӣ, русӣ ва байналмилалиро ба сутунҳои алоҳидаи дафтаратон нависед ва шарҳ диҳед, ки онҳо ба кадом қонуну қоидаҳои забони тоҷикӣ мутобиқ шудаанд.**

– Касалиҳои дил ва рагҳои хунгузарро(2) мо, табибон, мухтасар касалиҳои ишемӣ(2) меномем, – сухан сар кард Зардодхон. – Аз ин мавзӯъ(6) ба донишҷӯён(2) даҳҳо соат лексия хонда мешавад… Дар амалияи тиб ақидае ҳукмрон аст, ки бемории дил ва рагҳои хун оқибати тағйироти физиологист(2), яъне дигаргуниҳои соф биологӣ(2) ва кимиёвист(2), ки дар ҷисми одам ба амал меояд. Дар таркиби хун холестерин ном моддае пайдо мешавад… (Ф.М.);

Баъди якчанд ҳафта аз район ба ҳавлии Шарофатхола(6) як технику панҷ-шаш нафар гилкорону наҷҷорон(3) омаданд. Онҳо чанд мошин чӯбу тахта ва хишту семент(6) оварданду якбора ба кор сар карданд. Техник – ҷавони бисту ҳафт-бисту ҳаштсолаи(2) қоматбаланди(2) лоғарандом(2), бо талабу исрори Маҳмудбой(2) нақшаи иморатро ба вай нишон дод (А.А.).

?

1) Ин матнҳо кадом соҳаҳои ҳаёти ҷомеаро инъикос мекунанд, дар онҳо чӣ гуна унсурҳои луғавӣ истифода шудаанд? Калимаҳои иқтибосии онҳо аз ҳамдигар чӣ фарқ доранд?

2) Кадом калима ё истилоҳҳо бе зарурат иқтибос шудаанд ва онҳоро бо кадом калимаҳои тоҷикӣ иваз кардан мумкин аст?

3) Калимаҳои *табиб, техник, гилкор, наҷҷор* чӣ гуна унсури луғавианд ва онҳо бо кадом калимаю истилоҳоти матнҳо таносуби маъноӣ доранд?

4) Муродифҳои луғавии *касалӣ* ва *беморӣ, тағйирот* ва *дигаргуниҳо* бо чӣ мақсад истифода шудаанд?

## Сермаъноӣ

!

Калимаҳо якмаъно ва сермаъно мешаванд. Забон ба ҳар ду ҳам эҳтиёҷ дорад. Калимаҳои якмаъно қобилияти дақиқ ифода кардани мафҳум доранд. Онҳо дар тадқиқи масъалаҳои нозуки илмӣ ба кор меоянд.

Дар ҷумлаи аввали матни фасли 15 (саҳ. 20) калимаҳои *касалӣ*, *дил*, *табиб* ва ибораҳои *рагҳои хунгузар* ва *касалиҳои ишемӣ* ба як маънои истилоҳӣ далолат мекунанд.

Истилоҳ (термин) ҳамин гуна унсури луғавии забон аст. Калимаҳои решагии серистеъмоли забон ба сермаъноӣ майл доранд. *Сар, даст, дил, ҷон, дидан, паст, баланд, гирифтан, хондан, задан* барин вожаҳои забони тоҷикӣ аз ҳамин қабил воҳидҳои луғавианд:

*Сар*и савдои ту андар *сар*и мо мегардад,
Бин, ки андар *сар*и шӯрида чиҳо мегардад (Ҳофиз).

Дилаш *танг*у даҳан *танг*у миён *танг*,
Зи *дилтангӣ* шуда бар вай ҷаҳон *танг*
(Фахриддини Гургонӣ).

Раёсат ба *даст*и касоне хатост,
Ки аз *даст*ашон *дастҳо* бар Худост (Саъдӣ).

Калимаҳои *сар, танг* ва *хондан* дар фарҳанг ба чандин маъно тафсир шудаанд. Дар байти аввал «Сари савдои ту андар сари мо мегардад» ба маънои «фикру хаёли мо ҳамеша побанди моҷарои ишқи туст» ва «сари шӯрида» ба маънои «сари аз дарди ишқ ба шӯр омада», дар байти дуюм *даҳони танг* – даҳони хурд, *дили танг, дилтангӣ* – ошуфтагӣ, *миёни танг* – миёни борик, *ба касе тангӣ кардани ҷаҳон* ба маънои ба азоби рӯҳӣ гирифтор шудан омадааст. Сифати *танг* дар *даҳони танг* ба маънои аслӣ, дар *дили танг* ба маънои маҷозӣ омадааст. Дар матни охирин калимаи *даст* дар мисраи аввал ба маънои инон, ихтиёр, тасарруф, дар мисраи дуюм ба маъноҳои тариқи ҳукмронӣ, ҷабру зулм ва ба дод омадани мардуми ҷабрдида далолат мекунад.

Сермаъноии вожаҳо як навъи санъати маънавӣ – таҷнис буда, тасвир ва баёни фикрро дар асари бадеӣ, бахусус дар назм, хушобуранг ва ҷозибанок мегардонад.

**16. Аз фарҳангҳо истифода бурда хаттӣ шарҳ диҳед, ки калимаи *сар* дар ибораҳои зерин ба кадом маъно омадааст?**

Сари кӯҳ, сари роҳ, сари замин, сари ҷӯй, сари шамшер, сари сӯзан, сари хок, сари хирман, сари мӯ, сари хум, сар задан, сар хам кардан (накардан), сар тофтан, сар фуруд овардан, сари ёрӣ доштан (надоштан) бо касе, сар хӯрдан, сар бар осмон судан, ба сар давидан.

**17. Феълҳо калимаҳои асили қадима ва сермаънои форсӣ-тоҷикианд? Шумо чанд маънои феъли «хондан»-ро медонед? Ин вожа дар матнҳои зерин ба кадом маъноҳо омадааст?**

Ошиқон дарди туро давлати афзун *хонанд,*
Меҳнати ишқи туро бахти ҳумоюн *хонанд(4).*
Халқ *хонанд* маҳ аз содагӣ(6) ин рӯи аҷаб,
Варақеро, ки бар ӯ хат набувад, чун *хонанд*? (Камол).

Нависандаи(3) номаро пеш *хонд*,
Бифармуд, то нома бар вай *бихонд(4)* (Фирдавсӣ).

?

1) Калимаҳои *варақ, хат, нома* ва *нависанда* бо кадом маънои феъли *хондан* алоқаи наздики маъноӣ доранд?
2) Калимаи *меҳнат* ба кадом маъно омадааст?
3) *Бахти ҳумоюн* чӣ гуна бахт аст?

**18. Феъли *ёзидан* дар матни зерин бо кадом маъно омадааст ва муаллиф онро бо чӣ мақсад кор фармудааст?**

Ҳарчанд зани калон ин нигоҳи палонҷи худро ва маънии онро фаҳмида бошад ҳам, худро ба нодонӣ зада, наботчойро(2) гардон-гардон карда, дар ду пиёла кашид, яке аз он пиёлаҳоро ба пеши Соро ва дигарашро ба пеши палонҷаш гузошт(4).

– Ман наботчой намехӯрам, – гуфт зани хурдӣ оташинона(2). – Ба келин додан гиред(4)! Наботро амакашон барои он кас фиристодаанд(4)!

– Хуб, шумо намехӯрда бошед, ман мехӯрам… Амакаш аз барои келин фиристода бошанд ҳам, «аз давлати шолӣ курмак об мехӯрад» гуфтагӣ гапҳо ҳаст(4).

– Лекин ман шумо барин курмак нестам, ман биринҷу(1) биринҷи миёнколӣ барин *ёзида рафта истодаам*(3), – гуфт зани хурдӣ…

– Бохабар бошед, ки *ёзида-ёзида* ланҷ шуда наравед, – гуфт зани калон бо оҳанге, ки гӯё аз оташинии(2) палонҷаш завқ мегирифта бошад (С.А.).

?

1) Дар ҷумлаи «Наботро амакашон барои он кас фиристодаанд!» фикр бо кадом тобиши маънӣ ифода ёфтааст?
2) Феъли «ланҷ шудан» чӣ маъно дорад ва он таркиб хоси забони гуфтугӯ аст ё забони адабии китобӣ?
3) Чаро дар ҷумлаҳои боло ҷонишинҳои шахсии *ман* ва *шумо*ро ихтисор кардан мумкин нест?

**19. Матнҳои зеринро ба дафтар навишта, мулоҳиза кунед, ки калимаҳои *сар, ҳамсар, ҳамсарӣ* ба кадом маъно омадаанд? Мазмуни байтҳоро гӯед.**

1. *Сар* ба болинам(3) зи дарди ҳаҷр наздик омадаст(1),
К-аз *сар*и болини ман шарманда бархезад табиб
(Ҳилолӣ).

2. Дорам он *сар*, ки *сар* андар *сар*и кори ту кунам,
Бо мани дилшуда ҳарчанд *саре* нест туро(4).

3. Ба *сар*и зулфи дарозаш на дили шайдо рафт,
Ҷону *сар* низ ҳама дар *сар*и ин савдо рафт(4) (Камол).

4. Домони ту, эй бути ситамгар(2,7),
*Сар* медиҳаму намедиҳам *сар.*

5. *Ҳамсаре(2)* ёфтам, ки *ҳамсар*и ӯ
Нест кас дар диёру кишвари ӯ(4) (Низомӣ).

6. Аммо Ҳамроҳгавбоз(2) ҳанӯз ҳам намеҷунбид ва *сар*и хамшудаашро(3) аз *сар*и синааш намебардошт(4); Чорсад нафар... ба дасти гумоштагони Раҳимхон афтода, кушта шуданд ва *сар*они онҳо ҳам ба *сар*и калламанора баромад(4); ...бо Арбобкамол(6) дар давлат, сарват ва эътибор *ҳамсарӣ(2)* дошт (С.А.).

?

1) Дар байти аввал кадом калимаҳо бо ҳамдигар таносуби маъноӣ доранд?
2) Дар ҳамон байт чаро калимаи «болин»-ро бо «болишт» иваз кардан мумкин нест?
3) Дар байти чорум *сар додан* ба кадом маъноҳо омадааст?
4) Калимаи *ҳамсар* дар байти панҷум-чӣ?

## Омоним (ҳамгуна)

!

Калимаҳои сермаъно ба омонимҳо шабоҳат доранд. Фарқ танҳо дар ин ҷост, ки байни маъноҳои гуногуни калимаҳои сермаъно аз ҷиҳати монандии зоҳирии ашёю аломат ё амал ва ё аз лиҳози вазифа робитаи маъноӣ вуҷуд дорад, вале омонимҳо калимаҳои тамоман гуногунанд, бо якдигар алоқамандии маъноӣ надоранд ё як вақтҳо дошта бошанд ҳам, ҳоло он тамоман ноаён гардидааст. Калимаҳои решагии тоҷикии *бар* ба маъноҳои феъли фармоиш, пешоянди аслӣ, исми ҳосили дарахт, ченаки сатҳ, оғӯш, инчунин дар таркиби *баҳру бар*и арабӣ бо маънои хушкӣ, калимаи байналмилалии *бар* ба маънои як навъи тарабхона омоним шудаанд.

Омонимҳо мисли калимаҳои сермаъно дар услубҳои бадеӣ, рӯзноманигорӣ ва муошират ҳамчун воситаи тасвири бадеӣ – санъати таҷнис истифода мешаванд:

1. Фарқ аст миёни он, ки ёраш *дар бар*
Бо он, ки ду чашми интизораш *бар дар* (Саъдӣ).

2. Қарор аз дили ман рабуд он *нигор*
Бад-он анбарин(2) турраи беқарор.
*Нигор* аст рухсораи ман ба хун
Зи ҳиҷрони рухсораи он *нигор* (Рӯдакӣ).

3. Ман ки имрӯз ҳалоки *дам*и ҷонбахши туям,
*Дам*и Исо чӣ кунам, чун *дам*и ту ин *дам* нест?
(Ҳилолӣ).

Дар байти Саъдӣ омоними пешоянди *дар* ва исми *бар* (назд, оғӯш) ва пешоянди *бар* ва исми *дар* (даромадгоҳи хона) – омонимҳои луғавию грамматикӣ, дар мисраъҳои Рӯдакӣ омонимҳои луғавии *нигор* (маъшуқа ва рангин), дар байти Ҳилолӣ омонимҳои луғавии *дам*и ҷонбахш (висоли ёр), *дам*и Исо (нафаси зиндакунандаи Исо пайғомбар), *дам*и ту (висоли ёр), ин *дам* (ҳоло, ин замон) омадааст.

**20. Бо маъноҳои гуногуни калимаҳои *хор, боз, банд, бор, ток, чанг, газ, сахт, шаст* ибора ё ҷумла созед ва сарчашмаи пайдоиши омонимҳоро гӯед. Аз фарҳангҳо истифода бурда тафовути маъноии омонимҳоро шарҳ диҳед.**

! Омонимҳо дар гуфтор ҳамгуна шаванд, овозӣ (омофон), дар навиштор ҳамгуна шаванд, навишторӣ (омограф) меноманд:

Имрӯз шоҳи анҷумани *дилбарон*(3) якест,
Дилбарон агар ҳазор бувад, *дил бар он*(3) якест.

Қобили ин гуфтаҳо шав *гӯшвор*(1),
То ки аз зар созамат *гӯшвор*(2).

Ҳангоми қироати байти аввал исми *дилбарон* бо таркиби *дил бар он* якгуна ба гӯш мерасад. Дар байти дуюм ду

калимаи *гӯшвор* дар навишт якгуна, вале аз лиҳози ҷойи задаи калима аз ҳамдигар фарқ мекунанд: дар калимаи *гӯшвор* (гӯш барин) задаи ҳиҷои охирин ноаёнтар, вале дар калимаи *гӯшвор* (асбоби зебу зинат) хеле равшан эҳсос мешавад.

**21. Матнҳои зеринро навишта, бурро ва шунаво хонда, гӯед, ки кадом навъҳои омонимҳо истифода шудаанд:**

1. Тори зулфатро ҷудо машшота гар аз шона кард,
Дасти он машшота мебояд ҷудо аз шона кард(4)
(Хусрави Деҳлавӣ).

2. Макун раҳм бар мардуми бисёрхор(2),
Ки бисёрхор(2) аст бисёр хор(4) (Саъдӣ).

3. Хуршед, ки нури дидаи офоқ аст,
То банда нашуд пеши ту, тобанда нашуд(4).

4. Гулнор бадеҳагӯйиро(6) ба роҳи дигар гардонданӣ(3) шуда гуфт:
– Ёдгор, ту «Шоҳдухтар»-ро(6) медонӣ?
– Ҳо, шоҳдухтарро(6) ман надонам, боз кӣ медонад?
– Донӣ, гӯй!(4,7)
– Шоҳдухтар(6) – худи ту-дия! (С.А.).

## Вожаҳои наздикталаффуз (паронимҳо)

Сабаб чӣ бошад, ки баъзе мактабиён номи чунин кишварҳо, мисли *Шветсия* ва *Шветсария*, *Австрия* ва *Австралия*, ҳатто *Арктика*ро бо *Антрактида* омехта мекунанд? Баъзан калонсолон ҳам ба ҷойи *бӯҳрони иқтисодӣ бурҳони иқтисодӣ* мегӯянд. Ҳол он ки маънои истилоҳи *бӯҳрон* ба русӣ «кризис» ва *бурҳон* «далел» мешавад. Сабаб ин аст, ки он калимаҳои ҷуфт аз ҷиҳати таркиби овозиашон ба якдигар хеле наздиканд. Чунин калимаҳо ҳамреша бошанд (ба мисли *давр – давра, замон – замона, сарф – сарфа, қувва – қувват,*

*байн – мобайн, маҳал – маҳалла* ва ғайра), **пароним** (юнонии **para** «наздики» ва **onyma** «ном ё наздикном»), гуногунреша бошанд (монанди *сурат – суръат, нукта – нуқта, зарар – зиён, набз – назм* ва ғайра), дар забоншиносӣ **паронимаз** (юнонии **para** «наздики» ва **onomazo** «меномам») ном бурдаанд. Дар забоншиносии тоҷик Т. Зеҳнӣ чунин калимаҳоро ба тарзи умумӣ *наздикталаффуз* номидааст:

Табиб дасти худро ба тарафи саройбон дароз карда: «Канӣ, дастатонро диҳед, *«назм»*-атонро бинам» – гуфт (С.А.); Дар ҳамон ҷо ду пояшро дароз карда ба рӯйи хок нишаст ва ҳамчун кӯдак ба гиря сар кард. *Ҳунгидан*и ӯ аз *ҳангидан*и хӯтукча ҳеҷ монданӣ надошт (Ҳ.К.). Инак, як суруди дигарро дар иҷрои ҳофизи дӯстдоштаатон ба *самт*и шумо мерасонем (Радио).

Дар мисоли аввал нависанда аз забони табиб ба ҷойи калимаи *набз* дар нохунак *назм*ро оварда, ба нодонии табиб ишорае кардааст. Дар мисоли дуюм гиряи бадмастро ҳаҷвомез бо ҳангидани хӯтук қиёс намудааст. Дар мисоли сеюм гӯяндаи радио зоҳиран тафовути калимаҳои арабии *самъ*ро аз *самт* намедонистааст.

Надонистани тафовути маъноии калимаҳои наздикталаффуз боиси ғалатҳои дағали луғавӣ мегардад. Чунин ғалатҳо на танҳо дар корҳои хаттии хонандагон, балки дар забони матбуоти имрӯза ҳам мушоҳида мешаванд:

Барои *қаноатманд* намудани талаботи зиёд ба тарҷумонҳо дар бисёр мамлакатҳо мактабҳо таъсис дода шудаанд; Саволҳои одии писарак гувоҳи он буданд, ки дар бораи компютер *таассурот*и кӯчак доранд; Агар дар харидории *масоил*и палав ба гуфтаҳои мо риоя кунед, ошатон ҳам арзону ҳам табъи дил хоҳад шуд.

Рӯзноманигор фарқи маъноии *қонеъ намудан, тасаввурот* ва *масолеҳ*ро аз *қаноатманд намудан, таассурот* ва *масоил* (шакли ҷамъи шикастаи арабии *масъала*) надонистааст.

Илова бар ин, ба ҷойи сифати *кӯчак* калимаҳои маъмули тоҷикии *кам, андак, ночиз* ва ба ҷойи *харидорӣ* вожаи *харид* ё *харидан*ро истифода кунем, матлаб саҳеҳтар ифода меёбад.

**22. Калимаҳои наздикталаффузи зерин чӣ маъно доранд? Бо ҳар кадоми онҳо ибора ё ҷумла созед ва тафовути маъноии онҳоро шарҳ диҳед:**

Ризо – розӣ, рустан – растан (рустанӣ – растанӣ), сукут – субут, фурӯ гирифтан – фаро гирифтан, қувва – қувват, мулоим – мулоимат, ҳимоя – ҳимоят.

**23. Кадом шакли калима дуруст аст? Онро ба дафтар нависед ва барои асоснок будани дурустии интихоби худ ба луғатҳо муроҷиат намуда собит кунед.**

*Мусбӣ* ё *мусбат, зарурат* ё *зарурият, фарқ* ё *фарқият, хатогӣ* ё *хато, ҳайратомез* ё *ҳайратангез, пандомӯз* ё *пандангез*?

**24. Аз матнҳои зерин калимаҳои наздикталаффузро нависед ва хаттӣ шарҳ диҳед, ки аз ҳамдигар чӣ тафовути овозӣ доранд ва онҳо дар матнҳо бо кадом мақсад кор фармуда шудаанд.**

1. Ишқу ашк пинҳон намемонад; 2. Мард барои ном мемирад, номард барои нон(4); 3. Дар пеши бача «ҳавлӣ»(1) нагӯй, ки «ҳалво» мешунавад; 4. – Аз дасти меҳнаткашони ситамдида(3), ки ба даст яроқ гирифтаанд, сари худро саломат гирифта гурехтан ҳам барои амир як зафар аст: ҳарчанд ҷаҳонгир нашавад ҳам, дар хоки бегонагон дар ба дар гашта «ҷаҳонгард» мешавад(4) (С.А.).

5. Мехостам,(7) осуда ба кунҷе бинишинам,
Ногаҳ болои ту барангехт(2) балоро (Ҳилолӣ).

## Синоним (муродиф)

? 1) Синоним (муродиф) чист?
2) Чӣ гуна воҳидҳои забон муродиф мешаванд?
3) Чӣ гуна калима ва таркибҳоро муродифи луғавӣ меноманд?
4) Муродифҳои луғавӣ калимаҳои баробармаъноянд ё тафовуте ҳам доранд?
5) Муродифҳои маъноӣ ва услубӣ чӣ гуна силсилаи калимаҳои ҳаммаъноянд?
6) Чӣ гуна муродифҳои луғавиро матнӣ мешуморанд?
7) Муродифи луғавӣ аз вариант (қарина) чӣ фарқ дорад?
8) Муродифҳои луғавӣ чӣ хусусияти услубӣ доранд?

**25. Матнро ба аломатҳои ист риоя намуда, бурро ва беғалат қироат кунед, калимаҳои ҳаммаъноро (муродиф ё синонимро) ёбед ва шарҳ диҳед, ки онҳо аз ҳамдигар чӣ тафовути маъноӣ ё услубӣ доранд?**

Шумо гумон накунед, ки ин ҷӯйборҳо ҷӯйҳои калон ва обҳояшон ғурришдори ғалтон бошанд(4). Не(4). Мо аз тангии иборат ба ин ном ёд кардем, вагарна паҳнобе буд, қадаш аз қомати сабза ва себаргаҳои(2) навхезе(2), ки дар роҳи ҳаракати ӯ рӯйида буданд, баландӣ надошт ва садои ҳаракаташ аз овози ҷунбиши(2) зангӯлаи симини(2) сари зулфи симбарони(2) нозукхироми(2) тоҷик тафовуте намекард (С.А.).

? 1) Дар ин матн *шумо* – киҳо ва *мо* кист? Ин тарзи оғоз намудани тасвир бо кадом ғарази услубӣ воқеъ гардидааст?
2) Дар ибораи *тангии иборат* кадом калима бо маънои аслӣ ва кадом калима маҷозан кор фармуда шудааст?
3) Калимаҳои *ҷӯйбор, ҷӯйҳо* ва *паҳноб*ро муродифи луғавӣ шуморидан мумкин аст магар?
4) Дар ифодаҳои *сабза* ва *себарга*, *зангӯлаи симини сари зулфи симбарони нозукхиром* чӣ имкони муассири савтӣ истифода шудааст?

! Синонимҳо (юнонии synonymos «ҳамномҳо») чунин калимаҳоянд, ки ба як ҳиссаи нутқ тааллуқ дошта, маънои

(ё яке аз маъноҳои) луғавиашон комилан бо ҳамдигар мувофиқ меоянд ва ё бо тобишҳои маънои луғавӣ ва обуранги услубиашон аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Муродифҳои *назмшиносӣ* ва *поэтика*, *математика* ва *риёзиёт* (*риёзӣ*), *изофат* ва *бандаки изофӣ*, *ҳамеша* ва *доимо* истилоҳ ва калимаҳои баробармаъноянд ва дар забон бо маънои муштарак ба андозаи баробар ба кор бурда мешаванд. Ин ҳодисаро бештар дар истилоҳоти илмӣ мушоҳида мекунем: *духтур – пизишк, зоотехник – ветеринар – молдухтур.*

Дар услубшиносӣ ҷиҳатҳои фарқноки муродифҳо муҳимтаранд:

1. Муродифҳо бо тобишҳои маъно аз ҳамдигар фарқ мекунанд, бинобар ин дар ҳама гуна мавридҳо якдигарро иваз карда наметавонанд: Ман дар дили худ гуфтам, ки: «Ман ин тангаро аз дасти ин аблаҳ *хоҳам ситонд*» (Восифӣ). Феъли *ситондан* аз *гирифтан* ва *рабудан* бо тобиши зӯран гирифтан фарқ мекунад. Дар силсилаи муродифҳои *овоз, садо* ва *бонг* калимаи охирин овози баланд ва пурҳайбатро ифода мекунад. Калимаи *овоз* ба ҷонзодҳо ва *садо* ба ҷисмҳои беҷон нисбат дорад.

2. Дар муродифҳои луғавӣ на танҳо мафҳумҳои ашё, аломат ва амалу ҳолат, балки баҳои мусбат ё манфие ҳам ифода меёбад, ки онро сарбории маънои ҳиссӣ ё обуранги ҳиссии мусбат ё манфии вожаҳо меноманд. Аз ин ҷиҳат дар силсилаи муродифҳои луғавӣ як калима мафҳумро холисона, вале муродифи дигари он ғаразнок ифода мекунад. Масалан, калимаи *ҷанг* амалро мӯътадил, *набард* бо обуранги ҳиссии мусбат, *пой* мафҳуми узви баданро мӯътадил, *линг* бо обуранги ҳиссии манфӣ ифода мекунад. Дар сурати ба назар нагирифтани чунин сарбории маънои калимаҳо ғалати услубӣ, яъне бемавқеъ кор фармудани унсурҳои луғавӣ рӯй медиҳад: Як ҷавони тахминан(2) бистсола… чашмонаш дурахшон, лекин андешаманд, пешонааш фарох, лекин пурчин, *рухсора*аш чун себи сурх тобон, лекин ғамгин(4), ки

аз *башара*аш андешамандӣ намоён буд, ба хаёл фурӯ рафта дар гӯшае аз бошишгоҳи мардум дуртар(4) менишаст.

Дар ин матн аз силсилаи муродифҳои *рӯй* калимаҳои *рухсора* ва *башара* ба як шахс нисбат дода шудааст. Калимаи *рухсора* обуранги мусбат, вале вожаи *башара* тобиши манфӣ дошта, истеъмоли калимаи *башара* ғалати услубист.

3. Ҳама гуна муродифҳои луғавӣ ҳам дар забони гуфтугӯ, ҳам дар забони хаттӣ ё китобӣ ва дар услубҳои гуногуни нутқ (расмӣ, илмӣ, бадеӣ, рӯзноманигорӣ ва муошират) яксон кор фармуда намешаванд. Дар силсилаи муродифҳои *мактуб, нома* ва *хат*; *хуб, беҳ* ва *нағз* калимаҳои *нома* ва *беҳ* дар забони адабии китобӣ маъмул бошанд, калимаҳои *хат* ва *нағз* дар гуфтугӯйи омиёна, калимаҳои *мактуб* ва *хуб* дар ҳар ду маврид ҳам мустаъмаланд, бинобар ин калимаҳои аввалро обуранги услубии хаттӣ ё адабии китобӣ ва гуфтугӯйӣ дорад, мегӯянд, вале калимаҳои охиринро умумиистеъмол меноманд. Дар матни илмии зерин калимаи гуфтугӯйии *нағз* бемавқеъ истеъмол шудааст: Ба ҳар як калима ё истилоҳи тоҷикӣ дар тарҷума эквиваленти *нағз*и украиниаш дода шудааст (Маҷалла). Ба ҷойи *эквивалент* калимаи *муодил* ва ба ҷойи *нағз* калимаи *мувофиқ* ё *созгор*ро кор фармудан лозим буд.

4. Муродифҳои луғавӣ аз ҷиҳати доираи маъно, дараҷаи истеъмол, таносуби маъноию грамматикиашон, ки бо калимаҳои дигар доранд, низ фарқ мекунанд. Доираи маънои калимаи *рӯй* назар ба *рух* ва *рухсора,* калимаи *қад* нисбат ба муродифҳои дигараш *қомат* ва *боло* хеле васеъ аст, бинобар ин бо миқдори зиёди калимаҳо алоқаманд шуда, таносуби маъноӣ пайдо карда метавонад. Баландии ҳама гуна ҷисмҳоро *қад* гуфтан мумкин аст: *қади одам, қади девор, қади сафедор, қади об* ва ғайра, вале калимаҳои *қомат* ва *боло*ро танҳо ба қади баланду мавзуни ҷавон ё шахси мӯътабар нисбат додан мумкин аст. Варианти *болишт* назар ба *болин* доираи васеътари таносуби маъноӣ дорад. «Ӯ дигар аз *болишт*и беморӣ сар набардошт» гӯем, ғалат мешавад, зеро бо калимаи *беморӣ* танҳо калимаи *болин* таносуби наздики маъно дорад:

Бар сари *болин* табиб аз гиряи ман зор шуд,
Аз барои сиҳҳати ман омаду бемор шуд (Ҳилолӣ).

Дар ин байт калимаи *болин* бо калимаҳои *сар, табиб, сиҳат* ва *бемор* таносуби наздик ва бо калимаҳои *гиря* ва *зор шуд* таносуби дури маъно дорад.

Феълҳои *дидан*, *нигаристан, нигоҳ кардан* ба як маънои умумӣ далолат кунанд ҳам, аз лиҳози имконоти грамматикии васлшавӣ бо калимаҳои дигар фарқ мекунанд: феъли *дидан* мафъули (объекти) бевосита (*чиро* ё *киро*?), феъли *нигоҳ кардан* мафъули бавосита (*ба чӣ* ё *ба кӣ*?) қабул мекунад.

**26. Муродифҳои *хабар, мужда, навид* ва *пайғом* бо кадом тобиши маъно аз ҳамдигар фарқ мекунанд? Чаро шоир дар ин байт хабари омад-омади фасли баҳорро *мужда* гуфтааст, вале ба бум вогузоштани хабари нохушро воҷиб донистааст? Дар байти дигар кадом таркибу калимаҳо ҳаммаъно шудаанд ва сабаби дар як ҷумла кор фармуда шудани онҳо чист? Интихобан бо он муродифҳо шумо ҳам панҷ ҷумла нависед.**

Булбуло, *мужда*и баҳор биёр,
*Хабар*и бад ба бум боз гузор (Саъдӣ).

Дар ҳеҷ кас ба чашми ҳақорат назар макун,(7)
То дар ту ҳам ба дидаи таҳқир нангаранд (Ансорӣ).

?

1) Чаро ифодаи «бад ба бум» мисли «баҳор биёр… гузор» осон ва суфта талаффуз намешавад?
2) Калимаҳои *ҳақорат* ва *таҳқир* чӣ гуна муносибати маъноӣ доранд?
3) Дар забони имрӯза кадом тарзи ифода маъмул аст: **ба** ё **дар** *касе назар макун (накун)*?
4) Чаро дар байти аввал баъд аз калимаи *булбуло* ва дар охири мисраи якум аломати вергул гузошта шудааст?

!

Дар байти аввал калимаҳои *мужда* ва *хабар* муродифанд. Онҳо тафовути маъноӣ ва услубӣ доранд: доираи истеъмоли *мужда* маҳдуд буда, дар забони адабии китобӣ ба

кор бурда мешавад ва хоси услуби баланд ё малеҳи (орифонаи) баён аст. Доираи истеъмоли *хабар* васеъ аст, дар забони гуфтугӯ ва хаттӣ баробар кор фармуда мешавад, бинобар ин вожаи умумиистеъмол ба шумор меравад. Калимаҳои *булбул, баҳор, биёр, бад, бум, боз гузор* низ аз ҳамин қабиланд. Дар манзари (фони) онҳо калимаи *мужда* бо обуранги тару тоза ва гуворо фарқ мекунад, яъне хусусияти услубӣ ва ё обуранги услубии забони китобӣ (хаттӣ) зоҳир мекунад. Устодони сухан аз такрори бемавқеи калима худдорӣ мекунанд, то ки он забонзада ва дилгиркунанда нашавад, чунон ки Абдуллоҳи Ансорӣ дар мисраи аввал *чашми ҳақорат* ва *назар макун*, вале дар мисраи дуюм *дидаи таҳқир* ва *нангар* гуфтааст. Ҳамин гуна маънoҳои услубии воҳидҳои мухталифи забон мавзӯи баҳси услубшиносӣ аст.

**27. 1. Муродифҳои луғавии зерин аз ҳамдигар чӣ тафовути маъноӣ ё услубӣ доранд?**
**2. Бо муродифҳои яке аз силсилаҳо ду-се ҷумла созед.**

*Чашм – дида – айн – наргис – ҷоду, зуд – тез – даррав, касалиҳои гузаранда – бемориҳои сирояткунанда, мӯйсафед – пиракӣ, гузоштан – мондан – ниҳодан, гуфтан – баён кардан – ироз доштан – қисса кардан – ҳикоят кардан – нақл кардан, ангушт – чилик – лелак, серноз – нозпарвар – инҷиқ, қабул кардан – пазируфтан.*

**28. Матни зеринро ба дафтар нависед ва ба зери муродифҳо хат кашед ва хаттӣ эзоҳ диҳед, ки чӣ гуна воҳидҳои забон ҳаммаъно шудаанд ва чаро ба ҷойи якдигар кор фармудани онҳо на ҳамеша имконпазир аст? Дар ин матн сухан дар бораи гирифтани моҳ меравад, ки Аҳмади Дониш пешгӯйӣ карда буд.**

Аҳмади Дониш бодиққат(6) он рақамҳоро аз назар гузаронид. Гоҳо ба соат нигоҳ карда, баъд аз он ба осмони соф, ки дар вай моҳи пурра нур мепошид, чашм дӯхт. Як вақт забонаш гирифта-гирифта: «Ба-ба осмон ни-нигаред», – гуфт ӯ. Ҳама ба осмон нигаристанд.

**29. Ҷумлаҳои зеринро бодиққат хонед ва мувофиқи мазмуни матнҳо ба ҷойи сенуқта аз силсилаи муродифоти калимаю воҳидҳои фразеологии *дидан, чашм дӯхтан* ва ғайра калима ё таъбири мувофиқро гузоред.**

1. Зарафшонро пеш аз ин ман бисёр… ва манзараҳои онро дар Самарқанд, дар Миёнколот, дар деҳаи Соктаре…; 2. Муҳаббат камсавод буд, ҳарчанд ба рӯйи коғаз…, хонда натавонист; 3. Ман ба тарафи торикии шаб, ба тарафи дарё ва кӯҳсори сарбафалаккашида… саҳифаҳои сиёҳи таърихро аз хаёл мегузаронидам; 4. Ҷавон аз асп фуромада, ба атрофаш эҳтиёткорона…; 5. Гӯё дар умраш аввалин бор…, (маро, ба ман, аз ман)…; 6. Чӯпон дар баландӣ хомӯш истода (марғзорро, ба марғзор, аз марғзор)…; 7. Кампир саросемавор (гирду атрофи ҳавлиашро, ба гирду атрофи ҳавлиаш)…, лекин ҷойи муносиби пинҳонкунӣ наёфт.

**30. Аз силсилаи муродифҳо калимаҳои мувофиқро интихоб карда, ҷумлаҳоро ба дафтар нависед ва шарҳ диҳед, ки чаро маҳз ҳамин калимаро интихоб намудед.**

1. Соатҳои дароз аз пайи трактору комбайнҳо (*тохта, давида*) на хастагиро *(мефаҳмиду*, *медонисту*) на гуруснагиро. 2. Оҳуро аз сайёд ба дираме бихарид ва (*бираҳонид, раҳо кард*) ва гуфт: «Он ки(б) бегуноҳеро аз куштан (*бираҳонад, раҳо кунад*), ҳаргиз бегуноҳ кушта нашавад. 3. Саворон дар талоши гелос шоху навдаҳои онро мешикастанд ва аз дасти якдигар (*мегирифтанд, меситонданд, мерабуданд*). 4. Араҷи шӯр аз ҷабин бо гӯшаи чашм ва кунҷи лабонаш (*мечакид, мерехт, метаровид, мешорид*). 5. Ҳама мегуфтанд, ки обу ҳавои дараи Варзоб ғубори дилро (*тоза мекунад, мебарорад*) ва занги дилро (*тоза мекунад, мезудояд).*

**31. Муродифҳо аз ҳамдигар чӣ тафовути маъноӣ ё услубӣ доранд ва дар матнҳои зерин бо чӣ мақсад кор фармуда шудаанд?**

Ноне, ки фақир *мебахшад*, ҳазор нон *арзиш дорад*, ноне, ки доро *медиҳад*, беш аз як нон *намеарзад* (Ҳиҷозӣ). 2. Лекин

ин гуна сангҳо ба сабаби боронҳои баҳорӣ *покиза* ва *мусаффо шуда буданд*. 3. Ҳарчанд ман аз Бухоро рафта, *таҳсил карданам* умеди худро канда бошам ҳам,(7) дар он миён воқеае рӯй дод, ки барои Бухоро рафта *хонданам* имкон пайдо шуд. 4. Одина ягон-ягон(6) рамаро *аз назар гузаронда, дид*, ки як буз бо як гӯсфанд дар миён нест (С.А.).

?

1) Дар матни аввал феълҳои *арзиш дорад* ва *меарзад* чӣ гуна воҳиди забонанд, аз кадом ҷиҳат муродиф ва бо чӣ мақсад истифода шудаанд?
2) Дар ҷумлаи чорум *аз назар гузаронид* ва *дид* чӣ гуна воҳиди забонанд ва бо ҳамдигар чӣ муносибати маъноӣ доранд?

!

Дар ҳама забонҳои олам аз такрору забонзада шудани калима ҳазар мекунанд. Такрор аслан ду навъ мешавад: такрори унсурҳои луғавию грамматикӣ (калимаҳои мустақилмаъно ва номустақил), такрори маъно. Дар такрори луғавӣ як калима, таркиб ё ибора дар як ҷумла чанд маротиба такрор мешавад. Чунин такрор бо ягон ғарази услубӣ воқеъ шуда бошад, такрори дуруст ва бамавқеъ, бе зарурат воқеъ шуда бошад, такрори нодуруст ё бемавқеъ мешавад.

Такрори маънӣ он аст, ки калима ё таркибҳои гуногуни ҳаммаъно ё наздикмаъно дар ҷумла омада, ба мазмуни ҷумла чизе зам намекунанд ва аз партофтани яке аз он калима ё таркибҳо мундариҷаи ҷумла осеб намебинад, баръакс, ҷумла кӯтоҳ, гуфтану фаҳмидан осон мегардад:

Роҳбарияти корхона ба интихоб, тарбия ва ҷо ба ҷо гузоштани кадрҳо *мудом* диққати *доимӣ* медиҳад. Дар ин ҷумла калимаҳои *мудом* ва *доимӣ* ба як маъно далолат мекунанд, бинобар ин яке аз онҳоро ихтисор кардан лозим аст.

Такрори бамавқеъ бо ягон ғарази услубӣ воқеъ мегардад: Ин лаҳза гӯё *ду* олиҳаи ҳусну зебоӣ, *ду* дили пур аз орзу, *ду* қалби моломоли меҳр, *ду* ҷисми саропо оташи муҳаббат рӯ ба рӯйи ҳамдигар меистоданд; Инак чоршанбеи оянда Маҳмуд Аббос *савганд* ёд мекунад, *савганди* вафодорӣ, *савганди* ифти-

хор, *савганди* эҳёи сиёсати нави миллии Фаластин, *савганди* раҳоии миллати Фаластин аз ишғоли ғосибон, *савганди* Байтулмуқаддас, қудси Шариф (Рӯзнома); Биё, то ки ман акнун ба ту *таронаи* одами озод, *таронаи* бахт, *таронаи* саодатро суруда заминҳои зарбахши колхозамонро биронам (Ҳ.К.).

Дар бобати такрори сухан дар назм ақидаи Носири Хусрав чунин аст:

Дар шеър зи такрори сухан боке нест,
Зеро ки хуш ояд сухани нағз ба такрор.

Вале ба андешаи Низомии Ганҷавӣ:

Забон гарчи бошад чу оби зулол,
Зи такрор хезад ғубори малол.

Ҷонишинҳои шахсӣ дар шеър бе зарурат кор фармуда намешаванд, чунки аз шакли феъл аён мегардад, ки соҳиби амалу ҳолат ва аломат кист: Агар дашном фармоӣ, ва гар нафрин, дуо гӯям… Дар ин ҷо ҳоҷат ба зикри *ту* ва *ман* нест: Агар *ту* дашном фармоӣ ва гар нафрин, *ман* дуо гӯям… Аммо дар мавриди дигар ҷонишин ифшогари эҳсосоти шоир аст, агар он зикр наёбад, таъсири шеър костагӣ пайдо мекунад. Ҷонишинҳои *ман* ва *ту* ба тариқи қиёс такрор омада бошанд, задаи мантиқӣ мегиранд ва маънои соҳибони амал таъкид меёбад:

Чаро *ман* зафарманду *ман* сарбаланд,
Чаро *ту* ҳақиру чаро мустаманд?(7)
Чаро аз рухи *ман* саодат падид,
Чаро *ту* дар уммеди рӯзи саид? (М.Т.).

## Муродифоти воҳидҳои дигари забон

Феъли *меарзад* аз ҷиҳати сохт содда, вале *арзиш дорад* таркибист. Онҳо аз лиҳози сохт муродиф шудаанд ба мисли *хандид – ханда кард, мекӯшад – кӯшиш мекунад.*

Исмҳои *дуторӣ – дуторчӣ – дуторнавоз*, сифатҳои *боҳунар – ҳунарманд*, зарфҳои *ором – оромона* низ аз ҷиҳати калимасозӣ хусусияти ҳаммаъноӣ пайдо кардаанд ва дар ҷумла ба вазифаи муштараки наҳвӣ меоянд.

Феъли *дидан* бо воҳиди фразеологии *аз назар гузаронидан* ҳаммаъно шудааст. Муродифоти вожаҳо бо воҳидҳои фразеологӣ имконоти интихоб ва саҳеҳ баён кардани фикрро васеътар мекунанд: *мурдан – вафот кардан – ҳалок шудан – даргузаштан – аз олам чашм пӯшидан – рахти сафар барбастан – бандагиро ба ҷо овардан* ва ғайра бо тобишҳои гуногун ба як маънои ҳолат далолат мекунанд.

Воҳидҳои фразеологӣ ҳам силсилаи муродифотро ташкил медиҳанд: *дил бохтан – булбули шайдо шудан* (ошиқ шудан), *гул-гул шукуфтан – қабат-қабат гӯшт гирифтан – ба куртаи худ нағунҷидан – сари касе ба осмон расид – чашми касе равшан шуд – дар чашми касе оташи шодӣ барқ зад* (шод шудан).

Унсурҳои сарфӣ ҳам аз ҷиҳати маънои грамматикӣ ҳаммаъно мешаванд: *шоирҳо – шоирон – шуаро* (маънои грамматикии ҷамъ), роҳи *дуртарин – аз ҳама дур – дури дур* (маънои грамматикии дараҷаи олӣ).

– Биёед, Олимӣ, дигар эуфеллин (як навъи доруи бемории дил) *истеъмол накунем...* (Ф.М.) // – Олимӣ, дигар эуфеллин *истеъмол накун...*

Феълҳои *истеъмол накунем* (сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ, замони ҳозира-оянда, шахси якум, шумораи ҷамъ) фармоишро бо мулоимат, вале *истеъмол накун* (сиғаи амрӣ, замони ҳозира-оянда, шахси дуюм, шумораи танҳо) бо дуруштӣ ифода мекунад.

Воҳидҳои наҳвии забон низ дар ифодаи муносибатҳои маъноӣ бо ҳамдигар муродиф мешаванд: *орзуи ягонаи Раҳимабегим // ягона орзуи Раҳимабегим // Раҳимабегимро орзуи ягона // Раҳимабегим-а орзуи ягонааш; Бо чашми хирад бояд дид ҷаҳон // Ҷаҳонро бо чашми хирад дидан лозим аст.*

**32. Бо усули тағйир додани шакли феъл ва сохти ҷумла (таъвиз ё ивазкунӣ ва ё трансформатсия) силсилаи муродифҳои грамматикӣ созед ва шарҳ диҳед, ки муродифҳо бо кадом тобишҳои маъно ва мавқеи истеъмолашон аз ҳамдигар фарқ мекунанд:**

1. Ман туро фаромӯш нахоҳам кард ва ту ҳам маро фаромӯш намекунӣ // …

2. Ман Сочиро дидагӣ не // …

3. Магар ба ҳамин Мирзои урганҷӣ бовар кардан мумкин аст? // …

**33. Тарзҳои гуногуни ифодаи як фикрро бо ҳам муқоиса намуда, тафовути сохтори ҷумларо муайян кунед:**

Гулбибиро мо намегӯем, ки аз дебо қабо дошт // …мегӯем, ки аз дебо қабо надошт; Гулбибиро мо намегӯем, ки қабои дебо дошт // Гулбибиро мо мегӯем, ки қабои дебо надошт; Мо намегӯем, ки Гулбибӣ аз дебо қабо дошт // Мо мегӯем, ки Гулбибӣ аз дебо қабо надошт; Мо намегӯем, ки Гулбибӣ қабои дебо дошт // Мо мегӯем, ки Гулбибӣ қабои дебо надошт; Гулбибӣ қабои дебо надошт // Гулбибӣ куҷою аз дебо қабо пӯшидан куҷо?

С. Айнӣ аз ин ҳама қолабҳои ифодаи як мазмун муродифи аввалро интихоб кардааст:

Гулбибиро мо намегӯем, ки аз дебо қабо, аз катон пироҳан, аз зарбафт камзӯл, аз махмал калтача, аз фарангӣ сарбанд, аз дурру марворид овеза ва гарданбанд, аз зари холис дастпона ва аз алмос ангуштарин дошт, зеро ин ҳама асбоби зинат ва зеваре, ки шумурда шуд, на ин ки ба монанди Гулбибӣ як духтари фақири ятима, балки ба сарватдорони кӯҳистон ҳам ёфт намешавад.

Ин қолаби ифода аз ду ҷиҳат аз тарзҳои дигари ҳаммаъно фарқ мекунад: якум, муаллиф таъкид карданист, ки ин ҳама либосҳо маҳз аз чӣ гуна матоъҳои гаронбаҳо ва ноёб дӯхта шудаанд ва он асбоби зевар аз чӣ навъ ҷавоҳирот ва сангҳои арзишманд сохта шудаанд, дуюм, ба тасвир ё шарҳи ҳол бо

ҷонишини *мо* худро шоҳиди ҳол нишон додани муаллиф дар насри бадеии тоҷик падидаест, ки тимсоли он дар осори гузаштагон мушоҳида намешавад. Аҳамияти услубии ин тарзи баёни фикр он аст, ки тасвир ранги ҳақиқати воқеӣ мегирад, ки шоҳиди ҳозиру нозири он гӯё худи муаллиф аст.

## Антоним

?

1) Антоним чӣ гуна калима аст?
2) Он аз калимаҳои ҳаммаъно чӣ фарқ дорад?
3) Чӣ гуна калимаҳоро антонимҳои матнӣ меноманд?
4) Антоним аз санъати тазод (контраст) чӣ фарқ дорад?
5) Чаро антонимҳо бештар дар зарбулмасал, панду андарзҳои мардумӣ ва ашъори шоирон ба кор бурда мешаванд?

!

Антонимҳо (юнонии anti зидди, муқобили ва onyma ном) ё калимаҳои зидмаъно чунин воҳидҳои луғавианд, ки маъноҳои муқобили ҳамдигарро ифода мекунанд. Ҳама гуна калимаҳо антоним надоранд. Дар калимаҳои сермаъно мумкин аст, ки ҳар кадоме аз маъноҳо антоним дошта бошад: бори гарон – сабук, нархи гарон – арзон; қади паст – одами паст:

*Захми теғу тир* чун хоҳӣ кашид,
Чун ту аз *захми забон* бигрехтӣ (Ҷалолиддини Румӣ).

Калимаҳои муқобилмаъно ҳамреша ва гуногунреша мешаванд. Дар ташаккули ҷуфти антонимҳои ҳамреша унсурҳои калимасози забон ёрӣ мерасонанд: одами *доно – но-дон; бо-хирад, хирад-манд – бехирад; ҳунар-манд, пур-ҳунар – беҳунар; уҳдабаро – ноуҳдабаро* ва ғайра.

Калимаҳои муқобилмаъно дар таркиби ибора ё ҷумла омада, ба василаи муқобилгузории ашё, аломат, ҳолат, амал, ҳодисаҳои табиат, воқеаҳои зиндагӣ моҳияти масъаларо барҷаста, ҷолиб ва муассир ифода мекунанд, бинобар ин дар услубҳои бадеӣ, рӯзноманигорӣ ва муошират воситаи муҳими тасвири

ҷозибанок ба шумор мераванд. Бесабаб нест, ки адибон калимаҳои муқобилмаъноро номи асару филмҳои бадеӣ қарор додаанд: *«Ҷанг ва сулҳ», «Хайр ва шар», «Зиндаҳо ва мурдаҳо», «Баҳор ва хазон», «Сурх ва сиёҳ», «Макр ва муҳаббат»* ва ғайра.

Антонимҳо дар зарбулмасал, суханони ҳикматноки бузургон ва, бахусус дар назми суннатӣ ва муосири форсу тоҷик, воситаи муҳимтарини тасвири бадеӣ ба шумор мераванд: То *бад* нагӯйӣ, *нек* намеояд; *Бисёр* талаб макун, ки ба *кам* зор шавӣ; *Кӯтоҳи хирадманд* беҳ аз *нодони баланд*; *Шикамсер*ро чӣ парвои *шикамгурусна?*; *Дӯст гирёнда* гап мезанад, *душман хандонда*; Аз *дӯсти нодон душмани доно* беҳ; Ҳазор *дӯст кам*, як *душман зиёд*; Поёни шаби *сияҳ сафед* аст ва ғ.

Дар эҷодиёти шоирон антонимҳои *дӯст – душман, шаб – рӯз, кӯтоҳ – дароз* ва ғайра дар мавриду муносибатҳои мухталиф хеле зиёд ба кор бурда шудаанд:

1. Осоиши ду гетӣ тафсири ин ду ҳарф аст:(7)
   Бо *дӯстон* мурувват, бо *душманон* мадоро.

2. Ҳофиз зи ғусса сӯхт, бигӯ ҳолаш, эй сабо,(7)
   Бо шоҳи *дӯстпарвари душмангудози* ман (Ҳофиз).

3. Чун қазо ояд, набинӣ ғайри пӯст,
   *Душманон*ро бознашносӣ(3) зи *дӯст*.

4. Офтобо,(7) бори дигар хонаро пурнур кун,
   *Дӯстон*ро шод гардон, *душманон*ро кӯр кун
   (Ҷалолиддини Румӣ).

Дар чунин мавридҳо калимаҳои зидмаъно задаи мантиқӣ мегиранд ва матлабро барҷаста ва муассир ифода мекунанд:

1. Дило, манол зи *шом*е, ки *субҳ* дар пайи ӯст,
   Ки *нешу нӯш* ба ҳам бошаду *нишебу фароз* (Ҳофиз).

2. *Ғам*ат(3) дорам, маро *шодӣ* ҳамин аст,
Зи бахтам ҷойи озодӣ ҳамин аст.
Зи бедодат харобобод(2) шуд дил,
Дар ин *вайрона ободӣ* ҳамин аст (Камол).

3. Ишқи ӯ тӯфонзамирам(2) карду рафт,
Бо *ҷавони*ҳош *пирам* карду рафт (Лоиқ).

Дар калимаи *харобобод* ду сифати муқобили ҳамдигар (*хароб – обод*) ҳамроҳ омадааст ва тазод (антитеза) барҷаста ифода ёфтааст. Ин ҳодисаи маъноиро дар забоншиносӣ оксюморон (юнонии oxymoron оқилонаи ҷоҳилона) меноманд:

1. Наргис набувад боз, ки бедор набошад,
Боз аст сияҳнаргиси ту *хуфтаи бедор* (Рӯдакӣ).

2. Бар худ чу шамъ *хандазанон гиря мекунам*,
То бо ту, сангдил,(7) чӣ кунад сӯзу сози ман (Ҳофиз).

3. Ҳамегирад(3) гиребонам, ҳамедорад(3) парешонам,
Ман ин *хушхӯи бадхӯ*ро намедонам, намедонам
(Ҷалолиддини Румӣ).

4. Аз ин дунёи *ҷоҳилпарвари(2) оқил*
Ба ҷуз оҳе пари коҳе намегирам (Гулрухсор).

Калимаҳои *дидор* ва *фироқ* маъноҳои муқобили ҳамдигарро ифода мекунанд, вале калимаи *шодӣ* аслан бо *ғамгинӣ, маҳзунӣ* ва *ширинӣ* бо *талхӣ* антоним мешавад. Дар мисраъҳои зерин калимаи *шодӣ* бо *талхӣ* муқобил гузошта шудааст. Чунин калимаҳоро антонимҳои матнӣ меноманд:

Ҳеҷ *шодӣ* нест андар ин ҷаҳон
Бартар аз *дидор*и рӯйи дӯстон,

Ҳеҷ *талхӣ* нест бар дил талхтар
Аз *фироқ*и дӯстони пурҳунар (Рӯдакӣ).

Тафовути санъати тазод аз ҳодисаи муқобилмаъноӣ ин аст, ки дар санъати сухан ду воқеа, ҳодиса, манзара, ҳолати рӯҳии шахс бо ҳам зид гузошта мешавад, вале дар антонимҳо фақат маъноҳо муқобили ҳамдигаранд:

Бихандад лола бар саҳро
Ба сони чеҳраи Лайло,
Бигиряд абр бар гардун
Ба сони дидаи Маҷнун (Рӯдакӣ).

Лайлӣ сари зулф шона мекард,
Маҷнун дурри(6) ашк дона мекард (Низомӣ).

Дар матни аввал тазод бо ёрии калимаҳои муқобилмаънои *бихандад* ва *бигиряд* возеҳ ва муассиртар, дар байти охир бидуни антонимҳо ифода ёфтааст.

**34. Якчанд зарбулмасал ва байт нависед, ки дар онҳо калимаҳои муқобилмаъно кор фармуда шуда бошанд. Муайян кунед, ки антонимҳо ба кадом ҳиссаи нутқ тааллуқ доранд ва маъноҳои муқобили онҳо фақат дар матн зоҳир мегарданд ё бе он ҳам ифода меёбанд.**

**35. Чунин ҷумлаҳо нависед, ки дар онҳо антонимҳои ошно – бегона, ғам – шодӣ, нек (некӣ) – бад (бадӣ), дур – наздик, пирӣ – ҷавонӣ истифода шуда бошанд.**

**36. Матнҳои зеринро ба дафтар нависед ва хаттӣ шарҳ диҳед, ки калимаҳои *кӯтоҳ*у *дароз*ро бо кадом маъно ва ғарази услубӣ кор фармудаанд?**

1. Вақте ки дар сайёраи Замин шаби *дарозтарин*и сол фаро расид, дар биржаи молу ашё рӯзи *кӯтоҳтарин*(3) омад (Рӯзнома)(4).

2. Сабри ман *кӯтоҳ гашт* аз ишқи он зулфи *дароз*,
К-ӯ гаҳе бо гул ба сайр асту гаҳе бо мул (шароб) ба роз
(Рӯдакӣ).

3. Агар ба зулфи *дарози* ту дасти мо нарасад,
Гуноҳи бахти парешону дасти *кӯтаҳи* мост(4).

4. Болобаланд(2) ишвагаре(2), сарви нози ман
*Кӯтоҳ кард* қиссаи зуҳди *дарози* ман (Ҳофиз).

5. Шуд ба фирӯзагунбад (2) аз сари ноз,
Рӯз *кӯтоҳ* буду қисса *дароз* (Низомӣ).

? **Саволи тестӣ:**

Дар матни зерин аз кадом калима ё таркиб як ҳарф афтодааст, вале ғалат нест?

Ба ҳолат зор менолам, Зарафшон, модари зорам, ки сартопо зар астию ба як зарра зарат зорам (Лоиқ).

а) Зарафшон
б) сартопо
в) зар астию
г) зарат
ғ) зорам

Дар калимаҳои зар ва зор кадом ҳодисаи маъноӣ мушоҳида мешавад?

а) сермаъноӣ
б) омоним (ҳамгуна)
в) пароним, паронимаз (наздикталаффуз)
г) синоним (муродиф)
ғ) антоним (зидмаъно ё мутазод)

# ФРАЗЕОЛОГИЯ

?

1) Фразеологизмҳо (ибораҳои рехта) чӣ гуна воҳиди забонанд?
2) Чаро онҳоро ҳам мисли калимаҳо як ҳиссаи хазинаи луғавӣ мешуморанд?
3) Бо калима, ибора ва ҷумла чӣ муносибати сохторӣ ва маъноӣ доранд?
4) Воҳидҳои фразеологӣ дар забон чӣ гуна хусусиятҳои услубӣ зоҳир мекунанд?
5) Мавқеи онҳо дар услубҳои бадеӣ ва публисистӣ чӣ гуна аст?
6) Чаро воҳидҳои фразеологиро ҳусни нотакрори ҳар забон мешуморанд?
7) Дар истифодаи онҳо дар забон чӣ гуна ғалатҳо рӯй медиҳанд?

**37. Матни зеринро се нафар хонандагон (дар нақши муаллиф, Мурод ва Эшонқулбой) қироат кунанд. Сипас муаллим аз аҳли синф пурсад, ки кадом мафҳуми ҳолат ба тарзҳои гуногун ифода ёфтааст ва он ифодаҳо кадом воҳиди забонанд, аз ҷиҳати сохту таркиб, обуранги услубӣ аз ҳамдигар чӣ фарқ доранд.**

Баъд аз ягон соли хонадор шудани Мурод(4) Фотимабибӣ *мурд*. Мурод хабари *вафот*и модаркалони худро дар дашт, дар вақте ки гӯсфандҳои хӯҷаинро чаронида гашта буд, шунид... Мурод гӯсфандонро аз чаро ба тарафи ҳавлии бой ронд ва пеш аз як соат аз фурӯ рафтани офтоб,(7) яъне пеш аз як соат аз вақти муқаррарии ҳаррӯзааш(6) ба ҳавлии бой расид.

– Чаро молҳоро ин қадар барвақт аз чарогоҳ гардондӣ? – гуфт Эшонқулбой...

– Магар ба шумо хабари *аз дунё гузаштани* модаркалонамро нарасониданд?(4) – гуфта пурсид Мурод аз бой дар ҷавоби ӯ.

– Расонданд. Аммо чӣ шудааст? Як кампир *мурд, мурд*-дия. Бо зуд рафтани ту магар ӯ зинда мешавад?(4)

?

1) Муродифҳои *мурдан, вафот кардан* ва *аз дунё гузаштан* дар матни асари бадеӣ бо чӣ мақсад истифода шудаанд?
2) Муродифҳои *мурдан* ва *вафот кардан* бо чӣ мақсад ба кор бурда шудаанд? Онҳо чӣ тафовути услубӣ доранд?

3) Чаро Мурод “аз дунё гузаштани модаркалонам” гуфтааст, вале бой “як кампир мурд, мурд-дия”?
4) Муродифи *хонадор шудан* чист?
5) Муаллифи асар кист ва номи асар чист?

**38. Матнҳоро бурро ва беғалат қироат кунед ва гӯед, ки кадом мафҳумҳо ба тарзи маъмулӣ ифода наёфтаанд? Онҳо чӣ гуна воҳидҳои забониянд?**

1. Ҳатто дар тирамоҳи соли гузашта, рӯзе дар ин бора бо акои калониаш гапашон гурехт. Ҳар ду сурху сафед шуданд. Дар ҳамон вақт ба пеши акааш буду шуди масъаларо гуфт, арғамчинро аз миён бурид;

2. Охир ман офтоби сари дарахтам. Худо нахоҳаду вақт ё бевақт бандагиро ба ҷо оварда монам, ин духтари бақадраси-да дар рӯйи хона мемонад-мӣ?(4)

3. – Чаро (Алиро) намехоҳӣ? (4) – гуфт Бобӣ дар ҷавоби Заҳро ва бо ҳамин саволаш ба болои сӯхта намакоб ва ба оташи фурӯзон равған рехт(4) (Ҳ.К.).

! Дар матни аввал *гапи касе гурехт, сурху сафед шудан, буду шуди чизе*, *арғамчинро аз миён буридан*, дар матни дуюм *офтоби сари дарахт будан, худо нахоҳад, вақт ё бевақт, бандагиро ба ҷо овардан, ба қад расида*, дар матни охирин *ба болои сӯхта намакоб рехтан* ва *ба оташи фурӯзон равған рехтан* воҳидҳои фразеологӣ ба шумор меравaнд. Ҷумлаи *гапи касе гурехт* ва таркиби *сурху сафед шудан* ба як маъно – арбада кардан, ибораҳои *буду шуди чизе* ба маънои ҳамаи ё тамоми чизе ва *арғамчинро аз миён буридан* ба маънои қаҳрӣ шудан, дар матни дуюм ибораи *офтоби сари дарахт будан* ба маънои пир шудан, ҷумлаи *Худо нахоҳад* ба маънои некӣ хостан аз Худованд, таркиби *вақт ё бевақт* ба маънои ногаҳон, ибораи *ба қад расида* ба маънои “болиғ” ё “ба балоғат расида” омадааст. Дар матни сеюм *ба болои сӯхта намакоб* ва *ба оташи фурӯзон равған рехтан* ба маънои муштараки ангехтан, дучанд кардани дарду алами касе далолат мекунад.

Маълум мешавад, ки воҳидҳои фразеологӣ нисбат ба калима таркиби мукаммал ва сохтори наҳвии мураккаб дошта, дар қолаби таркиб, ибора ва ҷумла воқеъ мегарданд, вале аз лиҳози маъно мисли воҳидҳои ҷудогонаи луғавӣ як мафҳуми ашё, аломат, хусусият, амал ё ҳолатро ифода мекунанд. Ин маънои умумӣ ва ягонаи воҳидҳои фразеологӣ монанди воҳидҳои озоди наҳвӣ аз маънои ҷузъҳои ибора ё ҷумла ҳосил намегардад, балки аз маънои маҷмӯи ҷузъҳо ва сохтори устувор ё рехтаи наҳвӣ бармеояд.

Калимаҳо дар таркиби воҳидҳои фразеологӣ аксар ба маънои маҷозӣ меоянд ва мафҳумҳоро як дараҷа пӯшида, вале рангину дилнишин ифода мекунанд. Дар онҳо як лаҳзаи воқеии ҳаёт инъикос меёбад: *арғамчинро аз миён буридан, офтоби сари дарахт (кӯҳ) будан, ба болои сӯхта намакоб рехтан* ва ғайра. Чунин лавҳаҳо инъикоскунандаи муҳити зиндагӣ, фарҳанг ва тахайюлоти мардуми ҳар қавму миллат ба шумор мераванд, бинобар ин фаҳмидани маънои чунин суханони сеҳрнок барои бегонагон ба осонӣ муяссар намегардад. Аз ҳамин сабаб онҳоро аз як забон ба забони дигар айнан тарҷума кардан на ҳамеша муяссар мегардад.

Воҳидҳои фразеологӣ ҳам мисли дигар унсурҳои луғавӣ хусусияти сермаъноӣ, муродифӣ, антонимӣ зоҳир мекунанд. Чунончи, *чашми касе равшан шуд* ба маъноҳои шод шудан, таваллуд кардан, *аз худ рафтан* ба маъноҳои беҳуш шудан ва ғурур пайдо кардан, дар матни зерин *шамол хӯрдан* ба маъноҳои саёҳат кардан ва ба бемории зуком гирифтор шудан омадааст:

– Ба қишлоқҳо баромада, камтар *шамол мехӯрдед*, беҳтар буд.

– Не, не. Ман аз *шамол хӯрдан* метарсам (С.Ғ.).

Воҳидҳои фразеологӣ низ хусусияти ҳаммаъноӣ зоҳир намуда, силсилаи муродифотро ташкил медиҳанд ва бо тобишҳои нозуки маъно, обуранги услубии гуфтугӯйӣ, адабии китобӣ ё хоси услубҳои ҷории нутқ, инчунин бо обуранги ҳиссии мусбат ё манфӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Воҳидҳои

фразеологии *мушт ба дарафш задан // гиреҳ ба бод задан // зӯри беҳуда задан , мурғ аз қафас раст // тир аз камон ҷаст* баробармаъноянд:

Акнун *пушаймонӣ суд надошт* ва *афсӯсу дареғ фоида намебахшид*, чунки *тир аз камон бархато ҷаста* ва *мурғи матлаб аз дом раста буд* (С.А.).

Муродифҳои *чашм андохтан, назар афкандан, чашм давондан, аз назар гузаронидан, чашм дӯхтан, чашм накандан, зеҳн мондан* ва ғайра тобишҳои мухталифи маънои нигаристанро ифода мекунанд: *чашм андохтан* ва *назар афкандан* ба чизе беэътиноёна ва сатҳӣ як нигоҳ карданро фаҳмонад, *зеҳн мондан* ва ифодаи гуфтугӯйии *синча кардан* ба нуқтаи муайян бодиққат нигаристан аст. Фразеологизми *чашм андохтан* обуранги гуфтугӯйӣ, *назар афкандан* обуранги адабии китобӣ, *чашм песондан* обуранги ҳиссии манфӣ дорад.

**39. Дар матнҳои зерин як маъно бо кадом воҳидҳои забон ифода ёфтааст ва онҳо аз ҳамдигар чӣ фарқи маъноӣ ва услубӣ доранд?**

Ба ин қадар *оташи хашми* Арбоб *фурӯ нанишаста*, Одинаи мазлуми ба замин афтодаро мезад(4); Бо ин қадар ҳам *хашми* Арбоб *бартараф нашуда*, пасу дунбол чӯб мезад(4); Ин вақт *хашми* Арбоб қадре *паст гардида*, худаш ҳам аз задан монда шуда буд(4) (С.А.).

**40. Матнҳоро хонед, воҳидҳои фразеологиро дар шакли ибора ё ҷумла ба дафтар навишта, муродифи луғавиашро ёбед ва муқаррар кунед, ки маънои муштараки онҳо чӣ тарз ифода ёфтааст ва муродифҳои луғавию фразеологӣ аз ҳамдигар чӣ фарқи тобиши маъно ва ё обуранги услубӣ доранд.**

Н а м у н а: Аммо барои ин кор коргари бисёр даркор мешуд, барои пахтачиён (пахтаҷаллобон) бошад, *ҳалвои бедуд* – фоидаи бе музду меҳнат даркор буд (С.А.).

*Ҳалвои бедуд* – фоидаи муфт. Воҳиди фразеологӣ мафҳумро образнок ва таъсирбахш ифода мекунад, хоси забони гуфтугӯйист, оҳанги кинояомез ва манфӣ дорад.

1. Дар ҳамон сония ҳамлакунандагон(2) худро гум карда дасту по хӯрданд (Ҳ.К); 2. Ҳар кас ба хонаи мо барои келинбинӣ(2) биёяд, ман аз изо мемурам, дар он вақт замин намекафад, ки дароям(4) (С.А.); 3. Дар ҳаққи чунин одамони табиатан(2) нооро м ва ба шуғле хӯгирифта одатан мегӯянд, ки устухонаш аз хурдӣ дар меҳнат шах шудааст; 4. Дар шаҳраки(3) Обигарм дар роҳи автобус ду соати расо чашмамон косаи гадо шуд(4) (Рӯзнома).

?

1) *Худро гум кардан – дасту по хӯрдан* ва *аз изо мурдан – замин намекафад, ки дароям* дар кадом қолабҳои наҳвӣ ифода ёфтаанд ва аз муродифи луғавиашон чӣ тафовути маъноӣ ё услубӣ доранд?

2) Калимаи *меҳнат* ба кадом маъно кор фармуда шудааст?

**41. Муродифи фразеологии калимаю таркибҳои зеринро нависед ва тафовути маъноию услубии онҳоро хаттӣ шарҳ диҳед: *интизор шудан, безобита шудан, хомӯш мондан, ранҷидан, ошиқ шудан.***

!

Воҳидҳои фразеологии муқобилмаъно: *шаҳди зиндагӣ чашидан – шаҳди марг чашидан, хотири касе ҷамъ аст – хотири касе парешон аст* матлабро барҷаста ифода мекунанд, бинобар ин дар асарҳои бадеӣ аз ин имконоти муассири забон истифода бурдаанд:

Он ки дар зулфи парешонаш *дили мо ҷамъ буд*,
*Ҷамъи моро* ҳамчу зулфи худ *парешон карду* рафт
(Ҳилолӣ).

Дар вақти набудани Зебинисо дар маҳалла ва гирду атроф чӣ воқеаҳо рӯй додааст, *чашми киҳо равшан шудаасту киҳо аз дунё чашм пӯшидаанд*, як ба як гуфт (Ҳ.К.).

Дар забон истилоҳоти зиёди иҷтимоию сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, илмию техникӣ, коргузории расмӣ ва ғайра вуҷуд доранд, ки дар қолаби ибора рехта шудаанд: *ҳилоли аҳмар, терроризми байналхалқӣ, иқтисоди бозаргонӣ, арзиши иловагӣ, майдони магнитӣ, ситораи думдор, ҳисоби абҷад, таҷоҳули ориф, бандаки изофӣ, тарҷумаи ҳол, ҳаққи маҳр, парвандаи ҷиноӣ, фикри айбдорӣ, мурофиаи судӣ, ба ҷавобгарӣ кашидан* ва ғайра.

Дар забони матбуот ҳам дар баробари як миқдор воҳидҳои фразеологии маъмули забон, аз қабили *ба марра расидан, марраи аввалинро фатҳ намудан*, *камари ҳиммат бастан, чашми корро донистан, ҷомаи амал пӯшидан*, ҳосили *бо арақи ҷабин рӯёнда* ва ғайра, ифодаҳои рехтаи хоси забони расонаҳои хабарӣ*: дастовезҳои меҳнатӣ, тиллои сафед, изҳори нигаронӣ кардан, ба чизе таҳким бахшидан, пиёда кардани чизе, мавриди амале қарор додан, ба тасвиб расонидан*, *кӯшиш ба харҷ додан, ба чизе мувоҷеҳ шудан* ва ғайра серистеъмоланд.

Азбаски воҳидҳои фразеологӣ аз якчанд калима таркиб ёфта, сохтори устувор ва табиати хеле нозук доранд, дар истифодаи онҳо ғалатҳои гуногун роҳ меёбанд. Яке аз он навъи нуқсонҳо омехта кардани унсурҳои луғавии як воҳиди фразеологӣ бо дигарест, ки онро дар забоншиносӣ **контаминатсия** меноманд: роли (нақши) калон доштан – аҳамияти калон бозидан: Барои оқилона идора намудани мамлакат машварат бо ҳамсар *саҳми бузурге мебозад* (Рӯзнома). Муқоиса кунед: дами беғам мезанам, даври пирӣ меронам – *дами пирӣ меронам(?)*; косаи сабрам лабрез шуд, шишаи сабрам шикаст – *шишаи сабрам лабрез шуд(?)*; ба ҳаяҷон омад, дар ташвиш монд – *ба ташвиш омад(?)*

**42. Муродифи фразеологии антонимҳои *дӯст доштан – бад дидан, некӣ кардан – бадӣ кардан, сабру тоқат кардан – бесабрию бетоқатӣ кардан, ҷавонӣ – пирӣ, бисёр – кам*ро навишта, шарҳ диҳед, ки муродифҳои луғавию фразеологӣ аз ҳамдигар чӣ фарқи маъноӣ ё услубӣ доранд.**

**43. Фразеологизмҳои зерин чӣ маъно доранд ва бештар дар кадом тарзи баёни фикр (хаттӣ, адабии китобӣ ё шифоҳӣ, гуфтугӯйӣ) истифода мешаванд?**

Азоби гӯр, чашм ало кардан, лаб фурӯ бастан, аз даҳон мондан, дил бохтан, ба шаҳодат расидан, дум ликкондан, ангушти ҳайрат газидан, бо ҷаҳони фонӣ падруд гуфтан, ҷойи шишт наёфтан, ба лаб кулӯх молидан.

**44. Кадом тарзи ифода қобили қабул аст? Ба дафтаратон нависед ва сабаби интихоби худро хаттӣ шарҳ диҳед.**

1. Мувофиқи талаби рӯз ташкил намудани кор ба чорводорон имконият медиҳад, ки *аз иҷрои* супоришҳои истеҳсолӣ бо сарбаландӣ *бароянд(4)*; Бадон, агарчи *аз ӯҳдаи* бадӣ *набароянд*, аз бадгӯйӣ ва забондарозии худ бознамеистанд(4) ; 2. Ҳар каси дидаю надида *ҳаваси* зиндагии онҳоро як бор *мехӯрад*; Ба либоспӯшии дугонаҳояш нигариста *ҳавасаш меомад*; Меҳмонҳо маро дида *ҳавасашон мерафт*; Мардуми деҳа навхонадоронро дида *ҳавас мекарданд*, ки кош ба онҳо низ Худованд чунин арӯсу домодро насиб гардонад(4); 3. *Аз* аҳволи ояндаи ман *хавотир накашӣ* ҳам, мешавад; Боз одамони дар хона буда *хавотир кашида нашинанд*; Кампир *аз* ин аҳволи писараш *ба хавотир афтода* бо овози хаста пурсид; Шабу рӯз *хавотирӣ мекашам*, ки аҳволи фарзандонам дар мамлакати бегона чӣ хел бошад(4).

? **С а в о л и т е с т ӣ:**

Кадом воҳиди фразеологӣ мувофиқи меъёри забони адабист?

а) Панҷ панҷааш ҳунар; панҷ панҷааш барин медонад
б) Панҷ ангушташ ҳунар; панҷ ангушташ барин медонад
в) Даҳ ангушташ ҳунар; даҳ ангушташ барин медонад
г) Панҷ чиликаш ҳунар; панҷ чиликаш барин медонад

# КАЛИМАСОЗӢ

?

1. Калимасозӣ (морфемика) чӣ гуна соҳаи илми забон аст?
2. Кадом роҳҳои калимасозиро сарфӣ (морфологӣ) меноманд?
3. Морфемаҳо чӣ гуна ҳиссаҳои калимаанд?
4. Морфемаҳои шаклсозу калимасоз аз ҳамдигар чӣ фарқ доранд?
5. Таркиббандӣ чӣ гуна тарзи калимасозӣ аст?
6. Дар бораи реша, пешванду пасвандҳо, асосу бандак чӣ медонед?

!

Калимасозӣ ва таркиббандӣ чунин қисмати забоншиносӣ аст, ки аз имконоти калимасозию таркиббандии забон баҳс намуда, тарз ва роҳҳои сохта шудани калимаю таркибҳо ва бад-ин васила ғанӣ гардидани таркиби луғавии забонро меомӯзад. Дастгоҳи калимасозии забон чӣ андоза коршоям ва фаъол бошад, забон аз лиҳози сарвати луғавӣ ҳамон қадар бой ва қудратманд мегардад.

Ҳиссаҳои маънодори калимаро **морфема** меноманд. Калимаи *ҳалвогар* аз ду морфема *ҳалво* – решаи калима (номи хӯрок) ва пасванди калимасози *–гар* (номи шахс вобаста ба соҳаи машғулият, касб) иборат аст. Калимаи *келинбинӣ* аз се морфема: решаҳои *келин* ва *бин* (асоси замони ҳозираи феъл), пасванди *–ӣ* (номи амал) сохта шудааст.

Морфемаҳо калимасоз, шаклсоз ва муштаракვазифа (калимасозу шаклсоз) мешаванд: дар калимаи *ҳалво-гар-он* морфема ё пасванди *–он* шаклсоз буда, маънои калимаи *ҳалвогар*ро тағйир намедиҳад, балки шакли онро дигар кардааст: *ҳалвогар* – шумораи танҳои исм, *ҳалвогарон* – шумораи ҷамъ. Дар исми *ҳалво-гар* пасванди калимасози *–гар* аз решаи *ҳалво* (номи ашё, хӯрокворӣ) исми *ҳалвогар* сохтааст, ки ба мафҳуми касбу кори шахс далолат мекунад. Дар калимаи *розак* пасванди *–ак* шаклсоз аст:

*Бархез*, ки мову ту чу ҷонем
В-аз *розак*и *ҳамдигар* бидонем (Ҷалолиддини Румӣ).

Дар ин байт калимаҳои *бархез* аз пешванди *бар-* ва решаи *хез*, *ҳамдигар* аз пешванди *ҳам-* ва решаи *дигар* иборатанд.

Дар калимаи *пайвандак* пасванди *–ак* калимасоз аст: аз решаи *пайванд* ва пасванди *–ак* истилоҳи забоншиносӣ сохта-аст. (Дар матнҳои супоришоти китоб бо рақами (2) ба таҳлили сохтори калимаҳо ишора шудааст).

Бо ёрии морфемаҳои калимасози забон: пешванду пасванд сохтани калимаро усули калимасозии сарфӣ (морфологӣ) меноманд.

**45. Бо пешвандҳои *ҳам-, бар-, бе-, но-* , пасвандҳои *–гар, -бон, -зор, -ин (-гин*), *-ӣ (-гӣ)* калимаҳо созед ва бигӯед, ки калимаҳои ҳосилшуда ба кадом ҳиссаи нутқ тааллуқ доранд ва бо кадом маъно калимаи нав сохтаанд.**

**46. Кадом тарзҳои калимасозии Ҳофиз дар забони адабии имрӯза ҳам маъмуланд? Дар он қолабҳо калимаҳо созед: додгар, ғамнок, пурлаъл, сияҳрӯй, дилсиёҳ, шердил, дилпазир, сӯхтадил, оҳандил, хушдилӣ, лолаузор, шакарлаб, гуландом, хумхона, тарабсаро, майкада.**

**47. Аз матни зерин калимаҳои сохта ва мураккабро нависед ва шарҳ диҳед, ки аз кадом ҳиссаи (ё ҳиссаҳои) нутқ бо кадом тарз сохта шудаанд:**

1. Дар коргаҳи кӯзагаре рафтам дӯш,
Дидам ду ҳазор кӯза гӯёву хамӯш.
Ногоҳ яке кӯза баровард хурӯш:
«Ку кӯзагару кӯзахару кӯзафурӯш?» (Хайём)

2. Ҳикоят

Панҷпоякро гуфтанд:

– Чаро ба шакли каҷпайкарон(3) афтодӣ ва пой дар роҳи каҷравӣ ниҳодӣ?

Гуфт:

– Аз мор таҷриба бардоштам, ки бо он ростию ростравӣ ҳамеша аз санги ҷафо саркӯфта(3) аст ё аз захми ситам думбурида(3) (Ҷомӣ).

**48а. Аз калимаҳои *меҳр, фитна, панд, ибрат, ҳайрат, ҳикмат, ҳазл, шӯхӣ* ва ҷузъҳои *-омез, -ангез* ва *–омӯз* калимаҳои мураккаб созед, ки бо феълҳои *омехтан, ангехтан* ва *омӯхтан* таносуби маъноӣ дошта бошанд.**

**48б. Кадом тарзи калимасозӣ дар забон маъмул аст? Барои ин ба китоби М. Шакурӣ «Ҳар сухан ҷоеву ҳар нукта мақоме дорад» муроҷиат намоед.**

Лаҳзаҳои *хотирмон* ё *хотирнишин*, оби *ноҷӯшомада* ё *наҷӯшида*, воситаи алоқаи *ҳозирзамонӣ* ё *ҳозирзамон*, комёбиҳои *назаррас* ё *чашмгир*, ҳар чизи *пурарзиш* ё *гаронарзиш,* вазифаи *пурмасъулият* ё *масъул*, лаҳзаҳои *пурфараҳ* ё *фараҳнок*, дили *пурафгор* ё *афгор*, хонаи *шашҳуҷрадор* ё *шашҳуҷра*, шавҳари *кӯдакдӯст* ё *кӯдакдӯстдор*, биноҳои *серошёна* ё *баландошёна*, садамаи *нақлиётӣ* ё *нақлиёт*, мавзеъҳои *истироҳатӣ* ё *истироҳат*, шароити *корӣ* ё *кор*, машғулиятҳои *берунazмактабӣ* ё *берун аз мактаб.*

**!** Домони имконоти калимасозии забони тоҷикӣ хеле фарох аст, вале на ҳамаи тарзҳои ифода қобили қабуланд. Чунончи, дар забони гуфтугӯ ва нашрияҳои имрӯза истифодаи чунин калимаҳои мураккаб бисёр мушоҳида мешавад: *бообтаъминкунии* хоҷагиҳои деҳқонӣ*, обёрикунии* заминҳои бекорхобида*, истифодабарии* қувваҳои кории деҳот, *иҷрошавии* (ё *иҷроиши*) нақшаҳои солона ва ғайра. Маълум аст, ки исмҳои *таъмин (таъминот), обёрӣ* ва *истифода* худ номи амаланд, бинобар ин ба зам намудани *-кунӣ, -барӣ* ва *–шавӣ* эҳтиёҷе нест: *таъмини* хоҷагиҳои деҳқонӣ бо об, *обёри*и заминҳои бекорхобида, *иҷро*и нақшаҳои солона.

Аз ду решаи калима сохтани калимаи мураккаб ба мароми забони тоҷикӣ мувофиқ аст. С. Улуғзода калимаи мураккаби «хӯшачиндухтарон»-ро бо ибораи «духтарони хӯшачин» ба тариқи мувозӣ кор фармудааст, то ки як қолаби ифода такрор наояд.

**49. Нуқсонҳои ин тарзи калимасозиро ислоҳ кунед: маҳсулотхаридкунӣ, эътирозбаёнкунӣ, суистеъмолкунӣ, пахтатозакунӣ, шеърэҷодкунӣ, омодашавӣ, аспсаворшавӣ, хонавайроншавӣ, истифодабарӣ, таъсисёбӣ, худсироятёбӣ, муқобилиятнишондиҳӣ, азнавбарқароркунӣ. баҳисобгирӣ, барӯйхатгирӣ.**

**!** Дар калимасозии феъл пешванду пасвандҳо микдоран зиёд ва сермаҳсул нестанд. Бо ёрии феълҳои ёвар сохтани таркибҳои феълӣ дар забони тоҷикӣ хеле маъмул аст. Бо ин васила ҳам аз калимаҳои худӣ ва ҳам аз калимаҳои бегона феълҳои таркибии зиёде сохта шудаанд. Дар ин бобат феълҳои ёвари *кардан* ва *шудан* ва муродифи онҳо: *намудан* ва *гардидан* басо «заҳматкашанд». Феълҳои ёвари дигар ҳам дар таркибсозии феъл фаровон истифода шудаанд. Чунончи, Ҳофиз бо феъли ёвари *задан* таркибҳои *дам задан, барҳам задан, қалам задан, сикка задан, рақам задан, ханда задан, гиреҳ задан, оташ задан, тир задан, гулбонг задан, оҳ задан* ва ғайраро сохтааст.

Дар таркибсозии феъл ҳам ғалатҳо ба назар мерасанд: – Анвар, *пурсиши* маъмулӣ *медиҳам* (Рӯзнома). Дар забони тоҷикӣ бо ёрии феъли *додан* таркибҳои *савол (суол) додан, ҷавоб (посух) додан* ва *пурсуҷӯ кардан (намудан)* сохта мешаванд, вале *пурсиш дод* ё *пурсиш кард* намегӯянд. Мисли ҳамин, аз калимаи *ҳисоб* бо феъли ёвари *ёфтан* таркиби *ҳисоб ёфтан* сохта мешавад, вале аз калимаи арабии ҳамрешаи он – *маҳсуб* дар забони тоҷикӣ феъли таркибии *маҳсуб ёфтан* сохта намешавад.

**50. Пас аз ҳиссаи номии ишорашуда феъли ёвари мувофиқро гузошта, феъли таркибӣ созед:**

Боре ҳам ба тарафи ман *нигоҳ*…, ба китоб ҳам *нигоҳ*…; Интизорӣ *тӯл*…; Сурудҳои сарояндагон ба тамошобинон *ҳаловат*…; Онҳо якдигарро *озор*…; Ҳангоми сафар ҳодисае *рух*…; Муаллим дар мавзӯи муҳофизати табиат бо мо *супориш*...; Дар мактаб маҳфили адабӣ *фаъолият*…; Шоир *озими* Ҳирот…;

Ҷавонон дар ҷамъоварии ҳосил ба деҳқонон ёрӣ... (ёрмандӣ...);
Дар чанд гектар картошка *кишт*...?

**51. Матнҳои зеринро ба тақтеи вазни шеър риоя намуда қироат кунед ва ба он эътибор диҳед, ки шоирон дар бобати калимасозӣ чӣ «навоварӣ» кардаанд:**

1. Кабобам карда *бепарвохироме, чашммайнӯше,*
*Қаландармашрабе, якшаҳрошиқхонабардӯше...*
*Мусофирпарваре, оромиҷоне, соҳибидроке,*
*Сафарнокардамардумдидае*, савдогари ҳуше (Сайидо).

2. *Ҳамханда*и ман гули *сияҳгӯш*и ту буд,
*Ҳамгиря*и ман чашмаи *хаспӯш*и ту буд.
Эй гумшуда қишлоқаки(3) тиллоии ман,
Доруи ман оби шӯраки(3) ҷӯши ту буд.

3. *Сурхида* замини Лолагӣ дар таби сурх,
Барги гули лолааш мисли лаби сурх.
Аз сурхии лолазор шабнам сурх аст,
Гуфтӣ ту, шаби гузаштааш буд шаби сурх
(Бозор Собир).

**!** Чунин калимаҳои мураккаби серморфемаи дурударозро дар таърихи адабиёти ҳазорсолаи тоҷик танҳо ба хомаи эҷодии Сайидо нисбат додан мумкин аст. Адибон нозукиҳои забони модарии худро амиқтар дарк мекунанд. Нуктаи нозукеро дарёфта, дар ашъори худ ба кор мебаранд, ки аз чашми ҳамагон пинҳон мондааст. Агар маъшуқа ба сӯзу гудози ошиқ эътиборе надода бепарво хиромида равад, чаро *бепарвохиром* набошад, агар чашмони ӯ пурхумор бошад, чаро хумори ӯ аз нӯшидани май аён нагардад? Пас дар ниҳоди забони мо чизе будааст, ки шоир аз он маншаъ гирифта *якшаҳрошиқхонабардӯше* ва *сафарнокардамардумдидае* гуфтааст.

Дар забони тоҷикӣ *ҳамтақдир, ҳамдард, ҳамроз* барин калимаҳо мавҷуданд, ки ҳасби ҳоли шахсро ифода мекунанд. Аммо *ҳамхандаю ҳамгиря* шояд то кунун дар ёди касе набуд. Ё ин ки бо номҳои ранг дар забонамон фақат феъли *сабзидан* ба маънои «рустан» вуҷуд дошт. Тахайюли шоирона кашф намудааст, ки дар Лолагӣ замин аз таби сурх *сурхида* метавонад ва, бешак, *аз сурхии лолазор* шабнам ҳам сурх мешавад, бахусус, шаби гузаштааш *шаби сурх*, шаби шодию сурур бошад.

Шоирон аз бозёфти ҳамдигар илҳом мегиранд, баҳраманд мешаванд. Шайх Саъдӣ дар қолаби калимасозии маъруфи форсу тоҷик *нонгадоӣ кардан* ***бӯсагадоӣ*** сохта буд ва Лоиқ ҳам аз истифодаи ин сухани наҷиби шоирона худдорӣ карда натавонистааст:

Саъдии ширинсухан(2) дар роҳи ишқ
Аз лабат *бӯса гадоӣ мекунад.*

Бо ҳама *бӯсагадоӣ* зи лабат,
Беҳтарин *бӯсагар*ат ман будам.

*Тирборон* кардани мо кӯшиши беҳуда аст,
Ҳар ки моро мекушад бо *шеърборон*, зинда бод!

Қаламкашони ҷӯянда ин гуна вожаҳои тару тозаро аслан бо нияти ғанӣ гардонидани ганҷинаи луғавии забони модарӣ насохтаанд, балки барои ҷаззоб ва дилнишин баён намудани тахайюлоти рангини худ аз имконоти калимасозии забон фоида бурда ба тозагӣ офаридаанд. Чунин калимаҳои тозаэҷоди адибонро дар забоншиносӣ **неологизмҳои (наввожаҳои) услубӣ** меноманд.

**52. Дар матнҳои зерин кадом калимаю таъбирҳо наванд? Онҳоро ба дафтар нависед ва муайян кунед, ки калимаҳои нав дар заминаи кадом калимаҳои сохта ё мураккаби маъруфи забон сохта шудаанд.**

1. Зимистон буд(4). Аз теғаи кӯҳҳо то соҳили наҳрча(3) тамоми деҳаро сап-сафед барф пахш карда буд. Осмонро монанди пардаи хира абрҳои яклухт пӯшида буданд. Аз қабати ин абрҳо моҳ бемадорона(2) ба ин барфистон рӯшноӣ меафканд (Ҳ.К.); 2. Аз бозе ки ҳамон мусофири бемор ба ҳавлии мо омад, ҳамаи кӯрпаю болиштҳои ман шабушзор шуд(4); 3. Ин манзараҳое, ки тамошо кардед, бе сарфи назар ва бе ранҷи дасти касе қуввати табиат рӯёнда, ба ин обуранги ҳушрабо ҷилва кунондааст(4) (С.А.);

4. Гулхандаҳо мекарду(2) гул ба об мефиканд(1),
Тифле ба об гавҳари ноёб мефиканд (М.Қ.);

5. Ман кӯйи муроди ҷумла раҳдуронам(3),
Дар кӯрараҳон асокаши кӯронам (Лоиқ).

**?** **Саволи тестӣ:**
Дар калимаҳои *насимак* ва *зулфак*и байти Рӯдакӣ: “Аз гесуи ӯ *насима**к**и* мушк ояд В-аз *зулфа**к**и* ӯ *насима**к**и* наставран” морфемаи ***-ак*** чӣ вазифаро адо кардааст?

а) пасванди калимасози исм
б) пасванди калимасози сифат
в) пасванди шаклсози исм
г) пасванди шаклсози сифат
ғ) пасванди шаклсози зарф

## МОРФОЛОГИЯ (САРФ) ВА ИМЛО

**?**
1. Калимаҳоро аз кадом ҷиҳатҳо ба ҳиссаҳои нутқ ҷудо мекунанд?
2. Ҳиссаҳои мустақилмаъно ва номустақили нутқро номбар кунед ва гӯед, ки аз кадом ҷиҳат чунин гурӯҳбандӣ шудаанд?
3. Маъноҳои грамматикии ҳиссаҳои нутқ кадоманд?
4. Ҳиссаҳои нутқ аз ҷиҳати калимасозӣ аз ҳамдигар чӣ фарқ доранд?
5. Дар имлои ному насаб чӣ мушкилот вуҷуд дорад?

6. Чӣ гуна калимаю таркибҳоро бо нимтире (дефис) менависанд?

7. Кадом пасвандҳоро дар кадом маврид бо нимтире менависанд?

8. Пешояндҳои «бо» ва «бе»-ро чӣ тарз аз пешвандҳои калимасози «бо-» ва «бе-» фарқ кардан мумкин аст?

9. Ҷузъҳои кадом пайвандакҳоро ҷудо ва ҷузъҳои кадом пайвандакро якҷоя менависанд?

**53. Матнро хонда, калимаҳои мустақилмаъно ва номустақил ё ёварро ҷудо-ҷудо нависед. Ба болои ҳар кадом калима ё таркиб бо ҳарф ишора кунед, ки ба кадом ҳиссаи нутқ тааллуқ дорад:**

Пас аз барфу боронҳои пай дар пай шаб ҳаво якбора кушода шуд(4). Осмон софу беғубор ва аз тобиши моҳи пурраи шаби чордаҳ равшан буд(4).

Соат аз даҳ гузашта буд, аммо бачаҳо ин ҳавои софи дилкушо ва замини яхбастаи(2) белойро ғанимат шумурда, ба яхмолакпарӣ(2) ва руст-рустакон(2) барин бозиҳо машғул шуда вақти хобро ҳам аз хотир бароварда буданд(4,7). Падару модарон онҳоро коҳишкунон(3) ба хона даъват мекарданд. Бачаҳо дастони дар аёс мисли лаблабу суп-сурх ва карахтшудаашонро(3) ба пеши даҳонашон бурда, пуф-пуфкунон(3), бо дилҳои ба бозӣ кашол ба ақиби худ нигоҳ карда-нигоҳ карда(3) аз саҳну майдончаҳо ба сӯйи хонаҳояшон мерафтанд(4) (А.Д.).

## Исм

**!** Калимаю таркибҳо ҳам маънои луғавӣ ва ҳам маънои грамматикӣ дошта бошанд, ҳиссаҳои мустақил, фақат маънои грамматикӣ дошта бошанд, ҳиссаҳои номустақил ҳисоб меёбанд.

Ҳиссаҳои мустақилро аз чаҳор ҷиҳат гурӯҳбандӣ мекунанд: маънои умумии луғавӣ, маъноҳои грамматикӣ, хусусияти калимасозӣ ва вазифаи наҳвиашон дар ҷумла.

Маънои умумии луғавии исм – ашё, сифат – аломати ашё, шумора – миқдор, зарф – аломати амалу ҳолат ва аломат, феъл – амал.

Маъноҳои грамматикии калимаҳои *моҳ, замин, хона, даст, даҳон, лаблабу* ва ғайра исмҳои мушаххас (конкрет), ҷинс, беҷон, муайян, танҳо; калимаҳои *тобиш, вақт, хоб, хотир, бозӣ, яхмолакпарӣ* ва ғайра исмҳои маънии (абстракти) замон, амал, ҳолат; калимаҳои *барфҳо, боронҳо, бозиҳо, дилҳо, саҳнҳо, майдончаҳо* исмҳои беҷони ҷамъ; *бачаҳо, падарон, модарон* исмҳои шахси ҷамъанд.

**54. Аз матни ҳикоят исмҳоро гурӯҳбандӣ карда (танҳову ҷамъ, хосу ҷинс, моддиву маънӣ (конкрету абстракт), шахсу ғайришахс, сода, сохта, мураккаб) ба дафтар нависед:**

Дар диёри Туркистон подшоҳи соҳибшавкат(2) ва адолатпарваре(2) буд. Яке аз арбобони давлати ӯ ба сабабе аз шоҳ гумонбар шуда рӯй аз шоҳ битофт ва яке аз душманони маликро фиреб дода бар зидди ӯ ба ҷанг хезонд(3). Чун шоҳ донист, ки душман аз итоат гардан тофтааст, ба ӯ номаи насиҳатомези(2) мушфиқона(2) фиристод(4). Аммо хасми мағрур аз ғояти такаббур ба он илтифот накард ва ҳар куҷо гурӯҳи саргардонро(2) ба ҷониби худ ҷазб мефармуд(4).

Подшоҳ дид, ки онҳоро ба мулоимат ислоҳ карда наметавонад, чунин пайғоме фиристод(4): «Ману ту ба шишаю санг монандем. Хоҳ санг бар шиша занад ва хоҳ шиша бар санг, дар ҳар ду ҳолат шиша хоҳад шикаст ва сангро осебе нахоҳад расид» (Калила ва Димна).

?

1) Кадом калимаҳо муродифи луғавианд ва бо кадом мақсад кор фармуда шудаанд?
2) Ибораҳои *рӯй тофтан* ва *гардан тофтан* чӣ гуна воҳиди забонанд?
3) Дар «хасми мағрур аз ғояти такаббур» кадом санъати сухан истифода шудааст?
4) Калимаи «гурӯҳ» чӣ гуна исм аст?

5) Дар ифодаи «сангро осебе нахоҳад расид» пасоянди *-ро* ба кадом вазифа кор фармуда шудааст?

! Дар забони тоҷикӣ шакли ҷамъи исмҳо бо ёрии пасвандҳои шаклсози **–ҳо** ва **–он** (**-гон, -ён, -вон**) ифода меёбад: *барфҳо, хонаҳо, бозиҳо, дастҳо, бачаҳо; арбобон, душманон, дастон, хонандагон, гадоён, бозувон.* Дар исмҳои иқтибосии арабӣ ин маънои грамматикӣ бо пасванди арабии –от (ҷамъбандии солим) ва тағйири овозҳои решаи калима (ҷамъбандии шикаста) ифода мегардад: ҳайвон – ҳайвонот, шеър – ашъор.

Исмҳои ҷомеъ низ дар шакли ҷамъ омада метавонанд: мардумон, гурӯҳҳо. Исмҳо бо шумора ва калимаҳои ифодакунандаи миқдори *чанд, якчанд, чандин* оянд, пасванди ҷамъ намегиранд: *ду рафиқ, сад сар гӯсфанд, чанд ҳикоят, чандин муддат* ва ғайра: Аз мардуми афғон *чаҳорсад мард* ба султон *мулҳақ шуданд* (Тазкираи Давлатшоҳ); Дидед, ки дар он ҷо *садҳо коргар кор мекунанд* (С.А.).

Як миқдор калимаҳои арабӣ дар шаклҳои танҳо ва ҷамъи арабӣ ба забони тоҷикӣ гузаштаанд. Азбаски мафҳуми абстракти грамматикии шакли арабӣ дар забони тоҷикӣ равшан дарк намегардад, дар гуфтору навиштори тоҷикӣ ҳодисаи ҷамъи дукарата ба миён омадааст: *маълумотҳо, тадқиқотҳо, тағйиротҳо, абётҳо, навоҳиҳо, ашхосон* ва ғайра. Мувофиқи меъёри забони адабии тоҷикӣ чунин калимаҳо бояд дар шакли ҷамъи тоҷикӣ ё арабӣ кор фармуда шаванд: *байтҳо* ё *абёт, шахсон, шахсҳо* ё *ашхос.*

**55. Исмҳоро дар шаклҳои гуногуни ҷамъ нависед ва ба зери исми ҷамъе, ки дар забони адабии имрӯзаи тоҷикӣ маъмултар аст, хат кашед. Намуна: *шоир – шоирҳо, <u>шоирон</u>, шуаро; вақт – <u>вақтҳо</u>, авқот; талаба, малик, халқ, вазир, раис, олим, адиб, муаллим, устод, мактаб, варақ, илм, ҳайвон, хаёл, таҷриба, робита, қонун.***

**56. Кадом шакли ҷамъи исмҳои арабию тоҷикӣ мафҳуми ҷамъро саҳеҳтар ифода мекунад?**

*Суолот – саволҳо, ҷиноёт – ҷиноятҳо, муносибот – муносибатҳо, хоҳишот – хоҳишҳо, мақолот – мақолаҳо, сафаҳот – саҳифаҳо, фармоишот – фармоишҳо – фармоишотҳо, алоқот – алоқаҳо, маворид – мавридҳо, навоқис – нуқсонҳо, вазоиф – вазифаҳо, масоил – масъалаҳо, анвоъ –навъҳо, аҳзоб – ҳизбҳо, тадобир – тадбирҳо, адён – динҳо, аъёд – идҳо.*

**!** Бо ёрии пасвандҳо сохтани исмҳо тарзи маъмули калимасозии сарфии (морфологии) ин ҳиссаи нутқ ба шумор меравад. Бо пасвандҳои *-гар, -гор, -бон, -чӣ, -ор, -вар* исми шахс *(оҳангар, суратгар, омӯзгор, талабгор, боғбон, пуштибон, навбатчӣ, харидор, парастор, шиновар, сарвар),* бо пасвандҳои *–а, -ак, -ча, -она, -ӣ, -иш, -гоҳ, -ок, -акӣ* исмҳои ашё *(забона, шукуфа, шаршара, намак, пӯстак, олуча, бозича, шомиёна, сӯзанӣ, дастгоҳ, хӯрок),* исмҳои аломат, ҳолат, амал *(сафеда, ханда, нолиш, хониш),* бо пасвандҳои *-гоҳ, -зор, -сор, -истон, -дон* исми макон *(гузаргоҳ, истгоҳ, гулзор, регзор, кӯҳсор, чашмасор, кӯҳистон, бемористон, каҳдон),* бо пасвандҳои *-ӣ (-гӣ), -гарӣ, -ор* исмҳои маънии аломат, ҳолат, амал, касбу ҳунар, соҳаи машғулият *(зебоӣ, дӯстӣ, гуруснагӣ, сабзавоткорӣ, косибӣ, оҳангарӣ, ресандагӣ, одамгарӣ, зӯригарӣ, кирдор, куштор)* сохта мешаванд.

**57. Ба решаи калимаҳои зерин пасванди мувофиқ васл намуда, исмҳои шахс созед: ҳалво…, зар…, варзиш…, савдо…, тарбият…, маслиҳат…, иғво…, тӯҳмат…, мадад…, фурӯш…, дарвоза…, нигаҳ…, ҳашар…**

**58. Бо пешванди *ҳам-* даҳ исм созед, ки онҳо ба мафҳуми шахс далолат кунанд. Муайян кунед, ки пешванди *ҳам-* аз чӣ гуна решаи калимаҳо исми шахс месохтааст.**

**59. Кадом тарзи ифода беҳтар аст?**

*Кафшерчӣ – кафшергар, муолиҷагар – муолиҷакунанда, табобатгар – табобаткунанда, тракторчӣ – ронандаи трактор, булдозерчӣ – ронандаи булдозер, иқтисодчӣ – иқти-*

*содшинос, иштирокчӣ – ширкаткунанда, саёҳатчӣ – сайёҳ, сарҳадчӣ – сарҳадбон (марзбон), ёрдамчӣ – ёвар, хизматчӣ – корманд, навбатчӣ – навбатдор, нақлиётчӣ – корманди нақлиёт, дуруғчӣ – дуруғгӯ, рубобчӣ – рубобӣ, рубобнавоз, дуторчӣ – дуторӣ – дуторнавоз.*

**!** Мувофиқи имлои нав исмҳои таркибии зерин бе нимтире, бо бандаки изофӣ ва ё бо пайвандаки пайвасткунандаи *-у (-ю, -ву)* навишта мешаванд: мактаби интернат, вагони ресторан, механики ронанда, ҳизби халқии демократӣ, Боғи марказии фарҳангу фароғати шаҳри Душанбе, ҳафтаномаи фарҳангию иттилоотӣ, конфронси илмиву амалӣ, омӯзишгоҳи касбиву техникӣ, Донишгоҳи Русияву Тоҷикистон, луғати тоҷикию русӣ, факултаи молиявию иқтисодӣ, ақидаҳои сиёсию иҷтимоӣ, тарбияи ҳарбию ватандӯстӣ.

Номҳои Худо, ном, насаб, тахаллус, лақаб, сулолаҳои таърихӣ, номҳои мақомоти давлатӣ, мансабҳои олӣ, парчам ва нишони миллӣ, калимаи аввал ва исми хоси дохили номи таркибии унвонҳои фахрии давлатӣ ва мукофотҳои олӣ, исмҳои хоси маъмурию сиёсӣ, ҷуғрофӣ, идора, мақомоти давлатӣ ва фарҳангӣ бо ҳарфи калон навишта мешаванд.

## Сифат

**60. Матнҳоро бодиққат хонед ва сифатҳоро бо соҳиби аломат (мавсуф) ба дафтар нависед ва шарҳ диҳед, ки сифатҳо чӣ гуна аломати мавсуфро ифода кардаанд:**

1. Дар пешгоҳи меҳмонхона сандалии гарм ва дар поёни он манқали чӯянии пуроташ буд. Дар гирдогирди(2) он манқал шаш ҳалқаи чойникмонак(2) буд, ки чойникҳои(1) чойи кабуд дар он ҷо дар ҷӯш буданд (С.А.); 2. Иброҳимҷон ба ҳамаи ранҷҳо, азобҳо тоб меовард, ба шарте ки рӯзе ба матлаб бирасад(4). Ба висоли ёр(4). Ба дидори зеботарин, боақлтарин, боназокаттарини(6) занони олам, ба висоли Хиромон (Ф.М.); 3.

Лаҳну овози ҷозибанок, пурқувват, вале нарму мулоими(5) ба мисли абрешим дилошӯб ва чун оби чашмаҳои кӯҳсор пурҷӯшу хурӯш(5) ва мусаффои ӯро шунида, рақсу арғуштҳои(5) рӯҳафзояшро дида, мухлисону ҳаводорони(5) сершумораш бо лутфу навозиш ин ҳунарпешаи сиёҳчурдаву ситорагарм ва ширинадоро “Мавизи сиёҳ” меномиданд (Рӯзнома).

?

1) Дар қолаби сифати мураккаби *пуроташ* (сифат+исм) бо ҷузъи *пур-* боз кадом сифатҳоро сохтан мумкин аст?

2) Калимаҳои *висол* ва *дидор* чӣ гуна муносибати маъноӣ доранд?

3) Сифатҳои *зеботарин*, *боақлтарин*, *боназокаттарин* аз *зебо* (*зеботар*), *боақл* (*боақлтар*), *боназокат* (*боназокаттар*) чӣ фарқ доранд?

4) Сифатҳои *ҷозибанок, пурқувват,* вале *нарм* аз ҷиҳати сохт чӣ гунаанд ва ба вазифаи кадом аъзои ҷумла омадаанд?

5) Чаро байни он аъзоҳои ҷумла аломати вергул гузошта шудааст?

!

Сифат аломати ашё, чигунагии ҳодисаю воқеаҳоро ифода мекунад. Сифат ранг, бӯй, маза, вазн, арзиш, хислат, хусусияти ашёро ифода кунад (дар матнҳои боло: *кабуд, гарм, зебо, нарм, пурқувват...*) – аслӣ, ба чизе, маконе ё замоне нисбат дода шавад (*чӯянӣ*, *сиёҳчурда*) – нисбӣ меноманд.

Сифатҳои аслӣ дараҷаҳои қиёсӣ доранд: *зебо, гарм* – одӣ, *зебо-тар, гарм-тар* – қиёсӣ, *зебо-тарин, гарм-тарин; хеле зебо, хеле гарм; аз ҳама зебо, аз ҳама гарм; гарми гарм* – олӣ. Дар сифатҳои аслӣ кам ё беш зоҳир шудани аломат низ мушоҳида мешавад: *кап-кабуд, кабудча, кабудтоб, кабудчатоб.*

Сифатҳои нисбӣ чунин хусусиятҳо надоранд. Пасвандҳои *-ӣ, -гӣ, -вӣ, -ин, -гин*, *-она* аз исмҳо бо ҳамин маъно сифат месозанд. Баъзан сифат бе пасванд (*ё*-и нисбат) низ омада, ба аломати нисбии мавсуф далолат карда метавонад: манқали *чӯянӣ – чӯянин – чӯян.*

Сифатҳо аз ҷиҳати сохт сода, сохта, мураккаб ва таркибӣ мешаванд: *кабуд, гарм, зебо, мусаффо*; *чӯянӣ, чӯянин, ҷози-*

*банок*; *пурқувват, дилошӯб, рӯҳафзо, сиёҳчурда, ситорагарм; калон-калон, гарми гарм.*

Унсурҳои калимасози сифат вазифаи муштаракро адо намуда хусусияти ҳаммаъноӣ зоҳир мекунанд: ***бо**-хирад // хирад-**манд**, **пур**-ҳунар // ҳунар-**манд**,* саломи *самим-**ӣ*** // саломи *самим-**она***.

**61. Дар калимасозии сифатҳои ҷумлаҳои зерин чӣ хусусияти маъноӣ мушоҳида мешавад?**

Лекин инро фаромӯш накардан даркор аст, ки як одами *давлатманд* абадӣ *бодавлат* шуда наметавонад (С.А.); Дар даруни ин кӯзача даҳ дона тиллои *даҳсӯмӣ*, даҳ дона тиллои *панҷсӯмӣ* буд. Самадхоҷа ду тиллои *даҳсӯма* ва даҳ тиллои *панҷсӯма*ро гирифта, ба кисааш гузошт (Ҷ.И.).

? 1) Тарзи дигари ифодаи хабари ҷумлаи аввал (*фаромӯш накардан даркор аст*) чӣ гуна хоҳад шуд ва кадоме аз онҳо дар забон маъмултар аст?
2) Дар сифатҳои боақл – бааҳл – ақлнок, бохирад – хирадманд, нотоб – бетоб – камтоб, самимӣ – самимона, асабӣ – асабонӣ, (одами) касалӣ – касалманд, айнакӣ – айнакдор, дупудӣ – дупуда, дирӯза – дирӯзангӣ, пашмӣ – пашмин – пашмина, пахтагӣ – пахтагин – пахтанок, нахӯдӣ – нахӯддор, лолагун –лоларанг кадом унсурҳои калимасоз муштараквазифа шудаанд ва сифатҳои сохта ва мураккаби ҳаммаъно чӣ тафовути услубӣ ё тобиши маъно доранд?

**62. Дар матнҳои зерин нависанда аз кадом имконоти калимасозии сифат фоида бурдааст?**

Ман мегӯям, ки, агар мумкин бошад, бо хурӯҷи оммавӣ ин гургони одамхорро(1,7) тавбаи гургӣ додан лозим аст(4).

– Ӯй гургони одамхор! Аз шумо умеди одамгарӣ кардан ва одам шудани шуморо чашм доштан ғалат аст! Шуморо тавбаи гургона додан лозим(4)! (С.А.).

1) Калимаҳои *оммавӣ* ва *одамхор* кадом хели сифатанд ва чӣ тарз сохта шудаанд?

2) Ифодаи *аз касе чизеро чашм доштан* чӣ гуна воҳиди забон аст?

3) Ҷонишини шахсии *шумо* ба маънои ҷамъ омадааст ё ба маънои танҳо?

4) Аломати хитоб барои чӣ гузошта шудааст?

**63. Як эроди С. Айниро бодиққат хонед ва шумо ҳам мулоҳиза кунед, ки дар ҷумлаҳои зерин сифатҳои ишорашуда аз ҷиҳати сохт чӣ нуқсон доранд ва онҳоро ислоҳ карда, нависед.**

М а т н: Дар як шаби *маҳтобӣ.*

Т а ҳ р и р: Дар як шаби *маҳтоб.*

Қ а й д: Шаб *маҳтобӣ* намешавад, *маҳтоб* мешавад, аммо чизҳои дигаре, ки ба маҳтоб монандӣ доранд, масалан, як хел зардолуи *маҳтобӣ* мешавад, инчунин як хел шароби хоми ангурӣ ҳаст, ки *маҳтобӣ* меноманд. Забонро аз халқ ёд гирифтан даркор аст(4). Дар шеъри халқӣ, ки дар охири ин саҳифа (романи “Шодӣ”) навишта шудааст, *шаби маҳтоб* гуфта шудааст, на *маҳтобӣ:*

Шаби *маҳтоб* маҳтобӣ кашидам,
Чилими нуқраро холӣ кашидам.

1. Ин рафтори духтар бухгалтерро боз ҳам *умеднок* мекард. 2.Онҳо бештар ба нормаи *хӯрокӣ* диққат доданд. 3. Ин дақиқаҳо бисёр нозук ва *хавфовар* буданд. 4. Тазкиранависон воқеаҳои таърихиро *муболиғаангез* баён кардаанд. 5. Дарахтон ба назари ман *асрорангез* ва *пурсукут* менамуданд. 6. Воқеан ин вазъ барои насли башар *истиробангез* ва *хатарофарин* аст.

1. Таъбирҳои *шаби маҳтоб* ва *чилими нуқра*ро боз чӣ тарз гуфтан мумкин аст?

2. Маънои пасвандгунаҳои *-омез,-ангез* ва *-омӯз* чист?

3. Байни мисраъҳо чаро аломати вергул гузошта шуд?

4. Ҳоло калимаҳои *бухгалтер* ва *норма* бо кадом вожаҳо иваз шудаанд?

**64. Дар матни зерин тавсиф дар кадом қолаби сифат ва сифати феълӣ сохта шудааст ва дар матни асари бадеӣ чӣ вазифаи услубиро адо мекунад?**

Дар ҳақиқат ҳам ҳусну ҷамоли(5) Гулнор таъсирбахшо буд: чашми сиёҳи оташбор, мижгони дарози ҷоншикор ва абруи(6) каҷи дунболадори(6) ӯ дили ҳар бинандаро аз ҷо мебурд; мӯйи(6) дарози тобдораш, ки то хамгашти зонуҳояш мерасид, барои ҳаваскорон каманди печоне буд; зулфи парешонашро гирди рухсори тобонаш ба он зебоӣ(6) тасвир кардан аз дасти ҳеҷ наққоши нодиракор намеомад: қади навраста, рӯйи(6) хуҷиста, зулфи шикаста, абрӯи пайваста – ҳама ба якдигар зебанда афтида буданд. Донаҳои ашки алмосгун, ки аз чашмони дурахшонаш ба рӯйи рахшонаш мечакиданд, намуди шабнами саҳариро ба рӯйи гулбарги таре ҷилва медоданд (4) (С.А.).

?

1) Калимаи *рӯй* ба чанд маънӣ омадааст ва он аз *рухсор* бо кадом тобиши маъно фарқ мекунад?
2) Оё исми *намуд* ба маънои *хел* ва *навъ* омадааст?
3) Сифатҳои *рахшон* ва *дурахшон* ба чиҳо нисбат дода шудаанд?
4) Дар ин тасвири ҳусну ҷамол ба ҷуз тавсиф боз кадом санъатҳои лафзӣ ва маънавӣ истифода шудаанд?

**65. С. Айнӣ ҳусну ҷамоли қаҳрамони асарашро ҳамин тарз тасвир кардааст. Шумо ҳам аз тавсифҳои нависанда истифода бурда, симоеро тасвир намоед. Тасвирро аз қомат, ранги рӯ, зулфу гесу, чашму абру, лабу даҳон оғоз намуда, ба зикри асбоби ороиш ва либосу пойафзол гузаред.**

**66. Бо исмҳои *хабар, маълумот, ҳунар, фарҳанг, муваффақият* ибора ва ҷумлаҳое созед, ки дар онҳо калимаҳои мазкур дар як маврид бо пешояндҳои *бо* ва *бе* омада, дар мавриди дигар чун пешвандҳои *бо-* ва *бе-* сифат сохта бошанд.**

## Шумора

! Маънои умумии грамматикии шумора адад, миқдори ашё ва тартиби шумури он аст. Ададҳо бидуни ашё мафҳумҳои ғайримушаххасро (абстрактро) ифода мекунанд, бо ашёи башумур ки омаданд, маънои мушаххас пайдо мекунанд. Шумораҳо миқдорӣ ва тартибӣ мешаванд. Шумораҳои миқдорӣ (аслӣ, тахминӣ, касрӣ) бо ченакҳои шумор (нумеративҳо) ё бе онҳо бо исм (гоҳе бо масдар) омада, дар ҷумла вазифаи муайянкунандаро адо мекунанд. Шумораҳо аз ҷиҳати сохт сода (*ду, шаст, ҳазор...*), сохта (*дуюм, шастум...*), мураккаб (*дувоздаҳ, шашсад...*) ва таркибӣ (*бисту ду, шасту чор...*) мешаванд.

Шумораҳо дар мавридҳои гуногуни гуфтору навиштор ба тарзҳои *чор – чаҳор, чил – чиҳил, дусад – дувист, ҳаштоду ҳашт – ду кам навад, панҷоҳ – ду бисту даҳ, ҳазору нӯҳсаду наваду нӯҳ – нуздаҳсаду наваду нӯҳ, ним – 0,5, яку чоряк – 1, 0,25* низ кор фармуда мешаванд.

**67. Дар мисраъҳои зерин шумораҳои *як – сад, як – дусад*, ҳар банд, ҳар печ – *ҳазор* чӣ нияти услубии шоирро ифода кардаанд?**

1. Агар *як* зулф бифшонад(1),
   аз ӯ *сад* дил раҳо гардад
   Ва гар *як* чашм бигморад(1),
   *дусад* дилро кунад пурхун(4) (Рӯдакӣ).

2. Зи дил *як* қатра хун мондааст аз ҳаҷри ҷигарсӯзат(2),
   Вале дар ҷӯйбори дида *сад* дарёи хун дорам(4) (Камол).

3. Зулфат дидам, сар аз чамон(1) печида
   В-андар гули сурхи арғувон печида;
   Дар ҳар банде ҳазор дил бар бандаш,
   Дар ҳар пече ҳазор ҷон печида(4) (Рӯдакӣ).

1) Дар таркиби ибораи *як қатра хун* калимаи *қатра* ба кадом вазифа омадааст?
2) Таъбири *сар аз чизе печидан* чӣ гуна воҳиди забон аст ва чӣ маъно дорад?
3) Дар ибораҳои *ҷӯйбори дида* ва *дарёи хун* кадом калима ба маънои аслӣ ва кадоме ба маънои маҷозӣ омадааст?

Шумораҳо бо ҳарф навишта шуда бошанд, пасвандҳои *-ум, -юм* якҷоя (*сездаҳуми* сентябр), бо рақам навишта шуда бошанд, бо нимтире навишта мешаванд (*13-уми* сентябр). Пас аз рақамҳои римӣ пасванд навишта намешавад (асри XX1), аммо «асри бисту якум» мехонанд. «*13 – сентябр*» навиштан ғалат аст. Ҳамин қоида дар навишти нумеративҳои *-та, -то* ва ҳиссаи калимаи мураккаб низ ҷорист: *биступанҷсолагии* (*биступанҷумин* солгарди) Ҷумҳурии Тоҷикистон – *25-солагии* (*25-умин* солгарди) Ҷумҳурии Тоҷикистон.

## Ҷонишин

**68. Ба тақтеи вазн, ҳиссаҳои ҷумла (синтагмаҳо) ва аломатҳои китобат риоя карда шеърро бурро, пуртаъсир қироат кунед:**

Тифл мондам аз *ту,* модар, рӯйи *ту* дар ёд нест,
Қомати *ту*, чашми *ту*, абруи *ту* дар ёд нест
(Мирзо Турсунзода).

Ба сарвақтам намеоӣ, хазон гаштам, намепурсӣ,
Биҳишти *ман*, баҳори *ман*, гули раънои боғи *ман.*
Чӣ кардам *ман*? Чӣ гуфтам *ман*? Чӣ дидӣ? Аз чӣ ранҷидӣ?
Маҳи *ман*, кавкаби *ман*, нури чашми *ман*, чароғи *ман*
(Сайидо).

Дар байти аввал ҷонишини *ту* мусоҳиби ғоиб – модарро, дар порчаи дуюм ҷонишини *ман* худи гӯяндаро ифода мекунад, ки қаҳрамони лирикии ғазал аст. Дар ҷумлаи «Чӣ кардам ман» бе зикри ҷонишини *ман* ҳам соҳиби амал аз шакли

феъли *чӣ кардам* (шахси якуми шумораи танҳо) маълум аст. Бинобар ин ҷонишинҳои шахси якуму дуюм, ки ҳангоми гуфтор ҳозиранд, аз рӯйи зарурат зикр меёбанд. Вале дар матнҳои боло такрори ҷонишинҳои *ту* ва *ман*ро бемавқеъ ё, ба истилоҳи адабиётшиносӣ, «мисраъпуркун» шуморидан мумкин нест, зеро ба василаи такрори ҷонишинҳои мазкур як олам эҳсосоти қаҳрамони лирикии асар ифода ёфтааст.

! Ҷонишинҳо дар ҳама забонҳо ҳам камшуморанд, аммо ба ҷойи қариб ҳамаи калимаҳои маънодор омада, ба мафҳумҳои гуногун далолат карда метавонанд, бинобар ин аз ҷумлаи калимаҳои серистеъмолтарини забон ба шумор меравtotal. Мустақилияти ҷонишинҳо нисбӣ аст, зеро аввал номи ашё, аломат, адад, амалу ҳолат зикр наёбад, аз ишора кардан ба онҳо бо ёрии ҷонишинҳо муроде ҳосил намегардад. Ҷонишинҳо як омили кӯтоҳбаёнианд: Порсол дар меҳмонхонаи калони шаҳр фоҷиае рӯй дод. Баъди ҳамон сайёҳонро ба даруни шаҳр надаровarданд (Ф.М.). Дар ин ҷо ишораҷонишини *ҳамон* ба ҷойи як ҷумла (Порсол дар меҳмонхонаи калони шаҳр фоҷиае рӯй дод) омадааст. Вале зуд-зуд такрор шудани ҷонишини шахси сеюм боиси духурагии маъно ва тира ифода ёфтани матлаб мегардад:

Аммо даррав натавонист, ки ба сари мурда равад. Аз касе, ки хабари мурдани модаркалонашро ба *вай* расонида буд, хоҳиш кард, ки ин хабарро ба хӯҷаини *вай* ҳам расонад ва аз *вай* илтимос кунад, ки ягон касро ба чарогоҳ фиристонад, то ки *ӯ* рамаро ба *вай* супорида, ба сари мурда равад (С.А.).

Дар ин матн ҷонишини *вай* чор маротиба ва ҷонишини *ӯ* як маротиба кор фармуда шудааст ва ин, бешубҳа, ба равшан дарк намудани мундариҷаи матн халал мерасонад.

Хусусияти сарфию наҳвии ҷонишин ба он вобаста аст, ки он ба ҷойи кадом ҳиссаи мустақили нутқ меояд. Ҷонишинҳо шахсӣ, нафсӣ-таъкидӣ, саволӣ, таъйинӣ, манфӣ, номуайянӣ, муштарак ва ишоратӣ мешаванд. Ҷонишинҳо дар ифодаи мафҳумҳои шахсу ашё омада, дар ҷумла вазифаи мубтадою

пуркунандаро, аломату миқдорро ифода намуда, вазифаи муайянкунандаю хабарро, ба ҷойи зарф омада, вазифаи хелҳои гуногуни ҳолро адо мекунанд.

Ҷонишинҳои *ман – мо, ту – шумо, ӯ – вай – он кас – эшон (шон)* дар ифодаи шахси танҳо силсилаи муродифоти луғавию грамматикиро ташкил додаанд.

**69. Дар матнҳои зерин ҷонишинҳои *мо, шумо, шумоён, эшон (шон*) ба кадом маъно (шумораи танҳо ё ҷамъ, омадаанд? Ба воситаи он ҷонишинҳо чӣ гуна муносибати гӯянда (мусбат ё манфӣ) ифода гардидааст?**

Ёри *мо* ҳаргиз наёзорад(1) дили ағёрро,
Гул саросар оташ аст, аммо насӯзад хорро(4) (Ҳилолӣ).

Агар *мо* писаратонро ба хизмат гирем, *шумо*ро кӣ нигоҳубин мекунад?(4) (Ҳ.К.); Йигити нозанин, бародари *шумо* ва завҷаи *эшон* ба *шумо* боз чиҳо фармуданд?(4) Дилашон боз чиҳо мехостааст? Балки тухми анқо металаб дилашон? (Ф.М.); – Вибераторро дошта наметавонию боз *шон*(1) бригадир! – аз ҷаҳл намефуромад апаи Бӯстон (Рӯзнома); Ман ҳукм кардам *шумоён*ро, ки волидони мақтулед(4). Ин шахсро, ки бар вай даъвои *шумо* собит гаштааст, ба ҳукми шариат, агар хоҳед, қасос кунед ва агар хоҳед, дият (товони хун) ситонед(4) (Восифӣ).

?

1) Калимаи *завҷа* чӣ маъно дорад ва бо кадом мақсад кор фармуда шудааст?
2) Таъбири *тухми анқо* чӣ гуна воҳиди забон аст ва чӣ маъно дорад?
3) Калимаи *дият* чӣ гуна воҳиди луғавӣ ба шумор меравад?
4) Феъли *ситондан* аз муродифҳои *гирифтан* ва *рабудан* чӣ тафовути маъноӣ дорад?

**70. Дар матни зерин калимаҳои ишорашуда кадом хели ҷонишинҳоянд ва чӣ хусусияти услубӣ доранд?**

*Он* ки аз дарди дили *худ* ба фиғон аст, *ман*ам
В-*он* ки аз зиндагии *хеш* ба ҷон аст, *ман*ам(4).

*Он* ки дар ҳусн кунун(1) шуҳраи(1) шаҳр аст, *туӣ*(6)
В-*он* ки дар ишқи *ту* расвои ҷаҳон аст, *манам*
(Ҳилолӣ).

Ваҳ *чӣ* суруре аз *ин* суханон ба синаи Наниманча роҳ ёфт? *Чӣ* рӯшноие ба дилаш тофт(4)? (С.У.); Кӯлмаки одии канори пиёдагард(2)… *ин қадар* банур(1) , *ин қадар* дилкаш, ҳатто, метавон гуфт, *ин қадар* зебо мешудааст?!(7) (Ф.М.).

?

1) Муродифҳои *худ* ва *хеш* чӣ тафовути услубӣ доранд ва дар шеър бо чӣ мақсад кор фармуда шудаанд?

2) Калимаҳои *шуҳра* ва *шаҳр* чӣ гуна воҳиди луғавианд ва дар шеър бо чӣ мақсад истифода шудаанд?

3) Дар матни охирин такрори ҷонишини *ин қадар* магар бемавқест?

**71. Дар истифодаи ҷонишинҳои ишорашуда ва бандакҷонишини *-аш* чӣ ғалат мушоҳида мешавад? Ҷумлаҳоро ислоҳ карда, нависед.**

1. Зиндагӣ қонунҳои нонавиштаи *худ*ро дорад; 2. Комёбиҳои тиб имкон доданд, ки мубориза бо амрози сироятӣ ҳалли *хеш*ро ёбад; 3. Деҳқононе, ки баҳорро бесаброна интизор*аш* буданд, ба киштукор сар мекунанд; 4. Чизи дигаре, ки маро ба ҳаяҷон овард, *ин* дидани ҳамин китобҳо буд. 5. *Он кас* хеле серкор буданд ва фурсат ҳам надоштанд, зеро пас аз машқҳои тӯлонӣ, консертҳо, сафарҳои ҳунарӣ хеле хаста шуда ба хона меомад.

**72. Матнҳои зеринро нависед, ба зери ҷонишину бандакҷонишин хат кашед ва шарҳ диҳед, ки ба кадом мафҳумҳо далолат мекунанд ва нависанда онҳоро бо кадом мақсад ба кор бурдааст.**

1. – Оқсақол, ту бе розигии мо ба мардикорӣ даст намон, халқ дастатро бурида мепартояд(4) (Р.Ҷ.);

2. Бой ҳам ба ӯ муомилаҳои хуб мекардааст(2). Дар вақти кор фармудан ба ӯ намегуфтааст(2), ки, масалан: «Ғӯзаро

хишова кун» ё ин ки «Гандумро дарав», балки мегуфтааст(2), ки: «Ғӯзаатро хишова кун», «Гандуматро дарав»;

3. Инак, арӯси ҳикояи мо, ки Гулбибӣ аст ва дар замони хурдтаракиаш(1) шумо бо ӯ шинос шуда будед, ба ҳамаи ҳусн ва латофати табиӣ доро буд(4) (С.А.).

?

1) Калимаи *оқсақол* чӣ гуна воҳиди луғавӣ аст ва дар матн бо кадом мақсад истифода шудааст?

2) Нависанда калимаи *мардикорӣ* ва ибораи *даст намон*ро бо кадом маъно кор фармудааст?

3) Дар матни дигар калимаҳои *бой* ва *ғӯза* ба кадом маъно омадаанд?

4) Гулбибӣ қаҳрамони кадом асари С.Айнӣ аст ва чаро нависанда ӯро *арӯси ҳикоя* меномад?

## Феъл

!

Феъл мафҳумҳои амал, ҳаракат ва ҳолатро ифода мекунад. Агар тасвири хаттӣ феъл надошта бошад, сурати ҷисмҳои беҷон (натурморт) аст, дар он амалу ҳолат ва ҳаракат вуҷуд надорад. Феъл ба тасвир ҷон бахшида, онро зинда мекунад, ба ҳаракат меоварад.

Муқоиса кунед:

1. Ҳавлии васеъ. Дар миёнҷойи он – як сарҳавз. Дар гирдогирди он – дарахтони сабзу хуррам. Дар як канори сарҳавз, зери маҷнунбед – кати чӯбин…

2. Одинамоҳхола корҳояшро *тамом кард.* Ба рӯйи бӯрё кӯрпачаашро *андохта*, ба сари чархаш *нишаста буд* ки,(7) дуп-дупи қадаммонии бошиддат *ба гӯшаш расид.* Вай аз дарича каллаашро *бароварда,* ба рӯйи ҳавлӣ *нигоҳ кард.* Як ҷавони ба назар бисту се – бисту панҷсолаи(3) сиёҳтоб *давида* ба сӯйи хона *меомад…*

Дар матни дуюм *тамом кард, нишаста буд, ба гӯш расид, нигоҳ кард, меомад* шаклҳои тасрифии феъл, *андохта, бароварда, давида* шакли тасрифнашаванда – сифати феълӣ, *андохтан, баровардан, давидан* (масдар) аст.

Маъноҳои грамматикии феълҳои тасрифии матни боло:

- сиғаи хабарӣ,
- замони гузашта,
- шахси сеюм,
- шумораи танҳо,
- тарзи фоил,
- *меомад* – намуди давомдор, феълҳои дигар – мутлақ,
- шаклҳои замонии сиғаи хабарии матни боло: *тамом кард, ба гӯш расид, нигоҳ кард* – замони гузаштаи наздик, *нишаста буд* – замони гузаштаи дур, меомад – замони гузаштаи ҳикоягӣ,
- аз ҷиҳати сохт *меомад, андохта, давида* – феъли сода, *бароварда* – сохта, *тамом кард*, *нигоҳ кард* – таркибӣ,
- *нишаста буд* – шаклан таркибӣ,
- *ба гӯш расид* – ибораи рехта.

**73. Давоми матнро мисли боло таҳлил кунед.**

Одинамоҳхола(2) дар сонияи аввал(3) ҳайрон шуд, ҳатто андаке тарсид ҳам. Вай зуд аз ҷояш бархест. Он ҷавон зада ба хона даромад. Вай базӯр(2) нафас мекашид. Чашмони беҷояш(2) саросемавор(2) ҳама ҷоро такопӯ(2) мекарданд.

?

1) Феълҳои *ҳайрон шудан, тарсидан* ва *бархестан*ро тасриф кунед.
2) Ҳамаи феълҳои матнро дар шакли замони гузаштаи сифати феълӣ (тарсида) нависед.
3) Шарҳ диҳед, ки феъли *зада* ба маънои амали феъли *даромад* чӣ тобиши маъно зам кардааст.
4) Феълҳо дар ҷумла ба вазифаи кадом аъзо омадаанд?
5) Бо пешояндҳои *ба* ва *бе* ва калимаҳои *зӯр* ва *ҷо(й)* ибора ё ҷумла созед ва таркибҳои «ба зӯр» ва «бе ҷо(й)»-ро аз ҷиҳати имло бо калимаҳои сохтаи *базӯр* ва *беҷо* муқоиса кунед.

!

Масдар номи амалу ҳолат (исми феълӣ) аст. Аз асоси замони гузаштаи феъл бо зам намудани пасванди *-ан*

сохта мешавад: *тарсид-ан, ҳайрон шуд-ан.* Дар ҷумла мисли исм ба вазифаи мубтадо ва пуркунанда, инчунин аъзоҳои дигар меояд.

Сифати феълӣ амалу ҳолатро ҳамчун аломати ашё ифода мекунад. Шаклҳои замонӣ дорад. Шаклҳои замони гузашта (*хонд-а, хонд-а-гӣ)*, ҳозира *(хон-анда, хонд-а истод-а, ме-хонд-а-гӣ*), оянда *(хонд-ан-ӣ*) дорад. Шакли *хонд-а* чун амалҳои пайрави феъли тасрифӣ (хабарҳои чида) низ ба кор бурда мешавад:

Ман дарро *кушода*, ба дарун *даромада,* ҳозиронро як *аз назар гузаронида*, салом додам. Дар ин маврид пас аз хабарҳои чида аломати вергул гузошта мешавад. Набояд фаромӯш кард, ки ин шакли сифати феълӣ дар ҷумла ба вазифаи хелҳои гуногуни ҳол низ омада метавонад. Дар ин сурат аломати вергул гузошта намешавад: Ман аз дар *хандида* ё *хандида-хандида* (*хандакунон* – феъли ҳол) даромадам. Дар ин ҷо сифатҳои феълии *хандида, хандида-хандида* ва феъли ҳоли *хандакунон* ба вазифаи ҳоли тарз омада, дар кадом ҳолат содир шудани амалро мефаҳмонад, бинобар ин пас аз *хандида* (*хандида-хандида*) вергул гузошта намешавад.

**74. Ҷумлаҳоро бодиққат хонед ва муқаррар кунед, ки дар кадом мавридҳо пас аз шакли мазкури сифати феълӣ аломати вергул гузошта мешавад ва дар кадом маврид гузошта намешавад.**

1. Тирҳои чарх хӯрда шуда(!) гарданаҳо кафида(!) тасмаҳо фарсудаанд (С.А.); 2. Ӯ ғарқи тамошо ва андешаҳои ошиқона шуда(!) аз гардиши лангари соат бехабар буд; 3. Тағоиям чойи дар даст доштаашро нӯшида(!) пиёларо ба додараш – Алихон дода(!) ба ӯ як нигоҳи тезу тунд карда(1) давом намуд (С.А.); 4. Кас аз сирри онҳо бохабар нашуда(!) гапҳояшонро ба осонӣ фаҳмида наметавонад (Ҳ.К.); 5. Набиполвон барои дониста гирифтани муддаои он чашмонашро калон кушода(!) ба ӯ нигоҳ кард; 6. Азимшоҳ гум шудани ду гӯсфанди худро шунида(!) ҳеҷ изҳори андӯҳ накард (С.А.).

**75. Дар матнҳои зерин феълҳои ишорашуда аз ҳамдигар чӣ тафовути шаклӣ доранд, онҳо аз кадом ҷиҳат муродиф шудаанд.**

1. Ман мӯйи хешро *на* аз он *мекунам сиёҳ* // *сиёҳ намекунам,*

То боз ҷавон шаваму нав кунам гуноҳ(4);

2. Ин ҷаҳон поку хубкирдор аст,

Он *шиносад* // *мешиносад,* ки дил-ш бедор аст(4) (Рӯдакӣ).

3. Як рӯз Мирзо Абдулло ном мирзои сари сандуқ – кассири як бой аз Қориишкамба(2) сад ҳазор танга – понздаҳ ҳазор сӯм қарз *мепурсад (қарз пурсид)* (С.А.); 4. – Писарам, агар ним соатакак вақт *дошта бошед (дошта бошӣ)*, ҳамроҳи ман як *гардиш мекардед (гардиш кун)* (С.У.).

? 1) Чаро нависанда ибораи *мирзои сари сандуқ*ро *кассири як бой*, *сад ҳазор танга*ро *понздаҳ ҳазор сӯм* шарҳ додааст ва ҳоло мавқеи калимаҳои *кассир* ва *сӯм* дар забони тоҷикӣ чӣ гуна аст? 2) Пасванди *–акак* дар таркиби *ним соатакак* ва калимаи *як* пеш аз феъли *гардиш кардан* омада, ба тарзи баёни фикр чӣ тобиши маъно зам намудааст?

**76. Дар шакл, сохту таркиби феълҳои ишорашуда чӣ нуқсон рафтааст ва онро чӣ тарз ислоҳ кардан мумкин аст? Матнҳоро ислоҳ карда, ба дафтар нависед.**

1. Баъзан бошавқ мӯйҳои хоҳарчаамро *мебофидам*у дар кадом шакл хушнамуд буданашро изҳор менамудам; 2. Вай ба лутфу меҳрубонии духтар *ғарқида* фаромӯш кард, ки барои чӣ ба ин макон омада буд; 3. Диққати ӯро лифофаи калони сабз, ки дар болояш бо ҳарфҳои калон «Ҷумҳурии Украина, вилояти Закарпате, шаҳри Ужгород» *нависонда шуда буд*, ҷалб намуд; 4. Барои бисёре аз мардум ин курта аҷиб аст ва бо дидани он ҳама *мутааҷҷиб шуда* даҳони ҳамёнро боз мекунанд; 5. Дарёчаи шӯхоб бо фиғон ҷорӣ буду нола мекард. Гӯё пешомади нохушеро *нақл дошт; 6.* Ман *боварӣ дорам*, ки онҳо дар ҳар кучое, ки *набошанд*, шарафи варзиши тоҷикро ҳимоят хоҳанд кард (Рӯзнома).

## Зарф

! Зарфҳо гуногунмаъноянд. Зарфҳои аломат ба сифатҳои аслӣ монандӣ доранд. Фарқ дар ин ҷост, ки сифат аломати ашёро, зарф аломати амалу ҳолатро ифода мекунад. Онҳо дар ҷумла ба вазифаи хелҳои гуногуни ҳол омада метавонанд: *Каҷ* нишину *рост* гап зан. *Кам-кам* хӯру *ҳамеша* хӯр. Зарфи аломат ҳам мисли сифат эҳтиёҷи калимаи эзоҳшавандаро ба шарҳи аломат қонеъ мегардонад ва ҳамеша дар паҳлуи он ҷой мегирад.

Ба тариқи қиёс ифода намудани аломати ашё ва амалу ҳолат низ ба робитаи маъноии зарфу сифат далолат мекунад. Агар фақат сифатҳои аслӣ дараҷаи муқоисавиро ифода кунанд, на танҳо зарфҳои аломат, балки зарфҳои микдор, замон ва макон ҳам миқдору дараҷаи зоҳиршавӣ, замону макони воқеъ гардидани амалу ҳолатро ба тариқи қиёс ифода карда метавонанд: *зудтар, оҳистатар, барвақттар, дертар, болотар, поёнтар.*

Зарфҳо аз ҷиҳати сохт сода (*зуд, пиёда, дина, фардо*), сохта *(фавран, саҳван, қасдан, оромона, ҷасурона, мардонавор, пуштнокӣ, беихтиёр, беист, нохост, базӯр, саҳарӣ*), мураккаб *(якзайл, паёпай, хушҳолона, пасфардо*), таркибӣ (*як ба як, ҳар гоҳ, дам ба дам, чору ночор, базӯр-базӯр*) мешаванд.

**77. Зарфҳоро ёбед ва аз рӯйи сохт гурӯҳбандӣ карда, дар дафтар нависед.**

1. Нохост дар пеши назарам қомати баланду кокулҳои майдабофтаи ҳамсинфам – Мукаррама намудор шуд (П.Т.); 2. Дина бегоҳ маро таъҷилӣ ба идораи нигаҳдории тартиботи ҷамъият бурданд (А.Б.); 3. Оҳиста-оҳиста овозаи Ҳайдарқули моҳипаз ба ҳама ҷо паҳн шуд (Ҷ.И.); 4. Пирамард белро сарнагун ба рег хаста монду қафонокӣ панҷ-шаш қадам рафт (А.Д.); 5. Кӣ буданатро дарҳол маълум кун (С.А.).

❗ Робитаи маънои зарфҳое, ки аз як решаи калима бо унсурҳои калимасоз сохта шудаанд, низ ҷолиб аст: *саҳар-ӣ – саҳар-гоҳ – саҳар-гоҳ-он*: *Саҳарӣ* яке аз хомӯшакҳо… дар вақти хобам пешониамро газидааст (Ф.М.); *Саҳаргоҳон*, рӯзи дамгирӣ зану шӯ аз кӯчаи Киров ба ҷониби маркази шаҳр равон гардиданд (С.У.). Зарфҳои замони *бегоҳ – бегоҳӣ – бегоҳонӣ* низ ба як маъно далолат мекунанд: Мирзо *бегоҳӣ* ҳамроҳи бой аз бозор омада, ба ҳуҷраи ба худаш додашуда медаромад; *Бегоҳонӣ* ба ҳуҷраи Маҳмудараб рафтам (С.А.). Аммо зарфҳои замони *пагоҳӣ – пагоҳонӣ – пагоҳирӯз* мисли силсилаҳои боло бо ҳамдигар муродиф шаванд ҳам, вале бо калимаи *пагоҳ*, ки рӯзи дигарро ифода мекунад, ҳаммаъно намешаванд: *Пагоҳӣ* модари солеҳ як коса шир ва якто нон оварда монд (С.У.); Мирзо ҳар *пагоҳонӣ* ҳамроҳи бой ба тиҷоратхонаи ӯ мерафт (С.А.); Вақте ки мисли ҳамешагӣ Саодат *пагоҳирӯз* барвақт аз ҷояш хест, аз рӯйи миз чунин хатчаеро пайдо намуд (Ҳ.К.).

Зарфҳои *дина – дирӯз, дишаб – дӯш, доим – доимо, пеш – пешакӣ, ногоҳ – баногоҳ, ҷиддӣ – ҷиддиёна, бодиққат – бодиққатона, падарвор – падарона* ва ғайра бо ҳамдигар муносибати ҳаммаъноӣ зоҳир намуда, доираи имконоти интихоби зарфҳоро фузунтар мегардонанд.

**78. Дар ҷумлаҳои зерин зарфҳоро ёфта, нависед ва мулоҳиза кунед, ки ҳамон маъноро боз чӣ тарз ифода кардан мумкин аст. Он тарзи ифодаро бо аломати // дар муқобили зарфи матн нависед. Онҳоро аз ҷиҳати сохт муқоиса кунед ва шарҳ диҳед, ки дар ифодаи аломат, замон, макони воқеи амалу ҳолат чӣ тафовути маъноӣ ё услубӣ доранд.**

1. Шубҳаи шумо аз ман тамоман беасос ва хандаовар аст; 2. Пагоҳӣ чашмам тифоқо ба рӯзнома афтод (А.Б.); 3. Дар берун ҳақиқатан ҳам Аҳмадҷони машкоб будааст (Ҷ.И.); 4. Агар баногоҳ Шодигул имрӯз ба роҳ баромада бошад, Нуралӣ метавонад ӯро дар он ҷо пайдо кунад; 5. Командир бо мо нохост бо забони ӯзбекӣ ба сухан даромад; 6. Наздики бегоҳӣ вай

аспакӣ ба «Ситораи сурх» расид; 7. Абӯалӣ каме фикр карда, ёдакӣ мехонд (С.У.).

**!** Агар фақат сифатҳои аслӣ бо пасванди хурдиву навозиши *–ак, -акак* омада, муносибатҳои мусбат ё манфии гӯяндаро ифода кунанд, мисли зарфи тарзи амал хелҳои дигари зарфҳо низ бо ин пасвандҳо омада метавонанд: *оҳистаякак, камакак*, *дирӯзакак* ва ғайра. Ин пасвандҳо ба зарфҳо васл шуда омада, ҳам ба маънои хелҳои гуногуни зарф тобишҳои нав зам мекунанд, ҳам задаи мантиқӣ гирифта ягон ғарази гӯяндаро ифода менамоянд: Кош ӯ зинда мебуду *якборакак* медидам (Рӯзнома); Ҳар ду чашматро *калонакак* кушода гардӣ, намешавад! (Р.Ҷ.).

Таъкид дар зарфҳо ба василаи дарозтар талаффуз кардани садоноки ҳиҷои аввал ё дуюми калима: хе-еле мушкил, ба-ағоят зебо, ниҳо-оят гарм, задаи мантиқӣ гирифтани калима (ҳатман, хусусан, асло, тамоман…) ва такрори он ифода меёбад: Ман *беҳад* шод будам (С.У.); Васияти вайро мо *асло* фаромӯш намекунем (Р.Ҷ.); Ин кайҳоннаварди шуҷоъ, ин шахси маҳбубу мӯътабари халқро шумо *беҳуда* ба ин ҷо даъват кардед, *беҳуда* ташвиш додед (А.Б.); Замонҳои бекасию ғарибӣ *кайҳо* аз сари ману ту дафъ шудаанд (Ф.Н.).

**79. Ҷумлаҳоро навишта, ба зери зарфҳо хат кашед ва хелҳои онҳоро аз ҷиҳати маъною вазифа ва сохту таркиб муайян кунед. Инчунин гӯед, ки зарфҳо ба вазифаи кадом аъзои ҷумла омадаанд.**

1. – Ё ин ки барои мурдани ӯ гӯсфандони маро ҳам гушна мононда куштан мехоҳӣ? – гуфт бой оташинона (С.А.); 2. Хурд будӣ, навозишат карданд(4). Кӯдакона ноз кардӣ. Модар модарона бӯсид. Падар падарона саратро молид (Ҳ.К.); 3. Пас аз барфу боронҳои пай дар пай дина шаб ҳаво якбора кушода шуд; 4. Вай оҳиста-оҳиста қадам монда(3) назди дарича(2) рафта, дар торикӣ(1) каме гӯш андохта истоду бо ҳаракати дасташ маро ҳам чеғ зад; 5. Модараш мехост писарашро ду-

рустакак ҷазо диҳад... Падар ба модар воқеаро батафсил баён кард (А.Д.); 6. Вай духтари миёнақад, моҳрӯй ва *хеле-хеле* ситорагарм буд (Ҷ.И.); 7. Сухан бисёр дону андаке гӯй, Якеро сад магӯ(б), садро яке гӯй(б) (Саъдӣ).

? 1) Зарфҳои *дурустакак* ва *хеле-хеле* чӣ гуна тобиши маъно зоҳир кардаанд?
2) Калимаҳои *бисёр* ва *андак* чӣ гуна воҳиди луғавианд?
3) Зарфҳои *якбора*, *каме* ва *батафсил*ро бо кадом муродифашон иваз кардан мумкин аст?

## Пешоянду пасоянд

! Пешоянду пасояндҳо унсурҳои аз ҳама серистеъмолу сермаъноии забонанд. Маънои грамматикии онҳо ҳангоми алоқаманд намудани ҷузъҳои ибора ё аъзоҳои ҷумла зоҳир мегарданд. Маъною вазифаи грамматикии пешоянду пасояндҳо ба маънои феъл (ва исмҳои амалу ҳолат) вобастагӣ дорад:

Гавҳар *аз* остона *ба* дарун *қадам монда*, *дар зери* сӯзании девор, *дар рӯйи* кӯрпача як зани сафедрӯйи чашму абрусиёҳ*ро* *дид* (П.Т.). Дар ин ҷумла калимаҳои *Гавҳар, остона, дарун, қадам мондан, сӯзанӣ, девор, кӯрпача, зан, сафедрӯй, чашмсиёҳ, абрусиёҳ, дидан* калимаҳои маънодор буда, *аз, ба, дар зери, дар рӯйи* пешоянд ва *-ро* пасоянд аст. Дар он феъли таркибии *қадам мондан* ба шарҳи маъноҳои «аз куҷо?» ва «ба куҷо?», феъли содаи *дидан* «киро?» ва «дар куҷо?» эҳтиёҷ дорад.

Пешояндҳо аз ҷиҳати сохту таркиб аслии сода: *аз, ба, бар, бо, дар, то, бе, ҷуз*; аслии таркибӣ: *то ба, ба ҷуз*; содаи изофӣ: *баъди, пеши, назди, рӯйи, болои...*; таркибии номии изофӣ: *ба пеши, дар назди, аз рӯйи, ба болои, дар бораи...*; таркибии номии беизофа: *баъд аз, пас аз, пеш аз, ғайр аз, назар ба, роҷеъ ба...*; номии изофии такрор: *пеш-пеши, рӯ-рӯйи, дарун-даруни* мешаванд. Ҷузъҳои номӣ дар таркиби пешояндҳо низ маънои луғавии худро як андоза нигоҳ дошта, маъною вазифаи грамматикии пешояндҳоро равшантар мегардонанд: *дар вақти* (за-

мон), *аз сабаби* (сабаб), *бо мақсади* (мақсад), *ба шарти* (шарт) *ба тарзи* (тарз), *ба монанди* (қиёсу монандӣ) ва ғайра.

Пешояндҳо ба мадади ҳамдигар омада, вазифаи муштаракро адо мекунанд:

Маро **ба** киштии бода дарафкан, эй соқӣ,
Ки гуфтаанд: «Некӣ куну **дар** об андоз» (Ҳофиз).

Дар мисраи дуюм пешоянди **дар** ба вазифаи пешоянди **ба** омада, сӯйи амалро ифода кардааст.

**80. Аз рӯйи талаботи маънои феълҳо ва таносуби калимаҳо ба ҷойи сенуқта пешоянду пасояндҳои мувофиқро гузоред:**

Ҷӯра пойҳояш… ду се бор тап-тап … замин зада, туфлиаш… …чангу ғубори кӯча тоза карду дарвоза… кӯфт. Дарвоза… хоҳари Сангинов кушод. Ҷӯра тез-тез қадам монда … ҳавлӣ … айвон гузашта, … дари хона расид. Дар нимроғ буд. Ҷӯра … роғи дар … дарун нигоҳ кард. … пешгаҳи хона, … курсӣ касе менишаст.

**81. Дар кор фармудани пешоянду пасояндҳои ҷумлаҳои зерин чӣ ғалат содир шудааст?**

1. Ҳимояи дастовардҳои мардуми кишварамон, пеш аз ҳама, **аз** шумо – кормандони умури дохилӣ, вобаста аст. 2. Саодат як лаҳза **аз** ҳама чиз фаромӯш карда, Азизаро сахт ба оғӯш гирифту паёпай ***аз*** рухсораҳои чун себ сафедаш бӯсид. 3. Ҷавон **аз** таклифи духтар розӣ шуд. 4. Бигузор, шуъбаҳои алоқа мардуми деҳро **бо** тозатарин хабари дунё огоҳ созанд; 5. Ин иқдом **дар бораи** рӯҳи баланди халқи мо шаҳодат медиҳад; 6. Мизбонон боз ба тартиб овардани дастурхон пардохтанд; 7. Меҳмонон **аз** корхонаҳои нави вилояти Суғд дидан карданд; 8. Шеърҳое, ки дар ин китоб дохил шудаанд, ба ду қисм ҷудо кардам; 9. Мутаассифона, ин қарор пурра ҳалли худро наёфт (Рӯзнома).

1) Рухсораро ба себи сафед ташбеҳ кардан дуруст аст?
2) Чаро талаффузи калимаҳои «деҳаҳо» ва «деҳро» мушкилтар аст? Чӣ бояд кард, ки ҷумла суфтаву равон хонда шавад?
3) Дар матни шашум кадом пешоянд барғалат ихтисор шудааст?

## Пайвандак

**82. Матнро хонед ва пайвандакҳоро ёфта, муайян кунед, ки онҳо чӣ вазифаи грамматикиро адо кардаанд.**

Гӯсолаи Ҳабиб ба гови Юсуф хеле(3) монанд буд. Вай ҳам ранги сурхчаю пешонаи қашқо дошт. Чун гӯсоларо ба наздаш оварданд, гов ҷонибаш назаре афканду ҳуммаскунон(3) рӯяшро гардонд. Гӯсолаи ширталаб маосзанон(3) фукашро беқаророна(3) тарафи синаи гов бурд, аммо вай пистонашро аз даҳони гӯсола ҳамон замон(3) кашида, канора(3) рафт. Ҷонвараки гурусна дафъатан(3) худро ба синаи гов ҷафс кард, вале боз ноком гардида, маосзанон гирди гов чархидан гирифт. Ниҳоят ҳайвони қайсарро дар дил раҳм омад ки, зумиашро як сӯ гузошта оромона(3,7) кавшакунон(3) дар ҷояш(3) истод ва гӯсола ба пистонаш лаб расонида ҳарисона(3) ба макидан даромад (Ф.А.).

1) Сифати *сурхча* мафҳуми рангро бо кадом тобиши маъно ифода мекунад?
2) Дар калимаи *ҷонварак* бо ёрии пасванди *-ак* чӣ гуна муносибати гӯянда ифода ёфтааст?
3) Маънои феъли «чархидан гирифт»-ро боз чӣ тавр ифода кардан мумкин аст? Дар таркиби «чархидан гирифт» феъли *гирифт* феъли таркибӣ сохтааст ё барои ифодаи маънои грамматикӣ хидмат кардааст?
4) Калимаи *маосзанон* кадом ҳиссаи нутқ аст ва дар ҷумла ба вазифаи кадом аъзо омадааст?
5) Калимаи «зумӣ»-ро бо кадом калимаи дигар иваз кардан мумкин аст?

**!** Пайвандакҳо низ калимаҳои серистеъмоли забон буда, дар сохтани ибораю ҷумла ва ифодаи фикр воситаи муҳим ба шумор мераванд. Вазифаи грамматикии онҳо алоқаманд намудани калимаю ибораҳо дар ҷумлаи сода ва алоқаманд кардани ҷумлаҳои сода дар таркиби ҷумлаҳои мураккаб ва матн аст.

Дар матни боло пайвандакҳои пайвасти пайиҳами **–у, -ю** аъзоҳои чидаро, пайвандаки пайиҳами **ва**, пайвандакҳои хилофии **аммо, вале** ҷумлаҳои содаро ба ҳам пайвастаанд. Пайвандаки тобеъкунандаи **чун** ҷумлаи пайрави замонро ва **ки** дар охири ҷумлаи пайрави сабаб омада, онро ба сарҷумла тобеъ кардааст, бинобар ин аломати вергул пас аз **ки** гузошта мешавад.

Пайвандакҳо вазифаи пайваст ва тобеъкуниро адо намуда, ба хелҳои пайвасткунанда ва тобеъкунанда ҷудо мешаванд. Гурӯҳи аввалро ба навъҳои пайиҳам: *ва, -у (-ю, -ву), ҳам, инчунин, на... на, чи... чи*; хилофӣ: *аммо, вале, лекин, ҳол он ки*; ҷудоӣ: *ё, ва ё, ё ин ки, ё... ё, гоҳ... гоҳ, хоҳ... хоҳ* ҷудо мекунанд.

Пайвандакҳои тобеъкунанда хеле сершуморанд. Пайвандаки *ки* назар ба пайвандакҳои дигар сермаъно, сервазифа, серистеъмол ва дар сохтани пайвандакҳои мураккабу таркибӣ сермаҳсул аст.

Пайвандакҳо аз ҷиҳати сохт сода, мураккаб ва таркибӣ мешаванд. Онҳо вазифаи муштаракро адо намуда, ҳамдигарро иваз карда метавонанд, вале баъзе пайвандакҳои муштараквазифа бо тобишҳои маъно аз муродифи худ фарқ мекунанд, бинобар ин ҳамдигарро озод иваз карда наметавонанд. Чунончи, дар ин байти Ҳилолӣ:

Тарки ёрӣ карди**ю** ман ҳамчунон ёрам туро,
Душмани ҷони**ю** аз ҷон дӯсттар дорам туро.

Пайвандаки **-ю** чунин ҷумлаҳоро ба ҳам пайвастааст, ки амалу ҳолати хилофи ҳамдигарро ифода мекунанд. Дар чунин мавридҳо пайвандаки «-ю»-ро бо «ва» иваз кардан мум-

кин нест. Ё: **Ҳамин ки** мо ба қуллаи кӯҳ баромадем, босмачиён моро нигоҳ доштанд (С.У.). Дар ин ҷумлаи мураккаби тобеъ ҷумлаи пайрави замон (*мо ба қуллаи кӯҳ баромадем*) ба сарҷумла (босмачиён моро нигоҳ доштанд) бо пайвандаки таркибии **ҳамин ки** тобеъ шудааст. Дар ин ҷо онро бо пайвандакҳои **вақте ки, ҳангоме ки, чун** ва ғайра иваз кардан мумкин нест, зеро пайвандаки **ҳамин ки** ба ҷумлаи мураккаби тобеъ чунин тобиши маъно медиҳад, ки амали сарҷумла пас аз амали ҷумлаи пайрав фавран, бидуни фосила воқеъ гардидааст.

**83. Ба ҷойи сенуқта яке аз пайвандакҳои дар қавсайн омадаро гузошта, ҷумларо нависед ва сабаби интихоби худро шарҳ диҳед:**

Бештар ӯ кӯшиш мекард, … (то, то ки, ки) Фаромарз бекас будани худро ҳис накунад; Ӯ корҳои хонаро қариб худаш мекард ва модаръшро намегузошт, … (ки, то, то ки) аз зиндагии танҳо ва корҳои рӯзгор дилгир шавад; … (вақте ки, ҳамин ки) поезд аз пули Вахш гузашт, Ҳакимҷон яке аз таронаҳои нави дар он рӯзҳо ёдгирифтаи ҷавононро сар кард; Ба вай пурсупос карда гузарем … (агар не, набошад, вагарна) айб мешавад.

?

1) Ҷумлаи аввалро аз «Бештар ӯ…» оғоз кардан дуруст аст ё «Ӯ бештар…»?
2) Он навъи нақлиётро «поезд» гуфтан беҳтар аст ё «қатора»?
3) Кадом тарзи ифода беҳтар: «***Ба*** (ё ***Бо***) вай пурсупос карда гузарем?»

**84. Калимаи *чун* дар кадоме аз матнҳои зерин пешоянд, пайвандак ё пурсишҷонишин аст?**

1. Басо гулро, ки нағзу тар гирифтанд,
   Бияфканданд(1), *чун* бӯ баргирифтанд(4) (Низомӣ).

2. Зи рӯйзард(2) бипурсанд: «Дарди дил *чун* аст?»
   Вале касе бинапурсад(3): «Рухарғувон(2), *чун*ӣ?»
   (Ҷалолиддини Румӣ).

3. Дилам *чун* арзане, ишқи ту кӯҳе,
Чӣ сойӣ зери кӯҳе арзанеро(4) (Рӯдакӣ).

4. *Чун* дилбари мо зи парда рӯ нанмояд(6),
Кас натвонад, ки парда з-ӯ бикшояд(6) (Ҷомӣ).

5. Бар санг задам дӯш сабӯи кошӣ*,
Сармаст будам ки, кардам ин авбошӣ(4,7).
Бо ман ба забони ҳол мегуфт сабӯй:
«Ман *чун* ту будам, ту низ *чун* ман бошӣ» (Хайём).

?

1) Феъли *баргирифтанд* аз ҷиҳати сохт ва маъно аз *гирифтан* чӣ фарқ дорад?
2) Калимаҳои *рӯйзард* ва *рухарғувон*, *арзан* ва *кӯҳ* чӣ гуна муносибати маъноӣ доранд?
3) Дар байти Ҷомӣ феъли *намудан* ба кадом маъно омадааст?
4) Дар байти дуюми рубоии Хайём пешояндҳои **бо** ва **ба** аз ҷиҳати ифодаи маънои грамматикӣ чӣ хусусият пайдо кардаанд?
(Дар матнҳои супориши китоб бо рақами (3) ба таҳлили сарфӣ (морфологӣ) ишора шудааст.)

?

**Саволҳои тестӣ:**

1. Дар матни "Эй себаки хубонӣ, Мисли моҳи тобонӣ. Сурху сафед рӯякат, Аҷаб форам бӯякат" сифати нисбӣ кадом калима аст?

а) хубонӣ
б) тобон
в) сурх
г) сафед
ғ) форам

2. Дар он матн пасванди ***-ак*** (дар калимаҳои *себ**ак**, рӯ**як*** ва *бӯ**як***) ба чӣ маъно далолат мекунад?

а) хурдӣ
б) ночизӣ (назарногирӣ)
в) камӣ
г) навозиш
ғ) рағбат, парастиш

* кӯзаи дар Кошон сохташуда

3. Дар матни зерин кадом воҳидҳои забон муродиф (синоним) шудаанд? Хирадманд ҳар ҷо ки равад, қадр *бинад*у дар садр *нишинад* (Саъдӣ) // қадр *мебинад*у дар садр *менишинад*.

а) луғавӣ
б) фразеологӣ
в) калимасозӣ
г) шаклсозӣ (сарфӣ ё морфологӣ)
ғ) наҳвӣ (синтаксисӣ)

## СИНТАКСИС (НАҲВ) ВА АЛОМАТИ КИТОБАТ

1. Синтаксис чиро меомӯзад?
2. Ибора чӣ гуна воҳиди наҳвист?
3. Ҷумла чӣ гуна воҳиди наҳвист?
4. Ҷумлаи сода аз мураккаб чӣ фарқ дорад?
5. Бештар кадом ҳиссаҳои нутқ ба вазифаи мубтадо меоянд?
6. Хабарҳои феълӣ ва номӣ бо кадом ҳиссаҳои нутқ ифода мегарданд?
7. Дар кадом мавридҳо байни таркиби мубтадою хабар аломати тире гузошта мешавад?
8. Аъзоҳои пайрав кадоманд, онҳо бо кадом ҳиссаҳои нутқ ифода мегарданд?
9. Ҷумлаҳои содаи яктаркиба ба кадом хелҳо ҷудо мешаванд?
10. Чӣ гуна ҷумлаҳоро нопурра меноманд?
11. Дар ҷумлаҳои чидааъзо чӣ гуна аломатҳои китобат ба кор бурда мешаванд?
12. Вазифаи мухотаб ва воҳидҳои туфайлӣ чист ва дар навишт бо кадом аломатҳои китобат аз аъзоҳои дигари ҷумла ҷудо карда мешаванд?
13. Чӣ гуна аъзоҳои ҷумларо истисноӣ меноманд?
14. Нутқи айнан аз мазмунан нақлшуда чӣ фарқ дорад ва дар онҳо кадом аломатҳои китобат ба кор бурда мешаванд?
15. Аломатҳои китобати иқтибоси матн чӣ гунаанд?
16. Хелҳои ҷумлаҳои мураккаб кадоманд?
17. Ҷумлаҳои мураккаб бо кадом хелҳои алоқаи грамматикӣ сохта мешаванд?
18. Ҷумлаҳои пайрав ба кадом хелҳо ҷудо мешаванд?
19. Дар ҷумлаҳои мураккаби пайвасту тобеъ аломати вергул дар кадом мавридҳо гузошта мешавад?

**Наҳв** лафзи арабӣ буда, маънои *сӯй, роҳ* ва *монанд* дорад ва номи илмест, «эъроби каломи араб ба-дон дониста шавад» Ғиёс-ул-луғот. **Синтаксис** истилоҳи юнонӣ буда, маънои *сохтан* дорад. Воқеан, дар ин қисмати грамматика сухан дар бораи калимаҳоро бо ҳамдигар алоқаманд намуда ҷумлаи сода сохтан ва аз ҷумлаҳои сода ҷумлаи мураккаб сохтан ва аз ҷумлаҳои содаю мураккаби мустақил порчаҳои яклухти фикр – матн сохтан меравад.

## Ибора

Ибора қадами аввалини «сохтан» аст. Калимаҳо бо навъҳои алоқаи тобеии изофӣ, вобастагӣ ва ҳамроҳӣ бо ҳамдигар алоқаманд шуда, ибора месозанд: *гули сурх, бинои мактаб, ба хона рафтан, гул барин нозук, ду савор, як соат барвақт.* Дар ин ибораҳо исмҳои *гул, бино, савор,* сифати *нозук,* феъли *рафтан* ва зарфи *барвақт* ҷузъи асосӣ буда, ибораҳои *гули сурх* ва *бинои мактаб* бо алоқаи изофӣ, *ба хона рафтан, гул барин нозук* бо алоқаи вобастагии пешояндӣ ва пасояндӣ, ибораҳои *ду савор* ва *як соат барвақт* бо алоқаи ҳамроҳӣ сохта шудаанд. Аз ҷиҳати тааллуқи сарфии (морфологии) ҷузъҳои асосӣ ибораҳоро ба исмӣ, сифатӣ, ҷонишинӣ, феълӣ ва зарфӣ ҷудо мекунанд: Ҳамеша ба дафтари хотираам нигоҳ мекунам, ки бо *ҳусни хати зебо чунин навиштаи Бобоҷони азизу меҳрубон* сабт ёфтааст: «Мубориза, *заҳмати ҳалол, рост рафтан, рост гуфтан, ба қадри дӯстони ҷонӣ расидан, дасти фитодае ё дармондаеро гирифтан, санги сари роҳро бардоштан, меҳрубони ҳамсару фарзандону наберагону аберагон будан, ба ризқи худодода қаноат кардан,* таҳаммул» (Ф.Н.).

**85. Бо тарзҳои алоқаи изофӣ, ҳамроҳӣ ва вобастагӣ ибораҳое созед, ки исм, сифат ва феълҳои зерин ҷузъи асосии онҳо бошанд: вохӯрӣ, тайёрӣ, мубориза, шикоят, пешвозгирӣ, бузургтар, доно, сахт, ширин, шармидан, обутобёфта, хандакунон, гуфтугӯ кардан, натарсидан, ифтихор доштан, андеша кардан, меҳнат**

**кардан, азоб кашидан. Ибораҳои ҳосилшударо шарҳ диҳед, ки ҷузъҳои ибора бо ҳамдигар чӣ тарз алоқаманд шудаанд.**

**86. Аз матнҳои наврӯзӣ ибораҳоро ба дафтаратон навишта, ба зери калимаҳои асосии ибораҳо хат кашед ва муайян кунед, ки ҷузъҳои асосӣ ва тобеъ ба кадом ҳиссаҳои нутқ таaллуқ доранд ва онҳо чӣ гуна ибора сохтаанд.**

1. Эй ғунчаи хандида, Наврӯз муборак бод!
Эй чашмаи ҷӯшида, Наврӯз муборак бод! (Лоиқ)

2. Омад баҳори хуррам бо рангу бӯйи тиб,
Бо сад ҳазор нузҳату ороиши аҷиб (Рӯдакӣ).

3. Бар чеҳраи гул насими Наврӯз хуш аст,
Дар саҳни чаман рӯйи дилафрӯз хуш аст (Хайём).

4. Омад баҳору сайри гулистон ғанимат аст,
Базми висоли ғунчаи хандон ғанимат аст (Сайидо).

5. Ба фарқи сар ниҳодан сад шутур бор,
Зи Машриқ ҷониби Мағриб давидан.
Басе бар Ҷомӣ осонтар намояд
Ки бори миннати дунон кашидан.

6. "Иди Наврӯз, ки сари соли шамсӣ, дар аввали ҳамал сар мешуд, яке аз идҳои пеш аз исломият аст. Бинобар ин халқи тоҷик, дар ҳолате ки иди Рамазон ва иди Қурбон барин идҳои диниро як рӯз барпо медоштанд, иди Наврӯзро ҳафтаҳо давом медод.

Бо сабаби дар аввади баҳор, дар вақти ба ҳаракат даромадани тамоми рустаниҳо рост омадани ин иди табиат инсон ҳам ба ҳаракат меомад. Аз ин ҷост, ки тоҷикон "Ҳамал – ҳама чиз дар амал" мегӯянд. Дар ҳақиқат, ин ид ба ҳаракат омадани киштҳои ғалладона ва сар шудани киштукори дигари ҳосилоти

заминӣ буд, ки инсонро сер карда, сабаби бақои ҳаёти ӯ мешуд” (Садриддин Айнӣ).

7. “Наврӯз қадимтарин дар ҷаҳон ҷашни соли нав аст; Наврӯз ба пояи суннати фарҳангие такя мекунад, ки барояш худбинии ифротӣ, нодида гирифтан ва ё инкор кардани арзишҳои маънавии дигар халқҳо тамоман бегона аст; Дар байни ҷумла идҳои мардумии ҷаҳон Наврӯз ҳамгонитарини ҷашнҳост” (Акбар Турсон).

?

1) Дар ибораҳои *ғунчаи хандида, баҳори хуррум* ва *чеҳраи гул* ҷузҳои асосӣ ва тобеъ бо кадом ҳиссаҳои нутқ ифода ёфтаанд? Ҷузъҳои тобеъ ба кадом саволи ҷуъҳои асосӣ ҷавоб мешаванд ва байни онҳо чӣ гуна алоқаи грамматикӣ вуҷуд дорад?
2) Дар ибораи *қадимтарин дар ҷаҳон* чӣ?
3) Дар ибораҳои *сад ҳазор нузҳат* ва *сад меҳнату ғам* чӣ?
4) Дар ибораи *ба фарқи сар ниҳодан сад шутур бор*, *ба ҳаракат даромадани тамоми рустаниҳо*, *инкор кардани арзишҳои маънавии дигар халқҳо* чӣ?
5) Дар ибораи тафсилии *базми висоли ғунчаи хандон* алоқаи грамматикии калимаҳо чӣ тарз ифода ёфтааст?

**87. Бо калимаҳои зерин дар қолаби ибора сарлавҳа созед:**

Мусобиқа, қувваозмоӣ, фидокорӣ, комёбиҳо, нобасомониҳо, ғамхорӣ, бепарвоӣ, назорат, тадбирҳо, обуна, озмун, муҳориба, саёҳат.

**88. Аз матнҳои зерин ибораҳои номӣ ва феълиро ба ду сутун навишта, тарзу воситаҳои грамматикии алоқаи ҷузъҳои ибораро нишон диҳед.**

Бузургмеҳрро гуфтам:
– Чӣ чиз аст, ки ба ҳама вақт сазовор бувад?(7)
– Ба кори худ машғул будан.
– Дар ҷавонӣ ва пирӣ чӣ кор беҳтар?
– Дар ҷавонӣ дониш андухтан ва дар пирӣ ба кор овардан.

– Чанд чиз аст, ки андуҳ бибарад?

– Се чиз: дидани дӯсти мухлис, гузашти рӯзгор, ёри мувофиқ.

– Кадом сухан аст, ки рост бошад ва дурӯғ намояд?

– Баёни зӯрҷавонӣ(2) дар пирӣ ва айши тавонгарӣ(2) дар фақирӣ.

– Кадом кас аст, ҳар ҷо ки равад, ӯро дӯст доранд?(4)

– Соҳиби адаб.

– Он чӣ чизҳост, беҳтар аз зиндагонӣ ва бадтар(6) аз марг бошад?

– Беҳтарин аз зиндагонӣ некномист (6) ва бадтар аз марг бадномист (6).

?

1) Дар ин матн пурсиш бо ёрии ҳиссачаи саволӣ, пурсишҷонишинҳо ё танҳо бо оҳанги саволӣ ифода ёфтааст?

2) Дар ҷумлаҳои саволӣ задаи мантиқӣ ба кадом калима афтодааст?

3) Дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ пурсишро сарҷумла ифода кардааст ё ҷумлаи пайрав?

4) Калимаҳои ҷавонӣ – пирӣ, рост – дурӯғ, беҳтар – бадтар, зиндагонӣ – марг, некномӣ – бадномӣ чӣ муносибати маъноӣ доранд?

**89. Дар матнҳои зерин сохти грамматикии ибораҳои ишорашударо тағйир дода, бо усули таъвиз (трансформатсия) қолабҳои муродифи онро (ба мисли *орзуи ягонаи Раҳимабегим – ягона орзуи Раҳимабегим – Раҳимабегимро ягона орзу* ва ғайра) созед, ибораҳои муштаракмаъноро бо ҳамдигар муқоиса кунед ва шарҳ диҳед, ки чаро нависанда маҳз ҳамин тарзи ифодаро интихоб намудааст:**

1. Дар шаҳрҳои қадимаи Шарқ *аҷоибтарин(3), серошӯбтарин(3) ва мароқангезтарин(3) ҷо* бозору растаҳо буданд (Ҷ.И.); 2. Вай дар овони ҷавониаш *зеботарин духтари Шоён* будааст; 3. Ҷаноби олиат *фосиқ, фоҷир, молимардумхӯр, ифлос ва мурдор як одам* аст; 4. Аз рӯйи одат, хурсандии аз ҳад зиёд

*сустдилонро сабаби ҳалок* мешавад (С.А.); 5. *Рӯдакиро сухан* рангин аст.

## Ҷумла

**!** Ҷумларо воҳиди иртиботии (коммуникативии) наҳв меноманд, зеро бо ёрии он фикр ифода меёбад ва ба василаи он алоқаи (робитаи) фикрии одамон имконпазир мегардад. Калима мафҳумҳои ҷудогонаро, ибора мафҳумҳои мураккабро ифода мекунад ва воҳиди номбаркунандаи (номинативии) наҳв ба шумор меравад. Ҷумла ба воқеъ шудани амал, тасдиқ ё инкори он далолат карда метавонад, ки онро муносибати предикативӣ меноманд. Ҷумла маҳз бо хусусияти ифодаи воқеъшавӣ аз калима ё ибора фарқ мекунад. Агар калима ё ибора ҳам ба воқеият далолат кунад, ҷумла мешавад:

Яке аз рӯзҳои ҷумъаи соли 1931 буд. *Ҳангоми қиём.* Дарахтон пар намезаданд. Як бех офтобпарасти худрӯй қоматашро рост намуда осмонро бӯсиданӣ(3) мешуд. Сафедори баланди лаби ҷӯй сояи худро гум карда буд. Оби ҷӯй зулол барин(3) соф буд ва бо як оҳанг шилдирроскунон(3) ҷорӣ мешуд (Ҳ.К.).

Дар ин матн ибораи *ҳангоми қиём* дар иҳотаи ҷумлаҳои дигар омада, ба воқеият далолат кардааст: *Ҳангоми қиём* (нисфи рӯз) *буд.* Бинобар ин ҷумлаи унвонӣ аст. Ҷумлаҳои унвонӣ хусусияти тасвирӣ доранд ва бештар дар ифодаи мазмунҳои замон, макон, ҳодисаю манзараҳои табиат ба кор бурда мешаванд.

Яке аз нишонаҳои воқеияти амалу ҳолат мафҳуми замон аст. Дар матни боло хабарҳои ҷумлаҳои сода: *яке аз рӯзҳо буд, пар намезаданд, бӯсиданӣ мешуд, гум карда буд, ҷорӣ мешуд* бо шаклҳои гуногуни замони гузаштаи сиғаи хабарӣ ифода ёфтаанд ва ба он далолат мекунанд, ки ҳолати ҷумлаи ”Ҳангоми қиём” ҳам дар замони гузашта воқеъ шудааст.

**90. Ба аломатҳои ист риоя намуда матнро қироат кунед. Ҳар кадоми ҷумларо шарҳ диҳед, ки он аз ҷиҳатҳои сохтор (яктаркиба ё дутаркиба) ва мақсади ифодаи фикр хабарӣ, амрӣ ё саволист.**

**Дар ин матн «Шаб» калима аст ё ҷумла? Дар он кадом хусусияти грамматикии ҷумла мушоҳида мешавад?**

Шаб. Чароғакҳои осмонӣ дар болои сар чашмак мезаданд. Насими форами шабона ва накҳати гулу майсаҳо машоми касро муаттар мегардонд. Аз байни шохаҳои серпечутоби(2) дарахтон чароғҳои электрикӣ роҳи пиёдагардро мунаввар карда буданд. Ду кас – зану шавҳар, сӯҳбаткунон(3) мерафтанд. Ман танҳо. Аз ақиб шарфаи по шунида шуд. Нигоҳ кардам. Марде меомад (А.А.).

?

1) Дар ибораҳои *насими форами шабона, накҳати гулу майсаҳо, ду кас* калимаҳо чӣ тарз алоқаманд шудаанд?
2) Нависанда таҳти *чароғакҳои осмонӣ* чиҳоро дар назар дорад?
3) Чаро онҳоро *чароғакҳо*, вале сипас *чароғҳои электрикӣ* гуфтааст?
4) Ба фикри шумо, чароғҳои *электрикӣ* гуфтан беҳтар ё *барқӣ*?

!

Мубтадо яке аз сараъзоҳои ҷумла буда, ба чунин мафҳумҳои шахс, ашё, ҳодиса ё воқеа далолат мекунад, ки амал, ҳолат ва аломати хабар дар замону шахсу шумораи муайян бо тобишҳои маънои модалии зарурат, эътимод, тахмин, хоҳиш, амр ба он нисбат дода мешавад. Мубтадо ба ягон аъзои дигар тобеъ намешавад, вале хабар аз ҷиҳати шахсу шумора ба он мувофиқат мекунад, бо пешоянду пасоянд шакл намегирад ва мутобиқи номаш (мубтадо) бештар дар ибтидои ҷумла меояд.

Дар вазифаи мубтадо ба ҷуз калимаҳои мустақилмаъно (исм, ҷонишинҳои предметӣ, масдар ва дигар ҳиссаҳои нутқи исмшуда) таркибу ибораҳои *ҳар ду, ҳар се* (ҳ*ар сеямон* ё *ҳар сеи мо*), *яке аз* + исми ҷамъ, *бештар аз* + шумораи миқдорӣ ва ғайра омада метавонанд: *Ҳар дуямон* аз хона баромадем (С.У.); *Чор тан* панҷ тан шудем (Ҳ.К.); *Яке аз чӯпонбачагон* ба пирамард наздик шуд (С.А.); *Бештар аз сад нафар* саф ороста буданд (Ҳ.К.).

Агар мубтадо мафҳуми предметӣ дошта бошад, хабар мафҳумҳои амал, ҳолат ва аломатеро ифода мекунад, ки он

дар замоне содир гардида, дар шахсу шумора ба мубтадо мансуб дониста мешавад.

Маънои грамматикии ҷумла – воқеияти амалу аломат дар хабар ифода меёбад. Хабарҳо феълӣ ва номӣ мешаванд. Хабарҳои феълӣ бо шаклҳои тасрифшавандаи феъл ва хабарҳои номӣ бо шаклҳои тасрифнашавандаи феъл ва ҳиссаҳои номии нутқ ифода меёбанд. Дар ифодаи воқеият чунин маъноҳои грамматикии феъл: сиға, замон ва шахсу шумора саҳм доранд.

**91. Ҷумлаҳоро навишта, ба зери мубтадою хабар хат кашед ва муайян кунед, ки онҳо бо кадом ҳиссаҳои нутқ ифода ёфта, аз лиҳози сохту таркиб чӣ гунаанд.**

1. Маро модарам нобино(2) зодааст. 2. Ман ҳеҷ чизро намебинам: на симои модарамро, на ғунчаҳои шукуфтаи дарахтонро ва на осмони софи беғуборро(2) (С.С.); 3. Сармояи бузург ақлу адаб аст, на аслу насаб; 4. Беҳтарин зебоӣ виҷдони пок аст (Ситсерон); 5. Баъзе аз одамони маҳаллӣ моро эҳром дар бар дида ким-чиҳо(3) гуфта табрик мекарданд (Ф.М.); 6. Камзаминҳо(2) ва безаминҳо(2) чоряккорӣ(2), ятимӣ ва ё бо ягон касби дигар машғулӣ менамуданд; 7. Ҳар кадоми мо ҳар рӯз як бор ӯро ҳолпурсӣ(2) карда, меомадем; 8. Оча-бача бузҳоро ронда ба чаро бурданд; 9. Бо дидани ин ҳол рӯзи равшан ба чашми Одинаи бечора шаби торик гардид (С.А.); 10. Рӯзе ҷамъе аз ёрон ба хонаи фақир омаданд (Восифӣ); 11. Асп – ёри аскари савора (Ҳ.К.); 12. Дарафшро бо мушт кӯфтан қаҳрамонӣ намешавад.

?

1) Оё дар ҳамаи ҷумлаҳо мубтадо дар ҷойи муқаррариаш омадааст? Сабаби тағйир ёфтани ҷойи мубтадоро шарҳ диҳед.

2) Кадом хабарҳо феълӣ ё номианд? Хабарҳои номӣ чӣ тарз шакли грамматикӣ гирифтаанд?

3) Чаро дар ҷумлаи 11 байни таркиби мубтадо ва хабар аломати тире гузошта шудааст?

4) Дар ҷумлаҳои 5, 10 ва 12 мубтадо чӣ тарз ифода ёфтааст?

5) Дар ҷумлаи 9 ибораҳои *рӯзи равшан* ва *шаби торик* чӣ тарз сохта шудаанд, чӣ гуна муносибати маъноӣ доранд ва дар матн ба кадом маъно омадаанд?

**!** Алоқаи грамматикии мувофиқати хабар бо мубтадо пурра ва нопурра мешавад. Дар забони тоҷикӣ хабар аз ҷиҳати шахс ҳамеша ба мубтадо мувофиқат мекунад, вале (7) мубтадо бо исмҳои беҷон ё ҷондори ғайришахс ифода ёфта бошад, аз ҷиҳати шумора баъзан мувофиқат намекунад:

*Биноҳо*и обод *гардад хароб*
Зи борону аз тобиши офтоб (Фирдавсӣ).

**92. Ҷумлаҳоро навишта, ба зери мубтадою хабар хат кашед ва шарҳ диҳед, ки мутобиқати хабар бо мубтадо аз ҷиҳати шахсу шумора чӣ тарз сурат гирифтааст.**

1. Қориака ҳар яки моро ба мизбонон алоҳида-алоҳида шинос карданд (Ф.М.); 2. Киштзорҳо дар зери торикие, ки одам одамро дида наметавонист, монда буд (С.А.); 3. Ману пирамард чун дӯстони дерина хайрухуш кардем (Р.Ҷ.); 4. Як даҳа (даҳ нафар) сарбоз дар пушти зиндон – дар паскӯча посбонӣ мекарданд (С.А.); 5. Дар сари саворон мардум Восеъро шинохтанд (С.У.); 6. Падару писар ба шаҳр равон шудем (Р.Ҷ.); 7. Соро бо писарчаи худ нонро ба об тар карда хӯрданд (С.А.); 8. Модарам бо писарчаи ширхорааш дар хонаи бегона бисёр азият мекашид (С.У.); 9. Мирзоакрам ва ӯ дар мадрасаи Кӯкалтоши Бухоро шарикдарс буданд (С.А.).

**93. Аз лиҳози мутобиқати хабар бо мубтадо ҷумлаҳои зерин чӣ нуқсон доранд? Сабаби ба миён омадани чунин ғалатро муайян кунед. Ҷумлаҳоро ислоҳ карда, нависед.**

1. Онро (деҳаро) ҳалқаи сабзи боғу бӯстонҳо иҳота кардаанд; 2. Даста аз сарой баромада рафтанд; 3. Суҳбаташ ҳам асарҳояш барин пуртаъсиранд; 4. Нафаре аз шогирдон аз илмомӯзӣ берун намондаанд; 5. Баъдтар ҳамкории деҳқонону

авиаторон, кормандони заводи пахта, шуъбаи маданияти район, ҷамъияти матлуботи район, сети кинонамоишдиҳӣ ва ғайра ба миён омаданд; 6. Гӯё селаи кабкҳо аз домани кӯҳ ба пастӣ – лаби дарё обнӯшӣ фуромадаанд; 7. Ин дастаи ҳунарӣ, ки аз вилояти Суғд ташриф овардаанд, соҳиби малакаи хуби овозхонӣ аст; 8. Иқтидори муқаррарии плитаҳои барқии истеҳсоли шӯравӣ 3,6–8 квт мебошанд.

**!** Аъзоҳои пайрави ҷумла: муайянкунанда, пуркунанда ва ҳол бар эзоҳи сараъзоҳо ва ҳамдигар омада, барои мукаммал намудани сохтори ҷумла ва ё саҳеҳу пурра ифода кардани фикр хизмат мекунанд.

Муайянкунандаҳо эҳтиёҷоти он аъзоҳои ҷумларо қонеъ мекунанд, ки мафҳуми предметӣ дошта, ниёз ба шарҳи аломату хусусият ва муносибати соҳибият доранд. Пуркунандаҳои бевосита, ҳолҳои тарз, миқдору дараҷа низ дар паҳлуи аъзои эзоҳшаванда омада, мафъули (объекти) бевосита, аломат ва миқдору дараҷаи зоҳиршавии амалу ҳолати хабарро ифода мекунанд. Аммо хелҳои дигари ҳол, хусусан ҳолҳои замон, макон, сабаб, мақсад, шарт, хилоф ва пуркунандаҳои бавосита ҳатто пеш аз мубтадо омада, ба мазмуни тамоми ҷумла алоқамандӣ пайдо мекунанд ва дар сохтори наҳвии ҷумла ва ифодаи фикр саҳми муайян мегузоранд:

Дар лаби дарё якчанд киштии калони бодбонии маҳаллӣ тайёр буд (С.А.).

Бунёди сохтории ин ҷумларо ду сараъзои бо ҳам алоқаманд (*Киштӣ тайёр буд)* ташкил намуда, мубтадо бо муайянкунандаҳои изофии аломати *калони бодбонии маҳаллӣ* ва беизофа ё ҳамроҳии *якчанд* ва хабар бо ҳоли макони *дар лаби дарё* тафсил ёфтааст. Ҳоли макон пеш аз таркиби мубтадо омада, бо мундариҷаи тамоми ҷумла (*якчанд киштии калони бодбонии маҳаллӣ тайёр буд*) алоқамандии маъноӣ зоҳир намудааст. Дар байни мубтадою хабар алоқаи мувофиқати нопурра мушоҳида мешавад: хабар ба мубтадо танҳо аз ҷиҳати шахс мувофиқат кардааст.

**94. Матнро навишта, ба зери аъзоҳои ҷумла хат кашед. Таркиби мубтадоро аз хабар ҷудо кунед. Шарҳ диҳед, ки сараъзоҳо бо кадом аъзоҳои пайрав тафсил ёфтаанд.**

Хонаи ёздаҳболории(2) нақшин(2) барои меҳмонони азиз оро дода шуда буд. Сӯзании(2) калони шоҳии сабз ва кашидаи сурхмахмали(2) йӯрмадӯзӣ(7), қолинҳои қирмизӣ(2) ба ин хона шакли тӯйхонаро(2) дода буданд. Ба рӯйи дастурхон лаълӣ-лаълӣ кулчаҳои равғанин(2), харбузаҳои лӯбиёгӣ(2) ва шакарпора(2), табақ-табақ ангурҳои ҳусайнӣ(2), шибирғонӣ(2) ва шафтолуҳои донакширин(2) зебу зинати хонаро боз афзунтар менамуданд (Ҳ.К.).

?

1) Дар ҷумлаҳои боло кадом сараъзо ё аъзоҳои пайрав чида шудаанд ва алоқаи байни аъзоҳои чида чӣ тарз ифода ёфтааст?
2) «лаълӣ-лаълӣ», «табақ-табақ» кадом аъзои ҷумла ва аз ҷиҳати сохт чӣ гуна аст?
3) «зебу зинат» кадом воҳиди луғавӣ аст ва дар он кадом санъати савтӣ истифода шудааст?
4) Магар дар таркиби «…ба ин хона шакли тӯйхона*ро* дода буданд» ба кор фармудани пасоянди *-ро* эҳтиёҷ ҳаст?

## Хелҳои ҷумлаҳои сода

!

Ҷумлаҳоро аз ҷиҳати сохт ба содаву мураккаб, ҷумлаҳои содаро аз лиҳози мақсади ифодаи фикр ва вазифаи иртиботӣ ба хабарӣ, амрӣ ва саволӣ, аз ҷиҳати сохтор ва таркиб ба яктаркибаю дутаркиба, хулласу тафсилӣ, аз лиҳози вуҷуд доштан ё надоштани аъзоҳои ҳатмӣ дар ифодаи матлабе ба пурраю нопурра ҷудо мекунанд.

Дар ҷумлаҳои хабарӣ гӯянда мақсади худро ба тариқи ҳикоят, нақлу ривоят баён мекунад. Фикр дар ҷумлаҳои хабарӣ бо оҳанги хабарӣ ифода меёбад. Хабари чунин ҷумлаҳо бештар бо шаклҳои гуногуни замонии сиғаи хабарӣ ва бо шаклҳои замонии феълҳои нақлӣ ифода меёбад.

Ҷумлаҳои амрӣ мазмуни водоркунӣ доранд. Водор кардани мусоҳиб ба иҷрои амале бо тобишҳои амр, супориш, хоҳиш, зорию тавалло ифода меёбад. Азбаски шунаванда ҳангоми гуфтор ҳозир аст, дар ҷумлаҳои амрӣ мубтадо бе зарурат зикр намегардад ва матлаб дар қолаби ҷумлаҳои яктаркибаи муайяншахс хеле мӯҷаз ифода карда мешавад.

Дар ҷумлаҳои саволӣ мақсад бо ёрии интонатсияи пурсиш ва ё оҳанги саволу пурсишҷонишин ва ҳиссачаҳои саволӣ ифода меёбад. Гӯянда ҳодиса ё воқеаеро надонад ва аз шунаванда пурсида донистан хоҳад ё ин ки аз воқеа воқиф бошад, вале ягон паҳлуи он барояш равшан набошад ва аз мусоҳиб пурсида пурра огоҳ шудан хоҳад, чунин ҷумлаҳои саволиро аслӣ меноманд. Ба пурсиши чунин ҷумлаҳои саволӣ ҷавоби шунаванда ҳатмист. Агар гӯянда аз шунаванда чизеро пурсида донистанӣ набошад, вале матлаби худро бо ёрии оҳанги пурсиш таъсирбахш ифода карданӣ бошад, чунин ҷумлаҳои саволиро ғайриаслӣ ё риторикӣ меноманд.

Бар замми мазмуни хабар додан, фармудан ва пурсидан эҳсосоти гуногуни гӯянда ҳам ифода ёбад, ҷумлаҳои хабарӣ, амрӣ ва саволӣ ба ҷумлаи хитобӣ табдил меёбанд.

**95. Хелҳои иртиботии (хабарӣ, амрӣ, саволӣ ва хитобии) ҷумлаҳои содаро ҷудогона нависед ва шарҳ диҳед, ки дар онҳо мақсади гӯянда ё нависанда чӣ тариқа ифода ёфтааст, дар ҷумлаҳои амрӣ водоркунӣ чӣ ҷилоҳои маъноӣ зоҳир мекунад ва дар ҷумлаҳои саволӣ пурсиш бо кадом воситаҳо ифода мегардад.**

1. – Дод аз дасти золим! – чун моргазида(3) фарёд кашид Саидалӣ. – Ман ба ҳоким арз мекунам! Ба амир арз мекунам! (С.У.); 2. Аристотолиси ҳакимро пурсидаанд: «Қуввати хирад аз чист?» Гуфт: «Ҳама касро қувват аз ғизо бошад. Ғизои хирад ҳикмат аст»; 3. Барои дӯстон ҷонро фидо кун, Валекин дӯст аз душман ҷудо кун; 4. – Ту набераи Диломхола мешавӣ? Номат чист? – Номам – Фирӯза (Ҷ.И.) (7); 5. Темурмалик баъд аз анҷом додани корҳои қалъаи обӣ ва киштиҳои худаш ба завраке нишаста, ба тарафи шаҳри Хуҷанд рафт (С.А.);

6. Хез, бисёр ғурбат кардан нагир. Рафта, хӯрок тайёр кун. Вақти аз кор омадани духтарат шуд (Ҳ.К.); 7. – Тақсирҷон, маро халос кунед! (С.А.); 8. Ширмоҳро ақаллан ба кабина мешинондӣ (М.Н.).

? 1) Дар ифодаҳои «Аристотолиси ҳакимро пурсиданд» ва «Аз Аристотолиси ҳаким пурсиданд» кадом воситаҳои грамматикӣ хусусияти ҳаммаъноӣ зоҳир кардаанд?

2) Ифодаҳои «ҳама касро қувват» ва «қуввати ҳама кас» чӣ гуна воҳидҳои наҳвӣ ва дар байни онҳо чӣ муносибати маъноӣ мушоҳида мешавад?

3) Шоир дар он байти пандомӯз аз кадом имконоти муассири ифодаи фикр фоида бурдааст?

4) «набераи Дилоромхола», «анҷом додани корҳои қалъаи обӣ», «бисёр ғурбат кардан» ва «аз кор омадани духтарат» кадом хели ибораанд ва онҳо бо кадом навъҳои алоқаи наҳвӣ сохта шудаанд?

5) Дар мисоли охирин феъли *мешинондӣ* (замони гузаштаи сиғаи хабарӣ) ба вазифаи кадом шакли феъл омадааст?

! Ҷумлаҳои содаи яктаркиба номӣ ва феълӣ мешаванд. Ҷумлаҳои яктаркибаи феълиро аз ҷиҳати ба кадом андоза зоҳир гардидан ё умуман ифода наёфтани шахси соҳиби амалу ҳолати хабари ҷумла ба навъҳои муайяншахс, номуайяншахс, умумишахс ва бешахс ҷудо мекунанд.

Дар ҷумлаи муайяншахс мусоҳибон – гӯянда ва шунаванда ҳангоми суҳбат ҳозиранд, бинобар ин эҳтиёҷ нест, ки ба соҳиби амалу ҳолат бо ҷонишинҳои шахси якум ва дуюми танҳою ҷамъ ишора карда шавад. Чунин ҷумлаҳо ба мӯҷаз баён кардани фикр мусоидат мекунанд.

Дар ҷумлаҳои номуайяншахс зикри худи амал аз ном бурдани иҷрокунандаи он муҳимтар аст, бинобар ин соҳиби амал бо ёрии шаклҳои феълии шахси сеюми ҷамъ номуайян ифода меёбад.

Дар ҷумлаи умумишахс хабари ҷумла зоҳиран ба шахси сеюми ҷамъ ё дуюми танҳою ҷамъ далолат кунад ҳам, аз

мундаричаи (панду андарзи) ҷумла пайдост, ки фикри дар ҷумла ифодаёфта ба ҳар як фард, ба умум мутааллиқ аст.

Хабари ҷумлаҳои бешахс бо феълҳои модалии *боистан, шоистан, тавонистан* (*натавонистан*), калимаҳои *лозим, даркор, зарур, ҳатмӣ* ва ғайра ифода ёфта, ба маънoҳои зарурат, имконпазирӣ, имконнопазирӣ ва ғайра далолат мекунад.

Забон ба ин ҳама тарзҳои ифодаи фикр эҳтиёҷ дорад, бинобар ин навъҳои мазкури ҷумлаҳои соддаи яктаркибаи феълӣ чи дар гуфтугӯ, чи дар навиштор ба кор бурда мешаванд.

**96. Зарбулмасалҳоро пурра карда, ба дафтар нависед, ба зери аъзоҳои ҷумла хат кашед. Муқаррар кунед, ки зарбулмасалҳо дар қолаби ҷумлаҳои яктаркиба ифода ёфтаанд ё дутаркиба, хабарҳои ҷумлаҳои яктаркиба шаклан ба кадом шахсу шумора далолат мекунанд ва ҷумла муайяншахс, номуайяншахс, умумишахс ё бешахс аст.**

Дили нохоҳам…; Аз барф гурехта…; Ангура хӯру…; Дар бачагӣ хондан…; Бар саволат ҷавоб…; Илоҷи воқеа…; Кори имрӯзаро…; Ба як ҷавонмард…; Дидадаро шав…; Лайлиро бо…; Дурӯғи маслиҳатомез…; Аввал бубин…; Уштурро бо кафлес...; Поёни шаби сияҳ...

**97. Ҷумлаҳоро бодиққат хонда, хелҳои ҷумлаҳои содаи яктаркибаро муайян карда, ҳар кадоми онҳоро ҷудогона нависед. Ба зери хабари ҷумлаҳо хат кашида, шарҳ диҳед, ки онҳо ба кадом шахсу шумора далолат мекунанд.**

1. Рӯзе ҳамроҳи падарам ба саҳро баромада будам. Парвои оламро надоштам. Рӯйи майсаҳои махмалинат(2) ғел мезадам. Бунафшаҳои муаттаратро бӯй мекардам, аз бӯяшон сер намешудам (Ҳ.К.); 2. Аз бачаи понздаҳсола(2) чӣ ҳам мегиред, меҳмон-бародар? Як моҳи дароз пурсиданд, ба ин сӯ-он сӯ кашола карданд, аммо ҷойи рафтаи язнаашро нагуфт ки нагуфт (Ф.М.); 3. Мева ё сабзаҷотро(3) майда карда ё аз турбтарош(2) гузаронда, ба рӯй мемоланд, пас аз 15-20 дақиқа рӯйро бо оби ширгарм(2) мешӯянд (Рӯзнома); 4. Бо меҳмон лутфу назокат

бояд кард (С.У.); 5. Ҳар чизро фаромӯш кун, вале одамиятро нигаҳ дор (Ҷ.И.); 6. Пинҳон натавон дошт гирифтории дилро (А.Л.); 7. Ба ман ҳалвои равғанин(2) харида диҳед (С.А.); 8. Як моҳ он муассисаро тафтиш карданду сардорашро аз кор гирифтанд (Ӯ.К.).

**98. Ҷумлаҳоро хонда, муайян кунед, ки кадом ҷумлаҳо пурра ё нопурраанд, дар ҷумлаҳои нопурра кадом аъзои (ё аъзоҳои) ҳатмӣ зикр наёфтааст? Ҷумлаҳои нопурраро пурра карда ба дафтар нависед.**

1. –Хидир – писари Отабой, кист?
– Ман!
– Ту – аз куҷо?
– Аз Қӯрғон (С.У.).

2. – Умр ба кадом шуғл сарф бояд кард?(4)
– Ба таҳсили илм.
– Некӣ муқаддамтар аз ҳама ба кӣ бояд кард?(4)
– Дар ҳаққи модар ва падар.
– Хушнудии Худо ба чӣ ҳосил шавад?
– Ба хидматгориҳои(3) волидайн.
– Кадом кас аст, ҳар ҷо ки равад, ӯро дӯст доранд?
– Соҳиби адаб.
– Хоб беҳтар ё бедорӣ?
– Золимро хоб ва одилро бедорӣ (Посуххои ҳаким ба пурсишҳои Анӯшервон).

! Дар байни аломатҳои китобат вергул хеле сервазифа аст. Агар аъзоҳои чидаи ҷумла бе пайвандакҳои пайвасткунандаи пайиҳами *ва, -у (-ю, -ву)* алоқаманд шуда бошанд, дар байни онҳо аломати вергул гузошта мешавад. Як мавриди мушкили гузоштан ё нагузоштани он дар хабарҳои чида мушоҳида мешавад.

Чунон ки дар боло ишора шуд, дар забони тоҷикӣ хабарҳои феълӣ ба тариқи чида омада бошанд, одатан хабарҳои

чидаи аввал дар шакли кӯтоҳи замони гузаштаи сифати феълӣ ( *кушода, даромада, аз назар гузаронида*) ва хабари охирин дар шакли тасрифӣ *(салом дод*) оварда мешавад: Меҳмон дарро *кушода*, ба дарун *даромада*, ҳозиронро як *аз назар гузаронида*, *салом дод.* Аммо ҳамин шакли сифати феълӣ ҳамеша ба вазифаи хабарҳои чида намеояд, вай ба вазифаи ҳоли тарз, замон, сабаб, шарт, хилоф низ омада метавонад. Дар ин маврид пас аз сифати феълӣ вергул гузоштан ғалати маҳз аст: Меҳмон аз дар *хандида* (Чӣ тарз?) даромад; Меҳмон *нохонда* (Ба кадом шарт?) намеояд; Меҳмон *шарм дошта* (Аз чӣ сабаб?) ба дарун надаромад.

**99. Ҷумлаҳоро бодиққат хонда, муқаррар кунед, дар ҷое ки аломати хитоб гузошта шудааст, аломати вергул гузошта мешавад ё на. Сипас тарзи дурусти ҷумлаҳоро ба дафтар нависед.**

1. Ин наҳри девона мор барин борик шуда (!) мастворн(3) худро ба ҳар тараф зада (!) калавида (!) шаттаи сангҳоро хӯрда (!) базӯр(3) нафас кашида (!) мехазид (Ҳ.К.); 2. Ҷавонони ширинӣ аз ӯ маслиҳат напурсида (!) ҳеҷ кор намекарданд (С.А.); 3. Ҷавонзани шаҳлочашм зор-зор(3) гириста (!) бачаашро ба синааш пахш карда (!) бӯсида (!) сару рӯю гардани вайро ба оби дидааш тар карду баъд бачаро ба бағали кампир партофта (!) худ ноилоҷ(3) аз қафои чакманисурхпӯш(2) равон гардид (С.У.); 4. Соро бузҳоро ба чаро баровардаӣ шуда (!) аз ҳавлӣ баромад; Ибод ҳамин одатро дониста (!) роҳи ҳиларо пеш гирифт (С.А.).

?

1) Дар иборахои *ин наҳри девона, мор барин борик шуда, мастворн худро ба* ҳар *тараф зада* кадом калима ҷузъи асосӣ аст ва ҷузъҳои дигар ба он чӣ тарз тобеъ шудаанд?

2) Дар ибораи *наҳри девона* кадом калима ба маънои маҷозӣ омадааст ва ибораи маҷозӣ дар заминаи чӣ гуна қаробати маъноии калимаҳои таркиби ибора сохта шудааст?

3) Маънои калимаи мураккаби "чакманисурхпӯш"-ро боз чӣ тарз ифода кардан мумкин аст?

❗ Мухотаб, воҳидҳои туфайлию истисноиро унсурҳои тавзеҳу тафсилдиҳандаи таркиби ҷумла мешуморанд, зеро онҳо бо аъзоҳои ҷумла алоқаи бевоситаи грамматикӣ надошта бошанд ҳам, дар мавқеъҳои гуногуни дохили ҷумла омада, дар ифодаи ягон ғарази гӯянда хидмат мекунанд.

Мухотаб аслан шахси хитобшуда ё мурочиатшуда аст, бинобар ин бо исми шахс ифода меёбад. Дар аввали ҷумла омада бошад, одатан барои мурочиат ва ҷалб намудани таваҷҷуҳи шахси хитобшуда ба гуфтор, дар мобайн ё охири ҷумла омада бошад, дар ифодаи ягон муносибати (нек ё бади) гӯянда хизмат мекунад. Дар назм ба вазифаи мухотаб на танҳо исмҳои шахс (чунончи, тахаллуси шоир дар ғазал), балки исмҳои ҷондори ғайришахс ва беҷон ҳам меоянд ва барои ифодаи ягон ғарази услубии шоир хизмат мекунанд.

Мурочиати гӯянда хитобан ифода ёфта бошад, пас аз мухотаб аломати хитоб, дар мавридҳои дигар мухотаб аз аъзоҳои дигар бо вергул ҷудо карда мешавад.

**100. Ҷумлаҳоро нависед, ба зери мухотаб хат кашед ва шарҳ диҳед, ки он бо калима ё ибора ифода ёфтааст ва баёнгари чӣ ғарази гӯянда аст, мухотаб бо кадом хели исм ифода ва бо кадом аломати китобат ҷудо карда шудааст.**

1. – Эй дӯсти мушфиқ, маро масъалаи муҳиме пайдо шудааст ва сафаре дур ба ҷониби Ироқ пеш омада; 2. – Духтаракам, нури чашмам! Ман туро бо орзую ҳавас калон кардам; 3. – Муҳаббатҷон, ақаллан ту навиштани ному насабамонро ёд гир (Ҳ.К.); 4. – Ҳушатон парешон барин, амак. Марҳамат, ба хона дароед. – Чӣ тавр ҳуши ман парешон нашавад, ҷигарам? 5. – Сабр кун, бочаа, сабр кун, Давлат Ҳакимович! – тафсида рафт Шукуров (Р.Ҷ.); 6. Эҳ Зебӣ, Зебӣ! Аз куҷо сари беҷанҷоли худро ба ҷанҷол гузоштӣ?! (Ф.Н.);

7. Соқӣ, ба нури бода барафрӯз(2) ҷоми мо,
Мутриб, бигӯ, ки кори ҷаҳон шуд ба коми мо (Ҳофиз).

8. – Пушт, машкоб! Бохабар, мардум!
Ба қафоят нигоҳ кун, нонвой!

Ҳой, ҳезумфурӯши варзобӣ(2)!
Хари худро каш аз даруни лой! (М.Т.)

? 1) Дар мисоли якум чаро нависанда мухотабро дар аввал, вале дар мисоли чорум дар охири ҷумла овардааст?
2) Дар калимаи *духтаракам* пасванди – *ак* шаклсоз аст ё калимасоз? Он калима чӣ гуна муносибати гӯяндаро ифода мекунад?
3) Ибораи *нури чашмам* ва калимаи *ҷигарам* ба кадом маъно кор фармуда шудааст ва чӣ ғаразди гӯяндаро ифода мекунад?
4) Ҷумлаҳои саволии матнҳои чорум ва шашум аслӣ ё риторикианд ва бо чӣ мақсад кор фармуда шудаанд?

! Мухотаб бо исмҳои ғайришахс (*дил, гул, булбул, насим, сабо, баҳор, ватан, Тоҷикистон* ва амсоли инҳо) ифода ёфта бошад, он мафҳумҳо чун шахс тасаввур мешаванд ва дар тасвири лирикӣ ягон вазифаи услубиро адо мекунанд.

**101. Матнҳоро беғалат, бурро ва таъсирбахш қироат карда, тарзи ифода, мавқеъ, маъною вазифа ва аломатҳои китобати мухотабро шарҳ диҳед.**

Баҳор, боз омадӣ?
Биё!
Марҳабо!
Биё, ман акнун душмани ту наям(6). Биё, ман ошиқи туям, ту нозанини ман ҳастӣ! (Ҳ.К.)

2. Видоъ, эй даштҳо, эй лолазорон!(4)
Видоъ, эй шаҳру ҷӯйҳои зарафшон! (М.Т.)

3. Маънии номи туро, эй рӯди Вахш,
Ҳар касе аз рӯйи ақлу фаҳми худ
Шарҳ дод:
Он яке «вахшӣ» туро номида буд,
Дигаре «пурхашм», сеюм «бадниҳод»(2).
Бишнав аз ман маъниятро:

– Рӯди Вахш –
Ганҷбахшу
Хайрбахшу
Нурбахш! (М.Қ.)

! Воҳидҳои туфайлӣ бо калима, таркиб, ибора ва ҷумла ифода ёфта, муносибати гӯяндаро нисбат ба фикри баёншуда ва то чӣ андоза воқеӣ будан ё набудани амалу ҳолати ҷумларо мефаҳмонанд. Онҳо дар ифодаи маъноҳои модалии эътимод, шубҳа, тахмин ва майлу хоҳиш ба сохтори маъноии ҷумла ёрӣ мерасонанд.

Воҳидҳои истисноӣ низ бо калима, таркиб, ибора ва ҷумла ифода ёфта, бар эзоҳи ягон аъзо ё тамоми ҷумла хизмат мекунанд. Онҳо ё мафҳумеро бо номи дигараш равшан мекунанд, ё онро тадриҷан дақиқ ва мушаххастар ифода менамоянд ва ё ба мафҳуми ягон аъзо ё мазмуни тамоми ҷумла маълумоти иловагӣ зам мекунанд:

Баногоҳ дарк кард, ки бадбахттарини одамони рӯйи замин маҳз ӯ – *Иброҳимҷон* аст (Ф.М.); Дар майдонча танҳо дар ҳангоми субҳ – *пеш аз ба кор равон шудани коркунон,* одамҳо гаштугузор мекарданд (Ҳ.К.); Саидакбар аз шаҳр ояд (*Ин кас дар Бухоро бо акои ман мехонд),…* дар пеши ӯ машқ хоҳӣ кард (С.А.).

Дар мавридҳои аввал пеш аз воҳиди истисноӣ аломати тире, дар ҳолати сеюм воҳиди истисноиро дар қавсайн овардан лозим аст.

**102. Ҷумлаҳои зеринро хонда, воҳидҳои истисноиро ёбед ва муайян кунед, ки онҳо кадом вазифаро адо кардаанд. Аломатҳои лозимаро гузошта, ҷумлаҳоро нависед.**

1. Баъд аз чанд моҳи воқеаи сайри наврӯзӣ дар айёми зимистон як бегоҳӣ баъд аз шом бачаҳо ба ҳуҷраи ман омада, гуфтанд; 2. Дар Бухоро дар гузари Говкушон(2) дар пеши масҷиди Хоҷа дар лаби рӯд гадоён ва сарсариён менишастанд (С.А.); 3. Онҳо алифбои зиндагиро мубориазаро аз вай омӯхтанд (С.У.);

4. Рафиқи ҷавониам Маҳмудро дар хонааш ёфтам; 5. Наҳрчаи қишлоқ ҳамоно бо дабдабаи пештараи(2) худ наъракашону мавҷзанон(3) ҷорӣ буд (Ҳ.К.); 6. Он ҷо нозанини нозанинон ва маликаи хубон Меҳрӣ духтари хурдии кампир худро ба кӯрпаи кӯҳна печонда рӯйи намадпорае(2) нишаста буд; 7. Баъзе одамони раҳакӣ(2) пиёда ва савора аз роҳ рафтан бозистода(2) ба поезди равон нигоҳ мекарданд (С.У.); 8. Ӯ ба ман дар хусуси пули ифтитоҳ ҳаққи таҳсил ёрмандӣ мекард (С.А.).

?

1) Ибораи «алифбои зиндагӣ» воҳиди фразеологӣ аст ё ифодаи маҷозӣ?

2) Тавсифҳои *нозанини нозанинон* ва *маликаи хубон* кадом навъи ибораанд ва нависанда онҳоро бо чӣ мақсад истифода кардааст?

3) Дар муҳити имрӯза таҳсили пулакиро «ифтитоҳ» гӯем ё «ҳаққи таҳсил»?

!

Аъзоҳои истисноиро аз аъзоҳои чидаи ҷумла фарқ кардан лозим аст. Аъзоҳои истисноӣ хусусияти тавзеҳӣ доранд ва бо калимаи тавзеҳшаванда бо интонатсияи хос (баъзан бо калимаи *яъне*) алоқаманд мешаванд. Аммо дар байни аъзоҳои чида алоқаи пайваст вуҷуд дорад ва он бо интонатсияи пайваст ё интонатсияю пайвандакҳои пайвасткунанда алоқаманд мешаванд:

Дар он тараф – дар тарафи шимолии рӯд, бар болои хомаи пастаки рег чӯпонбачагон бо ҳам гӯштингирӣ мекарданд (С.А.). – Онҳо (мусофирон) дар вайронаҳо, сарою ҳезумхонаҳо, ҷувозхонаҳо, ҳатто дар оғилхонаҳо ҷойгир шуда истиқомат мекарданд (С.У.).

Дар ҷумлаи аввал *он тараф* ҳоли макон, *дар тарафи шимолӣ, бар болои хома* ҳолҳои макони истисноӣ буда, макони гӯштингирии чӯпонбачагонро пай дар пай тавзеҳ ва мушаххас намудаанд. Дар ин маврид пеш аз ҳоли макони истисноии аввал тире, пеш аз ҳоли истисноии дуюм вергул гузоштан лозим аст. Дар ҷумлаи дуюм *дар вайронаҳо, сарою ҳезумхонаҳо*, *ҷувозхонаҳо* ва *оғилхонаҳо* ҳоли макони чидаанд

ва бо оҳанги шумур паси ҳамдигар васл шуда омада, маконҳои гуногуни истиқомати мусофиронро ифода кардаанд.

## Таҷзияи маъноии ҷумла ва тартиби калима

**103. Ҳангоми қироати матни зерин ҳиссаи бо хати сиёҳ навишташудаи ҷумлаҳоро баландтар хонед. Мулоҳиза кунед: кадом ҳиссаи ҷумлаҳо маълумоти барои шунаванда нав ва муҳимтарро дар бар мегирад. Матнро ба дафтаратон навишта, ба зери ҳиссаи ишорашудаи ҷумлаҳо хат кашед.**

Рӯзе / **ҷамъе аз ёрон ба хонаи фақир омаданд.** Дар хона / **ҳалим пухта буданд**. Дар вақти ҳалимхӯрӣ / **мӯйлаби ман олуда шудааст.** Яке аз ёрон / *ин ҳолро ба ман* **хабар дод**. Дарҳол / **микрозро бардоштам** ва *мӯйлабамро* **кӯтоҳ кардам** (Восифӣ).

**!** Аён аст, ки дар ҳиссаи аввали ҷумлаҳо маълумоти барои шунаванда маълум ва дар ҳиссаи дуюм маълумоти тоза ифода ёфтааст. Чунин таҷзияи маъно, яъне ба ҳиссаҳои аллакай маълум (**тема**) ва барои шунаванда номаълум ё маълумоти нав (**рема**) ҷудо кардан дар ҳамаи воҳидҳои иртиботии забон (ҷумла) мушоҳида мешавад:

Абдуғанӣ, ки дар хонаи писари калонӣ буд, / **баъди хонадоршавӣ ба ҳавлии нав кӯчид**. Ҳавлии нав / **дар поёни мазори калон – қабристони кӯҳна воқеъ буд** (Рӯзнома).

Дар таҷзияи маъноӣ (ба ҳиссаҳои маънодор ё синтагмаҳо ҷудо кардани ҷумла) ҷойи аъзои ҷумла аҳамияти калон пайдо мекунад:

Муаллими нав / **ба мактаби деҳаи дурдасте омад** – Ба мактаби деҳаи дурдасте / **муаллими нав омад** (Ӯ.К.); Ман ӯро / **барои об овардан фиристодам** – Ман барои об овардан / **ӯро фиристодам** – Ӯро барои об овардан / **ман фиристодам**.

Аз ҳамин сабаб ҷойи аъзои ҷумла бояд мувофиқи талаботи мақсади гӯянда ва мантиқи сухан тағйир дода шавад. Дар акси ҳол матлаб норавшан ва ё ғалат ифода мегардад.

**104. Ҷумлаҳоро навишта, ба ҳиссаҳои тема ва рема ҷудо кунед:**

Тақрибан даҳ-понздаҳ сол пеш дар деҳаи Шодмон мактаби ҳаштсола кушоданд. Ба ҳамин мактаб аз шаҳр муаллими ҷавон омад. Номи ӯ Шамшод буд. Муаллимбача аз забони русӣ дарс мегуфт. Ҳам дарс мегуфт ва ҳам бо тақозои замон ба масҷиди деҳа рафта, газетахонӣ мекард.

**105. Ҷумлаҳоро навишта, ба зери сараъзо ва аъзоҳои пайрав хат кашед ва муайян кунед, ки дар кадом ҷумла ҷойи мубтадо дуруст ё нодуруст тағйир дода шудааст:**

1. Палавро бо ҳавсалаи тамом худи Аҳмадҷонамак пухт; 2. Ӯ парешон атрофи хонаро аз назар гузаронд. Аммо ҷойи мувофиқ барои пинҳон намудани ҷавон пайдо намешуд (Ҳ.К.); 3. Дами гармро ману акаи Мадалӣ мепазем. Гӯштро акаи Мадалӣ дар ҳар ду-се рӯз аз чарогоҳ – аз назди чӯпонҳо, меоварад (М.Н.); 4. Волидон бо умеде фарзанд ба дунё меоваранд, ки дар пирӣ асои дасташон бошанд ҷигарбандон (Рӯзнома); 5. Ё тавба! Ин қадар сангдиланд мардум! (Ф.М.).

?

1) Дар ҷумлаи якум ҷонишини *худ* ба маънои соҳибият (нафсӣ) омадааст ё барои таъкид?

2) Дар ин матн *акаи Мадалӣ* як кас ё ду кас? Ду кас бошад, гӯштро кӣ меоварад?

3) Воҳиди истисноии *аз назди чӯпонҳо* барои эзоҳ додани ҳоли макон омадааст ё барои мушаххас ифода кардани он?

4) Дар ҷумлаи «Дами гармро ману акаи Мадалӣ мепазем» мувофиқати хабар бо мубтадо чӣ тарз сурат гирифтааст?

**106. Дар матнҳои зерин нависанда аз кадом имконоти услубии тартиби калима истифода бурдааст?**

1. Маҷиди Ҳамгар зане зиштрӯ дар сафар дошт. Рӯзе дар маҷлисе нишаста буд. Ғуломаш давон-давон(3) биёмад, ки:

– Эй хоҷа, *хонум* ба *хона* фуруд омад.

Гуфт:

– Кошки *хона* ба *хонум* фуруд омадӣ (Убайди Зоконӣ);

2. *Баҳром*, ки *гӯр* мегирифтӣ ҳама умр,
Дидӣ, ки чӣ гуна *гӯр Баҳром* гирифт (Хайём).

?

1) Ибораи *зане зиштрӯ* аз ҷиҳати сохтори наҳвӣ ва тобиши маъно аз ибораи *зани зиштрӯе* чӣ фарқ дорад?

2) Муродифҳои *зан* ва *хонум* чӣ тафовути маъноӣ доранд?

3) Калимаҳои *маҷлис, хоҷа* ва *ғулом* дар гузашта чӣ гуна мафҳумҳоро ифода мекарданд?

4) Чаро пас аз пайвандаки *ки* аломати баён гузошта шудааст?

5) Хайём калимаи *гӯр* ва ибораи *гӯр гирифтан*ро ба кадом маъноҳо истифода кардааст? Он калимаҳо омониманд ё наздикталаффуз? Чунин тарзи истифодаи калимаҳо кадом санъати сухан аст?

6) Феъли *мегирифтӣ* дар вазифаи кадом шакли феъл кор фармуда шудааст ва дар байни онҳо чӣ хусусияти маъноӣ ба вуҷуд омадааст?

!

Гуфтаҳои касеро ду тариқа ба каси дигар нақл кардан (гузаронидан) мумкин аст: айнан ва мазмунан. Нутқи айнан нақлшуда мукаммал, гуногуноҳанг ва рангину муассир аст:

– *Маро кушед ё зиндаву зор ба мазорам гӯронед!* – гӯён Ҷаҳоноро фарёд кард (С.А.).

Нутқи мазмунан нақлшуда мухтасари гуфтаҳои каси дигар аст, ки гӯянда аз забони худ баён мекунад: Аноргул ба ӯ мегуфт, ки *бо падар ва модараш дар бом мехобад ва шабҳо таронаи Восеъро мешунавад* (С.У.).

Нутқи айнан нақлшударо ба мазмунан нақлшуда баргардонидан мумкин аст. Ҳангоми баргардонидан он гуфтаҳо аз нохунак озод гардида, сухани муаллиф дар вазифаи сарҷумла ва сухани каси дигар ба вазифаи ҷумлаи пайрави пуркунанда меояд ва бо пайвандаки *ки* ба сарҷумла тобеъ мешавад. Дар шакли грамматикии хабар ва интонатсияи гуфтор низ тағйирот ба амал меояд:

Мавлоно Қутбиддин аз аҳвале (олусе) пурсид, ки *рост аст, ки аҳвал якеро ду мебинад.*

Гуфт: *«Рост аст, ба далели он ки мавлоноро чорпой мебинам».*

Мавлоно хиҷил шуд (Хористон).

– *Ман дар интернат намеистам, меравам,* – ҷавоб додам ман (С.У.).

Ман ҷавоб додам, ки *дар интернат намеистам, меравам.*

– Пас, чаро гуфтӣ: *«Ман аз Язид сазовортарам»* (С.У.).

– Пас чаро гуфтӣ, ки *аз Язид сазовортарӣ?*

Онҳо мегӯянд: *«Бе шумо корамонро уҳда карда наметавонем».*

Онҳо мегӯянд, ки *бе ман корашонро уҳда карда наметавонистаанд.*

Дар матни аввал *рост аст, ки аҳвал якеро ду мебинад* мазмунан нақлшуда, *«Рост аст, ба далели он ки мавлоноро чорпой мебинам»* айнан нақлшуда аст. Сухани мазмунан нақлшуда дар асл (айнан) чунин будааст: Мавлоно: «Рост аст, ки аҳвал якеро ду мебинад?» Ҳангоми баргардонидан ҷумлаи мустақил ба ҷумлаи пайрави пуркунанда табдил ёфта, бо пайвандаки *ки* ба сарҷумла (сухани муаллиф) тобеъ гардида, мухотаб фурӯгузор ва оҳанги савол хеле тира шудааст.

**107. а) Матнро хонда, нутқи айнан ва мазмунан нақлшударо ёбед ва гӯед, ки чаро муаллифи матн аз ҳар ду тарзи ифода истифода кардааст.**

Мирзо Турсунзода ифтихори миллат аст. Далели ин як хотираи неки академик Муҳаммад Осимӣ дар бораи ӯст:

“Боре аз Деҳлӣ ба Катманду парвоз мекардам. Дар паҳлуям як марди ҳинду нишаста буд. Ӯ аз ман суол кард, ки аз куҷоям. Ҷавобаш додам, ки аз Тоҷикистон. Бо тааҷҷуб кифт дарҳам кашид ва гуфт, ки ин номро нашунидааст. Хостам Душанберо ном барам, вале боз ба худ андешидам: “Модом ки Тоҷикистонро намедонад, Душанберо аз куҷо донад?” Баъд аз муддате саволашро давом дода пурсид, ки аз кадом миллат ҳастам. Гуфтам, ки тоҷикам. Боз кифт дарҳам кашид. Намедонистам, ки чӣ тарз аз куҷо ва аз кадом миллат будани

худро фаҳмонам. Пурсидам, ки оё номи Турсунзодаро шунидааст. Дар қиёфаи ӯ якбора ҳаяҷону шодӣ барқ зад ва гуфт: “О! Турсунзода! Душанбе! Сулҳ!” Ин калимаҳоро паси ҳам бо як оҳанги ҳаяҷономез ба забон оварда, изҳори ташаккур кард ва гуфт: “Сано бар миллате, ки чунин фарзанд тавлид кардааст ва Мирзо Турсунзода дорад!”

**б) Нутқи айнан нақлшударо ба мазмунан нақлшуда ва мазмунан нақлшударо ба айнан нақлшуда баргардонед.**

1. Анӯшервон ба ӯ гуфт: “Эй пир, магар туро аз деҳқонӣ хабаре нест?” (Восифӣ).

2. Муддаие гуфт ба Лайлӣ ба таън:
– Эй ки чаро нозуку мавзун наӣ?
Лайлӣ бихандиду ҷавобаш бидод:
– Бо ту чӣ гӯям, ки ту Маҷнун наӣ
(Султон Иброҳими Халис).

3. Раҳмоналиро ба ҷону ҳолаш намонда ба беморхона оваранд. Ҳамшираи шафқат ӯро ба палата оварда гуфт, ки осуда хобад, пас аз соате духтури навбатдор омада, муоина мекунад (И.Н.).

**108. Матнро хонда, ҳадди ҷумлаҳоро муқаррар кунед. Аломатҳои китобатро гузошта, ҷумлаҳоро нависед ва хусусияти асосии сохтори наҳвии ҷумлаҳоро шарҳ диҳед. Инчунин муайян кунед, ки байни ҷумлаҳо чӣ гуна алоқаи маъноӣ вуҷуд дорад ва он бо ёрии кадом унсурҳои луғавӣ ё грамматикӣ ифода ёфтааст.**

Моҳи феврали соли 1921 буд дашти ҳамвори бедолу дарахти канораҳои дарёи Аму манзараи як биёбони мурдаро нишон медод фақат боди афғонӣ ки аз тарафи ҷануб ғуррос зада мевазид ин биёбони беҷонро ба ҳаракати ҷонканона оварда буд тӯфони чангу хоке ки бо вазидани бод аз дашт бармехост рӯйи офтобро мисли абри сиёҳ фурӯ мегирифт дар он биёбони васеъ дар рӯз чунон ки дар шаби торик бошад касе чизеро дида наметавонист (С.А.).

?

1) Дар ибораҳои *биёбони мурда, биёбони бечон* кадом калимаҳо ба маънои маҷозӣ кор фармуда шудаанд?
2) *Тӯфони барфу борон*ро дидагистед, магар *тӯфони чангу хок*ро ҳам дидаед?
3) Калимаҳои наздикталаффузи (паронимҳои) *фаро гирифтан* ва *фурӯ гирифтан* аз ҳамдигар чӣ тафовути маъноӣ доранд?

**109. Панду андарзҳо дар кадом қолаби наҳвӣ ифода ёфтаанд: ҷумлаҳои сода яктаркибаанд ё дутаркиба, ҷумлаҳои мураккаби пайвастанд ё тобеъ? Дар дохили ҷумлаҳои сода аъзоҳо ва дар таркиби ҷумлаҳои мураккаб ҷузъҳо бо ҳамдигар чӣ тарз алоқаманд шудаанд?**

1. Душманро ҳақир набояд шумурд; 2. Сармояи бузург ақлу адаб аст, на аслу насаб; 3. Кӯҳ ба кӯҳ намерасад, одам ба одам мерасад; 4. Зи гаҳвора то ба гӯр дониш биҷӯй; 5. Дил ки пок аст, забон бебок аст; 6. Чил дарвеш дар гилеме бихуспанд, ду подшоҳ дар иқлиме нағунҷанд; 7. Кунад ҳамҷинс бо ҳамҷинс парвоз, Кабӯтар бо кабӯтар, боз бо боз; 8. Буз агар хирман кӯбад, ҳоҷати барзагов нест.

?

1) Ҷумлаи «Ақлу адаб сармояи бузург аст, на аслу насаб» аз ҷумлаи аввал аз ҷиҳати сохтори наҳвӣ ва мазмун чӣ тафовут дорад?
2) Дар кадом ҷумлаҳо калимаҳои муқобилмаъно ё санъати тазод чун воситаи муассири ифодаи фикр истифода шудаанд?

?

**Саволи тестӣ:**
Матни “Аз дидори ин диёр ҳамеша шодам” кадом воҳиди наҳвист?

а) ибора
б) ҷумлаи содаи яктаркиба
в) ҷумлаи содаи дутаркиба
г) ҷумлаи мураккаби пайваст
ғ) ҷумлаи мураккаби тобеъ

Дар ҳамон матн “дидори ин диёр” кадом хели ибора аст?

а) исмӣ
б) сифатӣ
в) ҷонишинӣ

г) масдарӣ

ғ) сифати феълӣ

Дар “ин диёр” калимаҳо бо кадом навъи алоқа ибора сохтаанд?

а) пайваст

б) тобеи изофӣ

в) тобеи вобастагӣ

г) тобеи ҳамроҳӣ

ғ) тобеи мувофиқат

## Ҷумлаҳои мураккаб

Ҷумлаҳои сода ва мураккаб ду воҳиди муҳимтарини иртиботии (коммуникативии) забонанд, ки ҳам ҷиҳатҳои умумӣ ва ҳам хусусиятҳое доранд, ки онҳоро аз ҳамдигар фарқ мекунонанд. Ҷиҳати муҳимтарини умумӣ ин аст, ки дар ҷумлаҳои мураккаб низ ҷузъҳо бо ҳамдигар алоқаманд шуда омада, ягонагии маъно, муносибати наҳвӣ ва оҳангӣ пайдо мекунанд. Тарзи алоқаи грамматикии ҷузъҳо ҳам мисли ҷумлаҳои сода ду навъ – пайвасту тобеъ аст.

Воситаҳои грамматикии алоқаи пайваст дар ҳар ду воҳид муштараканд, аммо алоқаи тобеъ ва воситаи грамматикии ифодаи он дар ҷумлаҳои сода ва мураккаби тобеъ ба куллӣ фарқ мекунанд. Агар дар ҷумлаҳои сода алоқаи тобеии аъзоҳои ҷумла (изофӣ, вобастагӣ, ҳамроҳӣ ва мувофиқат) ба воситаи бандаки изофӣ, пешоянду пасоянд, тартиби калима, бандакҳои феълию хабарӣ ифода ёбад, дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ ҷумлаи пайрав бо сарҷумла бо ёрии пайвандакҳои тобеъкунанда, калимаҳои ҳамнисбат, мутобиқати шаклҳои феълии хабари ҷумлаи пайрав бо хабари сарҷумла, интонатсияи тобеъ ва тартиби ҷой гирифтани ҷузъҳои ҷумлаи мураккаби тобеъ ифода меёбад.

Дар ифодаи муносибатҳои маъноӣ байни аъзоҳои ҷумлаи сода ва хелҳои ҷумлаҳои пайрав, инчунин дар воҳидҳои гуногуни наҳвӣ муносибати муштараки маъноиро ифода кардани пешоянду пайвандакҳои таркибӣ (вақти, дар вақти – вақте ки, аз сабаби – аз сабаби он ки, бо мақсади – бо мақсади он ки,

ба шарти – ба шарти он ки ва ғайра) аз қаробати маъноии қолабҳои гуногуни наҳвӣ шаҳодат медиҳад. Ҳамин гуна муносибатҳои муштарак дар қолабҳои гуногуни наҳвӣ (ҷумлаҳои сода ва мураккаби тобеъ) ифода ёфта, барои муродифоти наҳвӣ замина фароҳам меоваранд.

**110. Матнҳоро хонда, ҷумлаҳоро аз ҷиҳати сохт муайян кунед. Шарҳ диҳед, ки ҷумлаҳои мураккаб аз ҷумлаҳои сода чӣ фарқ доранд.**

1. Чандин ҷойи девори боғчаамон ғалтида, токҳо хароб гашта, як қисми дарахтони мевадор бурида шуда буданд; 2. Зардию сурхии фасли тирамоҳ саросари боғу бӯстонро пӯшонда, ба онҳо боз ҳусни дигаре бахшидааст (С.У.); 3. Ҳанӯз шамол ором нагирифта, борони барфолуд ба боридан даромад, аз либоси тунук ва ҷиғда-ҷиғдаи бачаяк қатраҳои борон гузашта, ба бадани ӯ нӯги бигизи (дарафши) дар оташ тафсондагӣ барин мехалид (С.А.); 4. Ҳаво тамоман равшан гашта, чароғи даруни вагон хомӯш шуда буд (Ҷ.И.); 5.Ту – рафиқ командир, хотирҷамъ бош, мо пакетро дар вақташ мерасонем (П.Т.); 6. Бача ором ва осуда мехобид, аммо дили Соро осоиш ва ором надошт (С.А.); 7. Рӯ ба раҳаш ниҳодаму бар ман гузар накард, Сад лутф чашм доштам, ӯ як назар накард (Ҳофиз); 8. Ёр аз дили ман хабар надорад, Ё сӯзи дилам шарар надорад (Лоҳутӣ); 9. Наврӯз шуду лолаи хушранг баромад, Булбул ба тамошои дафу чанг баромад; 10. Ё ки шавқи дӯстон аз шеърхонӣ пир шуд, Ё ки ёри меҳрубон аз шеъри ман дилгир шуд (М.Т.).

**111. Зарбулмасалҳоро пурра карда ба дафтар нависед. Муайян кунед, ки фикр дар қолаби ҷумлаи мураккаби пайваст ифода ёфтааст ё тобеъ, дар байни ҷузъҳо чӣ гуна муносибати маъноӣ вуҷуд дорад. Ҳангоми навиштани матн ба аломатҳои китобат риоя кунед.**

1. Дили модар ба фарзанд,…; 2. Арзон бе иллат не,…; 3. Маҷлис бисёр шуд,…; 4. Духтарам ба ту мегӯям,…; 5. Об дар кӯзаву…; 6. Киҳо кашад ҷавру ҷафо,…; 7. Аз ту ҳаракат,…; 8.

Бар падарат раҳмат,…; 9. Буз дар ғами ҷон,…; 10. Девор муш дорад,…; 11. Кӯҳ ба кӯҳ намерасад,...

**112. Пайвандакҳои хилофӣ дар матни зерин кадом вазифаро адо кардаанд: калимаро бо калима алоқаманд намуда ҷумлаи сода сохтаанд, ё ҷумлаҳои содаро бо ҳам пайваста ҷумлаи мураккаб, ё чанд ҷумлаи содаву мураккаби мустақилро васл намуда матн сохтаанд?**

Дар рӯзи чилуми(3) бемориаш падарам арақ карда, тамоман ҳушёр шуда, шир талаб кард. Додам. Хӯрд ва дар рӯзи сеюм(3) асозанон(3) ба пойи худ берун(3) баромад. Мо ҳама шодмон шудем. *Аммо* дар рӯзи даҳуми(3) аз беморӣ сар бардоштанаш дубора ғалтид…

– Гиря накун! Мард бош! Писари падарат шав(4), ки одами сахтибардор(2) аст! Аҳволаш хеле сахт аст, *аммо* барои дар ташвиш наандохтани шумоён худро ором нигоҳ медорад…

Амакам ин дафъа бо қошуқ ба даҳони бемор об рехт. Ӯ «Бас» гуфт ва ба ман ишора карда ба гап даромад:

– Хон! Дар чӣ гуна душворӣ бошад ҳам, хон, одам шав! *Лекин* қозӣ, раис ва имом нашав(4)! Агар мударрис шавӣ, майлат! – чашмонашро пӯшид. Баъд аз ягон дақиқа *на ин ки* бо хаш-хаш, *балки* бо хар-хар нафас кашидан гирифт. Дар ин миён якбора(3) дар ҷояш қад рост кард. Чашмонаш калон кушода шуданд, *аммо* бенур буданд (С.А.).

?

1) Чаро баъзе ҷумлаҳо бо пайвандаки хилофӣ оғоз ёфтаанд? Дар ин маврид пайвандак чӣ вазифаро адо мекунад?

2) Сифати *сахт* бо кадом маъно омадааст?

3) «аз беморӣ сар бардоштан» ва «дар ташвиш наандохтани шумоён» кадом навъи ибораанд?

4) Кадом тарзи ифода дуруст аст: «Дар чӣ гуна душворӣ *бошад* ҳам,…» ё «Дар чӣ гуна душворӣ *набошад* ҳам,…»?

## Муродифоти наҳвӣ

**113. Матнро бодиққат хонда, сухани ҳакимонро ба дафтар нависед, муайян кунед, ки ҷумлаҳо аз лиҳози сохтори наҳвӣ ва мазмун чӣ умумият ва чӣ тафовут доранд.**

Дар маҷлиси подшоҳи Сосониён Анӯшервони одил, ки дар адлу инсоф дар тамоми олам ном баровардa буд, донишмандони зиёде менишастанд(4). Ҳар кас мувофиқи донишу завқи худ ҳикмате ё масале ибратомӯз мегуфт. Яке аз он ҳакимон гуфт:

– *Бад макуну бад маяндеш, то бадат наёядат пеш*(4).

Дигаре гуфт:

– *Некӣ куну нек бияндеш, то нек оядат пеш.*

Одати подшоҳ ин буд, ки ба ҳар як хирадманд мувофиқи донишу қадри сухани ӯ чизе мебахшид(4). Фармон дод, ки ба шахси аввал ҳазор динор ва ба дигаре ду ҳазор динор диҳанд(4).

Хосону наздикони подшоҳ аз ин рафтори ӯ ҳайрон шуданд ва яке аз онҳо гуфт:

– Сухани ҳар ду як маънӣ дошт, вале нафаҳмидем, ки чаро инъом ба андозаи гуногун дода шуд(4).

– Донишманди аввал, – гуфт Анӯшервон, – суханро аз бадӣ, вале дуюмӣ аз некӣ оғоз кард.

?

1) Вожаҳои *донишманд, ҳаким* ва *хирадманд* чӣ гуна муносибати маъноӣ доранд ва дар матн бо кадом мақсад истифода шудаанд?

2) Калимаҳои *некӣ* ва *бадӣ* чӣ гуна воҳиди луғавианд ва дар ҳикматҳои мардумӣ бо кадом мақсад ба кор бурда мешаванд?

3) Чаро феълҳои *биандеш, наандеш* ва *наояд* варианти *бияндеш, маяндеш, наёяд* пайдо кардааст?

4) Дар матн мавқеи сухани муаллиф ва гуфтаҳои каси дигар чӣ гуна аст ва онҳо бо кадом аломатҳои китобат аз ҳамдигар ҷудо карда шудаанд?

! Чунон ки дар фасли муродифоти луғавӣ ишора кардем, як матлабро дар забон чанд тариқа ифода кардан мумкин аст. Қолабҳои ифода аз ҷиҳати сохтори наҳвӣ фарқ дошта, вале ба як муносибати маъноӣ далолат мекунанд. Чунин ифодаҳоро муродифҳои наҳвӣ меноманд: Ман ба шаҳри Душанбе барои хондан омадаам // …хонданӣ омадаам // …мехонам гуфта омадаам // …омадаам, то ки хонам // …барои он омадаам, ки хонам. Ин тарзҳои баёни фикр аз хусусияти созгории сохтори наҳвии забони тоҷикӣ ва доираи васеи имконоти ифодаи фикр гувоҳӣ медиҳанд. Ҳар кадоме аз он тарзҳои ифода дар забони гуфторӣ ва навишторӣ мавқеи муайяни истифода доранд.

Восифӣ чунин навиштааст:

Моро дида саросема шуда пурсиданд:

– Шумо чӣ касонед?

– Мо мусофиронем, – гуфтем мо ва аз онҳо пурсидем:

– Шумо чӣ касонед?

Балки:

Моро дида саросема шуда пурсиданд:

– Шумо чӣ касонед?

– Мо мусофиронем, – гуфтем мо ва кӣ буданашонро аз онҳо пурсидем.

Сабаб ин аст, ки дар тарзи якуми ифода як қолаби баёни фикр (нутқи айнан нақлшуда «Шумо чӣ касонед?») ду бор такрор шудааст. Нависанда бо мақсади гурез аз чунин такрор пурсишро аввал дар қолаби нутқи айнан нақлшуда, бори дигар бо ёрии сухани мазмунан нақлшуда ифода кардааст.

Маълум мешавад, ки устодони каломи бадеъ аз такрори қолабҳои якхелаи наҳвӣ ҳам ҳазар кардаанд. Чунин навъи такрор дар услубҳои дигари нутқ (коргузории расмӣ, илмӣ ва баъзе жанрҳои рӯзноманигорӣ) роиҷ бошад ҳам, дар услуби бадеӣ раво нест.

Муродифоти ҷумлаҳои сода ва мураккаби тобеи забони адабии тоҷикӣ дар ифодаи муносибатҳои маъноии аломат, мафъули (объекти) амал, замон, сабаб, мақсад, шарт ва ғайра

ба гӯянда ё нависанда имконияти васеъ фароҳам меоварад, ки матлаби худро дар қолабҳои гуногуни наҳвӣ рангин ва дилпазир ифода намояд.

**114. Матни зеринро ба мисли матни боло таҳлил кунед:**

– Бача, ту аз куҷоӣ? – мурочиат кард профессор (Андреев) ба як нафари мо. Талаба ҷавоб дод, ки аз Бухорост (С.У.).

**115. Ҷумлаҳоро бодиққат хонед ва муайян кунед, ки нависанда чӣ гуна муносибатҳои муштараки маъноиро дар қолабҳои гуногуни наҳвӣ ифода кардааст?**

**1. Ҳезумҳое**ро, *ки аввали пагоҳ чида монда буд*, ду баст карда ба хар бор карда ва ба ҷойи сарборӣ(2) бар сари ҳезум гӯсфанди маибшударо(3) гузошта, ба чилбуре маҳкам баст. – Бегоҳӣ **ҳезумҳои** *он рӯз аз дара ва кӯҳ шикаста ғундоштагиаш*ро ба хар бор карда, рамаро пеш андохта, ба хонаи хӯҷаин(1) меоварад (С.А.); 2. Ба коғази дигар **одамони аз қишлоқ омада,** *ҳоло кор наёфта дар кӯчаҳои Тошканд сарсон шуда гаштаги*ро навис. – Баъд аз он дар коғази(1) алоҳида номи ошноҳои падарам – **мардикорони аз деҳа омадае**, *ки ҳанӯз ҳам кор наёфта сарсон гашта буданд*, навишта шуд (С.У.); 3. …аз **ҳалвои қоқтии** *дар дастам будагӣ* газида гирифта, қатар-қатар(3) мехойидам – Ҳамон **ҳалвое**, *ки дар даст дорӣ,* равған ҳам дорад (С.А.).

?

1) Калимаҳои *сар* ва *сарборӣ* ба кадом маъно омадаанд?
2) Шаклҳои фоил ва мафъули феъли *навиштан* чӣ гуна аст ва онҳо дар кадом матн кор фармуда шудаанд?

!

Шоир мазмуни ҷумлаи «Осоиши ду гетӣ бо дӯстон мурувват ва бо душманон мадоро кардан аст»-ро ин тарз баён кардааст:

Осоиши ду гетӣ тафсири ин ду ҳарф аст:
Бо дӯстон мурувват, бо душманон мадоро (Ҳофиз).

С. Айнӣ чунин гуфтааст:

Фарзанди одам дар ду рӯз дӯстон ва дилбастагони худро зиёдтар ёд мекунад: яке, дар рӯзи бадӣ ва ғамгинӣ, дуюм, ба рӯзи хушӣ ва шодмонӣ.

Аммо ин тарзи ифодаро написандидааст:

Фарзанди одам, яке, дар рӯзи бадӣ ва ғамгинӣ, дуюм, ба рӯзи хушӣ ва шодмонӣ дӯстон ва дилбастагони худро зиёдтар ёд мекунад.

Дар ин ҷо чӣ асрори ҳусни баён ниҳон аст? Аввалан, донистани ин, ки дар забон роҳҳои гуногуни ифодаи як фикр вуҷуд доранд ва аз онҳо бояд бо камоли нуктасанҷӣ истифода кард. Дуюм, бо рақамҳо ё ҷонишинҳо қабл аз баёни асли мақсад ишора кардан барои он аст, ки диққати хонанда ё шунаванда ба нуктаи асосии матлаб ҷалб ва он нукта ба тариқи таъкид ифода гардад.

**116. Дар матнҳои зерин аз кадом имконоти услубии муассир баён кардани матлаб истифода шудааст? Матнро бо тарзи мӯътадили ифодаи фикр (бидуни таъкид) муқоиса карда, тафовути онҳоро шарҳ диҳед.**

1. Дар пеши Одина ду мушкил омада буд: яке, ба ватан монда, ба дасти Арбобкамол талаф шудан, дуюм, аз ин ҷо гурехта рафтан; 2. Оре, аз ин мушкилтар рӯзе нест, ки ошиқи шайдое ба дарди ҷонсӯзи ҳиҷрон гирифторояд; 3. Ин бозӣ ҳам ба Шодӣ, ҳам ба Соро ва ҳам ба худи бузғола бисёр хуш омад (С.А.);

4. Ду чиз аз дил андуҳ берун барад:
Рухи дӯсту овози марди хирад;
5. Ҳама чиз пирӣ пазирад, бидон,
Магар дӯстӣ, к-он бувад ҷовидон (Абӯшакури Балхӣ).

**117. Дар яке аз мавзӯъҳои «Ҷӯраи ҷонии ман», «Ёди айёми кӯдакӣ», «Дӯст он бошад, ки гирад дасти дӯст…» дар ҳаҷми ду саҳифаи дафтар иншо нависед. Дар он аз имконоти услубии муассири луғавию грамматикии забон истифода баред. Чизи иншо**

**кардаатонро дар танҳоӣ бо овоз хонед, нуқсонҳояшро ислоҳ кунед. Мазмуни онро дар ҳузури ҳамсабақон баён кунед.**

**118. Зарбулмасалҳоро пурра карда ба дафтар нависед ва муқаррар кунед, ки кадом хели ҷумлаи пайрав ба сарҷумла тобеъ шудааст. Ҷумлаҳои пайрав бо кадом пайвандак ба сарҷумла алоқаманд ва дар кадом ҷумлаҳои мураккаби тобеъ чӣ гуна пайвандак ихтисор шудааст? Нақшаи ҷумлаҳои мураккаби тобеъро кашед.**

1. Бародари ман бошӣ,…; 2. Аз худ нарав,…; 3. Илм хоҳӣ,…; 4. Кӯш,…; 5. Хоҳӣ нашавӣ расво,…; 6. Ваъда додӣ,…; 7. Дӯст он бошад,…; 8. Дарс агар мушкил бувад,…; 9. Дар ҳама кор машварат бояд,…; 10. Кори сайёд барор гирад,…; 11. Дил ки ранҷид аз касе,…; 12. Дил ки пок аст,... 13. Гар сабр кунӣ,…; 14. Мангар,…; 15. Ба касе гӯр маков,…

**119. Ба ҷойи сенуқта яке аз пайвандакҳои дар қавсайн омадаро гузошта, ҷумлаҳои мураккабро ба дафтар нависед ва шарҳ диҳед, ки чаро маҳз ҳамон пайвандакро интихоб намудед.**

1. Занҳо (гар, агар, агар ки, ба шарте ки) озодӣ хоҳанд, бояд аз ҳар ҷиҳат баробари мардҳо шаванд, (набошад, вагарна, агар не) озодӣ ба ном мешавад; 2. Дар бисотат ҳаст (-у, ки) одамгарӣ мекунӣ, (вагарна, набошад, агар не) ноилоҷ хап мешинӣ; 3. (Агар, агарчи) хона сарду чароғҳо хомӯш бошад, ман он хонаро гарму фурӯзон меҳисобам; 4. (Ҳамин ки, вақте ки) сиёҳӣ тамом шуд, ман маҷбур шудам, навиштани худро бас кунам; 5. (Агарчи, гарчи, гарчанде, гарчанде ки) гул дар нозукӣ машҳур дар баҳру бар аст, Хотири шарму ҳаё аз барги гул нозуктар аст (Бедил); 6. Аввали рӯз саг ба шаҳр рафта, ба дари нонвойхона меистад. (Вақте ки, даме ки, ҳамин ки, ҳар гоҳ ки) нонвой нони аввалро канда, ба рӯйи тахта мепартояд, саг ҷаҳида нонро мегирад ва мегурезад (Чор дарвеш).

**120. Дар ҷумлаҳои зерин ибораи масдарию сифати феълиро ба ҷумлаи пайрав баргардонида, фикрро бо ҷумлаи мураккаби тобеъ**

**ифода кунед. Ду тарзи ифодаро бо ҳам муқоиса намуда муайян кунед, ки кадом тарзи баёни фикр беҳтар аст.**

1. Оқибат коргаронро(2) кор ба ҷон ва корд ба устухон расид, миёни худ машварат карда аз хӯҷаин зиёд кардани музди хизмати аслиро, барои кори барзиёд музди ҷудогона муайян карданро, ҳеҷ набошад, ин кори барзиёдро аз гарданашон бардоштанро талаб карданӣ шуданд; 2. Бурда ба Бухоро мондан ва ҷойи истиқомат ёфта доданро падарам ба гардан гирифт; 3. Хонаи дигарро анбор сохта, дар он озуқаи зимистонӣ(2) – ғаллаи аз даравгарии(2) падарам ва хӯшачинии(2) ман бадастомада ва сабзию пиёзу картошкаи аз полизи худамон рӯйидаро ҷой кардем; 4. Ӯ бо вуҷуди ғалтиданаш аз ҷавони хурдтар аз худ аз ӯ наранҷида буд; 5. … Ноиб ба маҳрами худ барои меҳмон дарҳол «аз нӯги хамир – фатир» гӯён дастурхон, нон ва як табақ гӯшти яхнӣ оварданро ва аз паси вай бирён карда овардани ду мурғи фарбеҳро фармуда, аз дӯсташ сабаби бар хилофи одати худ ба саҳро баромаданашро пурсид (С.А.).

?

1) Ифодаҳои *кор ба ҷон ва корд ба устухон расид, аз гардан бардоштан, ба гардан гирифтан, бадастомада* чӣ гуна воҳидҳои забонанд ва дар онҳо кадом воситаҳои муассири луғавӣ истифода шудаанд?
2) «хурдтар аз худ» ва «аз полизи худамон рӯйида» кадом навъи ибора аст?
3) Чаро нависанда «бо вуҷуди аз ҷавони хурдтар аз худ ғалтиданаш» нагуфта, балки «бо вуҷуди ғалтиданаш аз ҷавони хурдтар аз худ»-ро писандидааст?

**121. Аз саволу ҷавоби Анӯшервону Бузургмеҳр ҷумлаҳои мураккаби тобеъ созед, ки дар онҳо ҷумлаи пайрави мубтадо бо пайвандаки тобеъкунандаи *он ки, ҳар он ки, ҳар кас ки, ҳар он кас ки* ба сарҷумла тобеъ шуда бошад.**

Намуна:
– Ориф киро гӯянд?
– Он ки худро аз дигарон камтар ва бадтар донад, ориф аст;

1. – Дӯст кадом аст?

– Он ки пеши мардум айбҳои туро пӯшад ва ҳунари туро зоҳир кунад;

2. – Дӯсти содиқ кист?

– Он ки дар некӣ туро ёрӣ кунад ва аз бадӣ туро боздорад;

3. – Аз мардум кадом оқилтар(3) аст?

– Он ки бисёр донад ва кам гӯяд;

4. – Ба ҷаҳон кадом некбахттар(2) аст?

– Он ки худро ба саховат ва ростӣ биёрояд;

5. – Нишони дӯсти нек чист?

– Он ки хатои ту бинад, насиҳат аз ту дареғ надорад;

6. – Аз мардум кадом масъудтар аст?

– Он ки аз мухолифати дунё дилтанг(2) нашавад.

?

1) Чаро пурсиш як гуна (Ориф кист? Дӯст кист? Дӯсти содиқ кист?...) ифода наёфтааст?

2) Дар матни боло вожаҳои *айб* ва *ҳунар* чӣ гуна воҳиди луғавианд?

3) «худро ба саховат ва ростӣ оростан» чӣ маънӣ дорад?

4) Дар матни «дар некӣ туро ёрӣ кунад, аз бадӣ туро боздорад» пасоянди **-ро** чӣ гуна мафъули (объекти) амалро ифода кардааст?

**122. Дар кадом ҷумлаҳои мураккаби тобеъ ҷойи ҷумлаи пайрав тағйир ёфтааст? Он мақсаднок ва дуруст аст ё нодуруст?**

1. Шаъну шуҳрат ба ҳар кас насиб мегардад, ба шарте ки боинсофу(2) ҳалолкор(2) бошад; 2. Аз дорухонаи(2) колхоз як сатил «битефос» меорам, онро ба об ҳамроҳ карда мепошам(4). Ана он вақт аз бӯяш ба лашкари нонхӯракҳо(2) қирон меояд, агар танашон ба дору одат накарда бошад; 3. Баъзеҳо барои шуҳрату обрӯйи зиёд устоди воқеиро фаромӯш намуда, шахси пуровозаро(2) устод мешуморанд(4). Бо он ғараз ки ба лутфи устоди пуровоза ноил бишаванду «боло» бираванд (Рӯзнома).

?

1) Феъли *қирон омадан* чӣ гуна обуранги услубӣ дорад?

2) «Шаъну шуҳрат» ва «шуҳрату обрӯ» чӣ гуна воҳидҳои забонанд ва кадоме аз онҳо таркибан устувор ё рехта аст?

3) Чаро калимаҳои «битефос» ва «боло» ба нохунак гирифта шудаанд? Таъбири *боло рафтан* чӣ маъно дорад?

**123. Ҷумлаҳои мураккаби зеринро бодиққат хонед ва муайян кунед, ки дар сохтори онҳо чӣ нуқсонҳо содир шудаанд. Ҷумлаҳоро ислоҳ карда, нависед.**

1. Ҳине бо ӯ суҳбат доштам, ба хотирам наомад, ки аз ӯ пурсам; 2. Шавҳарам ки марди хеле бадавлат буд, хонаро ба ману кӯдаконаш додан намехост; 3. Ба туфайли он ки об дар табиат васеъ паҳн шудааст ва дар ҳаёти инсон аҳамияти калон дорад, бинобар ин аз қадимулайём онро чун манбаи ҳаёт медонанд; 4. Агар дар организми одам микроб ба мушоҳида расад, пас ӯ мариз ва агар не, солим аст; 5. Волидайн ҳайрон шуданд. Зеро онҳо ҳам ҳаргиз дар ин бора фикр накарда буданд; 6. Замира аз Тӯймурод хоҳиш намуд, ки ба хонаашон хостгор фиристад. То ин ки бо ризогии(2) ду тараф кор ба хубӣ анҷом ёбад; 7. Сарашро шуста, нав бо сачоқ печонида буд, аз паси дар ғалоғула ба гӯш расид; 8. Чун ним аз шаб гузашта буд ки, оғози хоб кардем (Рӯзнома).

## Аломати китобат дар ҷумлаҳои мураккаб

**!** Дар гузоштани аломатҳои китобат дар ҷумлаҳои мураккаб чанд мушкил пеш меояд. Яке аз онҳо гузоштани аломати вергул дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ аст. Азбаски пайвандакҳои тобеъкунанда сершумору гуногунвазифаанд, сохту таркибашон ҳам як хел нест, бар замми ин, пайвандаки *ки* дар аввал, дохил ва охири ҷумлаи пайрав омада метавонад, хонандагон дар гузоштани он хато мекунанд:

- Дар пайвандакҳои таркибӣ байни ҷузъи номию пайвандаки *ки* вергул мегузоранд. Калимаҳои *вақт, сабаб, мақсад, шарт* ва ғайра метавонанд ҳамчун калимаи мустақил дар вазифаи ягон аъзои ҷумла омада, бо ҷумлаи пайрави муайянкунанда эзоҳ ёбанд, дар ин сурат пас аз онҳо (пеш аз пайвандаки *ки*) аломати вергул гузошта

мешавад: Вақте, ки барои тайёрӣ ба имтиҳон ҷудо шудааст, кофӣ нест. Дар ин ҷо «Вақт кофӣ нест» сарҷумла, «барои тайёрӣ ба имтиҳон ҷудо шудааст» ҷумлаи пайрави муайянкунанда буда, бо пайвандаки *ки* ба сарҷумла тобеъ шудааст. Вақте ки мо ба манзил баргашта омадем, аз нимаи шаб се соат гузашта буд (С.А.). Дар ин ҷо «аз нимаи шаб се соат гузашта буд» сарҷумла, «мо ба манзил баргашта омадем» ҷумлаи пайрави ҳоли замон буда, бо пайвандаки таркибии *вақте ки* ба сарҷумла тобеъ шудааст. Дар ин маврид пеш аз пайвандаки *ки* аломати вергул гузоштан ғалати маҳз аст.

- Пайвандаки ***ки*** дар аввали ҷумлаи пайрав омада, онро ба сарҷумла тобеъ карда бошад, пеш аз он вергул гузошта мешавад: Бисёр талаб макун, **ки** *ба кам зор шавӣ*; Чаро оқил кунад коре, **ки** *бозорад пушаймонӣ*?; Ҳеҷ кас намегӯяд, **ки** *дӯғи ман турш аст*; Шӯхӣ ба шарте писандида аст, **ки** *дигаронро бихандонаду касеро наранҷонад.*
- Пайвандаки ***ки*** дар мобайни ҷумлаи пайрав омада бошад, пеш аз он вергул гузошта намешавад: *Шаб* **ки** *ба хона баргаштанд*, ман аз бародарам мепурсидам; *Азизхон мактабашро тамом* **ки** *кард*, ба ту хостгор мефиристам; *Ҳамсоя* **ки** *нест*, кас дар ин хел маврид азоб мекашад (С.У.); *Борон* **ки** *борид,* мо дишаб дар ҳамон қишлоқ мондем (Ҷ.И.); *Аз Сурхави Лугар* **ки** *бошӣ*, оё Абдулғанихони фирқамишро мешиносӣ? (Рӯзнома).
- Пайвандаки **ки** дар охири ҷумлаи пайрав омада бошад, вергул пас аз он гузошта мешавад: *Қаҳтӣ сар шуда буд* **ки**, ба Тошканд кӯчида омадем (С.У.); *Мо ҳанӯз чойнӯширо тамом накарда будем* **ки,** маддоҳи дирӯза омад; *Магар аз гуфтаҳои ман бадгумон шудӣ* **ки**, дар андеша афтодӣ? (С.А.); *...дар вақти поин омаданам Шоҳқосим аз миёнам дошт* **ки**, поям ба замин бархӯрда лат наёфт (Восифӣ); *Ҳазор қасам хӯрам* **ки,** бовар намекунад; *...ба занҷир баста монед* **ки**, мегурезад (Ф.М.).

- Пайвандаки **ки** дар мобайн ва охири ҷумлаи пайрави сабаб ояд, бо пайвандакҳои **азбаски, чун, аз сабаби он ки**, дар аввали ҷумлаи пайрави сабаб ояд, бо пайвандаки **чунки**, **зеро, зеро ки** ҳамвазифа мешавад: **Азбаски** *борон борид,* мо дишаб дар ҳамон қишлоқ мондем; Дӯстӣ бо дӯстон ва ёрони мувофиқ кун, **ки** (**чунки, зеро**) *дӯстӣ бо ёрони пиёла ва навола бақое надорад* (Абдуллоҳи Ансорӣ).

**124. Ҷумлаҳоро бодиққат хонед ва муайян кунед, ки ҷумлаи пайрав сарҷумларо аз кадом ҷиҳат эзоҳ медиҳад ва пайвандаки *ки* пеш, пас ё дар мобайни ҷумлаи пайрав омада, бо кадом пайвандакҳо муштараквазифа шудааст. Аломати вергулро дар ҷойи лозима гузошта, ҷумлаҳоро нависед. Нақшаи ҷумлаҳоро кашед.**

1. Ба дӯстии подшоҳон эътимод натавон карду бар овози хуши кӯдакон ки он ба хаёле мубаддал шавад ин ба хобе мутағаййир гардад (Саъдӣ); 2. Вай магар сахт гурусна монда буд ё кинаи ба падар доштааш ҳанӯз аз дилаш нарафта буд ки гап задан намехост; 3. Аз ҷони ҷавонам ҷудо шавам ки хабар надорам (С.У.); 4. Мард ки фарбеҳ шуд беғайрату муросокор мешавад (Ф.М.); 5. Магар дилаш танг шуд ки ба ғазалхонӣ даромад (Ҷ.И.); 6. Чашмамро кушоям ки хона пури дуд шудааст; 7. Ман ҳар як сухани навро дар дилам чанд бор такрор мекардам ки ёд шавад (С.У); 8. Ба ин духтар офарин гуфтан даркор аст ки аз ӯҳдаи ҳамин қадар кор баромад (Ҳ.К.); 9. …муҳтоҷӣ ва нобудагист ки рангамро зард карда маро ба дари ӯ мебарад; 10. Ман ғарқи тамошои ҷанҷоли бозори ғӯза будам ки касе аз паси сарам оҳистаякак дошт (С.А.); 11. Муште ки баъд аз ҷанг ба ёд омад ба сари худ бояд зад; 12. Бахт ки хандад намепурсад бачаи кистӣ (Рӯзнома); 13. Накунад ҷаврпеша султонӣ Ки наояд зи гург чӯпонӣ; 14. Ту к-аз меҳнати дигарон беғамӣ Нашояд ки номат ниҳанд одамӣ (Саъдӣ).

Т а в з е ҳ: Бо мақсади таҳкими донишу малакае, ки хонандагон аз такрори ҳамаи мавзӯъҳои забони тоҷикӣ ҳосил

намудаанд, дар охири калима, таркиб, ибора ва ҷумлаҳои содаю мураккаби матнҳои супориши китоб бо рақамҳои 1 (таҳлили фонетикӣ), 2 (таҳлили сохти калима), 3 (таҳлили морфологӣ), 4 (таҳлили синтаксисӣ), 5 (таҳлили луғавӣ ва фразеологӣ), 6 (таҳлили имло ва талаффузи сареҳ), 7 (аломати китобат) ишора шудааст.

**Саволи тестӣ:**

Мазмуни байтҳои зерин дар кадом қолаби ҷумла ифода ёфтааст:

Аз гесуи ӯ насимаки мушк ояд
В-аз зулфаки ӯ насимаки настарван (Рӯдакӣ).

а) ҷумлаи сода
б) ҷумлаи мураккаби пайвасти пайиҳам
в) ҷумлаи мураккаби пайвасти хилофӣ
г) ҷумлаи мураккаби пайвасти ҷудоӣ
ғ) ҷумлаи мураккаби тобеъ

Ба чашми дилат дид бояд ҷаҳон,
Ки чашми сари ту набинад ниҳон (Рӯдакӣ).

а) ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда
б) бо пайрави пуркунанда
в) бо пайрави замон
г) бо пайрави сабаб
ғ) бо пайрави мақсад

Дар байти дуюм Рӯдакӣ кадом воситаи муассири забонро ба кор бурдааст?

а) сермаъноии калима
б) маънои аслию маҷозии калима
в) калимаҳои ҳамгуна (омонимҳо)
г) калимаҳои ҳаммаъно (синонимҳо)
ғ) калимаҳои зидмаъно (антонимҳо)

# ЗАБОНИ АДАБИИ ТОҶИКӢ

Маънои истилоҳи *забони тоҷикӣ* аз *забони адабии тоҷикӣ* васеътар аст. Вақте ки забони мардуми тоҷик забони тоҷикӣ мегӯем, ҳам забони адабиро, ҳам тамоми лаҳҷаҳои тоҷикиро, ҳам забони гурӯҳҳои этникиро (забони яҳудиён, арабҳо ва ҷӯгиёни Осиёи Миёнаро) дар назар дорем (нигоҳ кунед ба «Сохтори забони тоҷикӣ…»). Пас, забони адабии тоҷикӣ чунин ҳиссаи муҳимтарини он забон аст, ки аз қаъри асрҳо дар осори илмию адабӣ сабт гардида, дар ривоятҳои мардумӣ аз даҳон ба даҳон гузашта, таҳриру такмил ёфта, суфтаву равон гардида, то ба замони мо омада расидааст.

Забонҳои муосири форсии Эрон, дарӣ ё тоҷикии Афғонистон ва тоҷикии Тоҷикистон бунёди ягона – захираи луғавӣ ва сохтори грамматикии (дастурии) умумӣ доранд, вале бо сабаби якмаром набудани муносибатҳои сиёсиву иҷтимоӣ, иқтисодию фарҳангии ин мардумони се сарзамин замоне бо ҳам наздик, замоне аз ҳам дур афтода, ҳаддҳои бумӣ ба миён омада, чунон ки байни гӯйишҳои як забон рух медиҳад, дар лаҳни гуфтор ё таркиби овоӣ, захираи луғавӣ, баъзе унсурҳои шаклӣ (грамматикӣ) тафовути каму беш ба миён омада, он дигаргунӣ пас аз садаҳои шонздаҳу ҳабдаҳум аёнтар гардидааст. Як сабаби аз ҳамдигар дур шудани ин се танаи як дарахти азими забони қадимаи порсӣ, ё дарӣ, ё тоҷикӣ таъсири забонҳои бегона дар марҳалаҳои гуногуни инкишофи таърихии онҳо будааст.

Гузаштагони мо, ки дар аввали ҳазораи дуюм ва охирҳои ҳазораи якуми то солшумории мелод дар сарзамини бекanори Порс, аз Шимоли нимҷазираи Ҳинд то Қафқозу соҳилҳои Баҳри Сиёҳ сукунат доштанд, худро ориёӣ ва забонашонро порсӣ номидаанд. Забони тоҷикӣ ба гурӯҳи эронии оилаи забонҳои ҳинду аврупоӣ мутааллиқ буда, яке аз забонҳои қадимаи дунё ба шумор меравад. Ба намунаи осори хаттии забони форсии дарӣ (тоҷикӣ), ки то замони мо омада расидааст (нигаред ба зерманзари муқова), беш аз дуним ҳазор сол

пур мешавад. Забони тоҷикӣ аз ҷумлаи забонҳои қадимаи соҳибхат аст. Дар ин роҳи тӯлонии тайкарда вай чанд маротиба хати худро иваз намудааст. Яке аз намунаҳои осори аз ҳама қадимаи хати мехӣ (забони катибаҳои давраи подшоҳони ҳахоманишӣ, забони «Авасто» – забони матнҳои дини зардуштӣ) навиштаҷоти таърихи ҳукмронии шоҳ Дороб (522–486 то мелод) дар тахтасанги кӯҳи Бесутуни Эрон аст, ки то ба имрӯз ҳарфе аз он осеб надидааст.

Таърихи забони форсиро (дарӣ, тоҷикиро) ба се давра ҷудо кардаанд:

- Забони эронии қадим – тахминан аз ибтидои ҳазорсолаи дуюми то мелод то садаҳои чоруму сеюми то мелод;
- Забони эронии миёна – аз садаҳои сеюму чоруми то мелод то садаҳои ҳаштуму нуҳуми мелодӣ;
- Забони эронии нав – аз садаҳои ҳаштуму нуҳум то ба имрӯз.

Сад соли ҳукмронии сулолаи Сомониёнро замони ташаккули бунёди забони адабии муосири дарии тоҷикӣ шумоnatidan мумкин аст. Осори илмию адабии олимону шоирони ин давра: Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Ибни Сино ва дигарон намунаи беҳтарини забони ноби услубҳои бадеию илмии давраи нави забони дарии тоҷикӣ ҳисоб меёбад.

Вале марҳалаҳои минбаъдаи инкишофи ин забон ҳамеша созгор ва тахту ҳамвор набудааст. Ба ин муносибат кишваршиноси рус Н. Г. Павлов дар асараш «Таърихи Туркистон» навишта буд:

«Мо дар арафаи эҳёи нави ин миллати боистеъдод ва ҷонсахт – тоҷикон мебошем. То дами ин эҳё онҳо зиндагӣ не, балки ҳақирона рӯзгузаронӣ мекарданд ва ин фақру аҷз оқибати се зарбае буд, ки Чингизхон, Темур ва хонҳои манғит ба онҳо расонда буданд... Аз рӯйи инсоф бояд гуфт, ки тоҷикон то кунун халқи аз ҳама ҷонсахттаринанд. Кам андар кам миллате мисли тоҷикон ба ин зарбаҳои сахт дучор омадааст. Аммо қадре фурсати нафасросткунӣ кифоя буд, ки онҳо боз аз сари нав ҷон бигиранд».

Истеъмоли фаровони калимаю истилоҳоти аз забони арабӣ гузашта, майлҳои мушкилбаёнӣ дар назму насри бадеӣ ва илмӣ, баъди садаҳои шонздаҳу ҳабдаҳ майли баргаштан ба асолати худ, рӯй овардан ба забони мардумӣ ба ҷараёни такмилу инкишофи забони адабӣ бетаъсир намондааст.

Дар охирҳои садаи нуздаҳ ва ибтидои садаи бистум бо кӯшиши як зумра мунавварфикрон – Аҳмади Дониш, Садриддин Айнӣ, Фитрат, Саидризо Ализода ва дигарон дар меъёри истеъмоли калима ва истифодаи унсурҳои грамматикии забони адабии тоҷикӣ дигаргунӣ ворид карда шуд, забони адабии навиштор ба забони зиндаи мардумӣ наздиктар гардид.

Соли 1924 Ҷумҳурии Мухтори Тоҷикистон (дар ҳайати Ӯзбекистон) ташкил ёфт. Дар мардуми тоҷик умеди тозае пайдо шуд, ки пас аз ҳазор сол тоҷикон истиқлолият ба даст оварда, боз соҳиби давлат мегарданд ва забони тоҷикӣ ба сифати забони як ҷумҳурии соҳибихтиёр тадриҷан инкишоф меёбад. Мутаассифона, аз охири солҳои бистуми садаи гузашта дар сиёсати забонҳои миллӣ як тамоюли номатлуб ба вуҷуд омад: дар муддати даҳ соли охир хати расмӣ ду маротиба табдил дода шуд: аввал хати беш аз ҳазорсолаи арабиасоси форсии тоҷикӣ ба лотинӣ ва аз он ба кириллӣ иваз карда шуд.

Бар хилофи қонуну қоидаҳои инкишофи табиии ҳар забони миллӣ калимаю истилоҳоти зиёде бо тарзи талаффуз ва навишти бегона иқтибос шуданд. Забони русӣ мавқеи забони тоҷикиро дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа: дар идора ва умури дохилаю хориҷаи давлатӣ, дар матбуоту нашриёт, радиою телевизион, дар мактабу маориф, дар соҳаи тадқиқоти илмӣ ва таълиму тадриси он дар мактабҳои олӣ, дар соҳаи санъат—хуллас, дар ҳама ҷанбаҳо тангтар менамуд. Хавфи он пеш омад, ки забони тоҷикӣ ҳамчун забони расмии давлатӣ мавқеи худро ба забони русӣ вогузошта, ба забони гуфтугӯйи муҳити оилавӣ ва ба забони фақат кӯчаву бозор як муддат боқӣ монад.

Аз нимаҳои дуюми солҳои ҳаштодуми садаи гузашта насимаки бозсозиҳои ҳаёти иҷтимоии ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ба кишвари Тоҷикистон низ вазид. Бо мақсади пешгирӣ намудани хавфи тадриҷан аз байн рафтани забони

тоҷикӣ дар як конференсияи илмии АИ Тоҷикистон масъалаи мақоми давлатӣ додан ба забони тоҷикӣ қотеъона ба миён гузошта шуд. Дар натиҷа 22 июли соли 1989 дар Тоҷикистон Қонуни забон қабул гардид. Дар моддаи якуми боби аввали он омадааст: «Забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон забони тоҷикӣ мебошад».

Аз нимаҳои асри гузашта ба масъалаи ҳусни баён, покиза нигоҳ доштани забони адабӣ эътибори бештар дода мешавад. Як миқдор калимаю истилоҳоти сиёсию иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, ки бе зарурат аз забонҳои дигар иқтибос шуда буданд, бо вожаҳои маъмули забони тоҷикӣ иваз гардиданд. С.Айнӣ дар мактубҳои кушодааш баъзе унсурҳои ношоистаи забони адабии тоҷикӣ, алалхусус забони асарҳои бадеиро хотиррасон намуд. Ҷараёни барқарор намудани истилоҳоти асили риштаҳои мухталифи илм идома дорад.

Дар инкишофи минбаъдаи забони адабии тоҷикӣ матбуот, ба хусус воситаҳои электронии иттилоот, эътибори беш аз пеш пайдо мекунад. Мутаассифона, дар забони воситаҳои ахбори омма нуқсонҳои зиёд дида мешаванд. Академик М. Шакурӣ дар як силсила асару мақолаҳои илмӣ он нуқсонҳоро зикр намуда, роҳҳои ислоҳи онҳоро нишон додааст.

Забон яке аз нишонаҳои ҳастии миллат аст, бинобар ин онро омӯхтан, аз сарватҳои луғавию калимасозӣ, аз имконоти услубии сарфию наҳвии он моҳирона фоида бурда тавонистан, онро аз таъсири забонҳои бегона, лаҳҷаю шеваҳо, алфози омиёна ва дурушт эмин доштан, ба ҳусни он ҳусн зам намудан барои ҳар як фарди ҷомеа, хусусан, хонандагони мактабҳои таҳсилоти умумӣ ва олӣ воҷиб аст.

**125. Ду мулоҳизаи олимони забоншиносро дар бораи забони тоҷикӣ ва муносибати он бо забони форсӣ бодиққат мутолиа намуда, андешаҳои худро дар ин хусус баён кунед.**

**Саид Нафисӣ:** “Ин хиттаи (сарзамини) дилангез бузургтарин шуарои Эронро парваридааст. Рӯдакӣ пешрави ин силсила ва Ҷомӣ охирин марди бузурги ин хонавода аст...

Шаҳрҳои бузург ва ободи ин ноҳия, ки аз қадимтарин шаҳрҳои Эрон шуморида мешаванд, мисли Самарқанду Бухоро ва Балх... ҳамеша дорулилми Эрон буданд. Бузургони Эрон ағлаб аз ин сарзамин бархостаанд.

Ҳар китоби форсиро ки мехонем, ҳамеша моро ба ёди ин водии ниёгон меандозад.

То авосити (миёнаи) қарни дувоздаҳум сатре аз таърихи Эрон нест, ки як бор исми Бухоро ё Самарқанд ва Балх дар он ба забон бурда нашуда бошад.

Орзуи ман ин аст, ки ин сарзамини поки ниёгони худро зиёрат кунам ва як бор дар умри хеш ин забони ширини порсиро аз даҳони самарқандиёну бухориён бишнавам".

**Саид Ҳалимов:** "Забони тоҷикии мо ҳам яке аз забонҳои мардумони эронинажод (ориёӣ) ба шумор меравад. Хешу таборҳои наздиктарини забони мо форсӣ (дар Эрон), дарӣ (забони тоҷикони Афғонистон), забони курдӣ, забони толишӣ, балуҷӣ ва ғайра мебошанд. Забони имрӯзаи тоҷикӣ, форсӣ, дарӣ зодаи як модаранд, ки дар асри X шакли хаттӣ-китобӣ гирифта буд.

Номи забони мо дар он вақт «порсӣ», «дарӣ» ё «порсии дарӣ» гуфта мешуд. Тӯли асрҳо забон таҳаввулоти зиёдеро паси сар кардааст. Вале лозим ба ёдоварист, ки дар асрҳои XIX ва XX луғатҳои адабиёти классикӣ аз истеъмоли забони матбуоти Эрон баромаданд ва ҷойи онҳоро унсурҳои луғавии арабӣ, туркӣ ва аврупоӣ пур карданд. Забони тоҷикӣ бошад, баръакс, луғатҳои аслии адабиро зинда нигоҳ дошт.

Ман як чизро хуш надорам, ки баъзеҳо бо баҳонаи наздик шудан ба забони форсии Эрон калимаҳои ба ном форсии Эронро, ки аслан форсӣ нестанд, дар матбуот, телевизион, радио ва гуфтугӯҳояшон ба кор бурда истодаанд: ба ҷойи *гап – ҳарф*, ба ҷойи *бе – бидуни*, ба ҷойи *аз рӯйи – тибқи*, ба ҷойи *бо – тавассути*, ба ҷойи *ёрӣ – кӯмак*, ба ҷойи *ҳуҷра – утоқ* ва ғайра ба кор мебаранд. Онҳо бо ин корашон таркиби луғавии

забони моро бо унсурҳои грамматикии забонҳои ғайр олуда месозанд".

**126. Шеърро қироат кунед. Бигӯед, ки дар он чӣ саҳифаҳои ғамангези мардуми тоҷик инъикос ёфтааст. Чаро шоир гуфтааст: «Дар забонаш давлати бедавлатӣ бунёд кард», «Рӯзи ноободиаш тоҷик забон обод кард»? Андешаи ӯ дар бобати тақдири минбаъдаи забони модариаш чӣ гуна аст?**

**Шеърро аз ёд кунед.**

Ҳар чӣ ӯ аз моли дунё дошт, дод,
Хиттаи Балху Бухоро дошт, дод.
Суннати волою девон дошт, дод,
Тахти Сомон дошт, дод.
Душмани донишгадояш «Дониш»-и Сино гирифт,
Душмани бесуннаташ «Девон»-и Мавлоно гирифт.
Душмани санъатфурӯшаш санъати Беҳзод бурд,
Душмани бехонааш дар хонаи ӯ ҷо гирифт…
Лек лафзи модариаш
Ҳамчу номи модараш
Дар забону дар даҳонаш монд, монд,
Ҳар сухан бо шири модар
Сахт шуд, дар устухонаш монд, монд…
Рӯзи ноободиаш тоҷик забон обод кард,
Дар забонаш давлати бедавлатӣ бунёд кард…
Аз сари сад минбар афтоданд нозирҳои ӯ,
То наафтанд аз забони хештан
Дар сари сад дор ҷон доданд шоирҳои ӯ,
То наафтад бар замин қадри сухан…
Дар ҳаду сарҳадшиносии ҷаҳон
Сарҳади тоҷик забони тоҷик аст.
То забон дорад, ватандор аст ӯ,
То забондор аст, бисёр аст ӯ (Бозор Собир).

**127. Матни зеринро, ки аз номаи саркушодаи С.Айнӣ ба нависанда Толис ихтисоран оварда шудааст, мутолиа кунед ва мазмуни онро гӯед.**

«…Забони адабӣ дар ҳар миллат аз забони умумӣ – зинда фарқ дорад. Дар забони русӣ ҳам, ки беҳтарин, олитарини забонҳои маданӣ аст, ин фарқро мушоҳида кардан мумкин аст. Аммо, аз он ҷо ки маданият ва маориф дар байни халқи рус бисёр вақтҳо боз давом дорад, забони адабии вай забони гуфтугӯйии аҳли маърифат ва аҳли савод ҳам шуда омадааст. Бо вуҷуди ин забони маҳаллӣ бо лаҳҷаҳои гуногуни он то вақтҳои охир дар вилоятҳою районҳои ҷудогона дар байни оммаи камсавод ё навсавод давом дорад.

Фарқи забони адабии тоҷикӣ аз забони гуфтугӯ аз ҳад зиёд бисёр аст. Ҳатто онҳое ҳам, ки дар мактабу мадрасаҳои кухна нисбат ба замони худ бомуваффақият хондаанд, дар байни худ бо ҳамон забони омма гуфтугӯ мекунанд. Аз ин боло шоирону нависандагони он замон ҳам бо вуҷуди забони адабиро аз худ карданашон берун намондаанд. Сабаби асосии ин ҳолат дар ин аст, ки ҳеҷ гоҳ ва дар ҳеҷ асру замон (то Револутсияи Кабири Уктабир) забон дар мактабу мадрасаҳои тоҷик ба сифати як дарс хонда нашудааст. Ҳар кас забони модариро аввал аз модар ва пас аз он аз деҳаю райони худ омӯхта, ба ҳамон омӯхта шуда (одат карда) мондааст ва ҳарчанд шоир, нависандашудаҳо дар калонсолӣ аз китоб ва аз тафтишҳои шахсии зиндагӣ забони адабиашонро нисбат ба забони худ беҳтар ва мукаммалтар карда бошанд ҳам, азбаски онҳо забони адабиро дар калонсолӣ омӯхтаанд, ин забон – забони гуфтугӯйии аз бачагӣ одат карда омадаашонро дигар карда натавонистанд.

Аммо дар мактабҳои русҳо ва дигар халқҳои маданӣ дарси забони модарӣ аз ҳамаи дарсҳои дигар муҳимтар шумурда шуда, тамомкунандагони он мактабҳо, ҳарчанд ба дараҷаи миёна ё ибтидоӣ бошад ҳам, бо забони адабӣ гуфтугӯ карданро омӯхта ва одат карда омадаанд…

Ман дар хусуси таъсири забони мактабӣ ба забони гуфтугӯ як ёддошти худро нақл хоҳам кард.

Дар моҳи сентобири соли 1934 ман ба яке аз маданитарин шаҳрҳои Тоҷикистони саветӣ – ба Ленинобод рафта будам. Дар он ҷо забони гуфтугӯйии омма ва саводнокҳои кухнаро

гӯш додам. Дар он ҷо дар қатори «гусел» барин луғатҳои адабии классикӣ «Ҷуред», «Қачан меравем?», «Ким омад?» барин луғатҳои хандаоварро ҳам шунидам. Дар он миён маро ба маҷлиси камсамолҳо даъват карданд. Аксарияти аҳли маҷлис талабаҳои мактабҳои миёна ва муаллимон буданд. Хушбахтона, дидам, ки талабаҳои мактабҳои миёна ва муаллимон, ки аз мактабҳои ибтидоӣ сар карда дар мактабҳои саветӣ хонда баромадаанд, бо забони адабии софи оммафаҳм гап мезананд ва ягон ҷумлаи аз қоида берунро кор намефармуданд. Луғатҳои маҳаллии маҳдудро ҳам дар гуфтугӯйи худ ҳамроҳ намекарданд. Аммо муаллимони кухнасавод ва роҳбарони калонсол бошанд, бо ҳамон «ҷуред» ва «ким»-ҳо гап мезананд.

Ана дар ҳамин гуна замон ва шароит Шумо, рафиқ Толис, забони вайрони ба мурдан маҳкумшударо дар ҳикояи мазкур («Устудентшавандаҳо») «зинда кардан» хостаед. Қаҳрамонони ҳикояи мазкур Маъруф ва Сокина, ки таҳсили миёнаи саветӣ дида, чандин сол муаллимӣ ҳам кардаанд ва Санавбар, ки талабаи мактаби миёна аст, тамоман ба забони вайрон гап мезананд. Шумо дар ин ҳикоя на танҳо бар хилофи таълимоти устод Гурки забони адабиро ба забони вайрон тобеъ карда, аз пушти гӯяндагони он забон рафтаед, балки забони муаллимони таҳсили миёнаи саветӣ дидаро ҳам (зеро, агар Маъруф ва Сокина таҳсили миёнаи саветӣ дидагӣ намебуданд, ҳақ надоштанд, ки ба университет раванд) ва забони талабаи боистеъдоди расофикри мактаби миёнаи саветиро ҳам вайрон карда нишон додаед».

1) Чаро С. Айнӣ унсурҳои лаҳҷаро «забони тамоман вайрон», «забони ба мурдан маҳкумшуда», «забони хандаовар» мешуморад?
2) Чаро сабаби бо лаҳҷа гап задани калонсолонро дар он мебинад, ки онҳо таҳсили мактаб надидаанд?
3) Ба назари шумо, вазъи забономӯзии имрӯзаи мактабиён ҷавобгӯйи пиндори устод Айнӣ аст?
4) Чаро нависанда ба ҷойи «советӣ» – «саветӣ», ба ҷойи «Октябрь» – «Уктобир», ба ҷойи «Горький» – «Гурки» менависад?

5) Мувофиқи қоидаҳои имлои имрӯза чунин калимаҳои иқтибосӣ чӣ тарз навишта мешаванд?

**!** Дар номаи саркушодаи устод Айнӣ феъли *гап задан* чанд маротиба, вале муродифи он *ҳарф задан* боре ҳам истифода нашудааст. Ин хуб аст? Шояд ҷавоб диҳед, ки *ҳарф задан* дар забони тоҷикӣ (ҳатто дар забони адабии мо) маъмул нест. Тоҷикон ҳамеша *гап задан* мегӯянд. Воқеан чунин аст. Аммо чаро адибони гузаштаамон ин феълро кор нафармудаанд ва ё дар асарҳои онҳо хеле кам вомехӯрад? Агар он дар суҳбати озоди ғайрирасмӣ кор фармуда шавад, ҷоиз аст, вале дар мактуби расмӣ чандон ҷоиз нест. Дар ин маврид на калимаи хоси гуфтугӯйи омиёна ва на сухани орифона, балки калима ё таъбире лозим аст, ки на обуранги забони гуфтугӯ дошта бошад, на обуранги услуби аз ҳад баланди баёни фикр. Чунин феъл, ба назари ман, *сухан рондан* аст. Чунин паҳлуҳои нозуки истифодаи унсурҳои гуногуни забон мавзӯи баҳси услубшиносӣ аст.

**128. Суханони шоирони гузаштаро, ки дар тавсифи забони форсӣ-тоҷикӣ гуфтаанд, ботааммул мутолиа намуда, шарҳ диҳед, ки чӣ нуктаҳои муҳимро дар бар гирифтаанд.**

1. Ҳамон ганҷу динору кохи баланд  
Нахоҳад будан мар туро судманд(2).  
Сухан монад аз ту ҳаме(3) ёдгор,  
Суханро чунин хормоя мадор (Фирдавсӣ).

2. Сухан гавҳар шуду гӯянда(3) – ғаввос,  
Ба сахтӣ(2) дар каф ояд гавҳари хос.  
Зи гавҳар суфтан устодон ҳаросанд,  
Ки қиматмандии(2) гавҳар шиносанд  
(Низомии Ганҷавӣ).

3. Забон дар даҳон, эй хирадманд(2), чист?  
Калиди дари ганҷи соҳибҳунар (2).

Чу дар баста(3) бошад, чӣ донад касе,
Ки ҷавҳарфурӯш(2) аст ё пилавар? (Саъдии Шерозӣ).

4. Сухан мояи сеҳру афсун бувад,
Батахсис, вақте ки мавзун бувад (Абдураҳмони Ҷомӣ).

5. Набиштан зи гуфтан(3) муҳимтар шинос,
Ба гоҳи набиштан ба ҷо ор ҳуш.
Ба гуфтан туро гар хатое фитад(1),
Зи зарбаш фузунтар(3) моланд гӯш.
Ва, гар дар набиштан хатое кунӣ(7),
Сарат чун қалам дур монад зи дӯш
(Масъуди Саъди Салмон).

? Маънои калимаҳои зеринро дар хотир нигоҳ доред:
*хормоя* – бадасл, камарзиш.
*гавҳар* – ҷавҳар (муарраб), марворид, ки зери баҳр ё уқёнус дар даруни садаф пинҳон аст.
*ғаввос* – фурӯраванда ба зери баҳр барои ҷустуҷӯйи марворид, гавҳар.
*пилавар* – майдафурӯш, фурӯшандаи молҳои камарзиш.
*батахсис* – бахусус, баҷиҳат, бамавқеъ будан.

! Забоншиносон забонро иборат аз ду системаи ба ҳам вобаста донистаанд: забони меъёрӣ ё забони ба мароми муайян даромада, забони дорои анъанаи устувор ва забони гуфтугӯйи озоди ғайрирасмӣ. Дар системаи забони меъёрӣ ҳамаи унсурҳои забон ба чорчӯбаи муайян ва устувор ҷойгир шудаанд: сарватҳои луғавӣ дар луғатномаҳо ва қонуну қоидаҳои сохтани ибораю ҷумлаҳо ва ба воситаи онҳо ифода кардани фикр дар дастурҳои таълим дарҷ гардидаанд. Забони меъёриро дар асоси он китобҳои дарсӣ ва луғатномаҳо дар мактабҳо ба шогирдон меомӯзонанд. Забони меъёрӣ ба тариқи хаттӣ ва шифоҳӣ истифода мешавад. Дорои услубҳои ҷории коргузории расмӣ, илмӣ, бадеӣ, рӯзноманигорӣ ва муоширати расмист. Дар пойдорӣ ва инкишофи забони меъёрӣ хидмати

аҳли қалам: адибон, олимон, рӯзноманигорон, инчунин муаллимон бузург аст. Забони меъёрӣ ҳамеша ба осори устодони каломи бадеъ такя мекунад. Забони меъёрӣ аз тарафи устодони сухан суфтаву сайқалёфта ба шумор меравад. Забони адабӣ забонест намунавӣ ва ба маром даромада, ки меъёрҳои он бебаҳс буда, риояи онҳо барои ҳамагон ҳатмист.

Забони гуфтугӯ дар муҳити ғайрирасмӣ озодона ва танҳо ба тарзи шифоҳӣ ба кор бурда мешавад. Унсурҳои луғавию грамматикии он ба мисли забони меъёрӣ маҳдуд карда намешавад. Забони гуфтугӯ забони зинда ва муассиртар аст.

**129. Ҷумлаҳоро хонда, унсурҳои луғавии ғайриадабиро ёбед ва шарҳ диҳед, ки чаро онҳо ба сифати меъёри забони адабии имрӯзаи мо эътироф намешаванд.**

1. Вақт меёфтаму аз малофаҳо ба писарчаамон ҳар хел куртачаҳо медӯхтам; 2. Як рӯз пас Фирӯза духтарамро зада-зада то лаби ариқи аз ҳавлӣ берун бурдааст; 3. Шоҳқосим рӯйи қолинчаи мо ёнбош карда буд; 4. Вуҷудамро тарс пахш намуд, лаҳзае кунда шудам; 5. Агар касро боздошт кунанду регистратсия ҳам дошта бошад, бо ҳар баҳона азоб медиҳанд; 6. Худ ин ҳама сифатҳояшро раҳини хидмати мардумонаш намудааст; 7. Вай хеле лоғар ва пажмурда гашта, чашмонаш гиряолуд ва қавоқҳояш дам кардагӣ буданд (Аз рӯзнома ва асарҳои бадеӣ).

**130. Нависанда ҳангоми таҳрир ба матни асар чӣ тағйирот ворид намудааст ва сабаби он чист?**

| | |
|---|---|
| 1. Дарро ба Нуралӣ зани вай Галина Андреевна яла кард. | Дарро ба Нуралӣ ҳамсари Боровиков – Галина Андреевна боз кард. |
| 2. Дар вақти ба коғаз синча кардан дар симои раис чанд ҳолатро хондан мумкин буд. | Дар вақти ба коғаз диққат кардан дар чеҳраи раис чанд ҳолатро пай бурдан мумкин буд. |

| | |
|---|---|
| 3. Зоғони дар шохи садаҳо нишаста аз гудоки автобус тарсида ба ҳаво париданд. | Ғурриши автобус зоғонро аз шохи садаҳо парронд. |
| 4. Аммо набудани хӯрок барои йигитҳо, ему хошок барои аспҳо вайро аз ҳар чӣ ҳам зиёдтар таҷанг мекард. | Аммо набудани хӯрок барои йигитҳо, ему хошок барои аспҳо вайро аз ҳар чӣ ҳам зиёдтар ба танг оварда буд. |
| 5. Байни ду тиреза сурати ҷавони хушсимоеро дар рамка ба таги оина гирифта овехта монда буданд. | Байни ду тиреза сурати ҷавони хушсимоеро дар чорчӯба, ба таги оина гирифта, овехта монда буданд. |
| 6. Мудири ларёки сайёра чӯт дар дасташ савдои имрӯзаашро ҳисоб мекард. | Мудири дӯкончаи сайёра чӯт зада савдои имрӯзаашро ҳисоб мекард. |

?

1) Чаро дар ҷумлаи якум ҷойи мубтадо тағйир ёфтааст?
2) Ҳангоми таҳрири матни сеюм муаллиф аз кадом воҳидҳои ҳаммаъно (муродифоти луғавӣ, фразеологӣ, калимасозӣ, ибора, ҷумла) истифода бурдааст?
3) Дар матни чорум чаро муаллиф калимаи «йигитҳо»-ро бо «ҷавонон» иваз накардааст?

**131. Ҷумлаҳоро хонда, мулоҳиза кунед, ки оё ҳамаи калимаю таъбирҳо бамавқеъ ва бенуқсон кор фармуда шудаанд. Ғалатҳоро ислоҳ карда, ҷумлаҳоро нависед.**

1. Фурсате даст доду ману ӯ бо ҳамдигар дидор кардем. 2. Ӯ бо ҳамдарсон ва устодон бархӯрди накӯ дошт. 3. Бо талоши ӯ додситонии ноҳия соҳиби бино ва лавозими зарурӣ гашт. 4. Ҳамаи ин масъалаҳо дар маҷмӯаи илмӣ инъикоси худро ёфтааст. 5. Барои тарбияи дуруст ёфтани фарзанди ягонаамон шавҳарам саҳми бузург бозид. 6. Суханаш нашиканад гуфта портрети рангаамро ба танаи девор кашол кардам. 7. Тез аз ҷояш хеста, Аминро дид ва, гӯё дасту пояшро хӯрда бошад, гунг шуд ва ба ҳаяҷон омад. 8. Тақрибан ҳар сол зиёда аз як миллион турист он ҷоро дидан мекарданд. 9. Модарам накл

мекунад, ки якбора ҳарорати баданам баланд шуда ҳаллоҷ мегуфтаам. 10. Бибиам сӯзаниашро ба як чет гузошта, бодиққат ба ман гӯш мекунад.

## МАТН ВА СОХТОРИ НАҲВИИ ОН

! Истилоҳи **текст** аз лафзи лотинии textum буда, маънои матои бофта; алоқаманд ё пайваст будан дорад. Матн ҳам мисли ҷумла як навъ воҳиди наҳвӣ ба шумор меравад. Чунон ки дар ҷумлаи сода калимаю ибораҳо ва дар ҷумлаи мураккаб ҷузъҳо бо ҳам алоқаманд шуда омада, як фикрро ифода мекунанд, дар матн ҳам чанд ҷумлаи содаю мураккаби мустақил ягонагии мавзӯъ, мундариҷа ва муносибати грамматикӣ пайдо карда, як фикри мукаммал ва тамомшударо ифода менамоянд. Матн мавзӯъ ва устухонбандии ягона, байни ҷузъҳояш алоқамандии грамматикӣ, мазмуни мукаммали интиҳоёфта дорад.

Матн дар ифодаи маъно ва зоҳир гардидани тобишу ҷилоҳои нозуки он аҳамияти калон дорад. Дар матн ҳатто калимае, ки аслан маънӣ надорад, соҳиби маъно мегардад. Чунончи, овози мусича (фохта) «ку-ку, ку-ку», ки ба ҷуз тақлиди овози паранда чизи дигаре нест, дар ин матн маънои «ку» (мухаффафи «куҷост») пайдо кардааст:

1. Он қаср, ки бар чарх ҳамезад паҳлу,
Бар даргаҳи ӯ шаҳон ниҳодандӣ рӯ.
Дидам, ки дар кунгурааш фохтае
Биншаста ҳамегуфт, ки: «Ку-ку, ку-ку» (Хайём).

2. Ду зан тифлеро мунозират (талош) мекарданд ва гувоҳ надоштанд. Ҳар ду пеши қозӣ рафтанд ва инсоф хостанд. Қозӣ ҷаллодро талабид ва фармуд:

– Ин тифлро ду пора кун ва ба ҳар ду зан бидеҳ!

Чун ин сухан бишунид, як зан хомӯш монд, вале зани дигар шӯру фарёд оғоз кард:

– Эй қозӣ! Барои Худо, тифли маро ду ним накун! Агар чунин инсоф аст, тифлро намехоҳам.

Қозӣ ба яқин пиндошт, ки модари тифл ҳамин аст. Тифлро ба ӯ супурд ва зани дигарро тозиёна зад.

Дар ин матн (ҳикоят) баёни фикр ба тарзи силсилавор ҷараён мегирад. Ҳар ҷумлаи баъдина ба мазмуни ҷумлаи аввал алоқаманд буда, чизи наве ба он зам мекунад: ду зан – тифл – қозӣ – ҷаллод – ду ним – як зан хомӯш – дигаре фарёд… Чунин калимаҳо нуктаҳои асосии интишори воқеаро ифода мекунанд. Ҳикоят бо шаклҳои замони гузаштаи сиғаи хабарӣ, амру хоҳиш бо сиғаи амрӣ ифода ёфтааст. Ин ҳам яке аз воситаҳои робитаи грамматикии ҷумлаҳои таркиби матн аст. Такрори калима (зан, тифл, қозӣ), бо калимаи ҳаммаъно (зан – модар) ё ҷонишинҳои гуногун ишора кардан ба шахс (ду зан – ҳар ду, модар – ӯ), бо ёрии ҷонишинҳо ишора намудан ба мафҳумҳои қаблан зикрёфта (ин тифл, ин сухан, чунин) низ воситаҳои алоқаманд намудани мундариҷаи як ҷумла бо ҷумлаи дигар ба шумор мераванд.

Тарзи дигари ифодаи фикри мукаммал дар матн ба василаи қолабҳои мувозӣ сурат мегирад, ки дар онҳо матлаб ба тарзи мувозӣ, қиёс ё муқобилгузорӣ баён гардидааст. Чунин усули тасвир ё ифодаи фикр бештар дар назм мушоҳида мешавад:

Ҳар гул ки шукуфад, лаби хандидаи мост,
Ҳар чашма ки ҷӯшад, дили болидаи мост.
Ҳар барги хазон, ки тирамоҳ мерезад,
Аз камҳавасиҳо гули ночидаи мост (Лоиқ).

Таносуби маъноии калимаҳо чун василаи ба ҳам алоқаманд намудани мазмуни як мисраъ бо мисраи дигар, як байт бо байти дигар ва ба-дин васила сохтани матн хидмат мекунад. Дар мисраи аввали рубоии Лоиқ калимаи *гул* бо феъли *шукуфтан* ва шабоҳати он бо *лаби хандида*, дар мисраи дуюм калимаи *чашма* бо феъли *ҷӯшидан* ва шабоҳати он бо *дили*

*болида*, дар байти дуюм *дар тирамоҳ рехтани барги хазон* ҳам бо *шукуфтани гул*и мисраи аввал, ҳам *гули ночида*и мисраи охирин таносуби устувори маъноӣ дорад. Дар таркибу иборахои *ҳар гул, ҳар чашма, ҳар барги хазон* такрор шудани ҷонишини таъйинии *ҳар* ва ба тарзи радиф такрор омадани *мост* низ яке аз воситаҳои луғавии сохтмони матн ба шумор меравад. Бар замми ин, аз муқоисаи мазмуни байти аввал бо мундариҷаи байти дуюм дар тасвири шоир як тазоди ниҳониро эҳсос кардан мумкин аст.

Аз ман ба ҷаҳониён ҷаҳон мемонад,
Як олами ишқу ормон мемонад.
Дар ишқи ту ҳарчанд шавам рӯзе пир,
Ман мераваму ишқ ҷавон мемонад (Гулрухсор).

Дар ин ҷо низ ягонагии мавзӯи лирикӣ (ишқ ва умри бебақои инсон), такрори феъли *мемонад*, исмҳои *ҷаҳон* (муродифи он –*олам*), *ишқ* ва тазоди ибтидои нек ва интиҳои номатлуб (инсон пир мешавад, вале ишқ ҷавон мемонад) василаи ягонагии маъно ва сохтори наҳвии матн ҳисоб меёбад.

**132. Матни зеринро дар қиёси намунаи «Ду зан тифлеро мунозират» мекарданд" таҳлил кунед. Муайян кунед, ки дар он ҷараёни ифодаи фикр чӣ тарз сурат гирифтааст. Ба сифати воситаи алоқаи байни ҷумлаҳои матн кадом унсурҳои луғавӣ ва грамматикӣ истифода шудаанд?**

Қозизода аз он пеш ба Ҳирот наёмада буд ва мардуми он ҷоро ва, аз ин ҷумла Ҷомиро, намешинохт. Дар хаёли ӯ Ҷомӣ монанди уламои бузурги он замон дар зери ҷомаҳои пурқимат ва дастори бузург ҷилва менамуд. Аммо Ҷомӣ дар тобистон ва зимистон ҷомаи одии пахтадор мепӯшид...

Дар вақте ки Қозизода ба ҳавлии Ҷомӣ омад, ӯ дар долони дарвозаи вай поҳояшро овезон карда ба болои суфача нишаст ва дар он ҷо касе дигар набуд. Дар ҳамин вақт Ҷомӣ бо қиёфате, ки дар боло тасвир ёфт, асо дар даст аз хона баромад.

Қозизода гумон кард, ки ин мард бояд ошпаз ё ҳезумкаш ва ё ягон хизматгори одии Мавлавӣ Ҷомӣ бошад. Бинобар ин аз ҷой барнахост, эҳтироме ҳам накард ва пурсид:

– Ҳазрати Мулло дар хона ҳастанд?

– То ин замон дар хона буданд, – гуфт Ҷомӣ дар ҷавоб ва табассуме кард.

Қозизода худ ба худ гуфт: "Субҳоналлоҳ, дар мулозимати ин гуна азизони бузург чӣ гуна мардум мебошанд ва ҷавоби дуруст намедиҳанд ва бесабаб механданд". Баъд аз қадре андеша карда истодан ӯ ба Ҷомӣ гуфт:

– Эй гӯли гаранг! Чӣ шавад, ки равӣ ва ба ҷаноби Махдум арз кунӣ, ки писари қозии Сиистон омадааст, орзуи мулозимат дорад. Агар марҳамат намуда қадаме ранҷа намоянд, ниҳояти илтифот аст.

Ҷомӣ бо шунидани ин супориш худдорӣ карда натавониста баландтар хандид. Қозизода бошад, рӯй турш карда ва оташин шуда гуфт:

– Ин хандаи шумо чӣ бало зебанда аст (Восифӣ).

**133. Дар матнҳои зерин чӣ нишонаҳои дар боло зикршудаи сохтори матнро мушоҳида мекунед?**

Ман агар риндиву мастӣ кардам,
Хотири инсонпарастӣ кардам.
Ман агар девонагиҳо доштам,
Яъне бори дарди дунё доштам.
Эй кишвари ранҷури ман,
аммо туӣ ганҷури ман,
Бо дасти холию дили доро
видоят мекунам.
Эй ворисони хоки ман,
эй ҳомиёни номи ман,
Бо синаи пуришқи беҳамто
видоят мекунам (Лоиқ).

**134. Ба маънои калимаҳо диққат намуда матнро хонед. Муайян кунед, ки он чанд ҷумларо дар бар мегирад, байни онҳо чӣ гуна алоқаи маъноӣ вуҷуд дорад ва он ба воситаи кадом унсурҳои луғавӣ ва грамматикӣ ифода ёфтааст.**

Падару модарам, тахмин, аз ёздаҳсолагии ман аз ҳам ҷудо шуданд, мо – панҷ нафар, дар хокистартӯдаи модар мондем. Ва ҳамин модарам моро калон карданд. Он гоҳ ки дар омӯзишгоҳ мехондам, ҳар ҳафта нон мефиристоданд ба дасти бозоракиҳо; ҳафт нон барои ду кас: барои ману бародарам – Шариф. Баъзан ки ба деҳа мерафтем, модарам мепурсиданд:

– Фалон одам чанд нон бурд?

Мегуфтам:

– Ҳафт нон.

Мегуфтанд:

– Хуб одами баинсоф будааст! (Лоиқ)

?

1) Дар матн фикри муаллиф ба тарзи ҳикоят, муколама, тасвир ё муҳокима ифода ёфтааст?

2) Дар аввали ҷумлаи дуюм ба кор фармудани пайвандаки “ва” чӣ эҳтиёҷ ҳаст?

3) Кадом калима бисёр такрор шудааст ва он дар сохтори матн зарурате дорад?

4) Аз ҷумлаи “Мо – панҷ нафар, дар хокистартӯдаи модар мондем” кадом андешаи ногуфтаи шоирро пай бурдед?

**135. Аз мавзӯъҳои адабиёт яке аз матнҳоро, ки маълумоти тарҷумаи ҳоли адиберо дар бар мегирад, интихоб намоед ва мушоҳида кунед, ки байни ҷумлаҳо чӣ гуна алоқамандӣ вуҷуд дорад ва он бо кадом воситаҳои луғавию грамматикӣ ифода ёфтааст.**

!

Сархат (абзатс) матнест, мавзӯъ ва мундариҷаи ягона дошта, байни ду сархат воқеъ мегардад. Чунончи, дар ин пораи марсияи насрии Ҳаким Карим ба марги Пайрав Сулаймонӣ:

Ёд дорӣ, чароғат дар арафаи хомӯш шудан буд? Ҳаёт ба ҷойи чароғи сиёҳи аҷдодӣ ба ту маяки пурнури истиқболро бахшид.

Ёд дорӣ, зинда дар гӯр шуда будӣ? Ҳаёт ба ҷойи қабри торик ба ту чаманзори тохту тоз дод.

Ҷилаваш дар дастат аспи аср шиҳа зад, ғамзанамоӣ кард, вале ту болои он дуруст нанишастӣ. Савор шуда боғистонро насайридӣ, меваашро начашидӣ, гулҳояшро ба баногӯшат наовехтӣ. Ба бӯяш сер нашудӣ. Монанди кӯдак назавқидӣ, монанди гул нашукуфтӣ.

Ин матн аз се сархат иборат аст. Ду сархати аввал бо як сухан – «Ёд дорӣ…» оғоз ёфта, дар сархати якум ҳолати рӯҳии Пайрав ба чароғи хомӯш шудаистода, дар сархати дуюм ба зиндаи даргӯрхобида монанд карда мешавад. Дар сархати охирин дар айни ҷӯшу хурӯши эҷодӣ созгор наомадани замона ва бо орзую ормонҳои зиёди ҷавонӣ аз олам чашм пӯшидани шоир зикр ёфтааст. Сархатҳо ду ё се ҷумларо дар бар мегиранд. Дар матнҳои аввал оғози якгуна, муқобилгузории ду ҳолат, шаклҳои мувозӣ доштани хабари ҷумлаҳо: *ёд дорӣ – дар арафаи хомӯш шудан буд – бахшид, ёд дорӣ – зинда дар гӯр будӣ – дод;* дар матни сеюм *шиҳа зад, ғамзанамоӣ кард – нанишастӣ, насайридӣ, начашидӣ, наовехтӣ, сер нашудӣ, назавқидӣ, нашукуфтӣ* воситаи муҳими луғавию грамматикии алоқаи байни ҷумлаҳост.

**136. Матнро бодиққат ва бо овоз чанд бор хонда, ба сархатҳо ҷудо карда, ба дафтар нависед. Дар дохили ҳар сархат (матн аз якчанд ҷумла иборат бошад) ҷумлаҳо чӣ тарз бо ҳамдигар алоқаи маъноӣ ва грамматикӣ пайдо кардаанд, шарҳ диҳед.**

Соли 1929 – пас аз кӯчидани идораи марказии Нашриёти давлатии Тоҷикистон ба Сталинобод дар Самарқанд як шуъбаи таҳририи нашриёт боқӣ монд. Дар ин шуъба он рӯзҳо мо чор нафар кор мекардем. Мо ҳама парвонаҳое будем, ки дар гирди шамъи фурӯзони адабиёти тоҷик – устод Айнӣ давр мезадем ва аз меҳри устодонаи(2) ӯ гармию қувват гирифта файзёб(2) мешудем(4). Рӯзе ба кор омада, дар паҳлуи устод Айнӣ ҷавони гандумгуни чашму абрӯсиёҳеро(2) дидам, ки дар сар телпаки булутранги қароқулӣ(2) дошт(4). Устод:

«Шинос шав, Пайрав!» гуфтанд. Ҳарисона пеш давидам ва бо ҳам вохӯрдӣ кардем(4). Аввалин таассуроте, ки аз ин мулоқот бо Пайрав гирифтам ва дар муддати тамоми ҳаётам ҳаргиз аз лавҳи хотирам сутурда нахоҳад шуд, чашмони зебо ва гирои вай аст(4). Абрувони дарози анбӯҳаш гӯё барои нигоҳ доштани ин чашмҳои зебо «аз назари бад» офарида шуда буданд. Ӯ чунон як нигоҳи зеричашмии(2) маъсум ва маҳҷубонае(2) дошт, ки мумкин набуд, касро ба худ ҷалб нанамояд(4) (Р.Ҳ.).

?

1) Шарҳи калимаҳои *булутранг, сутурда, анбӯҳ, маъсум* ва *маҳҷуб*ро аз фарҳангҳо хонда, дар хотир нигаҳ доред, зеро ин калимаҳо дар ягон маврид ба шумо лозим мешаванд.
2) Муродифҳои наҳвии «…мумкин набуд, касро ба худ ҷалб нанамояд» // «…касро ба худ ҷалб менамуд» чӣ тафовути тобиши маъно доранд?
3) Чаро «аз назари бад» ба нохунак гирифта шудааст?

**137. Аз чунин вохӯрии аввалини Раҳим Ҳошим бо Пайрав Сулаймонӣ илҳом гирифта шумо ҳам дар хусуси вохӯрии аввалинатон бо касе (устоди нахустин, ҳамсабақ, меҳмоне, ки ба хонаи шумо омадааст ва ғайра) дар ҳаҷми як саҳифаи дафтар таассуроти нахустини худро нависед. Онро чанд маротиба бо овоз хонда, нуқсонҳояшро ислоҳ кунед. Боре он таассуротро бо лаҳни шевои забони адабӣ ба дӯстонатон баён кунед. Агар ҳамсуҳбатон суханҳои шуморо бодиққат шунида бошанд, ба хулосае омадан мумкин аст, ки тарзи баёнатон писанд омадааст. Ин як нишонаи хуби ҳунари суханварист.**

!

Дар алоқаи мувозии ҷузъҳои матн воҳидҳои туфайлии *аввалан, сонияն, ниҳоят; якум, дуюм, сеюм; аз як тараф, аз тарафи дигар* ва ғайра ба кор бурда мешаванд:

Кунун ба роҳи туам, аз чӣ суст мегардад,
Магар ба пош ҳино бастааст ин паровоз?

*Аввал он, ки* ифодаи «ба по ҳино бастан»-ро хонандаи замони мо, ки ҳатто ба даст ҳино бастанро ҳам барҳам додааст,

аз куҷо медонад? *Дигар он, ки* ҳино ба паровоз чӣ муносибат дорад? (Ҳ.Ю.)

Ин унсури наҳвии матнсозӣ бештар дар услуби илмӣ ба кор бурда мешавад. Услуби бадеӣ дар ин бобат имконоти фаровонтар дорад. Чунончи, қолаби «Шумо гумон накунед, ки… Не! Балки…Танҳо фарқ дар ин ҷост, ки…» яке аз усулҳои дӯстдоштаи С.Айнӣ аст дар матни тасвири манзараҳои табиат ё ҳасби ҳоли қаҳрамонҳои асар:

Шумо гумон накунед, ки ҳар кадоми чашмаҳои дар ин чашмасор буда ба қадре сероб аст, ки як санг ё ним санги осиёро мегардонад. Не! Балки инҳо чашмаҳоеанд хурду заиф, ки монанди чашмҳои ситамдидагони давраи подшоҳӣ оби худро чакра-чакра мечаконанд. Танҳо фарқ дар ин ҷост, ки аз чашми ситамдидагони давраи подшоҳӣ хун мечакид, аз инҳо – об.

Дар ин матни тасвирӣ калимаю ибораҳои *чашма, чашмасор, сероб, об, як санг ё ним санг осиёро гардонидан, чакра- чакра чаконидан* таносуби наздики маъноӣ доранд. Ҷумлаи аввал дар шакли тасдиқӣ омада, бо ҷумлаи яккалимагии «Не!» инкор карда мешавад. Дар ҷумлаҳои минбаъда сабаби инкор ба воситаи қиёс намудани оби чашмасор бо оби чашми ситамдидагон шарҳ меёбад. Дар натиҷа ҳам аз ҷиҳати мундариҷа, ҳам аз лиҳози сохтори наҳвӣ як матни мукаммале ба миён омадааст, ки ягон ҷузъи онро ихтисор кардан маҳол аст.

**138. Матни зеринро бо қолаби тасвири боло муқоиса намуда, робитаи маъноии байни ҷузъҳои матн ва тарзу воситаҳои луғавию грамматикии алоқаи ҷумлаҳои онро муайян кунед:**

Шумо гумон накунед, ки ин ҷӯйборҳо ҷӯйбори калон ва обҳояшон ғурришдори ғалтон бошанд. Не! Мо аз тангии иборат ба ин ном ёд кардем, вагарна паҳнобе буд, ки қадаш аз қомати сабза ва себаргаҳои навхезе, ки дар роҳи ҳаракати ӯ рӯйида буданд, баландӣ надошт ва садои ҳаракаташ аз овози ҷунбиши зангӯлаи симини сари зулфи симбарони нозукхироми тоҷик тафовуте намекард… (С.А.)

! Матн ҳаҷман гуногун мешавад. Матни калон ба бобу фаслҳо, матни хурд якчанд ҷумла ё чанд сархатро дар бар мегирад. Дар алоқаманд намудани ҷумлаҳо дар дохили матн мутобиқати шаклҳои феълӣ, ҷонишинҳо, пайвандакҳо, воҳидҳои туфайлӣ, муродифҳои луғавӣ ва қолабҳои мувозӣ чун воситаҳои луғавию маъноӣ ва грамматикӣ хизмат мекунанд.

Сархатҳо аз лиҳози мундариҷаю вазифаашон дар матн гуногун мешаванд: тавзеҳӣ, васлкунанда, маҳдудкунанда ва замима ё илова. Дар сархати тавзеҳӣ чанд фикр паиҳам баён мешавад; дар сархати васлкунанда бо ёрии воҳидҳои туфайлии *албатта, дар баробари ин, дар ҳақиқат, илова бар ин, бар замми ин, аз ин ҷост, ки..., инчунин, инак, хулласи калом* ва ғайра фикри минбаъда бо мундариҷаи сархати пешомада васл мегардад; дар сархати маҳдудкунанда сархати минбаъдаро бо калимаю таркибҳои *аммо, вале, лекин, ҳол он ки, балки, бо вуҷуди ин, бо ин ҳама, сарфи назар аз ин, фақат* ва ғайра бо мундариҷаи сархати аввал муқобил мегузорад ё маҳдуд мекунад; дар сархати замима фикру мулоҳизаи охирин бо таркибҳои *маҳз ҳамин, ана ҳамин, ҳамаи ин* ва ғайра ба мундариҷаи сархатҳои пешомада илова мегардад.

**139. Матни зерин чӣ гуна аст ва он чӣ тарз сохта шудааст? Ҷузъҳои матн бо ҳамдигар чӣ тариқа алоқаманд шудаанд?**

Шабе, ҳангоми хоб Спитаменро ҳамсараш(2) сар бурида, бо ғуломи ҷиноятшарикаш(2) ба қароргоҳи(2) Искандар овард. Баъди муоина Искандар ба дурустии суханони зан бовар кард. Вале дар ӯ андешаи ногуворе пайдо шуд. Ҳоло сари он шахсе, ки ҳазорон сарбозони(2) далерашро қир карда, ӯро ду сол ин ҷо побанд намуд, дар наздаш истодааст!(4) Чӣ қадар мамлакатҳоро гирифт, лашкарҳои пурқувватро(2) бо сарварони(2) номдораш(2) шикаст дод, аммо Спитамен барои ӯ дастнорас(2) монд(4). Искандар аҳамияти ин хидматро мефаҳмид, вале ҳисси нафрат ба ин зан, ки хиёнаткорона(2) шавҳари худро –

падари фарзандони худро кушт, боло гирифт(4). Фармуд, ки ӯро аз қароргоҳаш ронанд…

Инак, бисту се аср гузашт аз он рӯзгоре, ки Спитамени диловар баҳри озодии халқу диёри худ фидокорона(2) ҷангидааст. Корнамоии(2) ӯро душманонаш ҳам эътироф кардаанд ва он дар маъхазҳои илмии дунёи қадим зикр ёфтааст. Ин ҳама боиси ифтихори тоҷикон аст. Бинобар ин ворисони имрӯза бо мақсади зинда кардани номи ӯ, ҷасорату мардонагии(2) ӯ яке аз ҷоизаҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо номаш таъсис додаанд (Маҷалла).

?

1) Пайвандакҳои хилофӣ дар сархати аввал чӣ вазифаро адо кардаанд?
2) Дар сархати дуюм вазифаи калимаи *инак,* ибораи *ин ҳама* ва таркиби *бинобар ин* чист?

!

Дар ҷумлаи аввали сархат бунёди матлаб ифода меёбад, гӯё пойдевори бинои матлаб гузошта мешавад, ҷумлаҳои минбаъда он фикрро тавзеҳ ва интишор медиҳанд. Дар ҷумлаи якуми сархати аввал – «Шабе, ҳангоми хоб…» кирдори хиёнаткоронаи ҳамсари Спитамен, дар ҷумлаҳои минбаъда муносибати Искандар ба ҳарифи шуҷоъ ва зани хиёнаткори ӯ ифода гардидааст. Дар ҷумлаи аввали сархати дуюм қаҳрамонии Спитамен пас аз сипарӣ гардидани бисту се аср хотирнишон ва дар ҷумлаҳои минбаъда муносибату қадрдонии ворисони имрӯзаи ӯ нисбат ба фарзандони фидокори худ зикр ёфтааст. Маълум мешавад, ки дар ҳама гуна сархат ҳамин тарзи устухонбандии баёни воқеа риоя мегардад.

**140. Матни зеринро ба сархатҳо ҷудо ва муайян кунед, ки дар ҳар сархат ҷумлаи аввал чӣ андешаро ифода намудааст ва ҷумлаҳои минбаъда он фикрро чӣ тарз интишор додаанд? Дар дохили ҳар сархат ҷумлаҳо бо ҳамдигар бо кадом воситаҳои луғавию грамматикӣ алоқаманд шудаанд? Чаро пеш аз пайвандаки хилофии *вале* нуқта гузоштаанд?**

Соли дигар – аввали баҳор ба Самарқанд омадам ва ба зиёрати қабраш рафтам(4). Мавсиме буд, ки сабза дар ҳар тараф сар зада ва лолаҳои шукуфта, ба қавли Пайрав, доғи ғам бар ҷигар зада буданд(4). Дар паҳлуи обидаи пурҳашамати(2) Шоҳи Зинда(6), дар домани теппае қабри ӯ меистод. Беихтиёр(2) суханони Эраҷ ба хотирам расид, ки гуфтааст:

Маскани ишқи ҷаҳон аст ин ҷо,
Як ҷаҳон ишқ ниҳон аст ин ҷо!(4)

Дар ин шаҳрчаи мурдагон хомӯшии мутлақе ҳукмфармо буд. Обидаҳои чандин садсолаи Шоҳи Зинда, қабрҳои атроф ва ин қабре, ки дар зераш дили хурӯшоне мехобид, ҳама хомӯш ба назар мерасиданд. Вале Пайрав хомӯш набуд. Ӯ дар дили мо, дар дили ҳазорон хонандагонаш зинда буд, ба воситаи осори қаламиаш бо мо гуфтугӯ мекард, ба воситаи рубоби назмаш ҳиссиёти моро навозиш менамуд, ба воситаи шеърҳояш ба мо рӯҳбаландӣ(2) мебахшид (Р.Ҳ.).

?

1) Номи Пайрав дар кадом ҷумлаҳо зикр ёфтааст ва дар ҷумлаҳои дигар кадом ҷонишину ишораҷонишинҳо ба вай ишора кардаанд?
2) Дар ифодаҳои *доғи ғам, рубоби назм, шаҳрчаи мурдагон* ва *ҳиссиётро навозиш кардан* кадом калима ба маънои аслӣ ва кадом калима ба маънои маҷозӣ омадааст?
3) Муаллиф ба мазмуни ҷумлаи «Дар ин шаҳрчаи мурдагон хомӯшии мутлақ ҳукмфармо буд» чиро муқобил мегузорад?
4) Дар ҷумлаи аввали матн чаро пас аз ҳоли замони «Соли дигар» аломати тире гузошта шудааст?

**141. Байти Эраҷ Мирзоро ба дафтар навишта, аз рӯйи таҷрибаи зиндагии худ хаттӣ маънидод кунед. Аз чизҳои дидаю шунида ё аз ҷое хондаатон мисол оваред. Илова бар ин, матни супориши 112-ро хонда, шарҳ диҳед, ки чаро пеш аз ҷумлае, ки бо пайвандаки хилофии *аммо* сар шудааст, нуқта гузошта, ҷумлаи дигарро бо ҳарфи калон (“Аммо...”) оғоз намудаанд.**

**142. Матнро бодиққат хонед ва мулоҳиза намоед, ки ихтилофи ду бародар аз чӣ оғоз ёфта, ҷараён гирифт ва бо чӣ анҷом пазируфт.**

**Назари шумо ба нияту амали ду бародар чӣ гуна аст? Нақшаи ҷараёни воқеаро тартиб диҳед ва аз рӯйи он тафсилоти воқеаро батартиб баён кунед.**

Насри писари Аҳмад бар Исмоил вазифа ниҳода буд, ки аз амволи Бухоро ҳар соле ба андозаи панҷсад ҳазор дирам хироҷ гирд оварда, ба Самарқанд фиристад(4). Вале, азбаски аҳли Бухоро бар асари ҷангҳои паёпай(2) камбағал шуданд, амир Исмоил бар худ раво надид, ки аз мардуми бебизоат хироҷ фароҳам орад(4). Наср чандин бор ба талаби хироҷи Бухоро қосидон фиристод, аммо амир Исмоил ҳар дафъа бо ҳар баҳона аз ин амри бародар сарпечӣ кард ва аз ҳамин сабаб миёни ду бародар ихтилоф афтод(4).

Ҳасудони дарбори Наср ба ӯ бадгӯйиҳо(2) карданд, ки бародараш аз иҷрои фармони ӯ сар тофта, ба муқобилаш ливои муқобилат афроштааст(4). Оташи хашму ғазаби Наср боло гирифт ва қасди ҷанг бо бародар кард. Моҳи раҷаби соли 272 ҳиҷрии қамарӣ (декабри 985) Наср лашкари азиме фароҳам овард ва рӯй ба Бухоро ниҳод.

Амир Исмоил аз ин иқдоми бародараш хабар ёфт ва аз сари муҳаббату эҳтироме, ки ба ӯ дошт, бо лашкариёни ӯ ба ҷанг напайваст ва аз шаҳри Бухоро берун рафт(4)…

?

1) Дар матн кадом калимаҳо бисёр такрор шудаанд ва ин дар сохтори матн чӣ аҳамият дорад?

2) Дар сархати аввал пайвандакҳои хилофии *вале, аммо* чӣ гуна вазифаҳоро адо кардаанд?

3) Дар сархати дуюм сухани дарбориёни Наср чӣ тарз нақл шудааст? Онро ба тарзи дигари нақл баргардонед.

!

Одатан ҳодиса, воқеа, саргузашт, нақлу ривоят аз забони гӯянда – муаллиф (шахси якуми танҳо) ҳикоят карда мешавад. Мумкин аст, ки он ҳодиса ё воқеа аз забони шахси сеюм (қаҳрамони асар) баён карда шавад. Ин тарзи баёни фикрро услуби нақл меноманд (чунон ки дар повести «Ҷаллодони Бухоро» мушоҳида мешавад). Аксар нависандагон

ҳикоятро аз тасвири макон ва замон, муҳит, тасвири намуди зоҳирӣ, ҳолати рӯҳии қаҳрамону персонажҳои асар оғоз мекунанд:

1. Дами бегоҳ(4). Офтоб тоҷи заррине буд бар сари кӯҳ. Вай нурҳои охиринашро аз сари деҳаву саҳро, дашту доманаи кӯҳ кашида, ғуруб мекард. Ҳар қадар ки нури офтоб хиратар мешуд, ранги осмони лоҷувардӣ ҳамон қадар пурсафою ҷилобахш мегашт(4). Аз фурӯ рафта истодани офтоб малаху калтакалосҳои даштӣ ба ташвиш афтоданд магар ки, чир-чир овоз мебароварданд(4,7).

Ин манзара ба Назокат нашъаю ҳаловати тозае мебахшид. Вай ҳамроҳи Шарофатхола говҳоро ҷӯшида шуда, акнун ба сӯйи деҳа фуромада мерафт… (А.А.).

2. Ман зуд матои бисёр чи аз худ, чи аз савдогарони дигар гирифтам ва бо онҳо рафтам. Чун ба ҳарам даромадам, иморати олие дидам, пур аз нозанинсанамони фарангӣ(4). Ҳама хуршедлиқои моҳпайкар, ҳама нозукандоми симинбар, ҳама зӯҳраҷабин ва рашки қамар. Дар он миён нозаниндиломе, нозукандоме, моҳрухсоре, оҳунигоҳе, мижгонсиёҳе, писталабе, симинғабғабе, мушкинмӯе, камандгесӯе, ғунчадаҳоне, ширинкаломе… чун оби ҳаёт дар сиёҳӣ ниҳон гашта, дар болои нимтахте нишаста ва дигар моҳпайкарон монанди ситорагон дар гирдаш саф баста. Лекин он подшоҳи сурату маънӣ дар айни бедимоғӣ сар ба зер афканда ва асари малол аз пешонаи ҳолаш намоён буд (Чор дарвеш).

Дар матни аввал ҳикоят аз тасвири як лаҳзаи манзараи табиат – ғуруби офтоб оғоз ёфта, сипас баёни воқеаи асар шурӯъ мегардад. Дар матни дуюм дар ҷараёни ҳикоят ҳусну ҷамоли беназири нозанинони ҳарами подшоҳ тасвир карда мешавад. Пайдост, ки ба тариқи ҳикоят баён кардани фикр бо тасвири замону макон, манзараҳои табиат, ҳусну ҷамоли шахс, ҷаҳони ботинии вай омезиш меёбад.

Дар тасвир истифодаи тавсифот (дар матни боло: лоҷувардӣ, пурсафо…), такрори калима (ҳама), ба тариқи ҷида овардани аъзоҳои ҷумла, оғоз ёфтани тасвир аз ҷумлаҳои

унвонӣ, ки макон ё замони воқеаро мефаҳмонанд (Дами бегоҳ), бо шаклҳои замони гузаштаи наздик ё ҳикоягӣ (ғуруб мекард, хиратар мешуд…) ва гоҳе бо мақсади наздик тасаввур кардани ҳодиса ё воқеаи кайҳо гузашта бо шакли замони ҳозира-оянда ифода ёфтани хабар бештар мушоҳида мегардад.

**143. Матнҳои болоро ба дафтар нависед. Ба зери калимаҳое, ки такрор шудаанд ва бо ҳам таносуби маъноӣ доранд, хат кашед. Шарҳ диҳед, ки кадом ҷонишинҳо ва пайвандак дар алоқаманд намудани ҷузъҳои матн хидмат кардаанд.**

**144. Дар матни зерин ҷараёни баёни фикр чӣ тарз сурат гирифтааст ва дар ин бобат аз матни супориши 139 чӣ фарқ дорад? Сархатҳо ва ҷумлаҳои дохили онҳо бо ҳамдигар чӣ тарз алоқаманд шудаанд?**

Дастонам дар ҳаво муаллақ меистоданд. Дил андаруни синаам гуп-гуп(3) метапид. Хуни гарми ношинос, вале роҳатбахш тамоми вуҷудамро давр мезад. Бори аввал буд, ки ҳарорати сӯзону гувороеро ҳис мекардам. Аҷабам меомад. Ҳайрон мешудам(4). Дар ин лаҳзаҳо гумон мекардам, аз осмони баланде сарозер(2) ба замин меоям, дилам таҳ мекашид, кайфияти номаълуме танамро ба раъша меоvard(4)…

Дар кафҳои кушода ва муаллақи худ ногаҳ ангуштҳои нарму нафисеро ҳис намудам. Ин ангуштҳои ҳаётбахши(2) Зебӣ буд. Маро роҳати гуворо аз кафи даст то нохуни по фаро гирифт. Акнун аз худ бехуд мешудам, аз қолаби ҳастӣ берун мехазидам(4)…

Беихтиёр ангуштҳои латифи ӯро ба лаб бурдам… (С.С.)

? 1) Дар сархати аввал пайвандаки *вале* калимаро бо калима, ҷумларо бо ҷумла ва ё чанд ҷумларо бо якчанд ҷумлаи дигар алоқаманд кардааст?
2) Чаро хабари ҷумлаҳо бо шаклҳои замони гузаштаи феъл (гузаштаи ҳикоягӣ: *меистоданд, метапид, давр мезаданд, ҳис мекардам…,* гузаштаи наздик: *ҳис намудам, фаро гирифт, бурдам*) ифода ёфтааст?

3) Дар сархати дуюм ҷонишини *ин* дар сохтори матн чӣ саҳм гузоштааст?

4) Чаро фикр бештар бо ҷумлаҳои яктаркибаи муайяншахс (*...ҳарорати сӯзону гувороеро ҳис намудам; Ҳайрон шудам...*) ифода ёфтааст?

5) Аломати сенуқта ба чӣ маънӣ далолат мекунад ва ба сохтори матне, ки аз якчанд сархат иборат аст, чӣ таъсир мерасонад?

! Ба ақидаи А. П. Чехов, ҳодисаҳои табиатро бо тавсифҳои умумӣ ва обшуста тасвир кардан лозим нест, зеро хонанда аз чунин тасвир замон ё макони воқеаро равшан тасаввур карда наметавонад. Нависанда дар тасвири манзараи табиат бояд ба ҷузъиёт эътибор диҳад ва ягон нуктаи даркшавандаро интихоб кунад. Чунончи, шаби маҳтобро тасвир карданӣ шавед, нагӯед: «Шаб буд. Дар осмон порае ҳам абр дида намешуд. Моҳи шаби чаҳордаҳ нурпошӣ мекард». Хонанда ин сатрҳоро мутолиа намуда, чашм пӯшида, он шабро пеши назар оварда наметавонад. Агар шумо чунин нависед: «Шаб буд. Дар назди новаи ҷӯйи осиёб шишапорае ялтирос мезад». Ё ин ки: «Шаб буд. Саге аз наздам давида гузашт, аз як паҳлуяш сояаш ҳам», шумо шаби маҳтобро на танҳо тасаввур мекунед, балки бо чашмони худ мебинед. Мисли ҳамин, Ҳаким Карим дар тасвири ними рӯз нагуфтааст, ки: «Ними рӯз буд. Офтоби гарми чиллаи тобистон рост ба болои сар омада, нурҳои гарми худро саховатмандона ба замин нисор мекард», балки навиштааст: «Сафедори баланди лаби ҷӯй сояи худро гум карда буд».

**145. Тавсияи А. П. Чеховро ба кор бурда ба тасвири ягон фасли сол пардозед. Суханро чунин оғоз кунед:**

Сабаб чӣ бошад, ки фасли хазонро зиёдтар дӯст медорам...

Чиллаи зимистони қаҳратун...

Зимистон намерафт, баҳор намеомад. Барфу борон, рутубат интиҳо надошт...

Фасли баҳор буд, аммо имсол бориш ноз мекард...

Омад-омади баҳори Душанберо хеле пазмон шудаам. Ҳар баҳор, дар арафаи иди бонувон кокулакони маҷнунбед барг-ҳои гӯшаки муш кушода, сабз мешаванд…

**146. Матни зеринро ба дафтар навишта, ба зери калимаю истилоҳот хат кашед. Шарҳ диҳед, ки матн ба кадом услуби баён тааллуқ дорад, дар он маънои кадом калимаҳо бароятон равшан нест, истилоҳҳо дар кадом соҳаи илм ба кор бурда мешаванд, фикр ба воситаи чӣ гуна ҷумлаҳо ифода ёфтааст.**

Дар лоиҳа дар масъалаи ҷумлаҳои пайрави хилофӣ гуфта шудааст, ки онҳо дар ин шаклҳо ҳам кор фармуда шаванд:

а) *Гарчанде ки (агарчанде ки)* вай мутахассис аст, *аммо (лекин)* дар ин кор ҳеҷ чиз намефаҳмад.

б) *Гарчанде ки* вай мутахассис аст, *бо вуҷуди ин* дар ин кор ҳеҷ чиз намефаҳмад.

Дар ин ҷо, ба фикри мо, дар сурати мавҷуд будани калимаи *гарчанде ки* дар аввали сарҷумла омадани калимаи *аммо* ё *бо вуҷуди ин* тамоман зиёд аст ва ба сохти ҷумла халал мерасонад.

Ин гуна ҷумлаҳо дар шакли «*Бо вуҷуди он ки* вай мутахассис аст, дар ин масъала ҳеҷ чиз намефаҳмад» ё «*Гарчанде ки* вай мутахассис аст, дар ин масъала ҳеҷ чиз намефаҳамад» кор фармуда шаванд, беҳтар аст (Ҳ.Ю.).

! Тафовути ба тарзи муҳокима ифода ёфтани фикр аз ҳикоят ва тасвир дар ин аст, ки гӯянда ё нависанда дар ҳалли масъалае ақидаи ҳарифро рад намуда, дуруст ва асоснок будани ақидаи худро бо далелҳо исбот мекунад. Ҳангоми баҳси илмӣ, одатан, аввал як андеша зикр меёбад, ки моҳияти баҳсро дар бар мегирад. Он андешаро бунёди баҳс (ё тезис) мегӯянд.

Дар аввали матни боло Ҳабиб Юсуфӣ як нуктаи баҳсталаби тарзи алоқаманд намудани ҷумлаи пайрави хилофро бо сарҷумла чун бунёди баҳс зикр карда, намунаҳоеро, ки дар лоиҳаи наҳви забони тоҷикӣ барои истифода тавсия шудаанд,

ба ду банд (а, б) ҷудо карда меорад ва дар бораи онҳо мулоҳизаҳои худро баён намуда, тарзи дурусти алоқаманд намудани ҷумлаи пайрави хилофро бо сарҷумла пешниҳод мекунад. Вале муаллифи мақола нагуфтааст, ки тарзи пешниҳодкардаи ӯ чаро, аз кадом ҷиҳат ва бо чӣ далел беҳтар аст.

Чунин тарзи баёни фикр дар мақолаҳои илмӣ ва тақриз ба кор меравад.

**147. Дар мақолаи илмии зерин чӣ гуна хусусияти матни муҳокима мушоҳида мешавад? Ҷузъи бунёд ё нуктаи баҳсноки (тезиси) матн, ақидаҳои баҳсталаби муҳаққиқони дигар, фикри муаллифи мақола, далелҳои ӯ барои исботи фикри худ ва хулоса ё натиҷагирии муаллиф кадом аст?**

### Балхи Бомӣ ё Балхи номӣ?

Дар оғози як ҳикояи «Гулистон»-и Саъдӣ чунин омада: «Соле аз Балхи Бомиёнам сафар буд». Азбаски аксари котибон ва шореҳони асримиёнагии «Гулистон» ва муҳаққиқону мутарҷимони замони мо мафҳуми Балхи Бомӣ ё Балхи Бомиёнро намедонистанд, матлаби Саъдиро дуруст нафаҳмида, матни ҳикоятро ба салоҳдиди хеш нусхабардорӣ кардаанд(4).

Чунончи, шореҳи «Гулистон» Муҳаммад Акрами Мӯлтонӣ нусхаи Саъдиро чунин таҳрир карда: «Соле аз Балх бо шомиёнам сафар буд». Сипас дар тавзеҳи матлаб менависад: «…яъне аз Балх ба сӯйи Шом бо шомиён мерафтам».

Дар тамоми нусхаҳои қадимаи «Гулистон», ки ба асрҳои XIII–XIV мансубанд, «Соле аз Балхи Бомиёнам сафар буд» сабт ёфтааст(4). Аз асри XV бинобар нафаҳмидани он, ки «Бомиён» лақаби шаҳри Балх аст, нусхабардорону шореҳон таҳрирҳои нави ин матлаби Саъдиро «эҷод» кардаанд(4).

Дар бобати он ки Бомӣ ва Бомиён лақаби шаҳри Балх аст, муаллифони фарҳангномаю шарҳҳои муътабар муттафиқанд(4). Аз ҷумла, соҳиби «Фарҳанги Онандроҷ» дар тафсири калимаи *Балх* маълумоти зеринро меорад: «Балх шаҳрест машҳур, ки аз биноҳои салотини қадими Аҷам буда ва солҳо Лӯҳроспу Гуштосп дар он ҷо зистанд ва дар он оташкада

сохта буданд ва онро Навбаҳор хондаанд(4). Ва ҳамчунон ки Марвро Марви Шоҷон (Шоҳиҷаҳон) гӯянд, онро Балхи Бомиён гуфтаанд»(4).

Ҳамин тавр, бо лафзҳои *румиён* ва *шомиён* иваз кардани *Бомиён*(4)*, Балхи Боми*ро *Балхи номӣ* хондан(4) ва сафари Саъдиро аз Балх ба Бомиён донистан(4) ғалатҳоеанд, ки аз надонистани лақаби Балх сар задааст(4) (А.Н.).

**Луғат:**
Шореҳ – шарҳдиҳанда, тафсиркунанда.
Муттафиқ – ҳамфикр, ҳамақида.
Бомӣ, Бомиён – аз калимаи авастоии *бама* – ба маънои «дурахшон» аст.
Шом – номи қадимаи Димишқ аст.

?

1) Огоҳӣ пайдо кардед, ки на танҳо одамон лақаб доштаанд, балки баъзе шаҳрҳои қадима ҳам соҳиби лақаб будаанд. Бигӯед, ки боз кадом шаҳру кишварҳоро медонед, ки ба номи аслиашон сифати дигаре низ чун лақаб зам гардидааст.
2) Ҳангоми муроҷиат намудан ба манбаъҳои илмӣ ё далел овардан бар исботи фикри худ муаллифи мақола кадом воҳидҳои туфайлиро кор фармудааст?
3) Ақидаи муаллиф бо кадом воҳиди туфайлӣ ҷамъбаст шудааст?
4) Истилоҳоти матн ба кадом соҳаи илм мутааллиқ аст?
5) Байни сархатҳои матн ва дар дохили онҳо байни ҷумлаҳо чӣ робитаҳои маъноӣ ва грамматикӣ мушоҳида мешаванд ва онҳо бо кадом воситаҳои луғавию грамматикӣ ифода ёфтаанд?

!

Дар муҳокимаи илмӣ ақида бояд саҳеҳ, дақиқ ва асоснок ифода гардад. Далелҳо эътимоднок, бебаҳс ва ба дараҷаи кофӣ оварда шаванд. Муҳокима бояд дар заминаи устувори мантиқи сухан сурат гирад.

Ҳангоми муҳокимаи масъала андеша батартиб ва пай дар пай баён карда мешавад. Мулоҳиза ва далелҳо бо тартиби рақам, ҳарф ё воҳидҳои туфайлии *аввалан, сониян, якум, дуюм, аз як тараф, аз тарафи дигар* ва ғайра гурӯҳбандӣ

карда мешаванд. Мулоҳиза ва далелҳо бояд мукаммал оварда шаванд: баъд аз калимаи *аввалан* як андеша ё далел ки зикр ёфт, бояд бо калимаи *сониян* давоми фикр ҳам баён шавад. Дар интиҳои муҳокима фикр бо воҳидҳои туфайлии *ба ҳамин тариқ, хулоса, хулласи калом* ва ғайра ҷамъбаст карда мешавад. Ҳангоми истинод, ишора кардан ба манбаъҳои фикр таркибу ҷумлаҳои *ба ақидаи, тибқи маълумоти, чунон ки дар боло ишора кардем, ба тарзе ки сарчашмаҳо шаҳодат медиҳанд* ва амсоли инҳо ба кор бурда мешаванд.

Дар матни муҳокима ҳангоми алоқаманд намудани як ҷумла ба ҷумлаи дигар калимаю ифодаҳои *биноан, бинобар ин, аз ин рӯ, бо вуҷуди ин, бо ин ҳама, дар ин ҳолат, дар ин гуна мавридҳо, аз ин ҷост, ки* ва ғайра бештар дучор меоянд.

**148. Матнро хонда, нуктаҳои асосии онро ба дафтар нависед. Фикр кунед, ки боз дар кадом мавридҳо ин ҷонишин барзиёд кор фармуда мешавад.**

## «Худ»-ҳои барзиёд

Рӯзе раиси як маҷлис барои ба овоз гузоштани таклифе гуфт: «Ҳар кас тарафдори ин таклиф бошад, дасти *худ*ро бардорад(4)». Як рафиқи хуштабъ аз нуқсони ин ҷумла пай бурд ва шӯхиомез гуфт: «Рафиқон, ҳушёр бошед, ки дасти каси дигарро набардоред, фақат дасти *худ*ро бардоред».

Оре, сухани раиси маҷлис бемантиқ буд. Худ аз худ маълум аст, ки дар вақти овоз додан ҳар кас дасти худро хоҳад бардошт, на дасти каси дигарро(4). Бинобар ин ба таъкид овардани калимаи *худ* зарур нест…

Мутаассифона, соҳиби аслии ин хато он раиси маҷлис набуд, балки ӯ ғалати машҳуреро, ки дар матбуоти мо хеле паҳн шудааст, такрор кард(4). Магар ҷумлаҳои зерин дар бемантиқӣ(2) монанди гапи он раис нестанд?

Халқҳо аз империалистон(5) талаб мекунанд, ки дасти *худ*ро аз мамлакатҳои Осиё ва Африка(1) кашанд! Ӯ асари *худ*ро навишт (М.Ш.).

?

1) Нутқи айнан нақлшудаи сархати аввалро ба мазмунан нақлшуда баргардонед.

2) Ҳиссачаи тасдиқии «оре» дар сохтори матн чӣ вазифаро адо мекунад?

3) Дар сархати сеюм кадом унсурҳои луғавӣ, маъноӣ ва грамматикӣ дар алоқаманд кардани ҷузъҳои матн (ҷумлаҳои пеш ва пасомада) хизмат мекунанд?

4) Сабабҳои гузошта шудани аломатҳои китобатро гӯед.

**149. Ҳангоми мутолиаи матни зерин бештар ба он эътибор диҳед, ки муаллифи китоби «Ҳар сухан ҷоеву ҳар нукта мақоме дорад» М.Шакурӣ барои исботи фикри худ аз манбаъҳои илмӣ чӣ тарз фоида бурда, ақидаи худро асоснок кардааст. Мазмуни матнро ба дафтар навишта, шарҳ диҳед, ки дар он кадом истилоҳҳои забоншиносӣ истифода шудаанд ва онҳо дар сохтори маъноии матн чӣ саҳм гузоштаанд:**

## Намуд

Калимаи *намуд* дар бисёре аз навиштаҳои имрӯза маъное пайдо кардааст, ки ба маънои аслии он ҳеҷ мувофиқ намеояд. Онро бештар ба маънои *навъ* ва *хел* кор мефармоянд. Чунончи, ба ин тарз:

Ин *намуд*и ташбеҳ дар ғазалҳои шоир ниҳоят кам аст; *Намудҳо*и алоҳидаи рустанию ҳайвонот аз байн мераванд (яъне аз байн рафта истодаанд); План аз рӯйи баъзе *намудҳо*и маҳсулоти хоҷагии қишлоқ иҷро нашуд…

Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» *намуд* чунин эзоҳ шудааст: 1) афт, шакл, симо, манзара; 2) намуна, тимсол. Устод Айнӣ дар «Луғати нимтафсилӣ» маънои онро *ба назар намудан* ҳисоб карда, чунин мисол овардааст: *Намуд*и ин чиз хуб аст.

*Намуд* дар асл асоси феъли *намудан* буда, ин феъл ба маънои *нишон додан, намоён кардан* ё *шудан, ба назар омадан* ва ғайра истеъмол мегардад. Чунон ки шоир гуфтааст:

Душвор намоӣ руху душвор диҳӣ бӯс,
Осон бирабоӣ дилу осон бубарӣ ҷон.

*Намудор* ҳам аз ҳамин феъл буда, масалан, *намудор шудан* “намоён гардидан” аст. Аз ин қиёс *намуд* шакли зоҳирии ҳар чиз аст. «Вақте ки дар як забон як калима ба як маъно хос шавад, ба маънои дигар ба ҳеҷ асос кӯчондан мумкин нест». Ин ҷо комилан ҳақ ба ҷониби устод Айнӣ.

**150. Дар гуфтугӯйи имрӯза ҳагоми сафар баъзан «Мошинаро дар ҳамин ҷо *манъ кунед*» мегӯянд. Феъли «*манъ кардан»* магар чунин маънӣ ҳам дорад? Аз луғатҳо истифода бурда, мулоҳизаҳоятонро нависед.**

**151. Матнро ботааммул мутолиа кунед ва бигӯед, ки он ба кадом услуби баён тааллуқ дорад, матлаби нигоранда чӣ тариқа (ҳикоят, тасвир, муҳокима) ифода ёфтааст ва барои муассир баён кардани мақсад кадом воситаи услубии забон истифода шудааст:**

Мо басо мушоҳида кардаем, ки дар тӯйҳо, маъракаҳо, нишастҳо, маҳфилҳо, ҷашнҳои солгиреҳ ва ҳоказо асосан шоирон, нависандагон, рӯзноманигорон, муҳаррири рӯзномаи шаҳр ё ноҳия, муаллимони забон ва адабиётро «дар гап усто» гуфта соқӣ интихоб мекунанд, на муаллими химия ё физикаро… Чаро? Чаро дигарон «дар гап усто» не? Чаро раиси колхоз, ки аз ҳама иҷрои бекамукости планро талаб мекунад, наметавонад, дар тӯйи узви колхози худ соқии маърака бошад? Чаро ӯ барои талаби иҷрои план сухан меёбад, аммо дар рӯзи шодӣ ҳарфе гуфта наметавонад? Сабаб ин ҷост, ки қисме аз зиёиён бо ҳама дониши ихтисосӣ одамони хушканд, маъракаоройӣ аз дасташон намеояд, сухане бар сухане наметавонанд зам бикунанд, дар ҳолатҳои муайян хушгӯйӣ, ҳозирҷавобӣ, байтгӯйӣ, шаҳдрезӣ ва ширинадоӣ карда наметавонанд (Лоиқ).

?

1) Пурсиши “Чаро?” ва дар аввали ҷумлаҳои минбаъда такрор шудани он бо чӣ мақсад аст? Ҳамин матлабро бо ҷумлаи хабарӣ ҳам ифода кардан мумкин аст?
2) Калимаи *солгиреҳ*ро шоир ба чӣ маъно кор фармудааст?
3) Чаро дар аъзоҳои чида пасвандҳои ҷамъбанди *-ҳо* ва *-он (-гон)* такрор шудаанд?

❗ Саволи риторикӣ чунин тарзи пурсиш аст, ки дар он мақсади саволдиҳанда аз мусоҳиб чизеро пурсида донистан нест, балки ба воситаи оҳанги пурсиш матлаби худро таъсирбахш ифода кардан аст. Ин гуна ҷумлаҳои саволиро ғайриаслӣ ҳам мегӯянд. Матлаб аз «Чаро?» ин аст, ки на ҳамаи аъзои ҷомеа, ҳатто зиёиён маърифати баланд, ҳунари суханварию маҳфилоройӣ доранд. Агар фикр чунин баён шавад, муассир ва пурҷозиба намебарояд. Бинобар ин дар матни боло шоир аз ҷумлаҳои саволии риторикӣ чун воситаи муассири наҳвӣ фоида бурдааст.

Гоҳе гӯянда ё нависанда ҳангоми муҳокима худ ба худ чанд фикрро пай дар пай бо оҳанги савол баён намуда, дар охир ба он пурсишҳо худ ҷавоб медиҳад. Ин ҳам яке аз имконоти услубии наҳви забон аст, ки бо мақсади таъкиди фикр ва ифода намудани ягон эҳсосоти мусбат ё манфии худ ба кор мебаранд. Чунин воситаҳои муассири наҳвӣ бештар дар асари бадеӣ ва жанрҳои публисистии бадеӣ истифода мешаванд. Намунаи хуби ба кор бурдани ин усули таъкиди фикр мисоли болост.

**152. Ба аломатҳои ист ва задаи мантиқӣ риоя намуда матнро бурро қироат кунед. Бигӯед, ки он ба кадом услуби баён тааллуқ дорад ва муаллиф дар он аз кадом имконоти услубии ифодаи муассири фикр истифода бурдааст?**

– Ӯй ясавул! Гапатро дониста зан! Мо дузд шуда хонаи киро задем, бузу гӯсфанди киро бурдем, ба зану фарзанди кӣ бо чашми бад нигоҳ кардем?... Дузд касест, ки бебоис ба хонаи мардумони бекас пахш карда медарояд! Дузд касест, ки бечораи беяроқро ба даст даровАрда, ба сараш шамшер мекашад ва ба синааш милтиқ мениҳад! Дузд касест, ки мардумони бечораи ба кори худ машғулро бесабаб мебандад, мебарад, мезанад, мекушад! Дузд касест, ки на танҳо моли фақиронро мегирад, балки зан, фарзанд, номус ва обрӯйи бечорагонро ҳам поймол мекунад!... Агар ҳанӯз ҳам кӣ будани дуздро надониста бошӣ,

шунида мон, ки худи ту дузд, амлокдорат дузд, ҳокимат дузд, вазират дузд, қозию раисат дузд! Шунидӣ?! (С.А.)

1) Калимаҳои *ясавул, амлокдор, қозӣ, шамшер* чӣ гуна обуранг (услубии гуфтугӯйӣ ё китобӣ, ҳиссии мусбат ё манфӣ, замон, маҳал) доранд ва дар матн бо чӣ мақсад кор фармуда шудаанд?
2) Кадом калимаҳо дар забони имрӯза маънои нав пайдо кардаанд?
3) Ибораи *бо чашми бад нигоҳ кардан* чӣ гуна воҳиди забон аст ва чӣ маъно дорад?
4) Ҷонишини *худ* дар ифодаи «худи ту дузд» ба маънои нафсӣ (соҳибӣ) омадааст ё барои таъкид?
5) Бандакҷонишини шахсию соҳибии *-ат* (дар калимаҳои *амлокдор, ҳоким*, *вазир, қозию раис*) чӣ гуна обуранги ҳиссӣ зоҳир кардааст?
6) Чаро дар ҷумлаи “Шунидӣ?!” аломати саволу хитоб гузошта шудааст?

Маънои луғавии калимаи *таҳрир* навиштан ва озод кардани ғулом, вале маънои истилоҳии он дар журналистика ва соҳаи нашриёт ихтисор ё илова кардан ва ислоҳ намудани нуқсонҳои матн аст. Муҳаммад Ғазолӣ дар «Насиҳат-ул-мулук» навиштааст: «Ва чун нома нависӣ, пеш аз он ки бинавардӣ (лӯлавор бипечонӣ), фурӯхон, он гоҳ бинавард, то, гар хатое бошад, онро андарёфта ояд. Ва ҷаҳд бояд кардан, то сухан кӯтоҳ буваду маъно дароз ва сухан дубора навишта нашаваду аз алфози гарон парҳез кунад, то сутуда (таърифзеб) бувад».

Ҳар чизи навишта умри дароз мебинад ва аз соҳибқалам масъулияти бештар талаб мекунад. Мӯҷазбаёнӣ ҳам осон муяссар намегардад. Бинобар ин нависандагон матни асарҳои худро борҳо хонда, «қалам мезананд», то ки сухан кӯтоҳ, пурмазмун, бенуқсон ва пухта барояд. Чунин хислатро дар худ парваридан ба ҳар фарди бамаърифати ҷомеа воҷиб аст.

**153. Матнҳоро муқоиса намуда, муайян кунед, ки нависанда ҳангоми таҳрири онҳо кадом калима ё ибораро ихтисор ё бо калимаю**

**ибораи дигар иваз намудааст. Мулоҳиза кунед, ки Ҳаким Карим чаро маҳз ҳамин тарзи баёнро салоҳ дониста буд.**

| | |
|---|---|
| 1. Ҳоло вай гапашро тамом накарда буд. Ба аъзои баданам ларза даромад. Худам ҳам надониста мондам, бо садои баланд ва ба назар дабдабанок:<br>– Чӣ?! – гуфтам. | Ҳоло вай гапашро тамом накарда буд ки, ба аъзои баданам ларза даромад. Худам ҳам надониста мондам, бо садои баланд:<br>– Чӣ?! –гуфтам. |
| 2. Номи ин қишлоқ ба худаш мувофиқ намеомад ва фақат дар он ду хона буд ва он ду хона ҳам монанди бум дар нӯги кӯҳ танҳо меистод, гӯё посбони абадии ин пиряхҳои куҳансоли Зарафшон буд. | Номи ин қишлоқ ба худаш мувофиқ намеомад: дар он фақат ду хона буд, ки монанди ду бум дар нӯги кӯҳ меистод, гӯё посбони ин пиряхҳои куҳансоли Зарафшон буд. |
| 3. Ин хат ҳақиқати талх аст. Агар Шумо ҳақиқатро дӯст дошта бошед, марҳамат карда талхиашро низ ҳазм кунед. | Ин хат барои шумо ҳақиқати талх аст. Марҳамат карда ин талхиро ҳазм кунед. |
| 4. Гӯё ӯ – зани ҷавон, ба пиразани беимдод мубаддал гардид ва мадори даҳанкушоиро надошт. | Гӯё ин зани ҷавон ба пиразане мубаддал гардид ва маҷоли даҳанкушоӣ надошт. |

**154. Ҷумлаҳоро бодиққат хонед ва муайян кунед, ки кадом калимаҳо барзиёд ё ғалат кор фармуда шудаанд. Ҷумлаҳоро ислоҳ карда, ба дафтар нависед.**

1. Дар маркази шаҳр биноҳои шонздаҳошёна бо ороиши ҳозиразамон қомат афрӯхтаанд; 2. Котибаи имрӯза дар мавриди иқтисодиёти ҷаҳонӣ бояд таассуроти комил дошта бошад; 3. Орзу дорам, дар ояндаи наздиктарин дар фазои Тоҷикистон парчами якдилӣ ҳукмфармо мегардад; 4. Мутаассифона, ин қарор ҳам пурра ҳалли худро наёфт; 5. Хоҳонам, ҳамеша болои сари ҷавонон осмони беғубор ва офтоби пурбор шӯълаафкан бошад; 6. Сафар ба чашмони худ бовар намекард,

ки дар як шаб чӣ тағйиротҳое шуда дар бозор; 7. Ашхосе низ ҳаст, ки адлу инсофро аз даст додаю рамазонро ба манфиати даромад истифода мекунанд; 8. Мавзӯи сулҳ, дӯстии халқҳо, бародарӣ, ватандӯстӣ дар осори Мирзо Турсунзода мавқеи асосӣ доранд; 9. Манбаи асосии оби тоза барфу пиряххои Помир мебошанд; 10. Бо ба кор даровардани корхона 32 нафар ҷойи кор пайдо намуд; 11. Аксари мутахассисоне, ки дар корхонаҳои саноат кор мекунанд, онҳо дар Тоҷикистон зиндагонӣ мекунанд (Рӯзнома).

?

1) Дар матни 4 ҷонишини *худ* бамавқеъ омадааст? Феъли *ҳал кардан (шудан, ёфтан)* бо кадом исмҳо таносуби маънои дорад? Исми *қарор* кадом феълҳоро талаб мекунад?

2) Исми *офтоб* чӣ гуна сифатҳо дорад ва кадоме аз онҳо ба матни 5 созгор меафтад?

3) Кадом амал хоси парчам аст (дар матни 3)?

4) Чӣ кор бояд кард, ки дар матни 10 пешояндҳои *бо* ва *ба* ҳампаҳлу наоянд?

!

Баъзе шахсони дурандеши аҳли маърифат аз ҷавонӣ чунин мекардаанд: ҳар андешаи аз касе шунида ё аз ҷое хондаашонро дар дафтари хотира ё варақчаҳо мухтасар қайд карда, ба даруни лифофае андохта, ба рӯйи он номи мавзӯъро менавиштаанд. Баробари сипарӣ гардидани солҳо даруни он лифофаҳо ҳам пур шудан мегирифтааст. Ҳар гоҳ дар ягон мавзӯъ чизе навиштанӣ ё дар ҷое суханронӣ карданӣ шаванд, пеш аз ҳама, он лифофаро кушода, маълумоти он варақчаҳоро хонда, дар мақола, маърӯза ва ё суханронӣ истифода мекардаанд.

Ба мактабиён ҳам лозим меояд, ки мӯҳтавои асосии дарси назариро ба тариқи фишурда (тезис) ё натиҷагирӣ (конспект) бинависанд. Ин заҳмати андак самараи бобаракат дорад: фикр ба масъалаҳои дигар парешон намешавад, диққат ба мавзӯи дарс ҷалб мегардад, майна ба ҷустуҷӯ медарояд, саволҳои нав ба нав пайдо мешаванд, аз муаллим мепурсад, дарс фаъол ҷараён мегирад…

Фишурда номи фасл ё сарлавҳаҳои чизи мутолиашуда нест, балки нуктаҳои аз ҳама муҳими масъала аст, ки мухтасар аз забони худ ё айнан дар нохунак навишта, дар маърӯзаи илмӣ ё реферат барои тасдиқи фикри худ ба сифати далел оварда мешавад.

Маърӯзаи илмӣ бо мадади муаллим аз тарафи хонанда навишта мешавад. Муаллим мавзӯи маърӯза ва номгӯйи асару мақолаҳои илмиро пешниҳод мекунад ё худи хонанда мавзӯъро интихоб намуда, ба ҷустуҷӯйи маводи илмӣ ва мутолиа мепардозад. Баъд аз фароҳам овардани мавод нақшаи маърӯзаро тартиб дода, аз рӯйи он ба навиштан шурӯъ мекунад. Баъди анҷоми кор матни маърӯзаро бодиққат хонда, таҳрир мекунад. Маърӯза дар маҳфил ё ҷамъомадҳои илмӣ хонда мешавад. Ба ҳамин минвол фаъолияти мустақилона маърӯза, мақола, реферат ва тақриз навиштан оғоз мегардад. Ҳамаи адибон, рӯзноманигорон ва олимон кори илмию эҷодиро ҳамин тавр оғоз кардаанд.

**155. Корро аз натиҷагирии (конспект кардани) дарси адабиёт ё таърих шурӯъ кунед. Ҳангоми қайд намудани нуктаҳои асосии мавзӯи дарс чанд савол омода карда, дар охири дарс аз муаллим пурсед. Таваҷҷуҳи устод ба шумо бештар мегардад.**

**156. Ба ду савол ҷавоб нависед:**

1. Чӣ зарурат пеш омад, ки инсон бояд табиатро эҳтиёт кунад?
2. Чӣ зарурат моро пеш омад, ки Қонуни забонро қабул кунем?

Ҷавобҳоро ба тариқи маърӯза ё як гузориши мухтасари илмӣ тайёр карда, дар ҳузури ҳамсабақон хонед. Он боиси баҳси илмӣ, мубодилаи афкор ва як навъ машқи суханварӣ мегардад.

**157. Матнро бодиққат хонда, муқаррар кунед, ки он ба кадом услуби баён тааллуқ дорад ва ҳадафи асосии муаллиф чист. Андешаҳои худро дар ин бобат ба тариқи тақриз нависед.**

Шайхурраис овардааст, ки дар овони ҷавонӣ китоби «Мобаъд-ут-табиат»-и Арастуро чиҳил бор хонду матни онро азбар кард, бо вуҷуди ин нафаҳмид, вале қаноат накарду шарҳи Форобиро ба даст овард ва ғаразҳои Арасту барояш ошкор шуд. Барҳақ, мо нобиға Сино нестем, ки як китобро чиҳил бор хонем. Аммо инсоф кунед, мо ҳам одамем ва боз даст бар синаҳо мекӯбем, ки Сино ҳаммиллати мост, шаъну шарафи мост, обрӯю ифтихори мост. Чаро дасту остин барзада ақаллан як бор як китоб намехонем ва чун калимаеро нафаҳмидем, шикоят меоварему лек ба фарҳангҳо назар намеандозем? Агар назар меандохтем, «Фарҳанги забони тоҷикӣ» (ду ҷилд, 1969) – бузургтарин луғатномаи забони аҳли Аҷам – даҳҳо сол чанг задаю мағор баста дар дӯконҳо хоб намерафт. Оё ин фарҳанг танҳо барои фарҳангиён ва фарҳангпарастон аст? Оё дӯст доштани фарҳанг фақат хоси гурӯҳе аз мардум аст? Оё забони тоҷикӣ танҳо забони модари Муҳаммадҷон Шакурӣ, Лоиқ, Бозор Собир аст? Оё забони модар ва забони модарии ҳамаи мо нест?

Масъалаи бузургдошти забони модарӣ масъалаи ҳаёту мамоти миллат аст. Забони модариро бузург надошта, чӣ сон метавон зодмандон (волидон)-ро бузург дошт? Чӣ сон метавон таърихи миллат ва азизону номдорони варо бузург дошт? Миллате, ки забони модариашро тавоно намесозад, пос намедорад ва азиз намешуморад, маҳкум ба завол аст. (Фотеҳ Абдулло).

Як бардошти Лоиқ аз сафари Эрон: «Хусусан парастиши китоб дар Эрон despite онҷунон аст, ки мегӯед, модар кӯдакашро парпеч кардаву аз боду борон паноҳ медорад. Китобро ин гуна мепарастанд ва ба китоб чун ба меҳроб саҷда мекунанд».

! Истилоҳи **тақриз** дар фарҳанг ба маънои баҳо додан ба навиштаҳои касе тафсир шудааст. Тақриз ба асар, мақола ва тадқиқоти илмӣ навишта мешавад. Дар он ҳам ҷиҳатҳои хуб, ҳам нуқсону норасоиҳои он зикр меёбад.

**Аннотатсия** маълумоти мухтасар дар бораи мақола ё китоб аст. Он аз чанд ҷумла иборат буда, масъалаҳои асосии мундариҷаи мақола ё китобро дар бар мегирад. Чунончи, маълумотномаи китоби М. Шакурӣ «Ҳар сухан ҷоеву ҳар нукта мақоме дорад» дар паси нахустварақи китоб ба тарзи зайл омадааст:

«Маданияти баланди ҷамъият ва пешрафти маънавии онро бидуни забони иқтидорманде тасаввур наметавон кард. Ҳастии таърихии халқ ва ҷустуҷӯҳои бардавоми маънавии ӯ дар оинаи забон акс андохтааст. Пас, ин оинаро тозаву беғубор бояд нигоҳ дорем, то ҳастии маънавии худро аз он бинем ва барои такмили худ кӯшем. Чунинанд андешаҳои муаллифи ин китоб доир ба масъалаҳои забон ва тарзи баён».

Маълумотномаи китоби Мирзо Турсунзода «Ошёни баланд» чунин аст:

«Ошёни баланд» гулдастаест аз чаманистони табъи саршори Шоири Халқии Тоҷикистон Мирзо Турсунзода. Шоир дар шеърҳояш одамонеро васф менамояд, ки бо меҳнати қаҳрамононаи худ ҳам сарвату ҳам обрӯю эътибори кишвари азизашонро афзун мегардонанд».

**158. Мулоҳиза кунед, ки магар маълумотномаҳои боло мӯҳтавои асосии китобҳои М.Шакурӣ ва М.Турсунзодаро пурра инъикос мекунанд. Агар навиштани маълумотномаи он китобҳоро ба шумо мефармуданд, ба он боз чӣ илова мекардед?**

**159. Ба як-ду китоби дарсӣ ва ба ягон асари бадеӣ, ки мутолиа кардаед, маълумотнома нависед.**

? **Саволи тестӣ:**

Ин ёддошти ҳунарманди маъруфи саҳнаи тоҷик Марям Исоева кадом навъи матн аст?

«Кори дипломии мо асари Островский «Камбағалӣ айб нест» дар Маскав баҳои баланд гирифта буд. Маҳмудҷон дар он нақши Митяро бозӣ мекард. Дар як лаҳзаи намоиш «Ман он пулҳоро ба модарҷонам мефиристам», – гуфту аз чашмонаш ашк рехт. Ин ҳолати ӯ тамошобинонро сахт муассир карда буд. Баъди баргаштан ба Тоҷикистон, ҳар гоҳ ки он асар намоиш дода мешуд, ҳамон ҳолат

ба ӯ рӯй медод. Боре, баъди ба охир расидани  намоиш пурсидам: «Чаро дар ҳамин лаҳзаи намоиш  гиря мекунӣ?» Бо овози ҳазин гуфт: «Ман модар надорам. Аз меҳру навозишҳои модар барвақт маҳрум мондаам!»

а) тасвирӣ
б) иттилоотӣ
в) нақлу ривоятӣ
г) муколамавӣ
ғ) муҳокимавӣ

## УСЛУБШИНОСӢ ВА ҲУСНИ БАЁН ЧИРО МЕОМӮЗАД?

! Услубшиносӣ як соҳаи илми забон аст. Вай бо мафҳумҳои забони маданӣ ва забони адабӣ алоқамандӣ дорад.

Забони маданӣ забони халқест, ки ба пояи баланди тамаддун расида, мақоми забони давлатиро соҳиб шуда бошад. Вай заминаи таълими мактабист ва забони нисбатан пойдор буда, дар тамоми қаламрави маҳалли муайян интишор меёбад ва шеваҳоро фаро гирифта, ҳазм мекунад.

Забони адабӣ ё меъёрӣ (забони қолабӣ ё стандартӣ) забонест намунавӣ ва ба маром даромада. Меъёрҳои он бебаҳс буда, риояи онҳо барои ҳамаи соҳибзабонон ҳатмист. Забони адабӣ ба лаҳҷаҳову забони авом муқобил гузошта мешавад.

А. П. Чехов чунин мешуморад: «Барои ҳар фарди бамаърифат бемаънӣ ҳарф задан мисли айбест, ки кас хондану навиштан натавонад».

Ҳадафи услубшиносӣ ин аст, ки ба соҳибзабонон нозукиҳои забони модариашро ёд дода, ба онҳо ҳунари беғалат ва шево хаттӣ ё шифоҳӣ ифода кардани фикрро омӯзад. Як мисол: Саодат башаст номаро кашида гирифта, бетоқатона, бо дастони ларзон давомашро хонд. Дар ин ҷумла зоҳиран ягон калима ғалат нест, сохти ҷумла ҳам нуқсон надорад. Вале нигоранда «номаро башаст кашида гирифта» гуфтааст. Агар вай медонист, ки маънои нозуки феъли *рабудан* ҳамон амал

(башаст кашида гирифтан) аст, ба ҷойи як калима азоб кашида се калимаро кор намефармуд.

Аён аст, ки аз чунин нозукиҳои маънои сухан на ҳама, бахусус ҷавонон, огоҳии комил доранд. Аз ҳамин сабаб услубшиносӣ ва ҳусни баёнро омӯхтан ба ҳар фарди ҷомеа воҷиб аст.

Ҳусни баён ё маданияти сухан (культура речи) низ як соҳаи илми забон буда, ҳадафи он дар амал ҷорӣ намудани меъёрҳои забони адабии муосири тоҷикӣ ва услубҳои он дар бобати талаффуз, навишт ва истифодаи вожаҳо, қоидаҳои калимаю шаклсозӣ, ибораву ҷумлабандӣ аст. Ҳусни баён ба соҳибзабонон ёрӣ медиҳад, ки аз забони модариашон беғалат ва моҳирона фоида бурда, бад-ин васила савияи забондонӣ ва маҳорати суханварии худро такмил диҳанд ва онҳо нагузоранд, ки ин сарвати бебаҳо, ки аз гузаштагони худ ба мерос гирифтаанд, осеб бинад.

Забон вазифаи худро чун василаи мубодилаи фикрии одамон ду тариқа: шифоҳӣ ва хаттӣ адо мекунад. Дар ҳар ду тарзи ифодаи фикр чунин вожаю таъбирҳо фаровон истифода мешаванд, ки доираи васеи истеъмол дошта, ҳам дар гуфтору ҳам дар навиштор маъмулу маъруфанд. Онҳоро унсурҳои умумиистеъмоли забон меноманд. Чунин калимаҳо мафҳумҳои ашё, аломат, амалу ҳолатро холисона ё беғаразона ифода мекунанд:

Ду рухсорат гул асту мижаат хор,
Халад хори гулат бар ин дили зор (Лоҳутӣ).

Дар ин байт калимаҳои *ду, рухсор, мижа, дил, гул, хор, зор, халидан* доираи васеи истеъмол доранд, дар гуфтору навиштор ба кор бурда мешаванд. Калимаи *рухсор* аз муродифи *рӯй* бо тобиши маъно ва обуранги ҳиссии мусбат фарқ мекунад. Рухсор на тамоми рӯй, балки як ҳиссаи болоии он аст, ки сурхии онро шоир ба ранги гули садбарги сурх монанд кардааст. Агар калимаи *рӯй* мафҳумро холисона ифода кунад, дар *рух (рухсор, рухсора)* муносибати мусбати шоир низ ифода

ёфтааст. Дар ду рухсор ҳусни табиии инсон таҷаллӣ мегардад, бинобар ин шоирон онро бештар ба маъшуқа нисбат медиҳанд.

Мисоли дигар:

Ду ҳамсояи нав – Ҳайити *дароз* ва Саиди *пакана* – дар қафои бинои чорошёна бӯрё барин – бӯрё барин замин ҷудо карда, онро бо симхор печонданд.

Дар ин матн сифатҳои *дароз* ва *пакана* ба ҷуз мафҳуми аломат (баланду пастии қади инсон) сарбории маъно доранд, ки онҳо муносибати гӯяндаро ба шахс (ҳамсояҳои нав) ифода мекунанд. Он сарбории маъноро дар услубшиносӣ обуранги ҳиссии калима меноманд. Баҳои гӯянда ё обуранги ҳиссии калима мусбат ё манфӣ мешавад. Сифати *пакана* обуранги ҳиссии манфӣ дорад. Сифати *дароз* аслан калимаи мӯътадилмаъно буда (чунончи, арғамчини *дароз*), дар ифодаи баландии қади инсон обуранги ҳиссии манфӣ пайдо кардааст.

Дар калима обуранги замон (гузашта ва имрӯза), маҳал (мавзеи зисти одамон), обуранги иҷтимоӣ (хоси гурӯҳҳои ҷудогонаи ҷомеа) низ инъикос меёбад: *муллобача – студент – донишҷӯ, ангушт – чилик – лелак , пул – малах.*

Дар тағйири ҷойи муқаррарии аъзои ҷумла (инверсия) низ имконоти услубии наҳви забони тоҷикӣ, нозукиҳои ифодаи фикр ниҳон аст: Меҳмонони мардинаро *падарам, амакам, бобои модариам, тағоиҳоям* ва *дигар хешовандон* “Хуш омадед!” мегуфтанд, меҳмонзанонро *модарам, модаркалонам, занони тағоиҳоям* ва *зани амакам* меҳмондорӣ мекарданд (С.А.). Дар ин ҷумлаи мураккаби пайвасти бепайвандак нависанда аз имконоти услубии муродифоти луғавӣ, калимасозӣ ва грамматикӣ моҳирона истифода бурдааст. Таъбири *“Хуш омадед” гуфтан* моҳиятан бо феъли таркибии *меҳмондорӣ кардан* ва ибораи *меҳмонони мардина* бо калимаи мураккаби *меҳмонзанон* аз лиҳози қолаби ифода ба амали муштарак ва ба як мафҳуми шахс далолат мекунанд. Агар нависанда ду маротиба *меҳмондорӣ мекарданд* ва *меҳмонони занина* мегуфт,

такрори бемавқеи таъбир ё калима рух медод, бинобар ин муаллиф тарзҳои гуногуни ифодаро ба кор бурдааст.

Дар таркиби ҷумлаҳои содаи дохили ҷумлаи мураккаб мубтадоҳои чидаи *падарам, амакам, бобои модариам, тағоиҳоям, дигар хешовандон* ва *модарам, модаркалонам, занони тағоиҳоям, зани амакам* аз аввали ҷумла ба паҳлуи хабар (пас аз пуркунандаҳои чида) кӯчонида шудаанд, зеро таъкид шуданист, ки *киҳоро* маҳз ***киҳо*** пешвоз гирифтаанд. Дар тартиби номбар кардани ҳайати пешвозгирандагон низ мақому эътибори оилавии аъзои хонавода ва хешовандон аз назари муаллиф дур намондааст, яъне пешвозгирандагони мардина аз *падарам* ва пешвозгирандагони меҳмонзанон аз *модарам* оғоз меёбад.

Аз матн аён мегардад, ки ба ҷуз алоқаи мувофиқати сараъзоҳо, мувофиқати аъзоҳои дигари ҷумла ҳам вуҷуд доштааст, ки риоя накардани он боиси ғалати грамматикии матн хоҳад шуд: *амакам – зани амакам* (шахси сеюми шумораи танҳо), *тағои**ҳо**ям – зан**они** тағои**ҳо**ям* (шахси сеюми шумораи ҷамъ).

Дар таълими сохти грамматикии забон чунин нозукиҳои ифодаи матлаб сарфи назар мегарданд, зеро онҳо, ба қавли В. Г. Белинский, вазифаи грамматика нестанд, балки мавзӯи баҳси "синтаксиси олӣ", яъне услубшиносӣ маҳсуб мешаванд.

## УСЛУБҲОИ ЗАБОН

1. Услубиёти забон дар бораи чӣ баҳс мекунад?
2. Забони гуфтугӯ ва забони хаттӣ (китобӣ ё адабии китобӣ) ду услуб аст ё ду тариқа вазифаи худро адо кардани забон?
3. Забони хаттӣ чӣ тарз ба вуҷуд омад?
4. Байни шифоҳӣ ва хаттӣ ифода кардани фикр чӣ гуна фарқҳо мавҷуданд?
5. Услубҳои баён кадоманд?
6. Услуби бадеӣ аз дигар услубҳои баён чӣ фарқ дорад ва хусусияти луғавию грамматикии он чист?
7. Услуби рӯзноманигорӣ (публисистика) чист ва чӣ хусусияти луғавию грамматикӣ дорад?

8. Услуби расмӣ (коргузорӣ ё дафтардорӣ – конселярӣ) чист ва чӣ хусусияти луғавию грамматикӣ дорад?
9. Услуби илмӣ чист ва ду шохаи он – илмии оммавӣ ва илмии тадқиқотӣ аз ҳамдигар чӣ фарқ доранд?
10. Тафовути услуби муошират аз дигар услубҳои баён дар чист?

**!** Маълум аст, ки забон дар марҳалаи аввали пайдоиш шифоҳӣ (гуфтугӯйӣ) буд. Баъд аз пайдо шудани хат тадриҷан байни гуфтору навиштор тафовут ба вуҷуд омадан гирифт ва бо мурури замон дар натиҷаи рушди маънавии ҷомеа он фарқ фузунтар гардида, тарҳи забони гуфторӣ ва навишториро гирифт.

Мубодилаи шифоҳии фикр одатан ба тариқи муколама (диалог) сурат мегирад. Дар муколама оҳанги гуфтор: наво (пасту баландшавӣ), суръат ё тамдид (вақте, ки дар талаффузи ягон порчаи овозӣ сарф мешавад), танфис (ист ё қатъ шудани талаффуз бинобар эҳтиёҷоти нафасгирӣ), қувва (ки барои талаффузи овозҳо сарф мешавад), танин (сифати талаффузи овозҳо), задаи таъкид хоси табиати нутқ ё гуфтор буда, аҳамияти хоса касб мекунад.

Мутакаллим оҳанги гуфторро тағйир дода ба мазмуни ҷумла тобишу ҷилоҳои нав ба нави маъноӣ медиҳад, муносибат ва эҳсосоти худро нисбат ба фикри баёншаванда ифода мекунад. Забони хаттӣ дар ифодаи фикр аз ин имконоти муҳими нутқ камтар бархурдор мегардад, зеро он чанд аломати китобат олами рангоранги оҳанги гуфторро пурра ифода карда наметавонад.

Дар нутқ илова бар овоз ва оҳанг воситаҳои ёвари ғайризабонӣ ҳам истифода мешаванд, ки ҳаракатҳои кинетикӣ (имою ишора) ва мимикии чашму абрӯ, ҷабин, лабу даҳон аз ҷумлаи онҳост. Муҳит, вазъият, авзои мусоҳибон дар ҳангоми суҳбат ё, бо таъбири дигар, ҷараёну мароми сухан низ ба равшан ифода кардани мақсад ва эҳсосоти гӯянда, зинда ва таъсирбахш баромадани нутқ мадад мерасонад. Ҳамин гуна воситаҳои овозию ғайриовозии лаҳзаи гуфтор имкон медиҳад,

ки дар нутқ баъзе калимаю иборахо ихтисор гарданд, фикр бо ҷумлаҳои нопурра ва ҳатто нотамом ифода ёбад:

Хиромон ишора намуд, ки Иброҳимҷон наздиктар нишинад.

– Акаам мегӯяд, ки ба шумо паспорти нав гирифта додааст. Бо фамилияи нав. Рост?

Хиромон бо тасдиқ сар ҷунбонид.

– Духтур таъйин кардааст, ки паст-паст гап занам, – гуфт ӯ.

Иброҳимҷон ба бемрони бистарии палата, ки ҳар кадоме ба ҳоли худ буд, назаре афканд ва гуфт:

– Боз беҳтар. Яъне ман гуфтанӣ, ки…

– Фаҳмо, Иброҳимҷон. Гӯед, ки ба шумо чӣ шуд?

– Ҳеҷ. Ба ҷойи коратон омада, манораки чаппагардонро дида гумон кардам, ки… Хиромон, ман бе шумо мемурам… Гуфта будам-ку, дилам ким-чӣ хел суст шудагӣ (Ф.М.).

Азбаски ҷараёни нутқ фурсати бамулоҳиза интихоб карда гирифтани калима ва мувофиқи талаботи фикр сохтани ҷумла намедиҳад, табиист, ки ҳангоми гуфтор баъзан калимаҳо такрор ва бемавқеъ кор фармуда мешаванд, ҷойи аъзоҳои ҷумла тағйир меёбад, ҷумлаҳо ноқис, ҳатто бемантиқ мебароянд.

**160. Матни зеринро бо матни супоришҳои 146, 147 ва 157 муқоиса карда, бигӯед, ки магар дар ҳар се матн ҳам ҳадафи муаллифон дар бобате иттилоъ ё маълумот додан нест. Вале дар кадом матнҳо ҷанбаи талқин намудани фикре, ташвиқу тарғиб кардани он, ба хонанда таъсир расондан, ӯро ба амале водор намудан қавитар ифода ёфтааст?**

Доктор Саидмуҳаммади Акрам, устоди забони форсии Донишгоҳи Панҷоб дар хусуси қисмати забони форсӣ дар сарзамини пурвусъати Ҳинд дар асрҳои XIII-XIX дар «Иқбол дар роҳи Мавлавӣ» ном китобаш навиштааст:

«Забоне, ки барои аъсори мутаволӣ (асрҳои тӯлонӣ) забони расмии кишвар буд, забоне, ки ёд гирифтани он муҷиби ифтихор ва мубоҳот (сарфарозӣ) шумурда мешуд, забоне, ки азизтар аз забони мазҳабӣ ба шумор мерафт, забоне, ки аз

забони модарӣ ҳам ширинтар пиндошта мешуд, забоне, ки забони шеър буд, забони завқ буд, забони дил буд ва забони рӯҳ буд, дар диёри худ ғариб, аҷнабӣ ва ношинос гардид. Ин достонест ғамангез ва риққатафзое, ки қалам бар он мегиряд».

**!** Дар матнҳои супоришҳои 146 ва 147 матлаб бо услуби баёни илмӣ, вале дар матни супориши 157 бо услуби баёни илмии оммавӣ, ки ба сабки рӯзноманигорӣ созгор аст, ифода меёбад.

Дар ин услуби баён калимаҳои адабии умумиистеъмол, унсурҳои луғавию фразеологии забони адабии гуфтугӯ (*овони ҷавонӣ, даст бар сина кӯфтан, дасту остин барзадан*), истилоҳоти сиёсию иҷтимоӣ (*миллат, ҳаммиллат*), дар ифодаи мафҳумҳои илмӣ як миқдор истилоҳ (*матн, шарҳ, фарҳанг, луғатнома, забон, забони модарӣ)* ба кор бурда мешавад. Баёни фикр ба тариқи хабар додан ё нақлу ривоят сурат мегирад. Рушди маънавии ҷомеа рӯзноманигорро водор месозад, ки барои ифодаи мафҳумҳои тоза мудом дар ҷустуҷӯйи калимаю истилоҳоти нав бошад (*фарҳангиён, фарҳангпарастон*) ё ба калима, истилоҳ ва таъбирҳои маъмул таҷдиди назар кунад (*зодманд* ба ҷойи *волидайн*и арабӣ). Мақсади муаллифи мақола дар қолаби ҷумлаҳои содаи тафсилӣ, пурра ва ҷумлаҳои мураккаби начандон сертаркиб ифода меёбад. Бо мақсади талқини андеша ва таъсир расонидан ба шунаванда аз воситаҳои муассири наҳвӣ: муроҷиат ба хонанда (*инсоф кунед, мо ҳам одамем*), такрори баъзе аъзоҳои ҷумла (такрори муайянкунандаи соҳибии *мо* дар таркиби хабари номӣ: Сино ҳаммиллати *мост*, шаъну шарафи *мост*, обрӯю ифтихори *мост*), саволи риторикӣ (*Оё ин фарҳанг танҳо барои фарҳангиён ва фарҳангпарастон аст?..*)

Матни охирин, ки бо сабки нигориши забони муосири форсӣ навишта шудааст, як миқдор калимаю истилоҳоти ба чашми хонандаи тоҷик ноошно, ба мисли *аъсори мутаволӣ, мубоҳот* ба кор рафтааст. Вале ғараз аз ифодаҳои маҷозии *забони завқ, забони дил, забони рӯҳ, қалам бар он мегиряд,* так-

рор ба такрор омадани *забони*... ҷозибанок ифода намудани матлаб ва таъсир расонидан ба хонанда аст. Ин ҳама воситаҳои луғавию маъноӣ ва грамматикии муассири баён кардани мақсад аломатҳои сабки рӯзноманигорист.

**161. Адибон бо мақсади воқеӣ тасвир намудани муоширати одамон дар муколамаи қаҳрамону персонажҳои асари худ аз унсурҳои забони зинда истифода мебаранд. Дар матни зерин чӣ гуна хусусиятҳои забони гуфтугӯ мушоҳида мешавад?**

– Момаи Гулбону! Ҳо, момаи Гулбону!

– Э, бача, кистӣ? Ку биё, ранги рӯта бинам, – аз хона овоз дод кампир.

– Мо тӯй дорем. Боз нагӯед, хабар накард…

– Тӯй дорен? Муборак бошад!... Бачаи кистӣ?... Чашм нарасад, деҳамон шаҳр вори калон шудаст. Баъзе бачаҳоро томоман намешиносам-е.

– Маро нашинохтӣ, мома? О ман—писари Латифи подабон…

– Эъ, Хуршедӣ? Ай Худо чашмома бигира-е. О ту набераи худам-ку… Момат пири фартут, фаромӯшхотир шудааст… Ҳоли ба доди мо бирасӣ, чӣ будани балои пирира мефаҳмӣ, масхарабоз! (А.С.).

**!** Дар гуфтугӯ бештар калимаю ифодаҳои халқӣ, лафзҳои шевагӣ, калимаю истилоҳоти касбу кори гуногун, суханҳои дурушти кӯчагӣ (ҳақорат, дуои бад), калимаю ифодаҳои бегона, ки ба меъёри забони адабӣ мутобиқ нестанд (варваризмҳо: астановка, абед кардан, эгзамин супоридан…) ва ғайра ба кор бурда мешаванд. Дар матни боло ифодаи мардумии *ба доди мо бирасӣ* – ба синни мо бирасӣ, талаффузи ғайриадабии калима: *мома* – момо, *ҳоли* – ҳоло; унсурҳои грамматикӣ: *ранги рута* – ранги рӯятро, *тӯй дорен* – тӯй доред, *деҳамон шаҳр вори* – деҳаамон шаҳр барин, *Худо чашмома бигира-е* – Худо чашмҳоямро бигирад-е, *балои пирира* – балои пириро омадааст. Чунин унсурҳои ғайриадабӣ барои

фардӣ кардани суханронии пиразан ба кор бурда шудаанд. Нависанда ин корро хеле эҳтиёткорона кардааст, то ки баёни фикр барои кулли хонандагон фаҳмо бошад ва забони адабӣ осеб набинад.

Забони гуфтугӯ аз ҷиҳати истифодаи унсурҳои шаклӣ (морфологӣ) ҳам фарқ мекунад. Чунончи, маънои ҷамъи исмҳо бештар бо ёрии пасванди *–ҳо*, дараҷаи олии сифат бо таркиби *аз ҳама* (*аз ҳама калон*, на *калонтарин*) ва такрори сифат (*калони калон*), шахси якуму дуюми ҷамъи ҷонишинҳо бо шаклҳои *моён (моҳо), шумоён (шумоҳо)* ифода меёбад. Аз қабили *кор карда гаштааст, навиштан дорад, омада монд* феълҳои таркибӣ, ки маъноҳои грамматикии давомнокӣ ва мутлақияти амалро мефаҳмонанд, низ бештар дар забони гуфтугӯ истифода мешаванд. Ба шакли кӯтоҳ талаффуз шудани феълҳои таркибӣ низ хусусияти лаҳҷаҳои забони тоҷикист: рафта истодаам – *рафсодиям* (Хуҷанд, Конибодом, Сӯх, Риштон), *рафсосиям* (Исфара), *рафтесам* (Балуч), *рафсиям* (Шурмашк, Пасруд, Пинён), *рафсем // рафсодем* (Бухоро, Самарқанд), *рафсем // рафсогам* (Панҷакент, Зебон), *рафсокам* (Понғоз, Шайдон, Ашт), *рафсекам* (Чуст, Варзик, Косон), рафтистам (Кӯлоб, Восеъ, Данғара, Ёвон) дар матни боло (*тӯй дорен,* яъне “шумо тӯй доред, тӯй мекунед”).

Дар забони гуфтугӯ фикр бо ҷумлаҳои содаи яктаркиба ё дутаркибаи начандон тафсилёфта, нопурра, ҷумлаҳои мураккаби бепайвандак, ки ҷузъҳои зиёдро дар бар намегиранд (дар матни боло: Боз нагӯед, (ки) хабар накард), ифода меёбад. Дар гуфтор ҷойи муқаррарии аъзоҳои ҷумла тағйир меёбад.

**162. Давоми мактуби кушоди устод Айниро мутолиа кунед ва бигӯед, ки муносибати забони адабӣ бо лаҳҷаҳо бояд чӣ гуна бошад ва нависанда унсурҳои лаҳҷагиро бо чӣ мақсад ва то кадом андоза ба кор барад. Дар заминаи маводи матн ва асари бадеие, ки мутолиа кардаед, дар ҳаҷми як-ду саҳифа андешаҳои худро доир ба ҳамин масъала нависед. Баъд аз як-ду бор бо овоз хонда, нуқсонҳояшро ислоҳ кардан мундариҷаи навиштаатонро ба ҳамсабақон баён кунед:**

«Дар ин ҷо… як роҳи инкишофи забони адабиро ҳам қайд кардан мехоҳам. Ин кор фармудани луғатҳои маҳаллӣ аст. Ба фаҳми ман, дар кор фармудани луғатҳои маҳаллӣ бисёр эҳтиёт кардан, аммо чизҳои нағзи онро аз назар нагурезондан лозим аст. Дар лаҳҷаҳои маҳаллӣ монанди «иби»-и (нидое, ки дар мавриди тааҷҷуб, тарс, шодӣ ва ғайра ба чандин оҳанг ба сухан илова мешавад) бухороиён (бухорогиён не!) калимаҳое ҳастанд, ки қобилияти умумӣ шудан надоранд ва ин гуна калимаҳоро танҳо дар порчаҳои ҳаҷвӣ кор фармудан мумкин аст. Аммо дар забонҳои маҳаллӣ баъзе калимаҳо ҳастанд, ки клосиконаанд, бо вуҷуди дар як маҳал зинда будани он гуна калимаҳо онҳо ба дараҷае клосиконаанд, ки баъзе касони бехабар онҳоро «забони қадимии мурда» мепиндоранд ва дар орхоизм (луғати куҳна – архаизм) медароранд. Чунончи, «гусел» дар Ленинобод, дар байни авоми бесавод кор фармуда мешавад. Аммо бухороиён дар ҷойи ин калима «узот»-ро кор мефармоянд. Вазифаи нависандагон ин гуна калимаҳоро умумӣ кардан аст».

## УСЛУБИ БАДЕӢ

**163. Матни услуби бадеиро беғалат қироат кунед ва бигӯед, ки дар интихоб ва мавқеи истеъмоли калима, унсурҳои калимаю шаклсозӣ, қолабҳои ҷумлабандӣ ва ороиши сухан кадом хусусиятҳои он услуб мушоҳида мешаванд.**

Ин андешаҳо ва мулоҳизаҳо хирмани сабр ва шикебоии Бибиоишаро ба бод медод(4). Баъд аз соате, ки Одина аз хона дур шуд, Бибиоиша хост ба ҳой-ҳой гириста нола ва фарёд бароварад, лекин, аз он ҷое ки ин гуна фарёди бемаҳал сабаби фош гардидани рози Одина ва боиси гирифториаш мешуд, ночор оҳи сарде аз дили пурдард кашида, лаб фурӯ баст(4). Аммо чунон лаб фурӯ бастане, ки дарунаш аз оташи ҷудоӣ(1) ва фироқ чун кӯраи ангиштгарон(2) аланга мезад. Оре(3), аз ду чашми хунбораш(2) сиришк равон шуда, кӯшиш мекард, ки ин оташро ба қадре фурӯ нишонад(1) (С.А.).

? 1) Кадом пайвандаки хилофӣ вазифаи ҷумлабандиро ва кадоме вазифаи матнсозиро ба ҷо овардааст?
2) Пайвандаки *аз он ҷое ки* дар забони адабии имрӯзаи тоҷикӣ ба кор бурда мешавад?

! Матн ба шохаи насри услуби адабиёти бадеӣ тааллуқ дорад. Нависанда дар он ҳолати рӯҳии қаҳрамони асарро тасвир намудааст, бинобар ин баёни фикр дар чорчӯбаи забони меъёрӣ сурат мегирад. Муаллиф баробари калимаҳои умумиистеъмоли *соат, дил, лаб*, *чашм, бемаҳал, пурдард, дарун, ночор, дур шуд, гириста* ва ғайра калимаҳои адабии китобии *роз, гирифторӣ, сиришк, хунбор, фурӯ нишондан*, калимаю истилоҳоти касбӣ, ки доираи истеъмолашон хеле маҳдуд аст: *кӯра, ангиштгар*, воҳиди фразеологии гуфтугӯйии *ҳой-ҳой гиристан*, *оҳ кашидан* ва адабии китобии *лаб фурӯ бастан*ро ба кор бурдааст. Муродифҳои луғавии *гиристан, нола ва фарёд кардан* бо тобишҳои маъно аз ҳамдигар фарқ мекунанд. С.Айнӣ онҳоро дар як ҷо оварда, мафҳуми ҳолатро пурра ифода кардааст. Муродифҳои *ҷудоӣ* ва *фироқ* низ бо тобиши нозуки маъно аз ҳамдигар фарқ мекунанд, бинобар ин дар матн пайиҳам омада, маъноро пурратар мекунанд. Муродифҳои *сабаб // боис* бо мақсади гурез аз такрори калима кор фармуда шудаанд.

Дар ин матн бо мақсади муассир тасвир намудани ҳолати рӯҳии қаҳрамони асар аз маҷоз: *оҳи сард, оташи ҷудоӣ ва фироқ, сиришк... кӯшиш мекард, ки оташро фурӯ нишонад*, киноя: *чашми хунбор*, ташбеҳ: *монанди кураи ангиштгарон*, саҷъ: *оҳи сард аз дили пурдард кашида* истифода шудааст.

Нависанда ҳолати рӯҳии Бибиоишаро бо ҷумлаҳои мураккаб батафсил баён мекунад. Бо пайвандаки *аз он ҷое ки* ба сарҷумла алоқаманд намудани ҷумлаи пайрави сабаб низ унсури грамматикии забони адабии китобист, ки дар забони имрӯза доираи истеъмоли он маҳдуд гардидааст. Ҷумлаеро бо сухане ба поён расонида, ҷумлаи дигарро бо айни ҳамон

суханон оғоз намудан яке аз он воситаҳои муассири наҳвӣ – такрори силсилабанд (аннодоплозис) ба шумор меравад: ***... лаб фурӯ баст**, аммо чунон **лаб фурӯ бастане...*** Бо ҳиссачаи *оре* тақвият бахшидан ба тасдиқи фикри қаблан ифодаёфта низ баёни матлаб ва тасвири ҳолатро таъсирбахш мегардонад: ***Оре**, аз ду чашми хунбораш...*

**164. Матни зеринро бо матни боло муқоиса кунед ва хаттӣ шарҳ диҳед, ки Аҳмади Дониш либос, асбоби зебу ороиш ва ҳусну ҷамоли занро чӣ тарз тасвир кардааст. Дар матн матлаб ба тариқи ҳикоят, тасвир ва ё муҳокима ифода ёфтааст?**

Аз он ҷо ки либоси занони он диёр то камар танг аст ва аз камар то доман фарох, то ба ҳадде ки, агар аз дари хона дарун шаванд, доман аз даҳлез берун бувад(4,7). Ва аз таҳти камарбанди(2) худ аз риштаи ҳарир миёнбанде(2) дигар доранд… Ва бар гӯш овезаи(2) алмос ва дурр(1) ва булӯр ва тиллои тӯлонӣ. Ва сафҳаи баногӯш, ки аз ғояти сафо раг ва ҳаракати хун аз таҳти ҷилои он дида мешавад, чун шуои овеза бад-он(1) зам гардад, шамъе дар муқобили оина аст(4). Бад-он зебу зиннат(1) чун бархезанд(2), ақл аз кохи димоғ ба парвоз ояд ва чун бинишинанд, ҷон дар ҳуҷраи дил хомӯш гардад(4).

**Луғат:**
Тӯлонӣ – дароз.
Сафо – равшанӣ.
Сафҳа – саҳифа, рӯйи вараќи китоб, дафтар; рӯйи (сатҳи) ҳар чиз. Дар ин ҷо ба маънои рӯйи пӯсти сафед ва шаффофи зери баногӯши зани соҳибҷамол омадааст.

?

1) Чаро чанд ҷумлаи матн бо пайвандаки *ва* оғоз ёфтааст?
2) Дар ифодаҳои *ақл аз кохи димоғ ба парвоз ояд, ҷон дар ҳуҷраи дил хомӯш гардад* кадоме аз калимаҳо ба маънои аслӣ ва кадоме ба маънои маҷозӣ омадааст?
3) Пайвандакҳои *аз он ҷо ки* ва *то ба ҳадде ки* кадом хели ҷумлаҳои пайравро бо сарҷумла алоқаманд кардаанд?

**165. Шеърро фасеҳ қироат намуда, мазмунашро нақл кунед. Сипас шарҳ диҳед, ки байни ин ду тарзи ифодаи як мазмун чӣ тафовут ба вуҷуд омад.**

Дилбари моҳпайкари худро
Дидам андар(3) чаман, ки гул мечид(4).
Хори гул дасти он парирӯро
Карда маҷрӯҳу ӯ механдид(4).
Гуфтамаш(4): «Ханда чист?» Гуфто: «Гул
Беҳтар аз худ наметавонад дид» (Адиб Фароҳӣ).

1) Кадом калимаҳо хоси забони назм (поэтизм) аст?
2) Вожаи *дилбар* дар ин ҷо бо калимаи *гул* чӣ гуна муносибати маъноӣ пайдо кардааст?
3) Тавсифи *парирӯ*ро шоир бо чӣ мақсад кор фармудааст?
4) Пайвандаки пайвасти пайиҳами ***-у*** чӣ тобиши маъно зоҳир кардааст?
5) Мазмуни ҷумлаи «Гул беҳтар аз худ наметавонад дид»-ро ба тарзи дигар ифода кунед.

**166. Мазмуни ҷумлаи зерин чист? Бо суханони худ ба дафтар нависед ва шарҳ диҳед, ки ҳамон мазмунро адиб бо кадом унсурҳои муассири забон ва санъатҳои сухан ифода кардааст? Чунин сабки нигориш хоси назм, насри ривоятӣ ё насри бадеии муосир аст?**

Он лолаузор беихтиёр чун абри баҳор сиришки хунини монанди дурри шоҳвор бар сафҳаи рухсор фурӯ рехт.

1) Маънои калимаи лолаузор ва ибораҳои *сиришки хунин*, *дурри шоҳвор*, *сафҳаи рухсор* чист?
2) Ибораи *абри баҳор* бо *сиришк, дурр* бо *рухсор* чӣ таносуби маъноӣ дорад?
3) Бо чунин санъати лафзӣ тасвир ёфтани ҳолати шахсро кадом навъи наср меноманд?

**167. Матнҳои зерин ба кадом услуби баён тааллуқ доранд ва дар онҳо чӣ гуна унсурҳои луғавию маъноӣ ва грамматикии хоси ҳамон услуб мушоҳида мешаванд?**

1. Ҳарчанд дар хона пинҳон мемонам, охир мебояд, ки як рӯз ба ёру диёр хайрбод гуфта, аз висоли Гулбибӣ *дил канда* ба вилоятҳои ғурбат биравам, лекин барои ман *ҷон кандан* назар ба *дил кандан* аз Гулбибӣ осонтар аст (С.А.);

2. Чун хуршед сипари заррин барафрошт ва ҷаҳон равшан гашт, Сӯҳроб зиреҳ бар тан пӯшида, аспи кӯҳпайкарашро савор шуд,... теғи ҳиндӣ бар миён баст ва бар фарози тале баромада, ба лашкаргоҳи Ковус назар андохт (Достонҳои “Шоҳнома”);

3. Бод гулбез шуду бар сари гул жола чакид,
Об дар ҷӯю зи пероҳани ҷӯ сабза дамид.
Гул зи рух пардаю наргис ба чаман чашм кушод,
Сарву шамшод қаду мурғи чаман нола кашид.
Хуррам он дил, ки баҳорон пайи тартиби димоғ
Бонги мурғи чаману бӯйи гули тоза шамид (Камол).

?

1) Таъбирҳои *дил кандан* ва *ҷон кандан* чӣ гуна воҳиди забонанд? Нависанда онҳоро бо кадом мақсад ба тарзи қиёс кор фармудааст?
2) Калимаи *ғурбат* ба кадом маънӣ омадааст ва аз лафзи гуфтугӯйии *ғурбат накун* чӣ тафовути маъноӣ дорад?
3) Дар матни 2 калимаҳои *сипар, зиреҳ, теғи ҳиндӣ, лашкаргоҳ* чӣ хусусияти услубӣ ва бо номҳои *Сӯҳроб* ва *Ковус* чӣ нисбат доранд?
4) “...хуршед сипари заррин барафрошт” чӣ маъно дорад ва чаро адиб чунин гуфтааст?
5) Дар матни 3 амали феълҳои *чакид, дамид, кушод, кашид* ва *шамид* ба чиҳо нисбат дода шудааст?
6) “пироҳани ҷӯ” чист?
7) *Бонги мурғи чаман* аз *нола*и он чӣ тафовути тобиши маъно дорад?

Акнун *пушаймонӣ суд надошт* ва *афсӯсу дареғ фоида намебахшид*, чунки *тир аз камон* бар хато *ҷаста* ва *мурғи матлаб аз дом раста* буд (С.А.).

?

1) Калимаҳои *суд* ва *фоида* чӣ гуна вожаанд, *пушаймонӣ суд надошт* ва *афсӯсу дареғ фоида намебахшид* ба ҳамдигар чӣ муносибати маъноӣ доранд ва нависанда онҳоро бо кадом мақсад ба кор бурдааст?
2) *Тир аз камон ҷаста* ва *мурғи матлаб аз дом раста* кадом воҳиди забонанд ва бо ҳамдигар чӣ муносибати маъноӣ доранд?
3) Калимаи наздикталаффузи *растан* аз *рустан* чӣ тафовути маъноӣ дорад?

**168. Дар матнҳои зерин нависандагон аз кадом имконоти муассири луғавию маъноии ифодаи фикр истифода кардаанд?**

Тобут монанди шутури пурбор бисёр ба оҳистагӣ роҳ мерафт. Оре, ин тобут пурбор буд, лекин бораш на он боре буд, ки бо қувваи шутур, асп ва инсон нақл ёбад, балки ин бор бори андӯҳ ва алам, ғам, ҳасрат, ҳиҷрон ва ҳирмон буд, ки кӯҳпайкарони дунёро камар мешикаст (С.А.).

?

1) Феъли *нақл ёбад* ба кадом маънӣ омадааст ва бо истилоҳи забоншиносии *нутқи айнан ва мазмунан нақлшуда* чӣ алоқа дорад?
2) Калимаҳои *бор, пурбор* бо чӣ мақсад такроран кор фармуда шудаанд?
3) Ҳиссачаи *оре* чӣ вазифаи услубиро адо кардааст?

Ниҳоят ғоратгарон аз назди мо дур шуданд. Бори мо хеле сабук шуда монд. Бори сабуки ашёро ба хар ва бори гарони ғамро ба дил ниҳода равон шудем (С.У.).

?

1) Дар ин ҷумла калимаи *бор* ба маънои аслӣ омадааст ё маҷозӣ?
2) Калимаи *хар* аз *маркаб*, *ниҳодан* аз *гузоштан* ва *мондан* чӣ тафовути маъноӣ ё услубӣ дорад?
3) Дар ибораҳои *бори сабуки ашё* ва *бори гарони ғам* сифатҳои *сабук* ва *гарон* чӣ гуна муносибати маъноӣ доранд ва бо кадом хусусияти услубӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд?
4) Сифати *гарон*и матни боло аз лиҳози маъно аз сифати *гарон*и таркиби *арзону гарон* чӣ тафовут дорад?

❗ Услуби бадеӣ яке аз услубҳои қадимаи забон буда, ба василаи он осори бобаракати назму насри ҳазорсола ва муосир сабт гардидааст. Дар он аз тамоми сарватҳои забон ва имконоти услубии онҳо мукаммал фоида бурда мешавад. Дар асари бадеӣ вобаста ба замони воқеаву ҳодисаҳо (гузашта ё имрӯза) унсурҳои луғавию фразеологӣ, қолабҳои ифодаи фикр интихоб мегарданд. Чунончи, достони «Одина» ба ҳаёти гузашта, вале «Палатаи кунҷакӣ» ба зиндагии имрӯзаи одамони гуногункасбу кор бахшида шудааст. Дар асари С. Айнӣ як миқдор калимаҳои куҳнашуда, вале дар асари Ф. Муҳаммадиев калимаю истилоҳоти соҳаҳои гуногуни зиндагии имрӯзаи мо ба кор бурда шудаанд.

**169. Матнро хонед ва бигӯед, ки дар муколама кадом калимаҳо истифода шудаанд, ки дар забони имрӯза истеъмол намешаванд ва онҳоро нависанда бо кадом мақсад кор фармудааст.**

Муллохокироҳ сухани мӯйсафедро бурида:

– *Фоида* нагӯй, *танзил* бигӯй… *Фоида*, яъне *рибо* аст, *рибо* дар шариат, бешак, ҳаром аст, бинобар ин ҳар гоҳ судхӯрони тақводори Бухорои Шариф барои «ҳоҷатбарории мардум» фоида хӯрданӣ шаванд, номашро «танзил» меноманд.

– Худат, – гуфт мӯйсафед, – судхӯрӣ карданӣ шавӣ, «танзил» гуфта хӯрдан гир. Арбоб мисли мардуми Бухоро тақводор нашудааст ва аз *фоида* гуфта хӯрдан ҳам рӯй намегардонад (С.А.).

❓ 1) Дар матн фикр чӣ тарз (ҳикоят, тасвир, муҳокима) ифода ёфтааст?

2) Калимаи *Шариф* чаро ба шаҳри Бухоро нисбат дода шудааст?

3) Чаро муаллиф ибораи *ҳоҷатбарории мардум*ро ба нохунак гирифтааст?

4) Таъбири *аз чизе рӯй гардондан* чӣ гуна воҳиди забон аст?

5) Байни ифодаҳои *фоида хӯрдан* ва *судхӯрӣ кардан* чӣ муносибати маъноӣ вуҷуд дорад?

**170. Матнро се нафар (муаллиф, Қамар, Иброҳимҷон) қироат кунанд. Сипас аз синф пурсида шавад, ки дар ин муколима чӣ гуна калимаю истилоҳҳо кор фармуда шудаанд, ки ҳаёти имрӯзаамонро инъикос мекунанд.**

Боре Қамар ӯро ҳамроҳаш ба чарогоҳи(2) дурдасте(2) бурд. Он вақтҳо Иброҳимҷон муаллимӣ(2) мекард, аммо давраи таътили тобистона(2) буд.

– Ҳавои тоза мехӯрӣ(4). Ба ман ассистент мешавӣ, яъне ки ёрдамчӣ(2). Ба як йигит чил ҳунар кам.

– Университета тамом карда, ба ту ассистент мешавам?

– Оббо, дигар тамомкунандаҳои(3) университет ман авлиё намегӯянд-ку!

– Авлиё нагӯянд ҳам, аз нав шогирд намешаванд(4).

– Ба танбал кор фармо, панд бишнав(4). Ман ғами ин ношукра мехӯраму вай ба ман маърӯза мехонад. Ҳой калла, гуфтам-ку: ҳавои тоза мехӯрӣ. Ширу қаймоқи гӯсфанд, нони бамазаи чӯпонӣ(4). Эҳтимол, гӯшти барра ҳам шавад.

Хулоса, Қамар ӯро розӣ кард (Ф.М.).

?

1) Дар матн кадом унсурҳои забони гуфтугӯ истифода шудаанд?
2) Кадом калимаҳои иқтибосӣ (бегона) ҳоло бо калимаҳои худӣ иваз шудаанд?
3) Дар ҷумлаи «Ман ғами ин ношукра мехӯраму вай ба ман маърӯза мехонад» пайвандаки ***-у*** чӣ гуна тобиши маъноӣ зоҳир намуда, бо кадом пайвандакҳо ҳамвазифа шудааст?
4) Феъли *маърӯза мехонад* чӣ гуна обуранги услубӣ пайдо кардааст?
5) Калимаи *калла* аз *сар* чӣ фарқ дорад ва дар матн чӣ тобиши маъно пайдо кардааст?

**171. Матни зеринро ба дафтар навишта, шарҳ диҳед, ки сухани тасвирии муаллиф ва гуфтугӯйи қаҳрамонҳои асар бо ёрии чӣ гуна ҷумлаҳо ифода ёфтааст.**

Офтоб нишасту Қамар корашро қатъ намуд(4).
– Тамом шуд(4)?
– Не ҳоло(4).

– Боз чӣ монд? Ду кассета(1) навор(3) гирифтӣ-ку!

– Ҳар кассетаи пур ба экран баромадан намегирад. Аз сад-саду панҷоҳ метр навор(3) гоҳо фақат чорякаш(3) ба кор мераваду бас. Дигараш – ба хокрӯба(2).

– Пули давлата барбод медиҳам, гӯй(4)?

– Хайрият ту бухгалтер(1) набудаӣ. Ҳоло сабр кун, – бо нармӣ гуфт Қамар, – ба ту нишон медиҳам, ки пули давлат ба чӣ сарф шудааст(4).

Рӯзи дигар аз саҳар боз даводав сар шуд (Ф.М.).

**!** Дар услуби бадеӣ ҳама гуна унсурҳои луғавӣ: калимаҳои умумиистеъмол ва обуранги услубию ҳиссӣ дошта, таъбиру вожаҳои малеҳ (орифона) ва қабеҳ (омиёна), унсурҳои луғавии адабию ғайриадабӣ (лаҳҷагӣ, куҳнашуда, бегона), воҳидҳои фразеологӣ, ифодаҳои маҷозӣ, ташбеҳоти мардумӣ, суханони кинояву муболиғаомез, таъбирҳои пандомӯз ва ғайра ба кор бурда мешаванд.

Дар ин услуб, хусусан дар забони назм, аз имконоти услубии маъноҳои аслию маҷозӣ, сермаъноӣ, калимаҳои ҳамгуна (омоним), наздикталаффуз (пароним ва паронимазия), зидмаъно (антоним), бахусус муродифҳои луғавӣ, фразеологӣ ба таври васеъ истифода мешаванд. Адибон ба фасоҳату салосати сухан (равшании маъно ва суфтаву равонӣ) на танҳо дар назм, балки дар насри бадеӣ ҳам эътибор медиҳанд.

Бо ёрии санъатҳои гуногуни лафзию маънавӣ образнок ва пӯшида баён кардани матлаб дар назму насри суннатии форсу тоҷик хеле ривоҷ ёфта буд.

**172. Дар матни зерини «Анвори Суҳайлӣ» тасвири бадеии манзараи табиат ба василаи кадом санъатҳои сухан сурат гирифтааст?**

Бозандаро он манзили хуш ва соҳати дилкаш(2) писанд афтод ва, чун охири рӯз буд, ҳамон ҷо бори сафар бикушод(4). Ҳанӯз аз ранҷи роҳ барнаёсуда(3) ва даме ба роҳату осоиш назада ки, ба як ногоҳ(2) фарроши сабуксайри(2) бод соябо-

ни(2) абр дар фазои ҳаво барафрохт ва ҷаҳони орамидаро(3) ба хурӯши раъди дилошӯб(2) ва ниҳеби барқи синасӯз(2) намудори(2) ғавғои қиёмат сохт(4,7). Ба оташи соиқа аз як ҷониби ҷигари лолаи доғдор(2) месӯхт ва пайкони жола аз тарафи дигар дидаи наргиси бедор бар ҳадафи замин медӯхт.

**Л у ғ а т:**
Соҳат – саҳн, рӯйи дашт.
Ниҳеб – ҳайбат, тарсу бим.
Соиқа – барқ.
Пайкон – нӯги тези найза.

?

1) Таъбирҳои *даме назада, пайкони жола дидаи наргис бар ҳадафи замин медӯхт* ба чӣ маъно омадаанд?
2) Иборaҳои *фарроши сабуксайри бод, соябони абр, раъди дилошӯб, барқи синасӯз, ғавғои қиёмат, ҷигари лолаи доғдор, пайкони жола, дидаи наргиси бедор* чӣ гуна воҳиди забонанд ва дар тасвири бадеӣ чӣ аҳамият доранд?

!

Дар ин услуби баён бо мақсади саҳеҳ ифода кардани матлаб аз имконоти услубии муродифоти луғавию фразеологӣ васеъ истифода мебаранд:

Арбоб дар *ботин* ба сабаби *андешаҳо*е, ки дар боло навишта шуд, бағоят дар тарс ва ҳарос афтид; Лекин аз ин *мулоҳизаҳо*, ки ба *дил*аш мегузашт, чизеро ба Арбоб изҳор накард; Ғайр аз шаввос задани борон *садо*е ба ин хомӯшӣ халал намерасонд; Бибиоиша то як ҳафта, бе он ки *овоз*е баланд кунад, чун мӯйи оташдида ба худ мепечид (С.А.).

Дар ин ҷумлаҳо калимаҳои *ботин* ва *дил*, *андеша* ва *мулоҳиза*, *садо* ва *овоз* муродифанд. Ҷуфти аввал ҳамдигарро иваз мекунанд, вале калимаҳои *андеша* ва *мулоҳиза*, *садо* ва *овоз* якдигарро иваз карда наметавонанд, зеро ин муродифҳо бо тобишҳои нозуки маъно фарқ мекунанд: *андеша* тобиши маънои тарс ва *мулоҳиза* тобиши маънои масъалаеро ҳарҷониба санҷидан дорад; калимаи *овоз* хоси ҷонзод аст, *садо* аз бархӯрдани ҷисмҳо ҳосил мешавад.

Муродифҳои луғавӣ, фразеологӣ, калимасозӣ, шаклсозӣ (сарфӣ), иборaю ҷумлаҳо (наҳвӣ) бо мақсади худдорӣ аз такрори бемавқеъ ба кор бурда мешаванд:

Аҳмади Калла дар гузари Ҷаъфархоҷа як ҳавлӣ дошт, ки дар он ҷо *зиндагӣ мекард* ва дар мадрасаи Мири Араб як ҳуҷра ҳам дошт, ки дар вай домодаш *истиқомат мекард;* Ҳарчанд ман аз Бухоро рафта, *таҳсил кардан*ам умеди худро канда бошам ҳам, дар он миён воқеае рӯй дод, ки барои Бухоро рафта, *хондан*ам имкон пайдо шуд (С.А.); Аммо ман аз ранҷу офати пирӣ *бохабарам* аз заъфу офати ӯ *хабар дорам* (Қобуснома); Моро низ лозим аст, ки *машғули кор бошем*; Муносиб он аст, ки мо низ *ба кор машғул бошем* (Восифӣ).

Дар мисолҳои боло феълҳои *зиндагӣ мекард // истиқомат мекард, таҳсил кардан // хондан*, хабари номии *бохабарам* бо хабари феълии *хабар дорам*, таркибҳои хабар: *машғули кор бошем // ба кор машғул бошем* муносибати ҳаммаъноӣ дошта, маҳз барои гурез аз такрор ба кор бурда шудаанд.

**173. Воқеӣ ва тасаввуршаванда тасвир намудани ҳодисаву воқеаҳои зиндагӣ, манзараҳои табиат яке аз хусусиятҳои муҳими услуби забони асари бадеӣ ба шумор меравад. Вариантҳои гуногуни матнҳои зеринро ба дафтар навишта, бо ҳам муқоиса намуда, хаттӣ шарҳ диҳед, ки муаллиф то чӣ андоза ба ин ҳадаф комёб гардидааст: ҳангоми таҳрир кадом унсурҳои луғавию грамматикӣ тағйир ёфтаанд, чиҳо ихтисор, чиҳо илова гардидаанд.**

- Оби дидаҳо бемалол рӯйҳои парчини холаро шустан гирифтанд;
- Ашкон рухсори пур аз оҷингашро шуста, ба рӯйи синааш шорида мерафтанд;
- Ашкҳо рухсори пур аз ожангашро шуста, ба монанди донаҳои марворид ба рӯйи синааш шорида мерафтанд.
- Ҳамон вуҷуде, ки чанд дақиқа аз ин пеш ҷавлон мезад, якбора аз асп ба пушт афтода рафт;
- Ҳамон вуҷуде, ки чанд дақиқа аз ин пеш чанги ҷавлонгоҳро мебаровард, якбора аз асп ба пушт афтода рафт;

- Ҳамон вуҷуде, ки чанд дақиқа пеш аз ин ҷанги ҷавлонгоҳро мебаровард, тайёр буд, ки тамоми лашкари душманро забун, дӯстро шод кунад, нохост монанди яхпорае, ки аз кӯҳ кӯчида, ба қаър меравад, аз асп ба замин сарнагун афтод (Ҳ.К.).

**174. Қасидаи баҳорияро қироат кунед ва маънои ҳар байтро гӯед. Шарҳ диҳед, ки Рӯдакӣ чӣ гуна калимаҳоро ба кор бурдааст: маънои кадом калимаҳоро медонед, шарҳи кадом луғатҳо бароятон мушкил аст. Шоир аз кадом имконоти услубии воҳидҳои забон ва санъатҳои сухан фоида бурда матлабро баён кардааст?**

Омад баҳори хуррам бо рангу бӯйи тиб*,
Бо сад ҳазор нузҳату* ороиши аҷиб.

Шояд ки марди пир бад-ин гаҳ шавад ҷавон,
Гетӣ ба дил ёфт шабоб* аз пайи машиб*.

Чархи бузургвор яке лашкаре бикард,
Лашкар-ш абри тираву боди сабо нақиб*...

Он абр бин, ки гиряд чун марди сӯгвор*
В-он раъд бин, ки нолад чун ошиқи каиб*.

Хуршедро зи абр дамад рӯй гоҳ-гоҳ,
Чун он ҳисорие*, ки гузар дорад аз рақиб.

Якчанд рӯзгор ҷаҳон дардманд буд,
Беҳ шуд, ёфт бӯйи суманро даво табиб.

Борони мушкбӯй биборид нав ба нав
В-аз барф баркашид яке ҳуллаи ҳасиб*.

Кунҷе, ки барф пеш ҳамедошт, гул гирифт,
Ҳар ҷӯяке, ки хушк ҳамебуд, шуд ратиб*...

Лола миёни кишт бихандад ҳаме зи дур,
Чун панҷаи арӯс, ки ба ҳино шуда ҳазиб*.

Булбул ҳаме бихонад дар шохсори бед,
Сор* аз дарахти сарв мар ӯро шуда муҷиб...

Акнун хӯред бодаву акнун зиед шод,
К-акнун барад насиб ҳабиб аз бари ҳабиб...

**Луғат:**

| | |
|---|---|
| Таиб – хуш, гуворо | Каиб – зору низор |
| Нузҳат – тару тозагӣ | Ҳисорӣ – ба банд афтода |
| Шабоб – ҷавонӣ | Ҳуллаи ҳасиб – либоси рангин |
| Машиб – пирӣ | Ратиб – шодоб |
| Нақиб – раҳнамо | Ҳазиб – рангин |
| Сӯгвор – азодор | Сор – мурғи хушовоз |

?

1) Чаро шоир дар байти аввал «Баҳор бо *сад ҳазор* ҳусну зебоӣ омад» гуфтааст? Магар зебу зинатро шумурдан мумкин аст?
2) Оё пай бурдед, ки шоир чаро дар як мисраъ ду калимаи арабии мушкилфаҳм – *шабоб* ва *машиб*ро кор фармудааст ва онҳо бо ҳамдигар чӣ муносибати маъноӣ доранд?
3) Магар ибораҳои *баҳори хуррам, марди пир, абри тира, боди сабо, панҷаи арӯс, ҷӯяки хушк, шохи гул* ва ифодаҳои *баҳор омад, марди пир ҷавон шавад, дардманд буд, беҳ шуд, акнун бода хӯред* ва ғайра барои хонандаи имрӯза бегонаанд?
4) *Панҷа* аз кадом ҷиҳат ба *барқ* ва *лола* шабоҳат доштааст?
5) Дар мисраи «Лола миёни кишт бихандад ҳаме зи дур» кадом санъати сухан истифода шудааст?
6) Кадом калимаҳо ҳаммаъно ва муқобилмаъноанд ва онҳо дар шеър чӣ вазифаи услубиро адо мекунанд?
7) Кадом калимаҳо бисёр такрор шудаанд ва сабаби он чист?

!

Он чанд калима, ки имрӯз эҳтиёҷ ба шарҳу тафсир дорад, ба қавле, шояд «қофия танг омада» шоир аз рӯйи зарурат онҳоро (аз қабили *машиб, каиб, ҳасиб, ратиб, ҳазиб*) кор фармуда бошад. Инчунин шаклҳои феълии *ҳамедошт, хушк ҳамебуд, бихандад ҳаме* сарфи назар карда шавад, дар ин тасвири рангини табиат, ки беш аз ҳазор сол қабл аз ин сурат гирифтааст, чизе нест, ки имрӯз ба мардуми мо номафҳум бошад.

Боиси ифтихори ҳар фарзанди сарзамини Аҷам аст, ки мисли Рӯдакиву Фирдавсию Синою Ҳофизу Камолу Саъдию Ҷомию Донишу Айнӣ адибону олимон дорад. Мо, насли

имрӯза, бояд ба қадри он мероси гаронбаҳои маънавӣ бирасем, ки ба василаи он забони ноби порсӣ, дарӣ, тоҷикиро ҳам зинда нигоҳ доштааст.

Азбаски дар шеър тахайюлоти рангини шоир қабои бадеият дар бар намуда, матлаб пӯшида ифода меёбад, гоҳе пай бурдани асли мақсади шоир мушкил мегардад. Чунончи, дар ин байти Ҳофиз:

Гиреҳ ба бод мазан, гарчи бар мурод вазад,
Ки ин сухан ба масал мӯр бо Сулаймон гуфт.

Мундариҷаи байтро суханони мӯр, ки ба Сулаймон гуфтааст, пинҳон медорад. Тафсилоти он чунин аст:

Чун бисоти Сулаймон ибни Довуд ба водии Намл (мӯрчагон) расид, амири мӯрон фармон дод(4):

– Эй мӯрон, дар масокини(3) худ дохил шавед, то шуморо Сулаймон ва лашкариёнаш дарҳам нашиканананд, ки эшон надонанд(4). (Аз ояи нуздаҳуми сураи «Наҳл»).

Гӯянд, чун бод ин сухан ба гӯши Сулаймон расонид, бозистоду гуфт мар он мӯронро(4):

– Шуморо аз мо чаро бим бувад, ки мо дар ҳавоем ва шумо дар замин(4)?

Амири мӯрон дар ҷавоб гуфт:

– Оре, ту дар ҳавоӣ, лекин мулки ин ҷаҳонро бақо нест(4). Мо эмин наем, ки аз нафас то нафас мулки туро завол ояд ва бар замин афтӣ ва мо кӯфта гардем(4).

Пас Сулаймон пурсид амири мӯронро:

– Чӣ гӯйӣ дар ин бод, ки дар фармони ман аст(4)?

Гуфт:

– Бод аст, ки ба дасти ту бод аст(4).

Пас Сулаймон мӯрро гуфт:

– Маро панде деҳ.

Гуфт:

– Донӣ, ки чаро бодро дар фармони ту карданд(4)?

Гуфт:

– Бигӯ.

Гуфт:

– Барои он ки бидонӣ, ки бинои дунё ҳама бар бод аст(4). Ва, онро ки бино бар бод бошад, пойдор набошад.

Сипас пурсид: – Эй Сулаймон, ин мулку тоҷу тахту ҷоҳ аз куҷо ба ту расидааст?

Сулаймон гуфт:

– Аз падарам.

Мӯр гуфт:

– Пас ҳамин насиҳат туро кофист, то бидонӣ, ки аз ту ҳам ба дигаре расад ва онро бақо нест(4).

Пас, мазмуни байти боло ин аст: Ҳарчанд бод (нерӯи ноустувор) бар муроди ту бивазад, ба он эътимод накун, чунон ки асрори инро мӯр ба Сулаймон гуфта буд.

?

1) Дар матн мазмун чӣ тариқа (ҳикоят, тасвир, муҳокима) ифода ёфтааст?

2) Кадом калимаҳо такрор шуда дар сохтори матн саҳм гузоштаанд?

3) Вожаи *бод* дар ҷумлаи «Бод аст, ки ба дасти ту бод аст» ба чӣ маъно омадааст?

4) Ифодаи *гиреҳ бар бод задан* кадом воҳиди забон аст ва чӣ маъно дорад?

**175. Байтҳои зеринро бодиққат хонед ва мазмуни онҳоро хаттӣ шарҳ диҳед:**

1. Ҳар шаб нигаронам ба Яман, то ту бароӣ,
   Зеро ки Суҳайлию Суҳайл аз Яман ояд.
2. Назар чӣ гуна бидӯзам, ки баҳри дидани дӯст
   Зи хоки ман ҳама наргис дамад ба ҷойи гиёҳ.
3. Умри ман кӯтоҳ гашт аз ишқи он зулфи дароз,
   К-ӯ гаҳе бо гул ба сайр асту гаҳе бо мул ба роз (Рӯдакӣ).
4. Осоиши ду гетӣ тафсири ин ду ҳарф аст:
   Бо дӯстон мурувват, бо душманон мадоро (Ҳофиз).

**176. Шарҳи мазмуни байтро аз таҳлили зерин ёд гиред:**

Биё, то гул барафшонему май дар соғар андозем,
Фалакро сақф бишкофему тарҳи нав дарандозем.

Шоир зоҳиран ба маҳбуба муроҷиат карда, дар айёми баҳор ӯро ба саҳро даъват менамояд, то якҷоя гул чинанду гул афшонанду май нӯшанд (май дар соғар андозанд). Аммо шоир ба шахси муайян муроҷиат накардааст. Аз ин хотир мумкин аст, ки сухани шоир ба чанд гурӯҳи одамон (ошиқон, дӯстон ва дигарон) дахл дошта бошад. Дар ҳолати хушиву мастӣ боми (сақфи) фалакро бишканему ба шакли дигаре бисозем. Хоҷа дақиқ нагуфтааст, ки тарҳи нави сақфи фалак чӣ сон бояд бошад. Аз тобиши сухани ӯ пай бурдан мумкин аст, ки манзури шоир сохтани як олами пур аз шодиву фараҳ ва некиву некӯкорист.

Агар ғам лашкар ангезад, ки хуни ошиқон резад,
Ману соқӣ ба ҳам созему бунёдаш барандозем.

Дар ин байт ғам ба сипаҳсолор ва ё шоҳаншоҳи ғосибу ҷаллод монанд карда шудааст, ки лашкари фаровон дорад. Агар ҳамин ғам барои рехтани хуни ошиқон лашкар кашад, ман (яъне шоир) бо соқӣ иттифоқ баста, ба ӯ ҳуҷум меорему нобудаш мекунем, бунёди ғамро аз байн мебарем. Ҳамин маънии одиро шоир ба чӣ зебоиву ҳунармандӣ ҷомаи назм пӯшонидааст! Шояд мӯъҷизаи шоир низ дар ҳамин бошад?!

?

1) Ду байти минбаъдаи ғазалро ба адабиётшинос Муҳаммад Ансор пайравӣ намуда (Шарҳи 42 ғазали Ҳофиз. – Душанбе, 1994. – с. 81-83) худ маънидод кунед.
2) Чаро шоир май *дар* (на *ба*) андозем гуфтааст; чаро *бар-афшонем, бар-андозем, дар-андозем* гуфтааст, на *афшонем* ва *андозем*?
3) «фалакро сақф» ва «сақфи фалак» кадом воҳиди забонанд ва бо ҳамдигар чӣ гуна муносибати маъноӣ доранд?
4) Дар таркибҳои *лашкар ангехтан* ва *лашкар кашидан* феълҳои *ангехтан* ва *кашидан* чӣ муносибати маъноӣ пайдо кардаанд?

**177. Дар матни зерин аломатҳои китобати баён, нохунак, нуқта, сенуқта ва сехитоб чӣ маъною вазифа доранд? Кадом аломатҳо илова бар вазифаи наҳвӣ сарбории услубӣ ҳам доранд ва он сарбории услубӣ чист?**

Ҳини видоъ гуфтӣ: «Хайр».
Худо гуфтам, ки «Хайр…» бошад, на «Хайр!!!» (Х.А.).

**178. Ғазали Рӯдакиро, ки бо матлаи зерин оғоз меёбад, аз ҷиҳати мавзӯъ, мундариҷа, ғоя, бадеиёт ва хусусиятҳои луғавию грамматикӣ таҳлил кунед:**

Ҳар бод, ки аз сӯйи Бухоро ба ман ояд,
Бо бӯйи гулу мушку насими суман ояд.

**179. Ин мисраъҳои шоир шуморо ба чӣ мулоҳиза водор месозанд? Андешаҳоятонро нависед, таҳрир намуда, ду-се маротиба бо лаҳни шево қироат кунед, ки дар хотир нишинад. Сипас фурсати муносибе ёфта, дар байни ҳамсабақон суханронӣ кунед:**

1. Сарманзили кӯдакии саҳроии ман,
Роҳи ту, раҳи бирешими лойии ман.
Дар кундаи ҳар дарахти ту пинҳон аст
Як кӯзача кӯдакии тиллоии ман.

2. Ҳамхандаи ман гули сияҳгӯши ту буд,
Ҳамгиряи ман чашмаи хаспӯши ту буд.
Эй гумшуда қишлоқаки тиллоии ман,
Доруи ман оби шӯраки ҷӯши ту буд (Бозор Собир).

**180. Байти зеринро тоҷики аз Ватан дур афтода ба тарзи зайл тафсир намудааст, ту ки дар Ватан ҳаёт ба сар мебарӣ, чӣ тарз шарҳ хоҳӣ дод?**

Бееватан нест ғарибе, ки кунад ёди ватан,
Дар ватан будаи бе ёди ватан беватан аст.

Дар ёди ватан будан чӣ маънӣ дорад? Ҳамеша дар фикри ободии он будан, эҳтиром гузоштан ба миллат, аз гузаштаи он ифтихор доштан, таърихи онро омӯхтану омӯзондан ва

вориси ҳақиқии он мерос будан, ба бунёди ҷовидонии миллат – маънавиёт, худшиносӣ, эҳёи суннату оинҳои аҷдодон, ки дар тақвияти нерӯи рӯҳонии миллат нақши бузург дорад, ҳиссагузор будан, эҳтирому садоқат ба замин, обу хоки диёр, зодгоҳ, сарватҳои моддию маънавӣ ва амсоли инҳост дур аз ватан дар ёди ватан будан. Инсоне, ки дар ботини хеш ин хислатҳоро парвариш медиҳад, бо ёди ҳамешагии ободии диёр ва рафоҳияти ҳаммиллатони хеш мезияд, ҳарчанд дар ватанаш нест, ғамхору вафодори миллат аст.

## УСЛУБИ РӮЗНОМАНИГОРӢ (ПУБЛИСИСТӢ)

! М а т н:

Қарордод миёни шаш Ҳизби сиёсии Тоҷикистон дар мавриди тарзи рафтор дар раванди маъракаи интихоботи парлумонӣ аз тарафи роҳбарони ин аҳзоб ба имзо расид ва он ҷо ин санадро сарнавиштсоз ва таърихӣ арзёбӣ карданд.

Хусусиятҳои умумии услуби рӯзноманигорӣ:

- Ҳадафи нигоранда: аз рӯйдодҳои рӯзмарраи ҳаёти сиёсии дохили кишвар иттилоъ додан, ғояеро талқин намудан, таъсир расонидан ба афкори омма ва онро ба амале ҳидоят кардан;
- Дар бораи як ҳодисаи таърихӣ воқеъбинона хабар додан;
- Омезиши унсурҳои услубҳои дигар бо услуби рӯзноманигорӣ (дар матни боло истилоҳоти коргузории расмӣ: *қарордод, санад;* тарзи пассиви ифода: *аз тарафи... ба имзо расид* (на *раҳбарон ба имзо расонданд).*

Хусусиятҳои луғавӣ:

- Истифодаи истилоҳоти сиёсию иҷтимоӣ: *ҳизби сиёсӣ, аҳзоб, интихоботи парлумонӣ*;
- Таркибу ибораҳои устувор ё рехта: *ҳизби сиёсӣ, маъракаи интихобот, ба имзо расид, арзёбӣ карданд;*
- Тавсифоти тоза: *сарнавиштсоз* ва маъмул: *таърихӣ*;

- Таҳаввулоти луғавӣ: партия – *ҳизб*, парламентӣ – *парлумонӣ*.

Хусусиятҳои грамматикӣ:

- Бартарии ҳиссаҳои номии нутқ (хусусан исмҳо) бар феъл: аз 19 калимаи мустақилмаъноии матни боло *исм* – 9, *сифат* – 3, *феъл* – 2, *ҷонишин* – 2, *шумора* – 1;
- Истифодаи бештари пешояндҳои таркибӣ ва номӣ: *дар мавриди, аз тарафи, миёни;*
- Бартарии ҷумлаҳои хабарӣ бар амрӣ, хитобӣ, саволӣ. Дар он матн матлаб бо як ҷумлаи мураккаби пайвасти пайвандакдори хабарӣ ифода ёфтааст;
- Ҷумла бо ибораи исмии *қарордод дар мавриди тарзи рафтор дар раванди маъракаи интихоботи парлумонӣ* тафсил ёфтааст, ки он 10 калимаро дар бар мегирад;
- Таҳаввулот дар унсурҳои шаклию воситаҳои грамматикӣ: *ҳизбҳо – аҳзоб*, ба ҷойи пешоянди таркибии маъмули *дар бораи* кор фармудани пешоянди таркибии камистеъмоли *дар мавриди.*

Тарзи баёни фикр: якранг, камтаъсир. Ҷумлаи мураккаби хеле тафсилёфта ба осон фаҳмидани матлаб халал мерасонад.

Азбаски маводи расонаҳо баъзан ба тарзи таъҷилӣ ба чоп омода карда мешавад, гоҳ-гоҳ ғалатҳои имлоӣ, аломати китобат, истеъмоли калима, ҷумлабандӣ рӯй медиҳанд. Аз ҷумла, дар ибораи *шаш Ҳизби сиёсӣ* калимаи *ҳизб* ҷузъи исми хоси таркибӣ нест, бинобар ин бояд бо ҳарфи хурд навишта шавад *(шаш ҳизби сиёсӣ)*; ишораҷонишини *онҷо* ҷудо навишта мешавад: *он ҷо.*

**181. Матни зеринро бо матни боло муқоиса намуда муайян кунед, ки байни онҳо аз лиҳози мавзӯъ, мундариҷа, жанр, хусусиятҳои услубии луғавию грамматикӣ чӣ умумияту тафовут вуҷуд дорад. Матнро дар равияи боло хаттӣ таҳлил кунед.**

Аз ҷиҳати захираи оби нӯшокӣ Русия дар дунё дар ҷойи дуюм, Тоҷикистон дар ҷойи сеюм аст. Тасаввур намоед ду давлатро, ки дар яке бештар аз 140 миллион аҳолӣ ва кишвари

хурдакаки кӯҳистонро, ки дар он ҳамагӣ бештар аз 7 миллион аҳолӣ (камтар аз сокинони шаҳри Маскав) зиндагӣ мекунад. Чӣ тазоди аҷибест, ки дар чунин кишвари доротарини(3) оби нӯшокӣ, мардум ба оби тоза эҳтиёҷ доранд? Оё айб дар худи мо нест, ки аз бепарвоӣ ва беэътиноии худ ба қадри ин бебаҳотарин(3) неъмати табиат намерасем?

Бетарафиро Дейл Карнеги(1) барҳақ разолати рӯҳ номида буд, зеро муносибати беэътиноёна(2) ба сарватҳои табиии кишвари худ метавонад дар интиҳо ба фоҷиае оварда расонад, ки набераву аберагони мо аз ҳама чиз маҳрум монанд.

Аз азал тоҷикон обро мӯъҷизаи табиат меҳисобиданду муқаддас медоштанд. Касе ҷуръат намекард, бо оби равони нӯшокӣ дасту рӯй шӯяд. Обро ба кӯза гирифта, дуртар аз ҷӯю ҳавзҳо мебурданд, то қатрае аз оби ифлос ба наздикии ҷӯйбор нарезад.(4) Манзараи имрӯзаи мо чӣ гуна аст? Оби покизаи каналу ҷӯйборҳо, ки чун дар рагҳои хунгузари ҷисми зиндаи шаҳр солҳои сол ҷорӣ буд, имрӯз барои маҳаллаҳои сераҳолии шаҳр ва гирду атрофи он партовгоҳ(2) шудааст. Аммо ҳар чиз ва ҳар амал интиҳо дорад. Агар мо ба Замин – модари муқаддас чунин бешафқат бошем, дар он ҳеҷ гуна сарват ва неъмат боқӣ нахоҳад монд. Ҳатто ҳаёт ҳам.

?

1) Дар матн чӣ хусусияти услуби рӯзноманигорӣ (дар ҳадафи нигоранда, интихоби калимаю истилоҳот, қолабҳои наҳвӣ, воситаҳои муассири ифодаи фикр) мушоҳида мешавад?

2) Сархатҳоро (абзатсҳоро) чӣ бо ҳам алоқаманд ва чӣ аз ҳам ҷудо мекунад?

3) Ифодаҳои *разолати рӯҳ, рагҳои хунгузари ҷисми зиндаи шаҳр, Замин – модари муқаддас* чӣ гуна воҳиди забонанд?

4) Ҷумлаҳои саволӣ чӣ вазифаи услубиро адо мекунанд?

5) Дар бораи ҳамин мавзӯъ шумо чӣ андеша доред? Дар ҳаҷми ду саҳифаи дафтар иншои мухтасар нависед.

!

Маънои вожаи *публика* шунаванда ё бинанда буда, *публисистика* (публицистика) адабиёти илмии сиёсию иҷтимоӣ доир ба масъалаҳои доғи рӯз аст. Услуби баёни

рӯзноманигорӣ ё публисистӣ ба тарзи хаттӣ ва шифоҳӣ ҷараён мегирад. Хабару мақолаҳои гуногун дар нашрияҳо, дастурҳои тарғибот (инчунин матнҳои қаблан таҳияшудаи суханронии гӯяндагони радиою телевизион) ба тариқи навиштор, вале суханони ташвиқгарон дар ҷамъомаду ҳамоишҳо, мусоҳибаҳои мухбирони радиою телевизион бо шахсони гуногун ба тарзи шифоҳӣ воқеъ мегардад.

Мақсади публисистика аз рӯйдодҳои дохилию хориҷӣ зуд воқиф намудани хонандагон, шунавандагону бинандагони радиою телевизион, тарғиби ғояҳои пешқадами замона, воқеъбинона баҳо додан ба ҳодисаву воқеаҳои рӯзмарраи иҷтимоию сиёсӣ, иқтисодию фарҳангӣ, бедор намудани ҳисси тараҳҳум ба падидаҳои матлуб ё ҳисси нафрат ба воқеаҳои номатлуб, ба тадбирҷӯйӣ ва амал водор намудани ҷомеа аст. Ҳамин ҳадаф ду вазифаи асосии услуби рӯзноманигориро муқаррар менамояд: хабар додан ва таъсир расондан.

Дар адои вазифаи аввал истифодаи калимаю истилоҳоти сиёсию иҷтимоӣ, таркибу ифодаҳои маъмул (стандартӣ), якрангии ифодаи фикр, фаровонии факту рақамҳо мушоҳида мешавад.

Агар дар маводи хабарӣ аз кор фармудани воситаҳои муассири луғавӣ, фразеологӣ, калимасозӣ, ибораву ҷумлабандӣ худдорӣ карда шавад, дар очерк, лавҳа, памфлет, фелетон доираи истеъмоли сарватҳои луғавии забон хеле васеъ гардида, баробари калимаҳои умумиистеъмол ва муътадилмаъно чунин унсурҳои луғавӣ ҳам кор фармуда мешаванд, ки обуранги услубию ҳиссӣ ва хусусияти ифоданокӣ доранд. Аз ин лиҳоз маводи хабарии расонаҳо ба услубҳои расмию илмӣ қаробат пайдо кунад, забони жанрҳои мазкури журналистика ба услуби бадеӣ шабоҳат зоҳир менамояд.

Дар услуби баёни публисистӣ луғатҳои сиёсию иҷтимоӣ, калимаю истилоҳоти хоси одобу ахлоқи ҷомеа, соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт, маориф, илму фарҳанг ба тарзи фаровон кор фармуда мешаванд. Унсурҳои луғавию фразеологӣ

вобаста ба талаботи жанрҳои публисистика интихоб ва истеъмол мегарданд. Аз таркиби луғавии маводи нашрия, радио ва телевизион аён мегардад, ки он ба кадом мавзӯи ҳаёти ҷомеа бахшида шудааст.

М а т н:

Фасли аҷиби сол – тирамоҳи заррин фаро расида. Хушбахтона, табиат ҳанӯз нозу нуз намекунад. Хуршед нарму гарм нур мепошад ва баргҳои тиллоранги дарахтон зери пойи одамон парида, қолин гашта нашъаи тамошоро фузунтар мекунад. Парчами истиқлол болои Қасри президентӣ ҷилвагар аст. Одамон хиромон ба майдон, ба сӯйи маҷмааи Исмоили Сомонӣ равонанд.

Абармарди миллат ба мардум бо дидаи хирад менигарад. Зарринтоҷи тоҷикон, ки дар баландии баландиҳо устувор аст, аз нури тораҳои офтоб дурахши тозае пайдо карда дида мебарад, дил мерабояд…

Бале, Ватан боз либоси идона дар бар кардааст. Вай дар ин рӯзҳо бо ифтихори хосае ҷашни Конститутсияи навини моро мутантан хотирнишон мекунад, ки дар ҳаёти сиёсии кишвар воқеаи муҳим ва фаромӯшношуданист. Оре, китоби бахти мо, Сарқонуни мо, ки дар оғоз ба баҳсу талошҳо дучор гашта буд, баъди мулоҳизаҳои оқилона ва одилона аз ҷониби мардуми мамлакат бо раъйпурсии умумихалқӣ якдилона пазируфта шуд…

Ҳар нуктаи ин маромномаи мо ифодагари орзуву омоли халқ аст ва моро ба сӯйи пирӯзиҳои нав ҳидоят мекунад. Дар он калимаи «истиқлол» бо ҳуруфи заррин ва хоно сабт гардида, муҳимтарин ҳадафи ҷомеаи мо – бунёди давлати соҳибистиқлоли демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ ифода ёфтааст...

Биёед, азизон, ин қутбнамои хешро рӯйи каф ниҳода, дидаи пурмеҳр ба Нишони зарринтоҷи тоҷикон дӯхта, бо овози баланд Суруди миллиро суруда, зери Парчами истиқлол ҳамроҳи фарзандони фарзонаи миллатамон бо дили пур, сари баланд, лабони пурханда ба сӯйи идгоҳ бишитобем.

Хусусияти луғавӣ:

- Истилоҳоти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ: *истиқлол, Қасри президентӣ, маҷмаа, конститутсия, ҳаёти сиёсӣ, раъйпурсии умумихалқӣ, давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ, Нишон, Парчам, Суруди миллӣ.*
- Калимаҳои адабии китобӣ: *хуршед, дурахш, рабудан, ҷилвагар будан, абармард, навин, мутантан, пазируфта шудан, маромнома, ифодагар, пирӯзиҳо, пурмеҳр, зарринтоҷ.*
- Калимаҳои иқтибосӣ: *нашъа, маҷмаа, мутантан, президентӣ, конститутсия.*
- Калимаю ифодаҳои рехтаи мардумӣ: *нозу нуз кардан, либоси идона, талош, дили пур, сари баланд.*
- Воҳидҳои фразеологӣ: *дидаро бурдан, дилро рабудан, дида дӯхтан.*
- Ибораҳои рехтаи хоси услубҳои расмӣ ва рӯзноманигорӣ: *раъйпурсии умумихалқӣ, бо ҳуруфи заррин сабт шудан, давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ, Суруди миллӣ.*
- Ифодаҳои маҷозӣ: *тирамоҳи заррин, табиат нозу нуз намекунад, баргҳои тилloranг, баргҳо қолин гашта, Парчами истиқлол, дидаи хирад, нури торҳои офтоб, Ватан либоси идона дар бар кардааст, китоби бахт, дидаи пурмеҳр.*
- Тавсифот: *заррин, тиллоранг, абармарди миллат, зарринтоҷ, пурмеҳр, фарзона.*

Имконоти услубии хусусиятҳои маъноии калима:

- Муродифот: *заррин // тиллоранг, хуршед // офтоб, нур // дурахш, конститутсия // сарқонун (китоби бахт // маромнома // қутбнамо), орзую омол.*
- Калимаҳои наздикталаффуз: *нозу нуз, гарму нарм, оқилона ва одилона, фарзанди фарзона.*
- Калимасозӣ: *зарр-ин, тилло-ранг, ҷавлон-гар, абар-мард, зарр-ин-тоҷ, нав-ин, фаромӯш-но-шуд-ан-ӣ,*

*сар-қонун, раъй-пурс-ӣ, умум-и-халқ-ӣ, як-дил-она, оқил-она, одил-она, ид- гоҳ.*

Унсурҳои наҳвӣ:

- Воҳидҳои истисноӣ: *фасли аҷиби сол – тирамоҳи заррин; ба майдон – ба сӯйи маҷмаа; китоби бахти мо – Сарқонуни мо; муҳимтарин ҳадафи ҷомеаи мо – бунёди давлати соҳибистиқлоли демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ.*
- Тарзи пассиви ифода: *аз тарафи... пазируфта шуд.*
- Бартарӣ доштани ҷумлаҳои содда бар ҷумлаҳои мураккаб (8 –5).
- Бештар бо ҷумлаҳои дутаркибаи тафсилӣ ифода ёфтани фикр.
- Аз ду зиёда ҷузъҳоро (ҷумлаҳои содаро) дар бар нагирифтани ҷумлаҳои мураккаб.
- Бартарӣ доштани ҷумлаҳои хабарӣ бар амрӣ, саволӣ ва хитобӣ.
- Бо ҳиссачаҳои тасдиқӣ оғоз ёфтани сархат ё ҷумла бо мақсади таъкид.

**182. Калимаю ибораҳои зеринро аз рӯйи мавзӯъ ва мундариҷаи матнҳое, ки аз онҳо гирифта шудаанд (чунончи, калимаю истилоҳоти сиёсию иҷтимоӣ, варзиш, нақлиёт ва ғайра), ҷудо кунед. Бо калимаю истилоҳоти ҷудогона мутобиқи таносуби маъноиашон ибораҳо созед.**

Қарор, эъломия, сӯзишворӣ, кубок, иҷлосия, мусофир, микроавтобус, аълоҳазрат, варзиш, коршиносон, истгоҳ, бокс, ронандаҳо, президент, созмони байналхалқӣ, нақлиёт, проблемаи глобалӣ, баскетбол, бензин, хати сайр, роҳкиро, сарвари давлат, паёми шодбош, дастаи мунтахаб, тенниси рӯйи миз, корхонаи воҳиди давлатӣ, раванди интегратсионӣ, терроризм, таҳкими сулҳ, довар, қочоқи маводи мухаддир, ҳолати нобозӣ, экстремизми моҷароҷӯёна, пулчин, газ, зарбаи ҷаримавӣ, корхонаи автомобилсозӣ.

**183. Дар забони расонаҳои хабарӣ дар натиҷаи бисёр такрор шудани як миқдор сифатҳои маънавии шахс, аломатҳои ашё, амалу ҳолат ба тавсифоти доимӣ табдил меёбанд: деҳқони асил, пухтакор, чашмикордон, меҳнатқарин, хокпош...; ...ҷашнро бо тӯҳфаҳои арзанда (дастовезҳои меҳнатӣ) пешвоз гирифтан; ...ягонакуниро саривақт ва бо сифати баланд анҷом додан ва ғайра. Дар ҷумлаҳои зерин ба ҷойи сенуқта калимаҳои маъмули забони матбуотро нависед.**

Дар натиҷаи меҳнати ... марди деҳқон ҳосили... рӯёнида шуд; Меҳнатдӯстони хоҷагӣ шудгори тирамоҳиро ... ва ... анҷом дода, барои ба даст овардани ҳосили... заминаи... гузоштанд; Онҳо дар оростани хирмани... тиллои сафед саҳми... гузоштанд; Заркорон ... меҳнат карда, ҳосили... ашонро ... ва ... ҷамъоварӣ намуда, ба қавли худ ... вафо карданд. Механик-ронандагони... ... меҳнат карда, иҷрои нақшаро ... таъмин намуданд.

**!** Дар услуби баёни рӯзноманигорӣ як миқдор таркибу ибораҳои феълӣ, аз қабили *ташриф овардан, созмон додан, ифтитоҳ ёфтан, интиқол ёфтан, талош варзидан, изҳори нигаронӣ кардан, ба тасвиб расонидан, таҷдиди назар кардан, ба имзо расидан, ба вуқӯъ пайвастан, талафоти ҷонӣ додан, арзи вуҷуд намудан, мавриди... қарор додан, ба ҳукми... даромадан, шароити... фароҳам овардан, дастраси... қарор додан, ба чизе таҳким бахшидан, ба чизе мувоҷеҳ шудан, ...ро арзёбӣ кардан, ...ро созмон додан* ва ғайра чун таркибҳои рехта бисёр кор фармуда мешаванд. Як қисми чунин таркибу ибораҳо феълҳои маъруфи ҳаммаъно доранд: *кӯшиш ба харҷ додан – кӯшиш кардан, раҳбариро ба амал баровардан – раҳбарӣ кардан, иҷрои (нақшаро) таъмин намудан – (нақшаро) иҷро кардан.*

Маҷмӯаи ашъори Муътабари Раштӣ бо номи «Хуни шабнам» *дар дастрасии* дӯстдорони каломи мавзун *қарор гирифт*; Чӣ нақшаи нав *шуморо фарогир аст?*

Чунин таркибҳои рехта, аз як тараф, кори рӯзноманигорро осон мекунанд, зеро бунёди ҷумла (таркиби хабар) тайёр аст, фақат далелҳоро ҷо ба ҷо гузоштан кофист, вале, аз тарафи дигар, ифодаи фикр қолабӣ ва як дараҷа сунъӣ мебарояд. Бинобар ин ҳамеша як қолабро корбаст накарда, аз роҳҳои гуногуни баёни матлаб фоида бурдан беҳтар аст: *пиёда кардани мақсад – амалӣ кардани мақсад, ҷони худро аз даст дод – ҳалок шуд ё ба ҳалокат расид* ва ғайра.

**184. Бо воҳидҳои фразеологии зерин ҷумлаҳо созед:**

Аз уҳдаи коре баромадан (набаромадан), араќи ҷабин рехтан, камари ҳиммат бастан, ба марра расидан, саҳми худро гузоштан, аҳамияти калон доштан, нуқтаи назар, рол (нақш) бозидан, садамаи нақлиёт, маводи мухаддир, паси сар кардан, боздид ба амал овардан, чашми корро донистан (надонистан), ҷомаи амал пӯшидан, ба аҳди худ вафо кардан.

**185. Порчаеро аз мақолаи Саидризо Ализода, ки дар яке аз нашрияҳои нахустини тоҷикӣ – маҷаллаи «Оина» (соли 1913) чоп шуда буд, мутолиа кунед ва бигӯед, ки дар он мавқеъ ва руҳияи нигоранда то чӣ андоза равшан ва барҷаста ифода гардидааст ва ба «ман»-и рӯзноманигори имрӯза чӣ умумият дорад; дар матн чӣ гуна калимаю истилоҳоти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дучор омаданд, ки тағйири маъно кардаанд ё аз истеъмол тамоман баромадаанд. Назари худро доир ба андешаҳои як аср муқаддам баёнкардаи муаллифи мақола мухтасар нависед.**

Солҳо аст, ки мусулмонони соири мамлакат дараҷаи лузум ва аҳамияти макотиби ҷадидаро диниста, фоида ва манфиатҳои онро фаҳмида, дар ҳар шаҳру қарияҳо доир намуда, рӯз ба рӯз ба такмили онҳо мекӯшанд, аммо мо, мусулмонони Туркистон, на ин ки мадорис ва макотиби ҷадида таъсис менамоем, балки онҳоро ҳанӯз бидъат ва ҳаром мешуморем. Намедонам, мо, мусулмонони Туркистонро, чӣ шуда(4). Бо вуҷуди ин ки дар ҳар соат ва дақиқа натиҷаҳои баду ҳамми ин беилмӣ ва ошно ба муқтазои замона набудани худро мебинем ва

мефаҳмем, боз мутанбеҳ ва ҳушёр намегардем(4). Эй бародарони туркистонӣ! Эй ҳамватанони азиз! Ғафлат то кай? Ҷаҳолат то чанд? Шуморо ба ҳаққи исломият, ки дуруст мулоҳиза намоед: замоне ки Самарқанд ва атрофаш зиёда бар 150 000 нуфузро дорост, аз мусулмонон чанд нафар тоҷир ва савдогар, чӣ қадар мағозачӣ(2) ва кантур дорад? Куҷо монда дуктур(1), муаллим, муҳандис(5), муншӣ(5) ва ғайра, ки барои маишати мо монанди обу нон лозим аст? Бале! Гадо, дарвеш, қаландар, бузбала, ҷавон, дузд… ҳазорон-ҳазорон мавҷуданд!

**Л у ғ а т:**

| | |
|---|---|
| Соири – тамоми | Кандур – кантора, корхонаи шахсӣ |
| Лузум –лозим, зарурат | Муҳандис – инженер |
| Ҷадида – нав | Муншӣ – котиб, коргузор |
| Мадорис – мадрасаҳо | Бузбала – бекорагард, муштзӯр |
| Ҳамм – аҳамият | Ҷавон – бадахлоқ |

?

1) Дар муқоисаи ин матн бо матни боло дар забони адабии имрӯза чӣ таҳаввулоти луғавӣ, маъноӣ ва грамматикӣ ба миён омадааст?
2) Кадом мушкилоти ҷомеаи онрӯза нигорандаро ба шӯр овардааст?
3) Муаллифи мақола барои муассир ифода кардани фикр аз кадом имконоти услубии луғавию наҳвии забон фоида бурдааст?
4) Феъли *мулоҳиза намудан* аз муродифҳои дигараш (*фикр, андеша* ва *тааммул кардан*) бо кадом тобиши маъно фарқ мекунад?
5) Аз маводи рӯзномаҳо матнеро дар мавзӯи мактабу маориф интихоб намуда, ба дафтаратон нависед ва онро бо матни боло муқоиса кунед ва муайян намоед, ки дар забони матбуоти имрӯза чӣ дигаргунӣ ба вуҷуд омадааст.

**186. Матни зерин аз матнҳои боло чӣ фарқ дорад? Нигоранда *танбӯр*ро чӣ тарз тавсиф мекунад? Магар он бо тафсири маънои калимаи *танбӯр* дар қомусу луғатномаҳо якгуна аст? Шарҳи як-ду луғатро ба дафтар навишта, хаттӣ эзоҳ диҳед, ки тафовути ин матн аз шарҳи луғатномаҳо дар чист.**

Навои танбӯр… Танбӯр дар дасти мутриби чирадаст наво намекунад, менолад, фарёд мезанад. Ӯ гӯё оламу одамро фаромӯш карда, дар мадори наво, дар фазои садо парвоз дорад. Танбӯр меноладу ҳикоят мекунад аз гузаштагон, аз рӯзгорони талху ширини ниёгон.

Танбӯрӣ гӯё на ба торҳои танбӯр, балки ба торҳои дили худ нохун мезанад. Рӯҳу равон ба наво меояд, тамоми ҳастии инсон ба торҳо ҳамнаво мегардад. Рӯҳнавоз аст навои танбӯр, дилнавоз аст садои танбӯр…

Чӣ танбӯр? Нахле чун бори ӯ,
Рагу решаи бехудӣ тори ӯ.
Ниҳон андалебе ба ҳар тори ӯ,
Зи мизроб гул карда минқори ӯ…

Чӣ сеҳре дорад садои танбӯр? Аҷиб он аст, ки тамоми «Шашмақом» дар пардаҳои танбӯр ҷо гирифта. Ҳама мақому оҳангҳо ба василаи овози танбӯр арзи вуҷуд намуда, бо сози он оғозу анҷом мeёбанд.

Ҳасани Кавкабӣ дар «Рисолаи мусиқӣ» мегӯяд:

«**Танбӯр** созест қадим. **Танбӯра** дар забони паҳлавӣ аз ҷузъҳои **тан** – *дил* ва **бӯра** – *харошидан* сохта шуда, яъне *дилхарош*».

Оре, бо чунин садо, бо чунин наво бояд танбӯрро сози *дилхарош* номид (Ш.Ҳ.).

1) Калимаҳои *танбӯр, танбӯрӣ, соз, оҳанг, наво, мизроб, парда, мутриб, чирадаст, мақом, шашмақом, мушкилот* бо ҳамдигар чӣ робитаи маъноӣ доранд ва дар сохтори матн чӣ вазифаро адо кардаанд?
2) Калимаҳои *танбӯр, наво, садо, овоз* ва ғайра аз чӣ сабаб бисёр такрор шудаанд?
3) Ифодаҳои «ба торҳои танбӯр нохун задан» ва «ба торҳои дил нохун задан» чӣ гуна муносибати маъноӣ доранд?
4) Чаро дар дохили ҷумла ҷойи баъзе аъзоҳо тағйир ёфтааст?

! Аз матни боло аён аст, ки дар ин равияи услуби публисистӣ воситаҳои муассири луғавӣ, фразеологӣ ва наҳвӣ, санъатҳои маънавӣ ва лафзии сухан, аз қабили тавсиф (*чирадаст, дилнавоз, рӯҳнавоз*), маҷоз, ташбеҳ (*Танбӯрӣ гӯё ба торҳои дили худ нохун мезад)*, муболиға, таҷнис, такрор, саволи риторикӣ (*Чӣ танбӯр*? *Чӣ сеҳре дорад садои танбӯр*?), нидои риторикӣ, тағйир додани ҷойи муқаррарии аъзоҳои ҷумла (инверсия: *Танбӯр... ҳикоят мекунад аз гузаштагон*), истифодаи калимаву таркибҳои ҳамқофия (*оламу одам, дар мадори наво, дар фазои садо, рӯҳнавоз... дилнавоз*), ибораву ҷумлаҳои ҳамвазну ҳамсохт (параллелизм: *Рӯҳнавоз аст навои танбӯр, дилнавоз аст садои танбӯр*), тасдиқ ё инкор (*Оре,…* танбӯрро бояд сози дилхарош номид) ва ғайра ба кор бурда мешаванд.

Рӯзноманигорон кӯшиш мекунанд, ки ҳатто дар хабару мақолаҳо ҳам суханони тоза ва қолабҳои гуногуни наҳвиро ба кор бурда, ба тарзи баёни якрангу дилгиркунанда як навъ тозагӣ бахшанд. Чунончи, ба ҷойи калимаи *деҳқон* **заркор** ё **марди деҳқон**, ба ҷойи калимаи *тӯҳфа* **дастовезҳои меҳнатӣ**, ба ҷойи *хабар додан* **мужда расонидан**, ба ҷойи *кӯшиш кардан* **талош варзидан**, ба ҷойи *ронандаи мошини пахтачин* **капитани киштии кабуд** ва ғайра кор мефармоянд. Вале чунин калимаю ибораҳои «баоҳар» ҳам дар натиҷаи аз ҳад зиёд такрор кардан таровати худро аз даст дода, ба таъбирҳои муқаррарии рӯзномагӣ табдил меёбанд, чунон ки **тиллои сафед** ҳам як вақтҳо ифодаи тару тоза ба шумор мерафт, ҳоло муродифи одии калимаи *пахта* гардидааст.

Услуби баёни рӯзноманигорӣ аслан такаллуф ва суханпардозиро намепарварад, зеро суханороии безарурат дар жанрҳои хабарӣ ба осон ва равшан дарк намудани асли мақсад халал мерасонад: Онҳо (деҳқонон) бо дашт panҷа ба панҷа дарафканда нусрат аз пайи нусрат ба даст меоваранд. Маънои феъли **дарафкандан** *андохтан, рехтан, берун кардан, афшондан, пошидан* буда, бо калимаи **панҷа** ҳеҷ гуна муносибати маъноӣ надорад. Таъбири *нусрат аз пайи нусрат*

*ба даст овардан* ҳам ифодаи табиӣ нест, чунки одатан *ғалаба аз пайи ғалаба ба даст овардан* мегӯянд.

**187. Матни зерин аз лиҳози мавзӯъ, мӯҳтаво ва тарзи баён ба кадом жанри рӯзноманигорӣ тааллуқ дорад? Шояд баъди мутолиаи он шуморо ҳам водор кунад, ки қалам ба даст гирифта, дар бораи ҳофизе, ки шефтаи сурудҳояш ҳастед, чизе бинависед.**

## Суруди вопасини Борбади сонӣ

Моҳи апрели соли 1990 дар ҷумҳурӣ 1400-солагии хунёгари мумтоз – Борбади Марвазиро ҷашн мегирифтанд. Аҳмад Бобоқулов бемор буд. Сурудхониро барояш қатъиян манъ карданд, зеро чанде пештар сактаи дилро аз сар гузаронида буд. Бо вуҷуди ин мехост, ки як навбат суруд хонад. Се нафар: Аҳмад Бобоқулов, Асадулло Атовуллоев ва Бурҳон Мамадқулов дар саҳна "Таронаи баёт"-ро суруданд. Ҳангоми сурудхонӣ ӯро ду нафар дар байн дошта меистоданд. Он вақт ӯ базӯр аз ҷой меҷунбид. Ҳарчанд хеле мушкил ва хавфнок буд, бо нотаи аз ҳама баланд месаройид. Садои шӯрангези ӯ гӯё аз қаъри дилаш бармехост. Гумон мекардед, тамоми нерӯи рӯҳониву ҷисмониашро барои суруди вопасинаш бедареғ сарф мекард...

Баъди ду ҳафта аз хуруҷи сактаи қалб ин Борбади сонӣ дар синни 59-солагӣ аз олами равшан абадӣ чашм пӯшид.

**188. Хабарҳои мухтасари рӯзномавиро мутолиа кунед, унсурҳои луғавию грамматикии хоси услуби баёни рӯзноманигориро (дар хабар) муайян кунед. Ҳиссаҳои номӣ ва феълиро ба дафтар нависед ва шарҳ диҳед, ки кадоми онҳо дар хабар бартарӣ дорад.**

## Кӯпрукҳои Панҷакент барқарор шуданд

Ба муносибати Иди саиди Фитр сокинони деҳоти Ёрӣ ва Косатароши ноҳияи Панҷакент сазовори тӯҳфаи муносиб гардиданд. Кӯпрукҳои деҳаи Вешист ва Косатарош, ки бар асари офати табиӣ аз байн рафта буданд, бо маблағгузории Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон (1 млн. 78 ҳазору 228 сомонӣ) барқарор шуданд.

Корҳои сохтмониро дар кӯпруки Вешист кормандони Муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди шаҳри Панҷакент ба иҷро расониданд. Бозсозии кӯпруки деҳаи Косатарош мушкилоти зиёда аз 40 ҳазор шаҳрванди деҳоти Косатарош, Шинг, Моғиён ва Фаробро осон намуд.

**Неругоҳи хурд мушкилро осон кард**

Дар деҳаи Шулдури деҳоти Ясмани ноҳияи Рашт бо иқдоми соҳибкорони маҳаллӣ Давлат Аслонов, Раҷаб Аҳмадов, Султон Бобиев ва бо дастгирии сокинони деҳа ба маблағи 25 ҳазор сомонӣ неругоҳи хурди барқи обӣ сохта, ба истифода дода шуд. Иқтидори неругоҳи номбурда 37 квт\соат буда, 40 оиларо бо барқ пурра таъмин менамояд. Бо шарофати ин иқдоми хайр ин оилаҳо имконият пайдо намуданд, ки тамоми фасли сол аз қувваи барқи худӣ истифода баранд.

**Бо дилу дидаи бедор...**

Бо ибтикори(5) Ҳукумати шаҳри Хуҷанд, ширкати телевизиони ҷамъиятии СМ-1 ва ҳафтавори «Суғд» бахшида ба шастсолагии(6) мавлуди(5) шоири зиндаёд Лоиқ Шералӣ дар қаҳвахонаи «Ширинсарой»(5) маҳфиле бо унвони «Бо дилу дидаи бедор…» баргузор шуд.

Барандаи(5) маҳфил Саидумрон Саидзода нахуст риштаи суханро ба шогирди соҳибҷашн, шоираи номвар Фарзона дод. Нотиқ устоди шеъри навинро(5) бо суханони самимона ёдовар шуд.

Олимон: Усмонҷон Ғаффоров, Атахон Сайфуллоев, адибон: Додоҷон Раҷабӣ, Нурмуҳаммад Ниёзӣ ва дигарон соҳибҷашнро ба некӣ(6) ёд карданд ва аз рӯзгори ӯ воқеоти(3) нодире ҳикоят намуданд. Озарахш бар матни шеъри Лоиқ суруде хонда хотири ҳозиринро(3) болида дошт.

Маҳфил рӯҳи шоири тавоноро бо суханҳои пур аз меҳру муҳаббат шод гардонд.

? 1) Дар ин хабарҳо оё се нуктаи муҳими ин жанр – кай, дар куҷо, чӣ воқеа рӯй дод, зикр ёфтааст?

2) Дар хабар кадом далелҳо возеҳ ва дақиқ баён шудаанд?
3) Сарлавҳаҳо мӯҳтавои асосии хабарҳоро дар бар мегиранд ва то чӣ андоза ҷолибанд?
4) Матнҳо хусусияти ҳикоят, тасвир ё муҳокима доранд?
5) Сархатҳо ва дар дохили онҳо ҷумлаҳо ба василаи кадом унсурҳои луғавӣ ва грамматикӣ бо ҳамдигар алоқаманд шудаанд?
6) Кадом калима ё истилоҳҳо ба назаратон тару тоза намуданд? Онҳо бо чӣ мақсад сохта ва истифода шудаанд?
7) Дар мақолаҳои боло кадом калимаю истилоҳот мундариҷаи асосии хабарро инъикос мекунанд? Онҳоро ба дафтар нависед ва бо ҳам муқоиса намуда, муқаррар кунед, ки дар хабарҳо бештар калимаю истилоҳҳои кадом соҳаи ҳаёти иқтисодӣ ё фарҳангӣ ба кор бурда шудаанд?
8) Калимаҳои сохта ва мураккабро ба ду сутун навишта, дар қавсайн бо ҳарф ишора кунед, ки онҳо ба кадом ҳиссаи нутқ тааллуқ доранд.

**189. Ягон мавзӯи фарҳангии воқеиро интихоб намуда, хабар нависед ва ба он сарлавҳаи созгор ва ҷолиб фикр кунед.**

! Сармақола, мақолаи назарии сиёсӣ, мақолаи ахлоқию тарбиявӣ, обзори байналхалқӣ, мухбирнома, репортаж, фелетон, памфлет, мусоҳиба, лавҳа, очерк, шарҳи варзиш аз ҷумлаи жанрҳои публисистика ба шумор меравaнд.

Очерк жанри маъмули рӯзноманигорӣ буда, чунин асари хурди бадеист, ки дар он, одатан, воқеаи иҷтимоӣ инъикос меёбад. Фарқи он аз дигар асарҳои бадеӣ, аз ҷумла аз ҳикоя ё новелла, ин аст, ки ҳодиса ё воқеаҳои зиндагӣ, макону замон ва қаҳрамонони он шахсони воқеианд. Хусусияти муҳимтарини очерк дар асоси санад ва далелҳои шайъ инъикос намудани ҳақиқати ҳаёти иҷтимоии ҷомеа ба шумор меравад.

Очерк сафарӣ ё ёддоштӣ, чеҳранигорӣ (портретӣ) ва проблемавӣ мешавад. Дар очерки сафарӣ нигоранда ҳангоми сафар ҳар манзара, муҳити зисти мардум, ки дидаасту ба назари ӯ аз ягон ҷиҳат ҷолиб ва аҳамиятнок намудааст, ба қалам медиҳад. Дар очерки портретӣ симои зоҳирию ботинии шахс, назари вай ба кору зиндагӣ, муносибати ӯ ба дигарон тасвир меёбад.

Дар очерки проблемавӣ рӯзноманигор ягон масъалаи доғи рӯзро, ки ҷомеа ба баррасӣ ва ҳалли он ниёз дорад, мавриди таҳлилу натиҷагирӣ қарор медиҳад.

Очеркҳо аз лиҳози ҳаҷм хурд ва калон мешаванд. Очеркҳои адабию таърихии С. Айнӣ «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик», «Исёни Муқаннаъ» ва ғайра калонҳаҷм буда, очеркҳои нависандагон Ф. Муҳаммадиев, М. Наҷмиддинов, Б.Муртазоев ва дигарон ҳаҷман хурданд.

**190. Хонандаи ҷавон, кишвари мо як гӯшаи зебоманзари рӯйи Замин аст. Худ боре ба кӯҳсори он барои саёҳат рафтаӣ, қуллаҳои осмонбӯсро дидаӣ, наҳрҳои шӯхи кӯҳӣ, соҳилҳои сабзу хуррами онро тамошо кардаӣ. Ҳеҷ набошад, ҳусну зебоии ҳушрабои манзараҳои фасли баҳори табиати кӯҳистони тоҷикро дар асарҳои С.Айнӣ хондаӣ. Ту ҳам қалам ба даст бигир ва аз он оғоз бикун, ки кай, ҳамроҳи кӣ, ба кадом муносибат, ба куҷо сафар кардаӣ ва дар он ҷо чӣ манзараҳоро дидаӣ, бо чӣ касон вохӯрдаӣ ва аз он сафар чӣ таассуроти нек ё бад бардоштаӣ.**

## УСЛУБИ РАСМӢ

Ҳар чизе дар саҳифаҳои рӯзномаву маҷаллаҳо чоп шавад ё дар барномаҳои радиою телевизион қироат гардад, ба услуби баёни рӯзноманигорӣ ё публисистӣ нисбат надорад. Чунончи, шеъру ҳикояҳо дар ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат», амру фармон, қарорҳои парлумон, ҳуҷҷатҳои расмии давлатӣ, ки дар нашрияҳои ҳукумат дарҷ мегарданд, низ ба услуби рӯзноманигорӣ мутааллиқ нестанд.

Ба ақидаи муаллифи китоби «Насри идорӣ» Абутуроб Розонӣ, услуби баёни коргузории расмӣ ё идорӣ «маъмулан ба сурати номанигорӣ, гузориш, сурати маҷлис, пайнавишт, тилгиром, паймоннома, бахшнома, подошт, хулосанависӣ, пешнависӣ» ба кор бурда мешавад. «Равиши нигориш дар идора ба таври куллӣ тобеи муқарраროти хосе аст, ки ба асари мурури замон ҳама бад-он хӯ гирифта ва худ бояд ҳамон дастурҳоро ба кор банданд».

М а т н:

Мо, халқи Тоҷикистон, қисми ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳон буда, худро дар назди наслҳои гузашта, ҳозира ва оянда масъул ва вазифадор дониста, таъмини соҳибихтиёрии давлати худ ва рушду камоли онро дарк намуда, озодӣ ва ҳуқуқи шахсро муқаддас шумурда, баробарҳуқуқӣ ва дӯстии тамоми миллату халқиятҳоро эътироф карда, бунёди ҷомеаи адолатпарварро вазифаи худ қарор дода, ҳамин конститутсияро қабул ва эълон менамоем.

## БОБИ ЯКУМ

### Асосҳои сохтори конститутсионӣ

**Моддаи 1**. Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона мебошад.

Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ буда, барои ҳар як инсон шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам меорад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тоҷикистон ҳаммаъноянд.

**Моддаи 2.** Забони давлатии Тоҷикистон забони тоҷикӣ аст.

Забони русӣ ҳамчун забони муоширати байни миллатҳо амал мекунад.

Ҳамаи миллатҳо ва халқиятҳое, ки дар ҳудуди ҷумҳурӣ зиндагӣ мекунанд, ҳақ доранд, аз забони модариашон озодона истифода кунанд.

**Моддаи 3.** Рамзҳои давлатии Тоҷикистон Парчам, Нишон ва Суруди миллӣ аст…

Ин матн аз Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст, ки қонуни асосии давлат ба шумор меравад. Дар он маънои ҳар як калима ва истилоҳ дақиқ санҷида, ба ҳисоб гирифта шудааст (*Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тоҷикистон ҳаммаъноянд).*

Дар ин услуби баён дақиқ (бо номи аслии худ) зикр ёфтани факту далелҳо муҳим аст, на ҷиҳати обуранг ва

муассирии он. Услуби забони ҳуҷҷатнигорӣ якрангу якнавохт ва камтаъсир аст.

Истилоҳҳои сиёсӣ дар шакли калима (*конститутсия (сарқонун), соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, миллат, халқият, озодӣ, ҳуқуқ, баробарҳуқуқӣ, парчам, нишон*) ё дар шакли ибора *(Ҷумҳурии Тоҷикистон, суруди миллӣ, давлати иҷтимоӣ, забони давлатӣ, рамзҳои давлатӣ, ҷомеаи ҷаҳон, ҳуқуқи шахс)* омада, ба як маънои дақиқ далолат мекунанд.

Ҳар мафҳум бо номи мушаххаси худ ифода меёбад, бо муродифҳо ё ҷонишинҳо иваз намешавад, бинобар ин дар забони ҳуҷҷатҳои давлатӣ калимаю истилоҳоти сиёсӣ такрор ба такрор меоянд (дар ин матн калимаи *Тоҷикистон* панҷ маротиба, *Ҷумҳурии Тоҷикистон* ду бор такрор шудааст).

Калимаҳо маънои истилоҳӣ гиранд, аз маъноҳои дигар ва тобишҳои маъно орӣ мегарданд (чунончи, *суруд* дар таркиби *суруди миллӣ*).

Дар ифодаи фикр ба мантиқи сухан бештар эътибор дода мешавад. Матни услуби забони расмӣ ё идорӣ ба сархату бандҳои мушаххас ҷудо мегардад. Кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки ҳар ҷумла як фикри дақикро кушоду равшан ифода намояд, мазмуни духӯра пайдо накунад.

Ҳадафи услуби расмӣ маълумоти дақикро (асосан ба тариқи хаттӣ) ифода кардан аст, бинобар ин фикр бо ёрии ҷумлаҳои содаи пурраи хабарӣ (гоҳе тафсилӣ, чунон ки дар дебочаи моддаҳои асосии сарқонун мушоҳида шуд), ҷумлаҳои мураккаби пайвасту тобеъ, ки дар таркибашон ҷумлаҳои пайрави муайянкунанда, сабаб, мақсад, шарт, хилоф доранд, ифода меёбад.

Сохтори қисми зиёди ҳуҷҷатҳои идорӣ аз оғоз то ба анҷом якгуна аст ва барои осон кардани ҳуҷҷатнигорӣ асли матлаб, ки факту рақамҳо ва ё дархости ҳар фардро дар бар мегирад, дар қолабҳои қаблан сабтшуда (чунончи, дар ҳолнома (тарҷумаи ҳол), номаи камол, шиноснома, зоднома (шаҳодатномаи таваллуд) ва ғайра ворид карда мешаванд.

Чанд намунаи ҳуҷҷат: ариза, ҳолнома (тарҷумаи ҳол), забонхат, ваколатнома.

Ба директори мактаби таҳсилоти умумии № …, деҳаи…, мухтарам… (ному насаб).
Аз хонандаи синфи X ҳамин мактаб … (ному насаб).

**Ариза**

Хоҳиш мекунам, барои гузаштан аз муоинаи духтури маркази ноҳия маро ба муҳлати як рӯз аз дарс озод намоед.

Таърихи рӯз.
(имзо)

**Ҳолнома (тарҷумаи ҳол)**

Ман – Раҷабова Умеда, 9 октябри соли 1977 дар деҳаи Кӯлканди ноҳияи Исфара дар оилаи деҳқон таваллуд шудаам. Падарам – Раҷабов Абдураҳим, дар хоҷагии деҳқонии ба номи Ҳ. Мукаррамов кор мекунад. Модарам – Раҷабова Муборак, нафақагир аст.

Соли 1992 – пас аз хатми синфи IX мактаби миёнаи № 33 ба ТСХИ-и ш. Исфара дохил шудам. Соли 1995 техникумро бо ихтисоси коргузор ва муҳосиб хатм кардам ва фаъолияти кориамро чун коргузор дар ҳамин техникум оғоз намудам. Соли 1998 ба шуъбаи ғоибонаи факултаи ҳуҷҷатнигор-менеҷменти Коллеҷи технологии Исфара дохил шудам. Оиладор нестам.

Нишонии ман: ноҳияи Исфара, деҳаи Кӯлканд, кӯчаи Зебунисо, хонаи № 156.

Имзо (Раҷабова У.)
25 июли соли 1998.

**Забонхат**

Ман,…(ному насаб), мудири хоҷагии мактаби таҳсилоти умумии № …, деҳаи… аз мудири анбори маорифи ноҳияи…, …(ному насаб) 1 (як) адад компютери… ва 1 (як) адад принтер гирифтам.

Имзо (ному насаб)
Таърихи рӯз.

## Ваколатнома

Ман – Алиев Саид, сокини ш. Душанбе, кӯчаи Неъмат Қаробоев, бинои № 6, хонаи 23, ба шаҳрванд Мирзоева Раъно ваколат медиҳам, ки амонати аз ш. Бухоро ба номи ман фиристодаро аз шуъбаи алоқаи ш. Душанбе гирад.

Имзо (Алиев С.)
Таърихи рӯз.
Имзои шаҳрванд С. Алиевро тасдиқ мекунам:
Раиси кумитаи маҳалла Имзо (Исоев А.)
Муҳр

**191. Аз рӯйи намунаи боло ҳолномаи худ ва бо мазмуни дилхоҳ ариза, забонхат ва ваколатнома нависед. Кӯшиш кунед, ки нуктаҳои асосии фикр ба низоми таносуби сатрҳои ҳуҷҷат ифода ёбанд.**

**192. Дар матни зерин кадом унсурҳои забони идорӣ бо мақсади ҳаҷв намудани хислати расмиятпарастии баъзе маъмурон истифода шудааст?**

## «Равшанӣ аз торикӣ…»

Бо мақсади беҳтар кардани сифати таълиму тарбияи насли наврас шоҳмисраи Меҳмон Бахтиев «Равшанӣ аз торикӣ равшантар аст» проблемаи мактаб ҳисобида шавад.

Ба ҳамаи муаллимон супурда шавад, ки шоҳмисраи мазкурро дар байни хонандагон тарғиб кунанд ва ҳар дарси худро бо он сар кунанд. Онҳо дар дарсҳои худ ба ҷойи пурсиши вазифаи хонагӣ шоҳмисраи Меҳмон Бахтиевро таҳлил намоянд ва аз хонандагон низ ҳамин корро талаб кунанд.

Ба ҳамаи муаллимон супориш дода шавад, ки дар мавзӯъҳои зерин конференсияҳои илмию адабӣ барпо намоянд:

Муаллимони забон ва адабиёти тоҷик дар мавзӯи «Меҳмон Бахтиев ва таъсири шоҳмисраи ӯ «Равшанӣ аз торикӣ равшантар аст» ба адабиёти Шарқу Ғарбу Ҷануб».

Муаллимони физика дар мавзӯи «Суръати рӯшноӣ ва таъсири он дар офаридани шоҳмисраи «Равшанӣ аз торикӣ равшантар аст»-и Меҳмон Бахтиев.

Муаллимони забон ва адабиёти рус дар мавзӯи «Жизнь и творчество Мехмона Бахтиева и его королева-строчка».

Муаллимони биология ва табиатшиносӣ дар мавзӯи «Таъсири равшанӣ дар фотосинтези шоҳмисраи Меҳмон Бахтиев «Равшанӣ аз торикӣ равшантар аст».

Ба муаллимони синфҳои ибтидоӣ супориш дода шавад, ки ба хонандагони синфи якум баъди алифбо шоҳмисраи Меҳмон Бахтиевро омӯзонанд ва ҳангоми ҷашнҳои «Иди алифбо», «Соли нав», «Ҳаштуми март», «Рӯзи кайҳоннавардон» хонандагон онро қироат кунанд.

?

1) Шакли мафъули феълҳо (*ҳисобида шавад, супорида шавад, супориш дода шавад*) бештар дар кадом навъи санадҳои идорӣ мушоҳида мешавад?

2) Чаро ному насаби маъруфи шоир ба тарзи *Меҳмон Бахтиев* омадааст?

3) Истилоҳи адабиётшиносии *адабиёти Шарқ ё Ғарб* ба ҳама маълум аст, вале *адабиёти Ҷануб* бо чӣ мақсад сохта шудааст?

4) Магар унвони мавзӯъҳои «Равшанӣ аз торикӣ равшантар аст», «Суръати рӯшноӣ ва таъсири он дар офаридани шоҳмисраи «Равшанӣ аз торикӣ равшантар аст»-и Меҳмон Бахтиев» ва ғайра маъние дорад?

## Номанигорӣ (муросалот)

!

Як соҳаи услуби баёни расмӣ муросалот ё номанигорист. Номанигорӣ дар ин ҷанбаи услубии форсу тоҷик таърихи қадима дорад. Руқаоти Абдураҳмони Ҷомӣ, ки ба унвонии Алишери Навоӣ ва султон Ҳусайни Бойқаро ирсол гардидааст, далели равшани он аст:

«Баъд аз арзи ниёз маъруз (дархост) он, ки доранда (-и нома) заифаест сайидаи ғариб. Мехоҳад, ки ба Самарқанд, ки ватани ӯсту касони вай он ҷоянд, муроҷаат (сафар) кунад. Илтимоси он медорад, ки аз авқофу (вақфҳо, аз маблағҳои барои хайр ҷудошуда) ғайри он имдоде воқеъ шавад, ки ин сафар муяссар гардад.

Тавфиқ (адлу инсоф) рафиқ (ёр, ҳамсафар) бод!»

Ҳамаи номаҳои Ҷомӣ бо айни як ифода оғозу анҷом меёбад: *Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки... Тавфиқ рафиқ бод!* Ё: *Давлату саодати дуҷаҳонӣ муяссар бод! Вассалом!* Ё: *Тавфиқ рафиқ боду саодат зиёдат, вассалом!*

Дар асари Шаҳриёри Ёрбахт «Оини иншо ва номанигорӣ» омадааст:

«Номанависӣ ё номанигорӣ (идорӣ, тиҷорӣ, хусусӣ, хонаводагӣ) худ як навъ иншо маҳсуб мешавад. Мунтаҳои инчунин номаҳо ҳатталмақдур мухтасар ва муфид буда, аз ҳар гуна ҳошияпардозӣ ва пероя мубарро (озод) бошад ва фақат дар перомуни мавзӯъ мавриди назари матлаб навишта шавад, зеро чунин иборот аз чаҳорчӯби мавзӯъ хориҷ гардад, лутфи калом лағв гашта (аз байн рафта), асари худро аз даст медиҳад».

Як намунаи номаи шодбош:

**Бародари мӯҳтарам!**

Ба муносибати Иди фирӯзи Наврӯз Шуморо аз самими қалб табрик менамоям. Умедворам, ки ба дарки наврӯзҳои бешумор муваффақ гардед. Худованди таоло ин соли тозаро ба Шумо ва ҷомеи оилаи Шумо муборак ва масъуд гардонад.

Таърих ва имзо.

**193. Қисми аввал ва интиҳои номаи устод Айниро бомулоҳиза мутолиа кунед ва бигӯед, ки дар номанигории замони мо чӣ дигаргунӣ ба миён омадааст.**

**Нуричашмӣ Камол!**

Мактуби 12 морт навиштаат расид. Баробари мактуб бондурул (бандерол, яъне баста) ҳам расид, ки (дар он) «Алмӯъҷам», девони Носири Хусрав бо «Сафарнома» ва асари устод Бертелс буд. Эҳтимол, ту таърихи термини «форс-тоҷик» ва «тоҷик-форс»-ро надонӣ. Вақте ки ман «Намунаи адабиёт»-ро

навишта баровардам, ҳама шарқшиносҳо ба ман муқобил баромаданд ва онҳо забони адабӣ доштани халқи тоҷикро инкор карданд ва ҳама гузаштагони моро, ҳарчанд дар Мовароуннаҳр расида бошанд, ба манупулиёи (монополияи ё инҳисори) Эрон додан хостанд. Ин, аз як тараф, ба ҳақиқати таърих мухолиф бошад, аз тарафи дигар, ба сиёсат мухолиф буд, чунки дар ҳамон вақтҳо тақсими ҳудуди миллатҳои Осиёи Миёна шуда, тоҷикон ҳам ба сифати як миллати мустақил шинохта шуда буданд. Аз ин хатои шарқшиносон пантуркистҳо истифода бурда будани тоҷикҳоро дар Осиёи Миёна инкор карданд ва «Тоҷикон ӯзбаконеанд, ки бо таъсири эрониён забони худро гум кардаанд» гуфтанд.

Ин ҷанҷол то солҳои 1928–1930 рӯз то рӯз шиддат карда давом намуд. Дар соли 1929 дар Тошканд кунфуронси ба алифбои лотинӣ гузаштани тоҷикон барпо шуд. Як қисмати шарқшиносон гуфтанд, ки: «Тоҷикон ҳастанд, аммо забони адабӣ надоранд. Ин забони адабие, ки дар вай шоирони гузашта ва ҳозираи Осиёи Миёна шеър мегӯянд, азони Эрон аст. Бояд дар асоси забони кӯчагӣ барои тоҷикон забони адабӣ аз нав сохта шавад». Дар он вақт бисёр шӯрида мунозира кардем, аммо онҳо аз қавли худ нагаштанд.

Баъд аз он дар соли 1930 дар Самарқанд кунфуронс шуд, аммо дар пешгоҳи золи маҷлис бо хати ҷалии (равшани) настаълиқ «Тоҷикон забони адабии ҳазорсола доранд ва то имрӯз давом намуда омада, баъд аз ин ҳам ба сифати забони адабии саветии тоҷик(ӣ) давом хоҳанд кард» навишта мондем.

Ин масъала дар ин маҷлис ҳам ҳал нашуд, яъне мухолифон даъвои маро қабул накарданд. Баъд аз он – дар ҳамон сол дар Истолинобод кунфуронсе барпо шуд. Дар он ҷо ман бо пруфисур Андриюф даст ба гиребон шуда ҷанг кардам (дар ин ҷанҷолҳо лидир танҳо ман будам ва баъзе касон фақат ба хотирхоҳии ман ба ман ёрӣ медоданд).

Баъд аз ин мунозираҳо шарқшиносон, аз ҷумла Бертелс ва Булдируф, розӣ шуданд, ки адабиёти тоҷикро аз асри XV–XVI-уми мелодӣ ин ҷониб дар ҳудуди Мовароуннаҳр қабул намоянд. Аммо шоирони гузаштаро тамоман ба Эрон додан хостанд.

Мо ба ин суханҳои бемантиқ гӯш накарда кори худро давом додем: Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Буалӣ Сино, Ҳофиз ва дигаронро азони худ гуфта навишта баромадан гирифтем. Ман дар охири муқаддимаи Саъдӣ (китоби «Шайх Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ») исбот кардам, ки Саъдӣ худашро тоҷик гуфтааст. Аммо маҳз ба хотири оммаи шарқшиносон ман шоиронеро, ки дар Эрон ва Хуросон рӯйидаанд, «шоири форс-тоҷик» гуфта унвон додам…

Ҳоло ҳамин қадар бас аст. Ба ҳама салом расон.

Айнӣ.

Ман аз китоби Брогинский якеро ба номи ту ва дигареро ба номи Холида навишта будам. Дар бастани бондурул Лутфия саҳв карда чаппа бастааст.

Бо саломи падарона Айнӣ.
13/3/1349.

?

1) Туркгароён (пантуркистон) бо чӣ мақсад ҳақиқати таърихиро инкор намуда, ошкоро мегуфтанд, ки миллати тоҷик ва забони тоҷикӣ вуҷуд надорад?
2) Чаро С.Айнӣ калимаю истилоҳоти байналмилалии ба воситаи забони русӣ иқтибосшуда ва исмҳои шарқшиносони русро мувофиқи талаффузи тоҷикӣ (кунфуронс, бондурул, Булдируф…) навиштааст?
3) Мазмуни мактубро бо забони худ хаттӣ нақл намуда (ба рӯйи коғаз гузаронида), дар интиҳо андешаҳои худро дар ин бобат нависед.

!

Муаллифи «Муросалоти форсӣ» пас аз навиштани сарнома, ки мактуб ба нишонии кист, аз қабили таъбироти зерин зикри таъзиму эҳтиромро воҷиб мешуморад: *падари бузургворам, падари вологуҳарам, падари олишонам,*

*волонеъматам, сабаби ҳаётам, сабаби файзу саодатам, қиблагоҳам; волидаи муҳтарамам, волидаи муаззамаам, модари мушфиқу меҳрубонам; бародари азизам, бародари меҳрубонам, бародари вологуҳарам; ҳамшираи меҳрубонам, ҳамшираи мушфиқам, хоҳари азизам; фарзанди арҷмандам, нури чашмам, нури дидаам, самараи ҳаётам; устоди бузургворам, боиси камолотам, сабаби ифтихорам* ва ғайра. Нома бо суханони *камтарини Шумо, мухлисатон, хайрхоҳи Шумо, дуогӯятон, ҳақиратон*... ва таърих интиҳо меёбад.

Н а м у н а:

Ба ҳузури олии падари бузургворам.

Қиблагоҳо!

Сабаб ин, ки ду ҳафта боз ба ҳузури муборак аризанигор шуда наметавонам: Расидани вақти имтиҳони мактабии мо буд. Акнун, биҳамдулло, имтиҳони мо тамом гардиду банда ба синфи боло гузаштам. Хеле орзу дорам, ки таътили мактабро дар хизмати падари вологуҳар бигузаронам.

Вале барои мушарраф шудан ба побӯси Шумо маблағи лозиме надорам. Аз ин рӯ истидъо менамоям, ки барои ғуломатон қадре харҷи роҳ ирсол намоед. Хидмати волидаи мӯҳтарамаам худ салом расонида, дасти муборакашонро аз дур мебӯсам.

Боқӣ бақои дуои падаронаи Шуморо хоҳонам.

**194. Ба шахси ба дил наздику аз дида дуратон мактуб нависед. Дар услуби номанигории имрӯзаи мо андаке тағйирот ба миён омадааст, вале риояи эҳтироми мусоҳиби ғоиб, самимияти суханони номанигор бетағйир мондааст. Баъд аз навиштани мактуб онро бодиққат хонда, ғалатҳояшро ислоҳ карда, ба лифофа андозед.**

# УСЛУБИ ИЛМӢ

**195. Матнро бодиққат хонед, мулоҳиза кунед, ки ҳадафи нигоранда муошират, иттилоъ додан ва ё завқи бадеӣ бахшидан аст. Матн ба кадом услуби нутқ тааллуқ дорад ва дар он кадом хусусиятҳои луғавию грамматикии он услуб зоҳир гардидаанд?**

Чунон қаҳтсоле шуд андар Димишқ,
Ки ёрон фаромӯш карданд ишқ.

Ин байти Саъдӣ, ки мансуб ба боби нахустини «Бӯстон» аст, аз асри XVI таваҷҷуҳи шореҳони осори адабиро ба худ ҷалб кардааст. Сурурӣ дар маънидоди байт менависад: «Чунон» масруф аст ба мисраи сонӣ, «қаҳт» – хушкӣ, Димишқ номи шаҳрест маъруф, дар забони авом машҳур аст ба Шом, «ишқ», яъне муҳаббат. Ҳосил он, ки ҳар кас ба тадбири худ машғул шудаанд».

Шореҳони форсу тоҷик дар сари байт, махсусан вожаи асосии он «ишқ», таҳқиқот анҷом додаанд. Онҳо саросари эҷодиёти Саъдӣ «ишқ»-ро ба кулли маъноҳои аслию маҷозиаш ҷустуҷӯ кардаанд.

Абдулвосеи Хонсавӣ мавридҳои истеъмоли калимаи «ишқ»-ро дар мамолики араб, махсусан дар Димишқ бозпурс мекунад. Ниҳоят ба хулосае меояд, ки «ишқ» ин ҷо ба маънои «ассалому алайкум» аст, ки дар замони собиқ ба ҷойи салом ҳангоми мулоқот бо якдигар «Ишқ, ишқ!» мегуфтанд. «Маънии байт он аст, ки соле дар Димишқ чунон қаҳт афтод, ки ёрон аз хавфи он, ки мабодо касе аз мо истидъои (талаби) чизе кунад, «Ассалому алайкум!», ки шиори аҳли ислом аст, тарк дода буданд».

**!** Услуби баёни илмӣ барои сабт намудани маҷмӯи донишҳое, ки ба ягон соҳаи илм, техника ва кашфиёт тааллуқ дорад, хизмат мекунад.

Тадқиқгарони форс насри фанниро ба хелҳои муншиёна, мутакаллифона ва мусаҷҷаъ ҷудо кардаанд. Насри муншиёна тамоми дониши худро бидуни таносуби зиёде зимни баёни

мақсуд нигоштан, насри мутакаллифона ба худ ранҷ додан ва луғату ибороти дур аз зеҳн овардан ва ҷумлаҳоро бо гуфтаҳои кӯтоҳ ва пурмағз оростан аст.

Услуби нигориши илмӣ ё фаннӣ ба ду равияи баёни фикр: услуби нигориши сирф илмӣ ё тадқиқоти илмӣ ва услуби нигориши осонфаҳм ё оммавӣ ҷудо мешавад. Дар услуби нигориши оммавӣ бо мақсади дастраси умум гардонидани натиҷаҳои кашфиёти илмӣ ба ҷойи истилоҳоти мушкилфаҳм усули маънидодро ба кор мебаранд ва формулаҳои илмиро бо мисолҳои мушаххаси ҳаётӣ шарҳ медиҳанд.

Услуби забони илмӣ таърихи бештар аз ҳазорсола дорад ва дар ин муддат хеле инкишоф ёфтааст. Ин ҷараёнро аз муқоисаи матни китоби Ибни Сино «Шифо» бо матни дар боло овардашуда пай бурдан мумкин аст:

«Шеър сухане аст хаёлангез, ки аз суханоне мавзуну баробар сохта шуда ва дорои қофия ҳам бошад. Мавзунии суханон он аст, ки оҳанги шумурда дошта бошад. Ва баробарии онҳо иборат аст аз ин, ки ҳар сухане аз як даста суханони оҳангдоре таркиб шавад ва шумораи замони он бо шумораи замони сухани дигар баробар бошад. Ва қофия доштани суханон ба ин маънӣ аст, ки ҳарфҳои охири ҳар қавл якхела бошанд».

Ҳар ду матн ҳам ба риштаи адабиётшиносӣ (шарҳи маънои калима, вазну ҳамоҳангии вожаҳо ва қофия дар шеър) мансуб аст. Дар матни аввал истилоҳоти *байт, мисраъ, вожа, маънои аслӣ, маънои маҷозӣ, истеъмоли калима, осори адабӣ, тадқиқот анҷом додан*, дар матни «Шифо» *шеър, мавзун, қофия, сухан, ҳарф* ба кор бурда шудааст.

Дар матни илмӣ калимаю истилоҳҳо бисёр такрор мешаванд (чунончи, калимаи *ишқ* ва *сухан*), зеро ҳалли масъалаҳои мураккаб ва печ дар печи илмӣ тақозо мекунад, ки ҳар мафҳум бо як истилоҳ ба тариқи мушаххас ифода карда шавад. Бинобар ин дар ин услуби баён низ бо муродифҳо иваз кардани истилоҳ ё бо ҷонишинҳо ишора кардан ба мафҳумҳои илмӣ ҷоиз нест. Шояд табъи шоирии Ибни Сино водор месозад, ки гоҳе аз такрори сухан худдорӣ кунад (чунончи, дар матни боло ...

*он аст, ки... // ...иборат аст аз ин, ки... // ...ба ин маънӣ аст, ки...; сухан // қавл).*

Дар матни илмӣ фикр дар қолаби ҷумлаҳои пурраи сода ва мураккаби пайвасту тобеъ батафсил ифода меёбад. Истифодаи қолабҳои якхелаи наҳвӣ ҳам хусусияти ин услуби нигориш аст. Масалан, дар ҷумлаи аввали матни «Шифо» калимаҳои *мавзун, баробар* ва *қофия* хотирнишон гардида, дар се ҷумлаи ҳамқолаби минбаъда ҳар кадоми онҳо шарҳ дода мешаванд.

Аз матнҳои боло ҳам аён аст, ки дар услуби баёни илмӣ фаровон корбаст шудани истилоҳоти соҳаҳои гуногуни илм, ба як маъно кор фармудани калимаҳо, аз сермаъноӣ ва тобишҳои маъно, маҷоз, киноя ва умуман обуранги бадеӣ, хусусияти ифоданокӣ фориғ гардидани онҳо мушоҳида мешавад.

Баёни фикр якранг, муназзам ва ба тариқи расонидани иттилоъ сурат мегирад. Дар ҷумлаҳои хабарӣ амалу аломат бештар ба шахси сеюм нисбат дода мешавад. Тарзи мафъули (пассиви) ифода низ яке аз аломатҳои наҳвии услуби забони илмӣ ба шумор меравад. Дар матни илмӣ барои пай дар пай ва бо низоми муайян ифода намудани матлаб аз воҳидҳои туфайлии *якум, дуюм, аввал ин, ки, дуюм ин, ки, ниҳоят, чунон ки қаблан зикр шуд* ва ғайра истифода мебаранд.

**196. Матнро хонед, хусусиятҳои луғавию грамматикии услуби баёни илмиро муайян кунед. Истилоҳҳоро ба дафтар нависед ва мулоҳизаҳои худро доир ба баҳси истилоҳ зикр кунед.**

Дар навиштаҳои мо гоҳо истилоҳоти *маданияти сухан* ва *ҳусни сухан*ро бетафовут кор мефармоянд. Ҳатто дар зери рубрикаи «Ҳусни сухан» баъзан мақолаҳое дарҷ мегарданд, ки аз онҳо на ҳусн, балки танҳо қубҳ эҳсос мешавад.

Калимаи *ҳусн* танҳо маънои мусбат дорад. Маънои аслии ин калима *хушрӯ, зебоӣ, ҷамол* аст. Дар калимаву таркибҳои гуногун калимаи *ҳусн* ба маънои сифати аълову воло меояд

ва бо калимаҳои амсоли *ҷамол* ҳамчун муродиф воқеъ мегардад… Дар ибораҳои *ҳусни сухан, ҳусни калом, ҳусни ифода, ҳусни баён, ҳусни маънӣ, ҳусни мақол, ҳусни муомила, ҳусни мурочиат, ҳусни такрор* дар ниҳояти зебоӣ воқеъ гардидани исмҳои муайянкунанда зикр шудааст. Аз ҳамин сабаб ин тавсифҳоро одатан ба соҳибсуханон, ба суханварони мумтоз нисбат медиҳанд…

Ҳамин тавр, мафҳуми *маданияти сухан* васеътар буда, *ҳусни сухан* қисми муҳими он аст.

Дурустии нутқ, беғалатии он талаби нахустини маданияти сухан аст. Аз рӯйи ин талабот ба вариантҳо чунин баҳо дода мешавад: дуруст–нодуруст, мумкин–номумкин. Масалан, пайвандакҳои таркибии *модом ки, чунон ки* дуруст, вале *модоме ки, чуноне ки* нодуруст; ҷумлаи қолибӣ «Ҳар ҷо ки *наравам*, туро мебинам» ғалат, вале «Ҳар ҷо ки *равам,* туро мебинам» дуруст ва адабист.

Дурустии нутқ, таълими меъёри забон мавзӯи асосии китобҳои дарсӣ мебошад. Онро хонандагон асосан дар мактаб меомӯзанд. Риояи меъёри забон дар гуфтору навиштаҷот аз саводнокии шахс, маданияту дониши ӯ шаҳодат медиҳад…

Талаби дигари маданияти сухан тарбияи завқ ва маҳорати суханварист. Маҳорати суханварӣ бар замми риояи меъёри забони адабӣ аз ин забон моҳирона ва мавридшиносона интихоб ва истифода кардани беҳтарин муодилҳои воҳиди забонро мефаҳмонад, ки ҳам аз ҷиҳати мазмун, ҳам аз ҷиҳати услуб, ҳам аз ҷиҳати равшанӣ ва таъсир мувофиқ бошад. Аз рӯйи талаботи маҳорати суханварӣ ба вариантҳои забон чунин меъёр гузошта мешавад: беҳтар–бадтар, бамавридтар, образноктар, барҷастатар, фаҳмотар, саҳеҳтар, фасеҳтар, равшантар, нишонрастар, нозуктар, ширинтар ва ғайра (Ш.Р.).

?

1) Истилоҳҳои *мақола, рубрика* ва феъли *дарҷ гардидан* хоси кадом услуби баён аст?
2) Дар матн истилоҳҳои *вариант, муродиф, муодил* ва *меъёр* бо кадом маъно кор фармуда шудаанд?

3) Таркиби *кишт гузаронидан* (? коридан, коштан, кишт кардан) ва ибораи *обунашавӣ ба рӯзномаву маҷаллаҳо* (? обуна ба рӯзномаву маҷаллаҳо) кадом навъи ғалат (дуруст–нодуруст, беҳтар–бадтар) аст?

4) Ба ақидаи шумо, истилоҳи «культура речи»-ро ба забони тоҷикӣ «маданияти сухан» тарҷума кардан беҳтар аст ё «ҳусни баён»?

5) Аз китоби дарсии физика ё математика матнеро иборат аз 5-6 ҷумла нависед ва шарҳ диҳед, ки дар он кадом истилоҳҳои илмии соҳаи физика ё математика кор фармуда шудаанд.

**197. Дар матни зерин кадом унсурҳои услуби баёни илмӣ ва публисистӣ ба ҳам омезиш ёфтаанд?**

Аҷдодони шӯҳратёрамон(2) ба мо ҳам кишвару табиати бою зеботарин(3), ҳам фарҳанги оламшумулу(2) ғанитаринро мерос гузоштаанд, ки боиси ифтихору иқболи баланди мост(4). Аз намунаи олии ганҷинаи маънавии ниёгон китоби безаволи «Авасто» ба ҳисоб меравад. «Авасто», ба эътирофи олимони ҷаҳон, дар таърихи инсоният китоби бузургтарин ва бамаънитарин(3) аст.

Камолоти инсон, зинаҳои такмил дар зардуштия ба се асл (принсип): пиндори нек, гуфтори нек, рафтори нек асос меёбад.

Нахустин сифате, ки инсон дар зинаи аввал дар худаш бояд парварад, «аша ва ҳишта», ростию дурустӣ ва тартибу танзим мебошад(4). Фазилати мазкур тибқи «Авасто» қонунест, ки на танҳо инсон ва аҳли башарро, балки тамоми коинотро ба рушду инкишоф, ба сӯйи камолот мебарад(4).

Дуввумин(1) зинаи такмил «воҳу мана» – маниши пок аст. Он дониши касбист, ки туфайли таълим омӯхта, фурӯғи маниши пок ба вуҷуд меорад. Шахс ба воситаи таълиму донишомӯзӣ(2) ба сифатҳои дигари ахлоқӣ ноил мегардад. Чунон ки Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ фармудааст:

Марди адабро хирад физояд ҳикмат,
Марди хирадро адаб физояд имон.

Саввумин(1) зинаи такмил «хшатра вайра», яъне беғаразона(2) ба кор андохтани тамоми қувва ба нафъи умум мебошад. Ҳар фард бояд нерӯи худро ба хидмату саодати дигарон сарф кунад. Масалан, барзгар(2) бояд барои беҳбудии(2) хонаводаи(2) худ, султон барои некӯаҳволии(2) халқи худ бикӯшад. Ин нукта беихтиёр(2) ҳикмати шоири маорифпарвар(2) Асирии Хуҷандиро ба хотир меорад:

Одамият чист?
Худро дур аз шарр доштан,
Некхоҳи халқ будан, нафъи безар доштан (М.М.).

?

1) Тавсифҳои *шуҳратёр, бою зеботарин, оламшумулу ғанитарин, иқболи баланд, намунаи олӣ, ганҷинаи маънавӣ, безавол* ва ғайра хоси кадом услуби забон аст?

2) Бо ёрии тартиби рақамҳои се асл: *нахустин, дуввумин, саввумин* гурӯҳбандӣ намудани қисматҳои матн дар кадом услуби баён бештар мушоҳида мешавад?

3) Муродифҳои *шоҳ, малик, султон, амир* аз ҳамдигар чӣ тафовут доранд?

4) Аз китоби таърих матнеро интихоб карда нависед, ки дар он калимаю истилоҳоти хоси замони гузашта кор фармуда шуда бошанд.

**198. Матнро хонда, истилоҳҳои соҳаи рӯзноманигориро ба дафтар нависед.**

## Репортаж

Истилоҳи *репортаж* калимаи лотинӣ буда, маънои хабардиҳӣ дорад. Одамонеро, ки ахбор ҷамъ мекунанд, *репортёр* ва маводи ахбории онҳоро дар рӯзнома *репортаж* меноманд(4). Ҳоло истилоҳи *репортаж* мазмунан маҳдуд гардида, як навъи жанрҳои ахборӣ-публисистиро ифода мекунад ва он дар матбуоти даврӣ, радио ва телевизион мавқеи муҳим дорад(4).

Репортаж, ба ақидаи С.М.Гуревич, тарзи инъикоси бевосита ва муҳаррики ҳодисаву воқеаҳои рӯзмарраи(2) ҳаёти ҷомеа аст, ки муаллиф шоҳид ё ширкаткунандаи(3) онҳост(4).

Репортаж бояд воқеаҳои нав ва барои одамон аҳамиятнокро(2) дар ҷараён ва ҳаракат тасвир ва баён кунад. Забони репортаж мӯъҷаз ва оммафаҳм(2) бошад.

Дар рӯзномаҳои ҷумҳуриявӣ репортажҳо таҳти рубрикаҳои «Репортаж аз сохтмони шоҳроҳҳои(2) ибтидои асри навин», «Репортажи рӯз», «Репортаж аз ҷойи воқеа», «Репортажи лирикӣ» ва ғайра чоп мешаванд.

?

1) Чаро дар матн истилоҳи *репортаж* ёздаҳ маротиба такрор шудааст?
2) Матн ба услуби баёни илмии оммавӣ тааллуқ дорад ё илмии тадқиқотӣ? Шумо чӣ хусусияти он тарзҳои ифодаи фикрро мушоҳида кардед?
3) Сархатҳои матн бо кадом воситаҳои луғавӣ ва грамматикӣ алоқаманд шудаанд?
4) Ҷумлаҳо аз лиҳози сохту таркиб чӣ гунаанд?

**199. Дар мавзӯи боздиду мулоқоти охирин бо ҳамсабақону устодони мактаб дар ду саҳифаи дафтар репортаж нависед. Тарзе иншо кунед, ки кас хонда, худро дар он лаҳзаҳои басо ҳассоси хайрухуш бо даргоҳе тасаввур кунад, ки дар он ёздаҳ соли умри азизи шумо гузаштааст. Репортажро чунин оғоз кунед: Пагоҳии... Саҳни мактаби...**

**200. Матни зеринро бомулоҳиза мутолиа намуда, истилоҳоти ишорашудаи забоншиносиро ба дафтар нависед ва муқаррар кунед, ки маънои кадом истилоҳҳо бароятон равшан нест. Шарҳи маънои онҳоро аз «Луғати истилоҳоти забоншиносӣ» ёфта, хонед.**

Дар *нутқи гуфтории адабӣ* мисли *нутқи адабии хаттӣ* дар *талаффузи калимаҳои* алоҳида ҳолатҳои инҳироф – дур рафтан аз *меъёр* мушоҳида мешавад, ки барои хусусияти умумӣ гирифтани *меъёри умумӣ* халал мерасонад.

Масъалаи якум ба *талаффузи* «ӯ» (*вови маҷҳул)* дахл дорад. Ҳарчанд дар навишт ва *талаффузи* ин *овоз* қоидаи

умумӣ ба асос нигаҳдорӣ мешавад, дар матбуот, аз ҷумла дар навиштаҳои баъзе адибон ва дар *нутқ*и оммавии қисме аз зиёиён гоҳо ҳолати акс низ ба назар мерасад: дар *калима*ҳои **мӯ, рӯз, пӯст, дӯст** ва мисли инҳо, ки аз бобати *этимологӣ* бо «ӯ» (*вови маҷҳул*) навиштан ва *талаффуз кардан*ро тақозо дорад, «у» (*вови маъруф*) менависанд ва ҳамин тавр ҳам *талаффуз мекунанд.* Айни ҳамин ҳолатро дар *калима*ҳои **сӯхтан, хӯрдан, дӯхтан** низ метавон мушоҳида кард. Баръакси ин дар *калима*ҳои **шубон, шулла, суфа, паҳлу, орзу** ва мисли инҳо, ки бо «у» навиштан ва *талаффуз кард*анашон лозим аст, бесабаб «ӯ» ба кор бурда мешавад. Умуман, истифодаи *фонема*и «ӯ» ба ҷойи «у» вақтҳои охир зиёд шудааст. Баъзе аз аҳли савод онро дар *калима*ҳои амсоли *республика, институт, махсус, хусусан, мактуб, ҳуқуқ, маҷбур* ба тарзи *респӯблика, институт, махсӯс, хусӯсан, мактӯб, ҳуқӯқ, маҷбӯр* низ ба кор мебаранд.

Маълум аст, ки *фонема*и «ӯ» идомаи *дифтонги кӯтоҳ*и «ау» буда, дар *забони адабиёти классикӣ* васеъ истеъмол мешуд. Ин *овоз* ҳоло дар қисме аз *лаҳҷа*ҳои *забон*амон маълум ва *серистеъмол* аст, аммо дар баъзеи онҳо мавриди истифода нест. Онҳое, ки ба гурӯҳи дуюм мансубанд, табиист, дар *талаффузи фонема*и мазкур оҷизӣ мекашанд. Аммо ин набояд боиси эроди сахт шавад. Ҳодисаҳои *лаҳҷавӣ* дар қисми *савтиёт* назар ба сатҳҳои дигари *системаи забон* дарозумртаранд ва барои рафъи онҳо муддати тӯлонитаре лозим аст (Ғ.Р.).

?

1) Нутқи (гуфтори) адабӣ аз ғайриадабӣ чӣ фарқ дорад?
2) Барои тасдиқи фикри муаллиф аз қабили *рауча – рӯз, равған – рӯған* боз кадом калимаҳоро медонед, ки аз дифтонги кӯтоҳи «ау» овози «ӯ» ҳосил шуда бошад?
3) Ба назари шумо, кадом истилоҳ қобили қабул аст: фонетика, савтиёт ё овошиносӣ?
4) Аз фасли фонетикаи китоби дарсӣ матнеро нависед, ки дар он истилоҳҳои ин соҳаи забоншиносӣ кор фармуда шуда бошанд.

**201. Матни зеринро хонда, шарҳ диҳед, ки дар он кадом хусусиятҳои услуби баёни илмӣ мушоҳида мешавад. Муаллиф аз манбаъҳои илмӣ чӣ тарз истифода бурдааст. Дар матн кадом истилоҳҳои илми забоншиносӣ ба кор бурда шудаанд? Шарҳ диҳед, ки чаро муаллиф иқтибосро ба нохунак гирифтааст. Боз кадом шартҳои иқтибос овarданро медонед?**

Дар маҳалҳои тоҷикон якчанд деҳа, қасаба ва шаҳрча мавҷуд аст, ки аз исмҳои хоси мураккаб иборат буда, бо иловаи **-кат** дар охири калима сохта шудааст. Ҳамчун *Фаркат, Ширинкат, Хушекат*, махсусан шаҳри бостонии *Панҷакат (Панҷакент)* мавҷуд буда, онро мардуми Панҷакат, Айнӣ ва Яғноб нисбат ба мардуми Самарқанд ва маҳалҳои дигар дуруст ва саҳеҳ талаффуз мекунанд, зеро талаффузи мардуми ин се маҳал аз падару бобоён ва модару момоён ба таври ирсӣ то имрӯз боқӣ мондааст.

Илова бар ин, дар охири калимаҳо **-кат** ва **-канд** (на *-**кент***) ҳамроҳ шуда, номи маҳалро ифода мекунад. Ҳамчу *Вобканд, Самарканд (Самарқанд), Тошканд*, ки **-канд** тоҷикӣ ва **-кат** суғдӣ мебошад. Дар он маҳалҳое, ки бисёртар суғдиён мезистанд, исмҳои хоси «-кат»-дор мавҷуданд.

Дар ҷилди чоруми «Доират-ул-маорифи исломия» дар бораи *Банокат* гуфта мешавад: «*Банокат* шаҳрест дар Осиёи Миёна, дар соҳили рости Сайҳун, ки аз резишгоҳи наҳри Элок дур набуда, имрӯз ба исми *Ангарон* машҳур аст. Лекин шакли дурусташ *Оҳангарон* аст. Мақдисӣ ин шаҳрро бо исми *Банокат* овардааст ва, бешубҳа, ин ном саҳеҳтар аст аз он, ки Ёқут зикр кардааст» (Т.З.).

? 1) Бо ҳиссаи калимаи (топоформанти) *кат* ё *канд* боз кадом маҳалҳоро медонед?

2) Номи деҳа, маҳалла, гузар, ки дар он ҷо таваллуд ёфтаед, чист ва боре фикр кардаед, ки он чӣ маъно дорад? Номи маконро *топоним* ва *микротопоним* меноманд. Топонимҳои диёри худро нависед ва дар бораи онҳо андешаҳои худро зикр кунед. Номҳои шаҳру вилоятҳо, дарёву кӯлҳои Тоҷикистонро нависед ва шарҳ диҳед, ки онҳо дар куҷо воқеанд.

**202. Матнро хонда, калимаю истилоҳоти соҳаи математикаро нависед ва шарҳ диҳед, ки кадом калимаю истилоҳҳо бисёр такрор шудаанд ва чунин тарзи такрор дар услуби илмӣ бо чӣ мақсад сурат мегирад. Баъди мутолиаи матн ба хотир оваред, ки дар рушди илми ҷаҳонӣ боз кадом олимони сарзамини Аҷам саҳм гузоштаанд.**

Муҳаммад Хоразмӣ (783–850) дар китоби худ "Алгоритми ҳисоби ҳинд" аз 10 рақами натуралӣ: 0, 1, 2, 3, 4, 5, 6, 7, 8, 9 ҳосил кардани ҳамаи ададҳои дурақама, серақама ва ғайраро нишон дода, дар онҳо мавқеи даҳто рақами натуралиро баён кардааст. Масалан, дар адади 1991 (соли истиқлолият ба даст овардани Ҷумҳурии Тоҷикистон) рақами аввал (1) ҳазорӣ, рақами охир (1) воҳидро, рақами аввали 9 (аз чап) садӣ, рақами дуюм – 9 (аз рост) даҳиро ифода мекунад. Чунон ки дар ин мисол дидем, рақамҳо вобаста ба разрядҳо мавқеи гуногун доранд. Дар асрҳои миёна қоидаҳои иҷро кардани чор амали арифметикиро дар системаи даҳӣ *алгоритм* меномиданд. Чунин қоидаро бори нахуст Хоразмӣ ҷорӣ кардааст. Дар Европа ин қоидаҳоро *алгоризм* меномиданд. Сонитар ин ном ба *алгоритм* табдил ёфт, зеро мутарҷимони Ғарб номи *ал-Хоразми*ро ба лотинӣ *алгоритм* тарҷума карда буданд.

## УСЛУБИ МУОШИРАТ

**203. Матни якумро як нафар (муаллиф) ва матни дуюмро се нафар (дар нақшҳои муаллиф, Қамар ва Иброҳимҷон) қироат кунанд, сипас муаллим аз аҳли синф бипурсад, ки дар кадоме аз он матнҳо фикр ба тариқи ҳикоят (монолог) ва дар кадоме ба тарзи муошират (муколама) ифода ёфтааст? Онҳо аз ҷиҳати истифодаи унсурҳои луғавӣ, имконоти оҳанг (интонатсия), обуранги бадеӣ, қолабҳои ҷумлабандӣ аз ҳамдигар чӣ фарқ доранд?**

1. Фарзанди одам баъд аз зоида шудан ҳам истироҳатгоҳи якуми худро дар оғӯши модар ва ғизои дилкаши аввалини

худро аз синаи модар меёбад, дӯстдорӣ ва дилҷӯйиро аввалин бор аз тарафи модар мебинад ва тарбияи аввалини худро аз ӯ мегирад. Ин ҳодиса ҳаминро нишон медиҳад, ки дар аввали пайдоиши фарзанди одам ватани якуми ӯ оғӯши модар ва тарбиятгари меҳрубони ӯ модар будааст.

Ана барои ҳамин одам модари худро аз ҳама чиз ва кас зиёдтар дӯст медорад ва ӯро ба худ аз ҳама чиз наздиктар ва азизтар мебинад.

Инчунин модар ҳам фарзанди худро аз ҳама чиз ва кас зиёдтар дӯст медорад, ӯро аз ҳама чиз ва кас ба худ наздиктар ва азизтар мебинад, чунки фарзанд як ҷузъи бадани модар, ҷигарпораи модар буда, модар хун хӯрда, азоб ва машаққатҳои тоқатнопазир кашида, ӯро тарбия карда, ба воя расондааст.

Модар дар муқобили ана ҳамин некиҳо, тарбияҳо, хидматҳо, меҳрубониҳо ва азобу машаққатҳои худ аз фарзанди худ хизмат, муҳаббат, меҳрубонӣ ва ҳимоя талаб мекунад.

Фарзанде, ки хидмати модари худро накунад, ба ӯ ёрӣ надиҳад ва ӯро ранҷонад, на танҳо дар назари модар, ҳатто дар пеши ҳамаи ҷамъият ҳам манфур мегардад, ҳама аз ӯ нафрат мекунанд, ӯ бо унвони «оқи модар» машҳур мегардад (С.А.).

2. Аз дари палата доду валвалакунон Қамар даромад:

– Эҳа-а-а! Ёфтӣ ҷоята, дароз кардӣ поята! Аз кӯчокӯчат маълум, ки имрӯзу фардо баромаданӣ нестӣ!... Лекин, ҷӯра, касалӣ бас, оҳу воҳ тамом! Имрӯз ба Алихон телефон карда будам. Гуфт, ки пас аз чанд рӯз даббаатонро бардошта мебаред.

– Худат – дабба! Ходаи гардафшонак! Ман кай оҳу воҳ карда будам ки, ин хел овоза паҳн мекунӣ?(7)

– Дарёб, чӣ овардам, – халтачаи коғазии мевадорро рӯйи сандуқча гузошта, боз як чизи коғазпечи дигарро рӯйи даст нигоҳ дошта пурсид Қамар.

– Чизе ки бошад, гаранг накарда кушо, бинем.

– Фикр кун, ба фикр накардан одат карда монӣ, ҳуҷайраҳои мийяат(6) шах мешаванд.

– Мегӯянд, ки он ҳуҷайраҳо на фақат аз кор нафармудан, балки аз шунидани гапҳои фачу лач ҳам шах мешаванд.

– Ана, ана, дидӣ? Ҳамин ки мийяро андак кор фармудӣ, даррав забонат ҳам ба ҷунбиш омад. Гапа кам куну дарёб, ки чӣ овардам… (Ф.М.)

? 1) Дар матни аввал нависанда фикрро бо чӣ гуна калимаю таъбирҳо ва бо ёрии кадом хели ҷумлаҳо ифода кардааст?

2) Дар сархати якуми матни аввал чаро ҷойи муқаррарии баъзе аъзоҳои ҷумла тағйир ёфтааст?

3) Дар сархати сеюми матни аввал калимаи *инчунин* чӣ гуна вазифаи наҳвиро адо мекунад?

4) Дар сархати охирини матни аввал барои таъкиди нуктаи асосии матлаб кадом воситаҳои забон истифода шудаанд?

! Мавриди истифодаи услуби забони муошират муҳити кору зиндагии рӯзмарраи одамон аст. Забони гуфтугӯ адабию ғайриадабӣ мешавад. Забони адабии гуфтор аз забони навиштор аз ҷиҳати истеъмоли луғат ва баъзе шаклу қолабҳои грамматикӣ фарқ мекунад. Захираи асосии луғавии забони гуфтугӯйии адабӣ калимаю таъбирҳои маъмулу маъруфтарин ё чунин калимаю таъбирҳоянд, ки дар гуфтугӯйи мардум мудом истифода мешаванд. Дар услуби баёни муошират баробари чунин вожаҳо унсурҳои луғавии танҳо хоси забони гуфтугӯ: калимаю таъбирҳои маъмули мардумӣ, лафзҳои лаҳҷагӣ, суханони дурушти ғайриадабӣ низ ба кор маравconfigured.

Чунончи, дар муколамаи қаҳрамонҳои достони «Палатаи кунҷакӣ» Қамар ва Иброҳимҷон аз муродифҳои луғавии *беморӣ – касалӣ, кифоя – бас, занг задан – телефон кардан, сухан – гап, зуд – даррав* нависанда калимаҳои хоси забони гуфтугӯро (*касалӣ, бас, телефон кардан, гап, даррав*) интихоб намудааст. Таъбирҳои *гаранг накарда, гапа кам кун* ва *мийя*, ки варианти вожаи умумиистеъмоли *майна* аст, истифода

мешаванд. Унсурҳои луғавии дурушт (*мийя)* ва таҳқиромез (*ходаи гардафшонак, дабба*), воситаҳои грамматикии ғайриадабӣ (*ҷоят-а, поят-а*), гоҳе бо ягон ғарази услубӣ ба гуфтор ворид намудани истилоҳоти илмӣ (*ҳуҷайраҳои мийя*) низ маҳз бо мақсади ба гуфтор хусусияти забони зинда бахшидан, табиӣ ва муассир баромадани ҳазлу шӯхиҳои ду ҷӯраи қарин, вале дуруштгуфтор ба кор бурда шудаанд.

Дар муоширати аҳли касбу ҳунар, намояндагони соҳаҳои мухталифи илм, техника калимаю истилоҳот, таъбиру ифодаҳои хоси косибӣ, илмӣ, техникӣ ба кор бурда мешаванд. Чунончи, дар ҳамон достон дар гуфтори Қамар истилоҳоти соҳаи киногарӣ, дар суханронии Хиромон истилоҳоти соҳаи бинокорӣ истифода шудаанд.

Дар забони гуфтугӯйии адабӣ худдорӣ кардан аз такрори калима ва кӯшиши ботааммул интихоб намуда, бамавқеъ ва ба маънои саҳеҳ кор фармудани калима, ҳангоми табрику таҳният майли суханоройӣ ва такаллуф мушоҳида мешавад. Аммо дар гуфтори омиёна такрору забонзада шудани калимаю ифодаҳо, аз қабили *яъне, яъне; яъне ин ки, яъне ин ки; масалан, масалан; хӯш ки бошад, хӯш ки бошад; сонӣ, сонӣ* ва ғайра калимаю таркибҳои одатшуда, унсурҳои луғавии лаҳҷа, калимаҳои бегона (варваризмҳо), алфози қабеҳ ва ғайра ба кор мераванд.

Дар ин услуби баён ифодаи ҳиссиёту ҳаяҷон бо ёрии нидо, оҳанги гуфтор, саволу хитоби риторикӣ, муносибатҳои гуногуни гӯянда ба воситаи мухотаб (*ҷӯра*, *ходаи гардафшонак*), калимаҳои модалӣ, воҳидҳои туфайлӣ мушоҳида мешавад.

Дар муоширати озод мубодилаи фикр дар қолаби ҷумлаҳои содаи дутаркибаи начандон тафсилёфта, яктаркиба, ҷумлаҳои содаи нопурра, яккалимагӣ, ҷумлаҳои мураккаби пайвасту тобеи бепайвандак, ки ду ё се ҷумлаи содаро дар бар мегиранд *(...ёфтӣ ҷоята, дароз кардӣ поята!; ...касалӣ бас, оҳу воҳ тамом! Дарёб, чӣ овардам; ...кушо, бинем; Фикр кун,*

*ба фикр накардан одат карда монӣ, ҳуҷайраҳои мийяат шах мешаванд)* ифода меёбад.

Ҳангоми гуфтор тартиби муқаррарии аъзоҳои ҷумларо тағйир дода ё аз навъҳои гуногуни такрори калима фоида бурда, бо ёрии задаи мантиқӣ он ҳиссаи ҷумларо, ки маънии муродро дар бар мегирад, таъкид мекунанд.

Нотиқ ҳангоми сӯҳбат ё дар ҷамъомаде суханронӣ кардан муҳит, авзоъ, майлу рағбат ва рӯҳияи мусоҳиб ё шунавандагонро ба эътибор мегирад, мавзӯи баҳсро ба эҳтиёҷоти онҳо вобаста менамояд, ба қавли Унсуралмаолии Кайковус, "сухан бар муроди мардумон" мегӯяд, то ки мақсади гӯянда ҳосил гардад.

Азбаски таъсири лаҳҷаҳо ба забони адабии ҳозираи тоҷикӣ зиёд аст, дар талаффузи вожаҳо, кор фармудани шаклҳои калима (хусусан, дар шаклҳои тасрифии феъл), воситаҳои грамматикии алоқаи калимаю ҷумлаҳо (пешоянд, пасоянд, пайвандак) ва тартиби аъзоҳои ҷумла меъёри забони адабӣ комилан риоя намешавад. Дар ин бобат беэътиноӣ, фориғболӣ ва ғамхорӣ зоҳир накардан ба забони модарӣ ҳам таъсири бад мерасонад.

**204. Дар бораи аҳли хонавода, муносибати фарзандон бо падару модар ва бо ҳамдигар иншои мухтасар нависед. Муносибати худатон бо волидайн чӣ гуна аст ва дар дил чӣ ниятҳо дар ҳаққи эшон доред, муфассалтар зикр кунед.**

**205. Матни зеринро хонда, таъбиру калимаҳоеро ба дафтар нависед, ки хоси гуфтугӯянд ё бештар дар муошират истифода мешаванд. Кадом унсурҳои луғавӣ ва грамматикӣ ба меъёри забони адабӣ мувофиқ намеоянд, вале нависанда бо ягон мақсади услубӣ ба кор бурдааст?**

Нони гарму бӯйи хуши онро дӯст медорам. Ҳаловати аҷибе мебахшад ба ҷони хастаи ман бӯйи нон! Кампири Бадалмоҳ низ аз ман монданӣ надорад.

– Бай, бай! Чита неъмате додаст Худо одамизода! Қурси моҳуш бугӯй, моҳ чизе нест, рухсораи садбаргуш бугӯй, гул қадре надора… Ту ира бин, Абумансур! – ба ман муроҷиат мекунад кампир.

– Ман мебинам.

– Чӣ?

– Ба ростӣ, мебинам.

Кампир ҳам хиҷолат кашид, ҳам ҳайрону музтар шуд.

– Ҳайрон нашавед, мома. Ба Худо, қурси моҳтоби дасти шуморо баръало мебинам… Рухсораи гулгуни модарамро низ мебинам. Чашмони ҳайратзадаи шуморо ҳам.

Ҳис мекардам, ки момаи пир боз ҳам мутаҳайиртар ба ман нигоҳ мекунад.

– Шумо ин қадар ҳайрон нашавед, мома, – бо табассум муроҷиат кардам ба вай, – ман ҳатто даҳони бедандони шуморо низ мебинам.

– Э, биё, аҳмақум накун,– хандид кампир. – Ҳазлои безеб дорӣ-да. Маҳ, хубуш, ин як даҳан нона бихо (С.С.).

1) Дар муколама «Бай, бай!», «Чӣ?», «Ба ростӣ, мебинам» кадом навъи ҷумлаанд ва дар нутқ бо чӣ мақсад кор фармуда шудаанд?
2) Сухани муаллиф аз нутқи айнан нақлшуда бо кадом аломатҳои китобат ҷудо карда шудааст?
3) Чаро пеш аз калимаҳои *Абумансур* ва *Мома* вергул гузошта шудааст?

**206. Матнро дар нақши муаллиф, бибӣ, набера ва рафиқи ӯ қироат кунед.**

Тифл мондам аз ту, модар, рӯйи ту дар ёд нест,
Қомати ту, чашми ту, абрӯи ту дар ёд нест.

Писарак нав сесола шуда буд ки, модари ҷавонаш даргузашт. Бечора кӯдак аз куҷо медонист, ки мурдан чист ва аз сар рафтани модар чӣ гуна рафтанест. Ҳар замон аз модаркалонаш мепурсид:

– Очам куҷо рафт?

Бибии сарсахти аламзада ба набераи ятиммондааш чӣ ҷавоб доданро намедонист... Баъди як оҳи дардноке кашидан худро ба даст гирифта, гуфт:

– Очаат ҳамроҳи парандаҳо ба мамлакатҳои гарм парвоз карда рафт. Ҳамин ки зимистон гузашту баҳор шуд, дар қатори турнаҳо очаат ҳам парида меояд, бачам!

Зимистони қаҳратун ҳам гузашту боз баҳор омад. Рӯзе писарак ҳамроҳи ҳамсолонаш дар саҳро, рӯйи сабзазорон бозӣ мекард. Овози яке аз ҷӯраҳояш баланд шуд:

– Бачаҳо! Бачаҳо-о!! Ба осмон нигоҳ кунед. Турнаҳо-о!! Турнаҳо-о-о!!!

Писарак тозон ба сари баландӣ баромад ва ба осмон нигоҳкунон бо тамоми овоз фарёд кашид:

– Оча-а-а-а!! Очаҷо-о-о-он!!!

...Турнаҳо гузашта рафтанд.

**207. Дар матни зерин кадом унсурҳои услуби публисистӣ ва бадеӣ бо ҳам омезиш ёфтаанд? Сархатҳоро чӣ бо якдигар алоқаманд кардааст ва ҷумлаҳо дар дохили сархат бо кадом воситаҳои луғавӣ ва грамматикӣ алоқаманд шудаанд?**

Прометей оташро аз маскани Худо – Олимп дуздида, ба одамон баргардонид. Зевс дар ғазаб шуд, ба сари одамони маъсум дарду балои бисёреро фиристод. Пас фармуд, ки Прометейро ба яке аз бузургтарин, баландтарин ва дастнорастарин(3) харсангҳои(2) Қавқоз(6) занҷирбанд(2) кунанд. Синаашро бо найза бишкофанд. Уқоби азимеро фармуд, ки ҳар саҳар ба ҷигари паҳлавони инсондӯст(2) минқор занад ва онро пора-пора карда хӯрад(4). Уқоб ҳамин тавр мекард. Лекин шаб ки фаро расид, ҷойи костаи ҷигар боз пур мешуд, бар пайкари таҳамтан боз ҷон медамид(4).

Прометей, ба хотири он ки дар хонаи мардум оташ фурӯзон бошад, ҳазорон сол бо ҳамин минвол ранҷ мекашид(4).

Оқибат Ҳироқли(6) паҳлавон уқобро кушта, Прометейро аз шиканҷа раҳоӣ дод.

Дар Юнон ҳар сол ҷашни Прометей барпо мегардад. Ҷавонон – мардону занон, машъалаҳои фурӯзон бардошта дар кӯчаву хиёбонҳо метозанд.

Ҳар гоҳ ки бозиҳои варзишии байналхалқии олимпӣ барпо шуд, оташи олимпиадаро аз ҳамон Олимпи бостонӣ меоранд(4) (Ф.М.).

?

1) Сархати сеюмро таҳлили сарфӣ (морфологӣ) кунед.
2) Дар ҷумлаи «Уқоб ҳамин тавр мекард» ҷонишини *ҳамин тавр* бо феъли ёвари *кардан* омада, ба кадом амал ишора кардааст?

?

**Саволи тестӣ:**

Матнҳои зерин ба кадом услубҳои баён тааллуқ доранд?

1. Бисёр кишварҳои дунёро дидаам, аз ҷумла Эронро. Мақбараи боҳашамати Ҳофизи бузургворро зиёрат карда, байти Ҳазрат беихтиёр ба хотир омад:

Бидеҳ, соқӣ, майи боқӣ, ки дар Ҷаннат нахоҳӣ ёфт,
Канори оби Рукнободу гулгашти Мусаллоро.

– Гулгашти Мусалло! Ҳақиқатан ҳам, зебо ва арзанда ба номаш. Вале оби Рукнобод куҷост, ки тамошо кунем?

– Ин аст оби Рукнобод, – гӯён нишон доданд ҳамон ҷӯйчаеро, ки мо наздаш истода будем.

– Шояд рӯде бошад Рукнобод ва ҷӯйбори бузургтаре?.

– На, бобо. Ҳамин аст Рукнобод, ки Ҳофизро мафтун карда.

Инак, ҳафт сол боз ба худ меандешам: Ҳофизро оби Рукнобод, ки ҷӯйчае беш нест, ин қадар мафтун кардааст! Агар насиб мекарду ҷониби дигари Ватани ниёгонаш – Тоҷикистон меомаду дарёҳои серобу наҳрҳои нуқравору чашмаҳои ҷӯшонро медид, чӣ мегуфт? Ин дар омади гап аст. Ба назари касе, ки ватанашро дӯст медорад, хоку сангу чашмаю ҷӯйҳои он бузург менамоянд. Ин ҳақиқатест бебаҳс (Эмомалӣ Раҳмон).

а) коргузории расмӣ
б) илмӣ

в) бадеӣ
г) публисистӣ (рӯзноманигорӣ)
ғ) муошират.

2. Баҳроми Гӯр (421-438) ба ҳар забоне сухан гуфтӣ: ба вақти чавгон задан паҳлавӣ гуфтӣ ва андар ҳарбгоҳ туркӣ гуфтӣ ва андар маҷлис бо омма дарӣ гуфтӣ ва бо муъбадон ва аҳли илм порсӣ гуфтӣ ва бо занон забони ҳиравӣ ва, чун андар киштӣ нишастӣ, забони қибтӣ (мисрии қадим) гуфтӣ ва, чун хашм гирифтӣ, тозӣ гуфтӣ (Гардезӣ. Зайн-ул-ахбор. – Теҳрон, 1935. – С.11).
а) коргузории расмӣ
б) илмӣ
в) бадеӣ
г) публисистӣ (рӯзноманигорӣ)
ғ) муошират.

## Супоришҳо доир ба такрори мавзӯъҳои матн, услубиёт ва такмили малакаи хаттию шифоҳӣ ифода кардани фикр

**208. Матнро навишта, ба пурсишҳои тестӣ хаттӣ ҷавоб диҳед:**

М а т н:

Бузургмеҳрро пурсиданд:

– Сабаб чӣ буд, ки подшоҳии Оли Сосон вайрон гашт?

Гуфт:

– Сабаб дар ду чиз буд: яке он, ки Оли Сосон корҳои бузург ба кордони хурд ва нодон гумошта буданд ва дигар он, ки аҳли донишу хирадмандонро харидорӣ накарданд ва кор ба нодону кӯдакон гузоштанд ва ин ҳар дуро дониш набошад.

1. Дар ин матн фикр чӣ тарз ифода ёфтааст?

а) ба тариқи тасвир

б) хабар (иттилоъ) додан

в) муҳокима

г) муколима

2. Матн чӣ гуна мавзӯъро дар бар мегирад?

а) иҷтимоию сиёсӣ

б) моддию маишӣ

в) фарҳангӣ

г) варзиш

3. «Бузургмеҳрро пурсиданд» кадом хели ҷумлаҳои содаи яктаркиба аст?

а) муайяншахс

б) номуайяншахс

в) умумишахс

г) бешахс

4. Дар ифодаҳои «Бузургмеҳрро пурсиданд» ва «Аз Бузургмеҳр пурсиданд» кадом воҳидҳои забон ҳаммаъно (синоним) шудаанд?

а) унсурҳои луғавӣ (калимаҳо)
б) воҳидҳои фразеологӣ
в) унсурҳои калимасозӣ
г) воҳидҳои наҳвӣ (ҷумлаҳои содда)

5. Дар ҷумлаи «…Оли Сосон корҳои бузург ба кордони хурд ва нодон гумошта буданд» аз кадом имконоти услубии муассир ифода кардани фикр истифода шудааст?

а) сермаъноии калимаҳо
б) калимаҳои ҳамгуна (омонимҳо)
в) муродифҳо (синонимҳо)
г) калимаҳои муқобилмаъно (антонимҳо)

М а т н:

1. Дарёбод ором буд. 2. Оромии ин ҷоро танҳо садои ғурриши оби Зарафшон вайрон мекард. 3. Лекин садои об бо овози хониши бедонаҳои дар байни алафзорҳо ҳаракаткунанда омехта як мусиқии ба гӯш форамеро ба вуҷуд меовард (С.А.).

1. Матн ба кадом услуби нутқ тааллуқ дорад?

а) коргузории расмӣ
б) илмӣ
в) бадеӣ
г) рӯзноманигорӣ
ғ) муошират

2. Фикр дар он чӣ тарз ифода ёфтааст?

а) нақл, ҳикоят
б) тасвир
в) муҳокима
г) муколама

3. «садои ғурриши оби Зарафшон» кадом навъи ибора аст?

а) исмӣ
б) сифатӣ
в) сифати феълӣ
г) зарфӣ

4. «дар байни алафзорҳо ҳаракаткунанда» чӣ гуна ибора?

а) исмӣ
б) сифатӣ
в) сифати феълӣ
г) зарфӣ

5. «ба гӯш форам» кадом навъи ибора аст?

а) исмӣ
б) сифатӣ
в) сифати феълӣ
г) зарфӣ

6. Ҷузъҳои ибораи «ба гӯш форам» бо кадом навъи алоқаи наҳвӣ бо ҳам омадаанд?

а) пайваст
б) тобеи изофӣ
в) вобастагӣ
г) ҳамроҳӣ

7. Ҷумлаи якум кадом навъи сохтори ҷумлаи сода аст?

а) яктаркибаи хуллас
б) яктаркибаи тафсилӣ
в) дутаркибаи хуллас
г) дутаркибаи тафсилӣ

8. Ҷумлаи дуюм чӣ?

а) яктаркибаи хуллас
б) яктаркибаи тафсилӣ

в) дутаркибаи хуллас
г) дутаркибаи тафсилӣ

9. Ҷумлаи сеюм аз лиҳози сохт чӣ гуна аст?
а) сода
б) мураккаби пайваст
в) мураккаби тобеъ
г) мураккаби омехта

10. Дар матн хабарҳои ҷумлаҳо бо шаклҳои замонии кадом сиғаи феъл ифода ёфтаанд?
а) хабарӣ
б) амрӣ
в) шартию хоҳишмандӣ
г) эҳтимолӣ

11. Пайвандаки хилофии «лекин» чӣ гуна вазифаро адо кардааст?
а) аъзоҳои ҷумларо бо ҳам пайвастааст
б) ҷумлаҳои содаро бо ҳам алоқаманд кардааст
в) ҷумлаҳои мураккабро бо ҳам алоқаманд намудааст
г) ҷумлаҳои мустақилро ба ҳам алоқаманд карда, матн сохтааст

12. Калимаҳои «ғурриш» ва «хониш» аз лиҳози сохт чӣ гунаанд?
а) сода
б) сохта
в) мураккаб
г) таркибӣ

13. Дар калимаи «алафзорҳо» *-зор* ва *-ҳо* чӣ гуна пасванд?
а) калимасозу калимасоз
б) калимасозу шаклсоз

в) шаклсозу калимасоз
г) шаклсозу шаклсоз

14. Калимаи «ҳаракаткунанда» кадом шакли замонии сифати феълӣ аст?

а) гузашта
б) ҳозира
в) ҳозираи муайян
г) оянда.

**209. Шеърро беғалат, бурро ва таъсирбахш қироат кунед ва ба пурсишҳо посух диҳед.**

Агар аз гиря кардан об мешуд дил, дили ман буд,
Ба сели ашк мешуд ғарқ манзил, манзили ман буд.
Агар осон намегардид мушкил, мушкили ман буд,
Ба зери мавҷи дарё монда соҳил, соҳили ман буд.

Агарчи мурдани фарзандро дар ҷанг дидам ман,
Агарчи борҳо бегонаи дилтанг дидам ман,
Ба умеде ки бинам чоҳканҳоро ба зери чоҳ,
Намурдам, гарчи бо чашмам аҷал ҳар ранг дидам ман.

Намурдам, зистам, фарзанди хурдамро калон кардам,
Шаби тӯйи арӯсӣ ашки шодиро равон кардам.
Гумон кардам, ки оби дида марҷон гашт, марҷонро
Ба келин пешкаш кардам, дуо чун модарон кардам.

Надорам тоқати доғи писар дидан дигар ҳаргиз,
Саросар сӯхтори пуршарар дидан дигар ҳаргиз,
Ба ҳар як хона тифли бепадар дидан дигар ҳаргиз,
Ҳаёти одамиро дар хатар дидан дигар ҳаргиз! (М.Т.)

1. Матн ба кадом услуби баён тааллуқ дорад?

а) расмӣ
б) илмӣ
в) бадеӣ
г) публисистӣ (рӯзноманигорӣ)

2. Муродифи *келин* аз *арӯс* чӣ фарқ дорад?

а) бо тобиши маъно
б) обуранги услубӣ (гуфтугӯйӣ ва адабии китобӣ)
в) обуранги ҳиссии мусбату манфӣ
г) обуранги замон (гузаштаю имрӯза)

3. Шоир дар кадом мисраъ зарбулмасалро ба кор бурдааст?

а) Агар *аз гиря кардан об мешуд дил*, дили ман буд
б) Ба умеде ки *бинам чоҳканҳоро ба зери чоҳ*
в) Намурдам, гарчи *бо чашмам аҷал ҳар ранг дидам* ман
г) Надорам тоқати *доғи писар дидан* дигар ҳаргиз

**210. Иншо дар мавзӯи озод. Китоби зиндагиномаи худро варақ зада, лаҳзаи аҷиберо аз айёми наврасии худ ва ё падару модар, аҳли хонаводаатон интихоб намоед, ки аз ягон ҷиҳат ибратомӯз бошад. Пухта фикр кунед ва ба рӯйи коғаз оред, чунон ки шоираи маҳбуби кӯдакон Гулчеҳра Сулаймонова хотираеро дар бораи муҳаббати самимона ва садоқати волидайнашро иншо кардааст:**

Дар мардуми мо аз қадимулайём чунин расм будааст, ки домод рӯзи домодталабон аз хонаи хусуру хушдоман баъди зиёфат пинҳонӣ чизеро гирифта, ба хонаи худ мебурдааст. Падарам дар анҷоми меҳмондорӣ аз хонаи хушдоман як гулдони шишагии нақшинро "duздида", ба хонаамон оварда будаанд. Модарам он гулдонро ба рафи аз ҳама баланду намоёни чевон гузошта буданд.

Баъд аз вафоти падарам он гулдон чун рамзи муҳаббати айёми ҷавонӣ гӯё ягона ёдгорӣ аз падари нокомам буд ки, модарам онро бисёр эҳтиёт мекарданд. Ҳар замон онро аз рафи

ҷевон гирифта, бо эҳтиёт аз ғубор тоза карда, як лаҳза ба нақшу нигори зебои он бо меҳр менигаристанд ва беихтиёр ашк дар чашмонашон ҳалқа мезад...

Боре ман ҳам хостам, ки онро гирифта, ғуборашро пок карда, боз ба ҷояш гузорам. Нохост гулдон аз дастам лағжида, ба фарши хона афтода, пора-пора гардид. Ин ҳолро дида фиғони модарам ба фалак печид. Ба назарам, баробари гулдон қалби озурдаи модарам ҳам пора-пора шуда буд.

Намии чашмони модарам чанд рӯз нахушкид...

**211. Як нафар ҳамсабақи худро интихоб намуда, дар бораи ӯ маълумот гирд оварда, тавсифнома (характеристика) нависед. Дар он бояд аввал ному насаб, рӯзу моҳу соли таваллуд, сипас кай ва ба кадом мактаб рафта, чӣ тарз таҳсил кардан, бештар ба кадом фанҳо майлу рағбат зоҳир намудан, хислату сифатҳои маънавӣ, муносибати вай бо аҳли хонавода, ҳамсинфон, дӯстони наздик ва муаллимон зикр гардад.**

**212. Дар мавзӯи таҳлили ғоявию бадеии ягон шеър, достон, ҳикоя, повест ё образи асари бадеӣ, ки шумо мутолиа кардаед, иншо нависед (чунончи, дар мавзӯи «Образи модар (ё падар) дар ашъори Мирзо Турсунзода»). Дар бораи хусусиятҳои забону услуби он ҳам мухтасар маълумот диҳед.**

**213. Дар мавзӯи вазъи таҳсил, одобу ахлоқ ва муносибати хонандагони синфатон бо ҳамдигар ва бо устодон мусоҳиба кунед. Барои ин бо чанд саволи пешакӣ тайёркардаатон ба яке аз муаллимон ва маъмурияти мактаб муроҷиат кунед.Ҷавобҳоро навишта, таҳлил намуда, натиҷаи ба даст омадаро беғалат, бурро ва равшан ба аҳли синф баён кунед. Чунин амал ҷасорат ва рағбати шуморо ба ҳунари суханварӣ зиёд мекунад.**

**214. Мардум «Ба як ҷавон чил ҳунар кам аст», «Гирди номи падар чӣ мегардӣ? Падари хеш бош» гуфтаанд. Шумо ба кадом касб майл доред? Аз чӣ сабаб ҳамин пеша ба шумо маъқул аст? Кӣ шудан ва умри азизи худро ба чӣ касбу кор бахшидан мехоҳед? Ҳамин**

гуна андешаҳоятонро ба рӯйи коғаз оваред. Ин мешавад иншои шумо дар мавзӯи озод.

**215.** Шояд боре бо ягон сабаб ба ҷое сафар карда бошед. Ҳангоми сафар манзараҳои кӯҳсор, обҳои мусаффои чашмасор, рӯдҳои кӯҳии пуртуғён шуморо мафтун карда бошанд, ё дар ин сафар бо шахси наҷибе вохӯрдаед, ки дар шумо таассуроти нек боқӣ гузоштааст, ё ғайри чашмдошт, шоҳиди воқеа ё ҳодисае шудаед, ки умрбод дар лавҳи хотири шумо нақш бастааст. Агар ягон лаҳзаи он сафарро ё таассуротеро, ки аз он бардоштаед, муфассал навишта, такрор ба такрор бо овоз хонда, қалам зада, мазмуни варианти охиринро ба касе моҳирона ҳикоят кунед, бо ҷону дил мешунавад, чизе меомӯзад, завқ мебарад. Ин мешавад хотираҳои сафар ва як машқи суханварӣ.

**216.** Китоб ҳам ба охир расиду супоришҳо низ. Аммо як мавзӯъ боқӣ монд, ки чизе нанавиштан асло мумкин нест. Сарлавҳаи он ҳам аҷиб: Падруд, оғӯши гарми мактаб! Падруд, ёздаҳ соли умри ширини мактабхониам! Ассалом, мактаби дигар, мактаби озмоишҳои сахт – мактаби ҳаёт!

# ЗАМИМА

Дар супоришҳо аз ибтидо то интиҳои китоб ҳафт навъи таҳлил барои машқҳои амалӣ барои ҷараёни дарс ва кори мустақилонаи хонандагон дар хона пешниҳод мешавад. Дар таҳлили морфологӣ, калимаю таркибсозӣ муаллимон ишораҳои гуногунро ба кор мебаранд. Дар таҳлили воҳидҳои наҳвӣ (ибора, ҷумлаҳои сода ва мураккаб) низ истифодаи аломатҳои мухталифи рамзӣ (чунончи, ба зери ҷузъҳои ибора ва аъзоҳои ҷумла кашидани хатҳои гуногун ва ғайра) маъмул аст. Вале дар ин кор як низом муқаррар нашудааст.

Азбаски дар китобҳои дарсии солҳои гуногун батабърасида ҳам дар бобати таҳлили воҳидҳои наҳвӣ аломатҳои шартии ягона пешниҳод нашудаанд ва муаллимон ҳам аз рӯйи раводиди худ ҳар гуна аломатро ба шогирдон тавсия мекунанд, лозим донистем, ки бо мақсади ба низом даровардани аломатҳои рамзии таҳлили ибора, ҷумлаи сода, ҷумлаҳои мураккаби пайваст, тобеъ, сертаркиб ва омехта ба тариқи замима аломатҳои рамзии зеринро пешниҳод намоем.

Бояд гуфт, ки ҳангоми интихоби ин аломатҳои шартӣ таҷрибаи муаллифони китобҳои дарсии забонҳои тоҷикӣ ва русӣ ба назар гирифта шудааст. Ба андешаи мо, бо чунин усул ва аломатҳои рамзӣ таҳлил кардани воҳидҳои наҳвӣ рағбати шогирдонро ба омӯзиши ин бахши грамматикаи забони тоҷикӣ фузунтар хоҳад кард.

**Ибора:**

орзуи ягона; орзуи Бибиоиша; орзуи ягонаи Бибиоиша; ягона орзуи Бибиоиша; Бибиоишаро орзуи ягона; аз санги хоро сахттар; лолаҳои дар дашт шукуфта; ба нохун санги хоро буридан.

**Ҷумлаи сода:**

Темурмалик баъд аз анҷом додани корҳо ба Хуҷанд рафт.



Ҷамъе аз ёрон рӯзе ба хонаи фақир омаданд.



Эзоҳ: Ба зери мубтадо як хати рост (_______) ва ба зери хабар ду хати рост (=======) кашидан маъмул аст. Хати рост як навъ нишонаи муштараки саразъзоҳост.

Хати рости бурида (тире-тире: _ _ _ _) нишонаи қаробати пуркунанда ба мубтадост, ки мафҳуми шахсу ашё дорад ва бо ҳиссаҳои нутқи чунин мафҳум дошта ифода меёбад.

Хати морак, мавҷнок (〰〰〰) ва чунин хати мавҷноки бурида (~ ~ ~ ~) ба аъзоҳои пайрави муайянкунанда ва ҳол муносиб дониста мешавад, зеро муайянкунанда аломати ҷисмро (предметро), ҳол аломати амал, ҳолат ва аломатро ифода мекунад.

Аломати шартии аъзоҳои ҷумларо ба як сатр кӯчонидан имкон медиҳад, ки тарзу воситаи грамматикии алоқаи байни аъзоҳои ҷумла ба тарзи аён нишон дода шавад.

Ба интиҳои чунин аломатҳои рамзӣ сенуқта гузоштан (_______…, =======…, 〰〰〰…, _ _ _ _…, ~ ~ ~ ~…) ба он далолат мекунад, ки он аъзоҳои ҷумла чида шудаанд. Дар ҷойи бурида ва зери меҳробаки ё мавҷи (мораки) муайянкунанда нуқта гузоштан (〰〰〰 (бо нуқтаҳо), _ . _ . _ , ~ . ~ . ~ . ~) нишонаи баёния ва истисноӣ будани аъзои ҷумла (муайянкунанда, пуркунанда ва ҳол) аст:

Майса ва сабзаҳо зери ғубори рег монда буданд.



Онҳо алифбои зиндагиро, муборизаро аз вай омӯхтанд.



Дар Бухоро, дар гузари Говкушон гадоён ва сарсариён менишастанд.



**Ҷумлаи мураккаби пайваст:**

1. Таътили тобистона фаро расиду мактаббачагонро ба лагери истироҳат бурданд. 2. Девори боғамон ғалтида, токҳо хароб гашта, як қисми дарахтони мевадор бурида шуда буданд (С.У.).

1.



2.



**Ҷумлаи мураккаби тобеъ:**

1. Донаҳои ашки алмосгун, ***ки*** *аз чашмони дурахшонаш ба рӯйи рахшонаш мечакиданд,* намуди шабнами саҳариро ба рӯйи гулбарги таре ҷилва медоданд (С.А.). 2. ***Агар*** *мо писаратонро ба хизмат гирем,* шуморо кӣ нигоҳубин мекунад? (Ҳ.К.). 3. *Ҳар кадоме* ***агарчи*** *рӯзамро сияҳтар мекунад,* Ошиқи мӯйи ту, абрӯи ту, мижгони туам (Лоиқ).

1.



2.



3.



**Ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиб:**

**А. Чида:**

1. Шумо гумон накунед, ***ки*** *ин ҷӯйборҳо ҷӯйҳои калон ва обҳояшон ғурришдори ғалтон бошанд.* 2. Буте дорам, ***ки*** *гирди гул зи сунбул соябон дорад, Баҳори оразаш хатте ба хуни арғувон дорад* (Ҳофиз).

1.



2.


**Б. Ғайричида:**

1. ***Азбаски*** *аҳли Бухоро бар асари ҷангҳои паёпай камбағал шуданд,* Амирисмоил бар худ раво надид, *ки аз мардуми бебизоат хироҷ фароҳам оварад.* 2. *Аз самар ширин насозӣ* ***гар*** *даҳони халқро,* Саъй кун, *дар соят чун бед осояд касе* (Соиб). 3. Шохи бебарг, ***гарчи*** *бошад аз дарахти мевадор,* ***Чун*** *наёрад мева бор,* андар шумори ҳезум аст (Ҷомӣ).

1.




2.




3.



**В. Дарачагӣ:**

1. ***Чун*** *шоҳ донист,* ***ки*** *душман аз итоат гардан тофта-аст,* ба ӯ номаи насиҳатомези мушфиқона фиристод. 2. Қиссаи душвори худ пеши ту гуфтан мушкил аст: *Мушкиле дорам, намедонам, чӣ сон гӯям туро* (Ҳилолӣ).

1.




2.




Дар ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиб чунин навъ ҳам мушоҳида мешавад, ки дар он як ё якчанд ҷумлаи пайрав на танҳо бар эзоҳи як сарҷумла ё ҷумлаи пайрави дигар, балки бар эзоҳи як ҷумлаи мураккаби тобеъ, ки сарҷумлаю як ё якчанд ҷумлаи пайравро дар бар мегирад, омада метавонад:

1. **Агар** *ба ҳар сари мӯят ҳунар дусад бошад,*
   Ҳунар ба кор наояд, **чу** *бахт бад бошад* (Саъдӣ);

2. **Ҳарчанд** ҳаво сард ва хона бепеч бошад **ҳам**, оташҳои ангишти саксаул, **ки** *шукуфонида болои ҳам ба сандалӣ меандохтанд*, се манқал оташ, **ки** *пас аз ғундоштани дастархон онҳоро бар рӯйи хона қатор ниҳода буданд* ва се лампаи чи-

лум, **ки** *онҳоро аз шифти хона овехта буданд*, ин меҳмонхонаи васеъро монанди танӯри афрӯхта тафсонда буд (С.А.).

1.




2.



**Ҷумлаи мураккаби омехта:**

1. Лекин дар замин ва ҳаво аз он латофате, ***ки*** *ман дар вақти ба сайру гашт баромаданам дида будам,* асар намонда буд, майса ва сабзаҳо дар зери гарду ғубори рег монда пажмурда шуда буданд; 2. Бачагон пода ва рамаҳои худро ба тарафи деҳа ронданд, молҳо, ***гуё ки*** *онҳоро гург пеш карда бошад,* бо як ҳароси ваҳшиёна ба тарафи деҳа медавиданд; 3. Эргаш чӯбдасти подабонии худро ба даст гирифт ва ҳар ду аз ду хомаи пастаки рег гузаштем, дар хомаи сеюм, ***ҳар гоҳ ки*** *ӯ ҷойи дамидаи регро медид,* бо нӯги чӯбдасташ он ҷоро мекофт ва аз таги пардаи тунуки рег занбурӯғҳо намудор мешуданд (С.А.).

1.




2.




3.




1. *Тамоми шоиронро ҷамъ* ***агар*** *созанд дар маҳшар,* Ҳама як сӯ бувад, ин Ҷомии ширинсухан як сӯ (Аҳмади Ҷомӣ). 2. ***Чун*** *гап ба болои амиру қозикалон омад,* суҳбат ранги дигар гирифт: шунавандагонро як гаронии номаълум зер кардагӣ барин шуд, лабҳо аз ханда бозистод, дар башараи калонон асари

он ҳаяҷони пурҷӯшу хурӯш намонд, хомӯшии умумӣ сар шуд (С.А.).

1.




2.




Эзоҳ: Ҷузъҳои ҷумлаи мураккаби пайваст ва сарҷумлаи ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар шакли «хишт» ( □ ) ва ҷумлаи пайрав дар шакли доира ( ○ ) ифода меёбанд. Барои нишон додани хелҳои ҷумлаи пайрав аломатҳои шартии сараъзо ва аъзоҳои пайрави ҷумлаи содаро истифода кардан мумкин аст. Азбаски ҷумлаҳои пайрави ҳол гуногун мешаванд, дар зери аломати шартии ҳол ( ~ ~ ~ ) ихтисораҳои зеринро навиштан лозим аст: з. – замон, с. – сабаб, ш. – шарт, х. – хилоф, т. – тарз, д. – дараҷа, м-н – макон, м-р – миқдор, м-дӣ – монандӣ.

## Ихтисораҳо:

А.А. – Абдусалом Атабоев

А.Б. – Абдумалик Баҳорӣ

А.Д. – Абдусалом Деҳотӣ

А.Н. – Абдуманнон Насриддинов

А.С. – Абдулҳамид Самадов

А.Ш. – Аминҷон Шукӯҳӣ

И.Н. – Иноят Насриддин

Л.Ш. – Лоиқ Шералӣ

М.Қ. – Муъмин Қаноат

М.М. – Мақсудҷон Мирбобоев

М.Н. – Мутеулло Наҷмиддинов

М.Т. – Мирзо Турсунзода

М.Ш. – Муҳаммадҷон Шакурӣ

П.Т. – Пӯлод Толис

Р.А. – Раҷаб Амонов

Р.Ғ. – Раззоқ Ғаффоров

Р.Ҷ. – Раҳим Ҷалил

Р.Ҳ. – Раҳим Ҳошим

С.А. – Садриддин Айнӣ

С.Ғ. – Самад Ғанӣ

С.С. – Саидалӣ Саид

С.У. – Сотим Улуғзода

Т.З. – Туракул Зеҳнӣ

Ӯ.К. – Ӯрун Кӯҳзод

Ф.А. – Фатҳуллои Азиз

Ф.М. – Фазлиддин Муҳаммадиев

Ф.Н. – Фотеҳ Ниёзӣ

Х.А. – Хуршеди Атоулло

Ҳ.К. – Ҳаким Карим

Ҳ.Ю. – Ҳабиб Юсуфӣ

Ҷ.И. – Ҷалол Икромӣ

Ш.Р. – Шарофиддин Рустамов

Ш.Ҳ. – Шаҳобиддини Ҳақназар

# ТАВСИЯИ АДАБИЁТИ ИЛМӢ


1. Айнӣ С. Номаи саркушода ба рафиқ Толис: Сарнавишти форсии тоҷикии фарорӯд дар садаи бисти мелодӣ. – Душанбе: Деваштич, 2005. – С. 76-85.
2. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. – Душанбе: Дониш, 1985. – Ҷ.1.
3. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. – Душанбе: Дониш, 1986. – Ҷ.2.
4. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик.– Душанбе: Дониш, 1989. – Ҷ.3.
5. Ғаффоров Р. ва дигарон. Услубшиносӣ. 10-11. – Душанбе: Ирфон, 1995.
6. Забон ва истиқлол (Маҷмӯаи мақолаҳо). – Душанбе, 2001.
7. Забони тоҷикӣ. 10. – Душанбе: Маориф, 1993.
8. Забони тоҷикӣ. 9. – Душанбе: Маориф, 1994.
9. Зеҳнӣ. Т. Аз таърихи лексикаи забони тоҷикӣ. – Душанбе: Дониш, 1987.
10. Камолиддинов Б. Наҳви забони тоҷикӣ. – Душанбе: Собириён, 2010.
11. Камолиддинов Б. Сухан аз баҳри дигарон гӯянд. – Душанбе: Интернюс, 2001.
12. Камолиддинов Б. Ҳусни баён. – Душанбе: Ирфон, 1989.
13. Қодиров Б. Ҳуҷҷатнигорӣ ва коргузорӣ. – Душанбе, 2013.
14. Қосимова М.Н. Сухан бояд ба дониш дарҷ кардан. – Душанбе: Ҳумо, 2005.

15. Маданияти сухан (Маҷмӯаи мақолаҳо). – Душанбе: Маориф, 1990.
16. Маъсумӣ Н. Ҷаҳонбинӣ ва маҳорат. – Душанбе: Ирфон,1966.
17. Норматов М. Забони адабии ҳозираи тоҷикӣ. Синтаксис. – Душанбе: Матбуот, 2011.
18. Рустамов Ш. Забон ва замон. – Душанбе: Ирфон, 1981.
19. Рустамов Ш. Мушкилоти синтаксис. – Душанбе: Маориф, 1988.
20. Сухандонон сухан санҷида гӯянд. – Душанбе: Обтима, 2005.
21. Тоҷиев Д.Т. Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар забони адабии ҳозираи тоҷик. – Душанбе: Дониш, 1982.
22. Хаскашев Т.Н. Фонетикаи забони адабии тоҷик(ӣ). – Душанбе: Маориф, 1989.
23. Холиқназар Ӯ. Ғалат менависем. – Душанбе, 2000.
24. Шакурӣ. М. Ҳар сухан ҷоеву ҳар нукта мақоме дорад. – Душанбе: Ирфон, 2005.

## Мундаричa


САРСУХАН ........ 3

ТАКРОРИ МАВЗӮЪҲОИ ГУЗАШТАИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ........ 5

ФОНЕТИКА (ОВОШИНОСӢ), ИМЛО ВА ТАЛАФФУЗИ САРЕҲ (ОРФОЭПИЯ) ........ 5

ЛЕКСИКА ........ 15

Таркиби луғавӣ ........ 17

Сермаъноӣ ........ 20

Омоним (ҳамгуна) ........ 24

Вожаҳои наздикталаффуз (паронимҳо) ........ 26

Синоним (муродиф) ........ 29

Муродифоти воҳидҳои дигари забон ........ 36

Антоним ........ 39

ФРАЗЕОЛОГИЯ ........ 44

КАЛИМАСОЗӢ ........ 51

МОРФОЛОГИЯ (САРФ) ВА ИМЛО ........ 57

Исм ........ 58

Сифат ........ 62

Шумора ........ 67

Ҷонишин ........ 68

Феъл ........ 72

Зарф ........ 76

Пешоянду пасоянд ........ 79

Пайвандак ........ 81

СИНТАКСИС (НАҲВ) ВА АЛОМАТИ КИТОБАТ ........ 85

Ибора ........ 86
Ҷумла ........ 90
Хелҳои ҷумлаҳои сода ........ 95
Таҷзияи маъноии ҷумла ва тартиби калима ........ 105
Ҷумлаҳои мураккаб ........ 111
Муродифоти наҳвӣ ........ 114
Аломати китобат дар ҷумлаҳои мураккаб ........ 121
ЗАБОНИ АДАБИИ ТОҶИКӢ ........ 125
МАТН ВА СОХТОРИ НАҲВИИ ОН ........ 137
УСЛУБШИНОСӢ ВА ҲУСНИ БАЁН ЧИРО МЕОМӮЗАД? ........ 165
УСЛУБҲОИ ЗАБОН ........ 168
УСЛУБИ БАДЕӢ ........ 174
УСЛУБИ РӮЗНОМАНИГОРӢ (ПУБЛИСИСТӢ) ........ 191
УСЛУБИ РАСМӢ ........ 206
Номанигорӣ (муросалот) ........ 211
УСЛУБИ ИЛМӢ ........ 216
УСЛУБИ МУОШИРАТ ........ 225

Супоришҳо доир ба такрори мавзӯъҳои матн, услубиёт ва такмили малакаи хаттию шифоҳӣ ифода кардани фикр ........ 234
ЗАМИМА ........ 242
Ихтисораҳо ........ 251
ТАВСИЯИ АДАБИЁТИ ИЛМӢ ........ 252

**БАҲРИДДИН КАМОЛИДДИНОВ**

# ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Китоби дарсӣ барои синфи 11-уми муассиссаҳои таҳсилоти умумӣ

| | |
|---|---|
| Муҳаррирон | Баҳриддин Камолиддинов<br>Дилбар Мирфаёзова |
| Мусаҳҳеҳ | Меҳрӣ Саидова |
| Муҳаррири техникӣ | Наҷмиддин Зайниддинов |
| Тарроҳ | Қосимхуҷа Назаров |

Ба чоп 26.07.2018 иҷозат дода шуд.
Андозаи 60x90 $^{1}/_{16}$. Коғази офсет. Чопи офсет.
Ҷузъи чопӣ 16. Адади нашр 70 000 нусха.
Супориши №54/2018

Муассисаи нашриявии «Маориф»-и
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон,
7340243, ш. Душанбе, кӯчаи Аҳмади Дониш, 50.
Тел.: 222-14-66
E-mail: najmiddin64@mail.ru

Дар матбааи ҶДММ «Табъу нашр»
ба табъ расидааст.
Суроға ш. Душанбе кӯчаи Дустии халқҳо 94.